# МУҲАҚҚИҚИ ҶАВОН
**ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН**
2024. №3

# МОЛОДОЙ ИССЛЕДОВАТЕЛЬ
**ТАДЖИКСКИЙ НАЦИОНАЛЬНЫЙ УНИВЕРСИТЕТ**
2024. №3

# YOUNG RESEARCHER
**TAJIK NATIONAL UNIVERSITY**
2024. No3

**МАРКАЗИ**
**ТАБЪУ НАШР, БАРГАРДОН ВА ТАРҶУМА**
**ДУШАНБЕ – 2024**

**ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН**
**МАҶАЛЛАИ ИЛМИИ «МУҲАҚҚИҚИ ҶАВОН»**
**Муассиси маҷалла:**
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

***САРМУҲАРРИР:***

| | |
|---|---|
| **Насриддинзода Эмомалӣ Сайфиддин** | *Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, узви вобастаи АМИТ, ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон* |

***МУОВИНИ САРМУҲАРРИР:***

| | |
|---|---|
| **Сафармамадзода Сафармамад Муборакшо** | *Доктори илмҳои химия, профессор, муовини ректор оид ба илми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон* |

***МУОВИНИ САРМУҲАРРИР:***

| | |
|---|---|
| **Исмонов Кароматулло Бадридинович** | *Доктори илмҳои филологӣ, дотсент, директори Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷумаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон* |

**ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ**

| | |
|---|---|
| **Шерматов Нурмаҳмад** | *Доктори илмҳои техникӣ, профессор* |
| **Солиҳов Давлат Қуватович** | *Доктори илмҳои физикаю математика, профессор* |
| **Сатторов Абдуманон** | *Доктори илмҳои физикаю математика, профессор* |
| **Файзуллоев Эркин Фатхуллоевич** | *Номзади илмҳои химия, дотсент декани факултети химия* |
| **Валиев Шариф Файзуллоевич** | *Доктори илмҳои геологӣ-минералогӣ, и.в. профессор* |
| **Расулиён Қаҳҳор** | *Доктори илмҳои таърих, профессор* |
| **Кучаров Аламхон** | *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон* |
| **Дӯстов Ҳамрохон Ҷумаевич** | *Номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи забони адабии муосири тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон* |
| **Нағзибекова Меҳриниссо Бозоровна** | *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забоншиносии умумӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон* |
| **Муродов Мурод** | *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи матбуоти ДМТ* |
| **Низомова Тухфамо Давлатовна** | *Доктори илмҳои иқтисодӣ,профессор* |
| **Одинаев Фурқат Фарҳодович** | *Номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент* |
| **Шарофзода Рустам Шароф** | *Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор* |
| **Сафарализода Хучамурод Қуддус** | *Номзади илмҳои сиёсатшиносӣ, дотсенти кафедраи сиёсатшиносӣ* |
| **Раҷабов Имомиддин Ширинович** | *Номзади илмҳои сиёсатшиносӣ, дотсенти кафедраи сиёсатшиносӣ* |
| **Нуриддин Парвин Раймалихон** | *Номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент* |
| **Хоҷиматова Гулчехра Масаидовна** | *Доктори илмҳои педагогӣ, профессор* |
| **Устоев Мирзо Species Бобоҷонович** | *Доктори илмҳои биологӣ, профессори кафедраи физиологияи одам ва ҳайвонҳо, факултети биологияи ДМТ* |


Маҷалла дар Маркази табъу нашр, баргардон
ва тарҷумаи ДМТ барои нашр таҳия мегардад.
Нишонии Марказ:
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Тел.: (+992 37) 227-74-41
ДМТ, 2024©

**ТАДЖИКСКИЙ НАЦИОНАЛЬНЫЙ УНИВЕРСИТЕТ**
**НАУЧНЫЙ ЖУРНАЛ «МОЛОДОЙ ИССЛЕДОВАТЕЛЬ»**
**Учредитель журнала:**
Таджикский национальный университет

***ГЛАВНЫЙ РЕДАКТОР ЖУРНАЛА:***

| | |
|---|---|
| **Насриддинзода Эмомали Сайфиддин** | *Доктор юридических наук, член-корреспондент НАНТ, ректор Таджикского национального университета (Душанбе, Таджикистан)* |

***ЗАМЕСТИТЕЛЬ ГЛАВНОГО РЕДАКТОРА:***

| | |
|---|---|
| **Сафармамадзода Сафармамад Муборакшо** | *Доктор химических наук, профессор, проректор по науке Таджикского национального университета (Душанбе, Таджикистан)* |

***ЗАМЕСТИТЕЛЬ ГЛАВНОГО РЕДАКТОРА:***

| | |
|---|---|
| **Исмонов Кароматулло Бадридинович** | *Доктор филологических наук, доцент, директор Издательского центра Таджикского национального университета* |

***РЕДАКЦИОННАЯ КОЛЛЕГИЯ:***

| | |
|---|---|
| **Шерматов Нурмахмад** | *Доктор технических наук, профессор* |
| **Солихов Давлат Кувватович** | *Доктор физико-математических наук, профессор* |
| **Сатторов Абдуманнон** | *Доктор физико-математических наук, профессор* |
| **Валиев Шариф Нарзуллоевич** | *Доктор геолого-минералогических наук, и.о.профессора* |
| **Файзуллоев Эркин Фатхуллоевич** | *Кандидат химических наук, декан факультета химии ТНУ* |
| **Расулиён Каххор** | *Доктор исторических наук, профессор* |
| **Кучаров Аламхон** | *Доктор филологических наук, профессор* |
| **Дустов Хамрохон** | *Кандидат филологических наук, доцент* |
| **Муродов Мурод** | *Доктор филологических наук, профессор* |
| **Нагзибекова Мехриниссо Бозоровна** | *Доктор филологических наук, профессор* |
| **Абдусатторов Абдушукур** | *Доктор филологических наук, профессор* |
| **Одинаев Фуркат Фарходович** | *Кандидат экономических наук, доцент* |
| **Шарофзода Рустам Шароф** | *Доктор юридических наук, профессор* |
| **Сафарзода Бахтовар Амирали** | *Доктор юридических наук, профессор* |
| **Раджабов Имомиддин Ширинович** | *Кандидат политических наук, доцент кафедры политологии* |
| **Сафарализода Хучамурод Куддус** | *Кандидат политических наук, доцент кафедры политологии* |
| **Нуриддин Парвин Раймалихон** | *Кандидат политических наук, доцент* |
| **Ходжиматова Гулчехра Масаидовна** | *Доктор педагогических наук, доцент* |
| **Устоев Мирзо Бободжонович** | *Доктор биологических наук, профессор* |

**Адрес Издательского центра:**
734025, Республика Таджикистан,
г. Душанбе, проспект Рудаки, 17.
Тел.: (+992 37) 227-74-41
© ТНУ, 2024

**TAJIK NATIONAL UNIVERSITY**
**SCIENTIFIC JOURNAL "YOUNG RESEARCHER"**
**Founder of journal:**
**TAJIK NATIONAL UNIVERSITY**

***CHIEF EDITOR:***

| | |
|---|---|
| **Nasriddinzoda Emomali Sayfiddin** | *Doctor of Law, Corresponding Member of NAST, Rector of the Tajik National University (Dushanbe, Tajikistan)* |

***DEPUTY CHIEF EDITOR:***

| | |
|---|---|
| **Safarmamadzoda Safarmamad Muboraksho** | *Doctor of Chemical Sciences, Professor, Vice-Rector for Science of the Tajik National University* |

***DEPUTY CHIEF EDITOR:***

| | |
|---|---|
| **Ismonov Karomatullo Badridinovich** | *Doctor of Philological Sciences, Associate Professor, Director of the Publishing Center of the Tajik National University* |

***EDITORIAL BOARD:***

| | |
|---|---|
| **Shermatov Nurmahmad** | *Doctor of Technical Sciences,* Professor |
| **Solihov Davlat Quvatovich** | *Doctor of Physical and Mathematical Sciences* |
| **Sattorov Abdumannon** | *Doctor of Physical and Mathematical Sciences* |
| **Fayzulloev Erkin Fathulloevich** | *Candidate of Chemical Sciences, Dean of the Chemical Faculty* |
| **Valiev Sharif Fayzulloevich** | *Doctor of Geological and Mineralogical Sciences, Professor* |
| **Rasuliyon Qahhor** | *Doctor of Historical Sciences, Professor* |
| **Kucharov Alamkhon** | *Doctor of Philology, Professor of the Department of Theory and New Persian-Tajik Literature of the Tajik National University* |
| **Dustov Hamrokhon Dzhumaevich** | *Candidate of Philological Sciences,* |
| **Murodov Murod** | *Doctor of Philology, Professor of the Department of Printing of the Tajik National University* |
| **Nagzibekova Mekhrinisso Bozorovna** | *Doctor of Philology, Professor of the Department of General Linguistics and Comparative Typology of the Tajik National University* |
| **Nizomova Tuhfamo Davlatovna** | *Doctor of Economics, Professor* |
| **Odinaev Furqar Farhodovich** | *Candidate of Economics, Associate Professor* |
| **Safaralizoda Khudzhamurod Kuddusi** | *Candidate of Politics, Associate Professor of the Department of the Political Science* |
| **Sharofzoda Rustam Sharof** | *Doctor of Law, Professor* |
| **Safarzoda Bakhtovar Amirali** | *Doctor of Law, Professor* |
| **Rajabov Imomiddin Shirinovich** | *Candidate of Politics, Associate Professor of the Department of the Political Science* |
| **Nuriddin Parvin Raymalikhon** | *Candidate of Politics, Associate Professor* |
| **Hojimatova Gulchehra Masaidovna** | *Doctor of Pedagogical Sciences, Professor* |
| **Ustoev Mirzo Bobojonovich** | *Doctor of Biological Sciences, Professor* |


Address of the Publishing center:
734025, Republic of Tajikistan,
Rudaki Avenue, 17. Dushanbe.
**Phone:** (+992 37) 227-74-41
© TNU, 2024

# ФАЛСАФА, ПСИХОЛОГИЯ ВА ПЕДАГОГИКА – ФИЛОСОФИЯ, ПСИХОЛОГИЯ И ПЕДАГОГИКА

## МАФҲУМ, МОҲИЯТ ВА ХУСУСИЯТҲОИ АСОСИИ ИДОРАКУНИИ СИЁСӢ

*Неъматова Д.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дар адабиёти муосири сиёсӣ истилоҳи «идоракунии сиёсӣ» хеле васеъ истифода мешавад. Аммо тафсири он бо доираи васеи андешаронихо атрофи ин масъала хос аст. Тақрибан ҳамон қадар таърифҳои идоракунии сиёсӣ вуҷуд доранд, ки дар фаҳмиши воқеии он шубҳа ба вуҷуд меояд. Аз як тараф, онро ба системаи масъалаҳои идоракунии ҷомеа ворид намуда, дар баробари идоракунии давлатӣ қарор медиҳанд. Аз тарафи дигар, онро дар нисбати идоракунии давлатӣ васеъ маънидод намуда, идоракунии давлатиро қисми таркибии он шарҳ медиҳанд. Гурӯҳи сеюм идоракунии сиёсиро ба менеҷменти сиёсӣ баробармаъно меҳисобанд. Ҳолати мазкур зарурати аз нигоҳи консептуалӣ ва назариявӣ баҳси идоракунии сиёсиро рӯзмарра ва бисёрсатҳа мегардонад.

Барои дарки моҳияти ин падида, мавқеъ ва нақши он дар идоракунии ҷомеа, пеш аз ҳама, категорияи асосии таркибии он - «сиёсат» ва «идоракунӣ»-ро дарк кардан лозим аст. Таърихи илми сиёсӣ нишон медиҳад, ки мазмун ва моҳияти ин категорияҳо бетағйир намондааст. Бо таъсиррасонии омилҳои гуногун, пеш аз ҳама, омили замонӣ ва маконӣ ба дарки моҳият ва мафҳуму хусусияти ин категорияҳо таъсир мерасонад. Қонуниятҳои пешрафти иҷтимоӣ ба таври органикӣ алоқаманданд ва хусусиятҳои хоси зуҳури онҳо дар давраҳои гуногуни таърихӣ ва ҷомеаҳои гуногун ба хусусиятҳои зоҳиршавии ин категорияҳо таъсири бевосита расонидаанд.

Тибқи анъана, ки аз осори Арасту бармеояд, мазмуни асосии сиёсат бо хусусиятҳо, тавсиф ва таҳлили шаклҳои давлатдорӣ, бо он чизе, ки ба давлат дахл дорад, алоқаманд буд. Ин муносибат дар илми сиёсӣ, ки масъалаҳои таркибии он муддатҳои дароз қариб пурра ба давлат бахшида шуда буданд, мустаҳкам ҷой гирифта буд. Ҳатто дар ибтидои асри XX дар китоби дарсии олими амрикоӣ Ҷ. Гарнер «Муқаддима ба илми сиёсӣ» гуфта шуда буд, ки «сиёсатшиносӣ аз давлат оғоз ва анҷом меёбад» [1].

Муносибатҳои гуногуни методологӣ ва назариявие дар нисбати муайян намудани моҳияти давлат, ки идоракуниву сиёсатро сирф ба он пайваст мекунанд, мавҷуданд: тавсифӣ ва меъёрӣ, теологӣ ва дунявӣ, фалсафӣ ва ҳуқуқӣ, сотсиологӣ ва сиёсӣ, либералӣ, консервативӣ ва сотсиалистӣ ва ғайра. Дар заминаи ин навъи муносибатҳои методологӣ вазифаҳои ин ниҳод ва моҳияти сиёсат ба таври гуногун шарҳ дода мешаванд. Аммо бештари муҳаққиқон бар ин назаранд, ки давлат маҳсули рушди табиии таърихӣ, як навъ институти муқтадири идоракунанда, ҳамоҳангсоз ва танзимкунанда дар ҷомеа буда, манфиати умумиро муайян намуда, иродаи умумии тамоми аъзои онро таҷассум менамояд. Тавассути низоми муассисаю идораи махсус, табақаҳои “роҳбарони касбӣ” меъёр, қоида ва низоми тартиботи махсусро ташкил карда, иҷрои онҳоро назорат карда, дар ихтиёри худ захираю имкониятҳои дахлдори таъсиррасониро ба равандҳои ҷамъиятӣ ва рафтори одамон мегирад.

Ҳамин тавр, ҳамаи вазифаҳои муҳимтарини идоракунӣ, монанди худи сиёсат, ба фаъолияти давлат вобастаанд. Сиёсат дар ин марҳилаи тараққиёт, ба ибораи В.И. Ленин, «иштирок дар корҳои давлат, роҳбарии давлат, муайян кардани шаклҳо, вазифаҳо ва мазмуни фаъолияти давлат» мебошад [1].

Аммо дар баробари рушди ҷомеа институтҳои худидоракунии он (ҳизбҳо, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва ташкилотҳо, воситаҳои ахбори омма ва дигар ниҳодҳои ҷомеаи маданӣ), инчунин тартибу механизмҳои демократии амалисозии ҳокимият (интихобот, раъйпурсӣ) ба вуҷуд меоянд, ки вазъияти соҳаи сиёсии ҷомеа ба куллӣ тағйир меёбад. Давлат ҳамчун воситаи ягонаи сиёсат аҳаммияти худро тадриҷан гум мекунад. Алоқаи он бо ҷамъияти тараққикардаи маданӣ характери демократии ҳокимияти сиёсиро таъмин мекунад. Фаҳмиши сиёсат мувофиқан танзим карда мешавад. Сиёсат торафт бештар ҳамчун як навъи махсуси муносибатҳои иҷтимоӣ, ки бо истифодаи институтҳои ҳокимияти давлатӣ ва ҷамъиятӣ барои амалӣ намудани манфиатҳои ҳаётан муҳим, талабот ва ҳадафҳои ҷомеа алоқаманд аст, дида мешавад. Таваҷҷуҳи илми сиёсӣ на танҳо ба давлат, балки ба қудрат ва тамоми низоми сиёсӣ нигаронида шудааст. Муҳаққиқон ба масъалаҳои қонунӣ будани даъвоҳои субъектҳои гуногуни сиёсӣ ба қудрат, нақш ва вазифаҳои онҳо дар низоми сиёсӣ, моҳият ва низоми самаранокгардонии он, шаклу усулҳои таъсиррасонӣ ба фаъолияти мақомоти давлатӣ, сиёсати кадрҳо ва интихоби мудирони корҳои давлатӣ, хамкории байни идорашавандагон ва роҳбарон дар рафти таҳия, қабул ва иҷрои қарорҳои барои ҷамъият ҳатмӣ, диққати худро равона кардаанд.

Механизмҳои таҳия ва татбиқи сиёсат дар давлатҳои гуногун хусусиятҳои худро доранд. Масалан, дар собиқ Иттифоқи Советӣ сиёсат ва идоракунӣ комилан дар фаъолияти давлат маҳдуд шуда буд. Мавҷудияти КМҲК чизеро тағйир надод. Он ҳизби давлатие буд, ки дар системаи сиёсии советӣ ба сифати асос, қувваи роҳбару роҳнамо ва вазифаҳои роҳбарӣ ва назорати сиёсӣ хизмат мекард. Мақсади роҳбарии ҳизбӣ муайян кардани стратегияи тараққиёти ҷамъият ва назорат ба иҷрои он ба воситаи системаи институтҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ буд.

Дар кишварҳои ғарбӣ, пеш аз ҳама, дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, моликият, иқтисод ва идоракунӣ дар аввал тақрибан танҳо ҳамчун як масъалаи хусусӣ ва ғайрисиёсӣ эълон карда мешуданд. Соҳаи ҷамъиятии ҳаёти ҷомеа ба соҳаи сиёсӣ-давлатӣ тааллуқ дошт, вале бо он маҳдуд набуд, ки боиси номуайянии муносибатҳои байни сиёсат ва идоракунӣ гардид. Аллакай дар охири асри XIX илми идораи давлатӣ аз идораи хусусӣ ва идоракунии соҳибкорӣ комилан ҷудо шуда, дар бисёр кишварҳо дар доираи сиёсатшиносӣ дар баробари курсҳои муқоисаи сохтори давлатӣ, назарияи ҳуқуқи ҷамъиятӣ ва сиёсатшиносӣ омӯхта мешуданд. Ба ин он чиз мусоидат кард, ки дар ҷомеашиносӣ ва сиёсатшиносии ин давра давлат ҳамчун механизми махсуси идораи корҳои ҷомеа баррасӣ мешуд.

Чанде баъдтар, аллакай дар асри XX, майлу хоҳиши касбии раванди идоракунии давлатӣ ва худи хизматчиёни давлатӣ дар асоси технологияҳои илмии идоракунӣ боиси ба вуҷуд омадани як соҳаи нави илмии сиёсати давлатӣ гардид.

Дар фаҳмиши истилоҳи «сиёсати давлатӣ» низ дигаргуниҳои муайян ба амал омаданд. Ба маънои васеъ он ҳамчун муносибати байни мақомоти давлатӣ ва муҳити онҳо муайян карда мешавад. Ҳамин тариқ, мутахассиси канадагӣ Лесли Пал сиёсати давлатиро ҳамчун "самти амал ё худдорӣ аз он, ки мақомоти давлатӣ барои ҳалли мушкилоти мушаххас ё маҷмуи мушкилоти ба ҳамдигар алоқаманд интихоб кардаанд" мешуморад. Пажуҳишгари бритонӣ Ричард Роуз бар ин назар аст, ки сиёсати давлатӣ “занҷири тулонии амалҳои каму беш бо ҳам алоқаманд аст, ки барои онҳое, ки аз онҳо осеб дидаанд, оқибатҳои мушаххас доранд”. Сиёсатшиноси амрикоӣ Д. Истон сиёсати давлатиро ҳамчун «тақсимоти авторитарии арзишҳо барои тамоми ҷомеа» муайян мекунад. А.Каплан сиёсати давлатиро "барномаи банақшагирифтаи ҳадафҳо, арзишҳо ва амалҳо" медонад [1].

Ҳамин тариқ, идоракунии сиёсӣ аз нуқтаи назари сиёсатшиносии ғарбӣ бевосита бо сиёсат алоқамандии ногусастанӣ дошта, масъалаи идоракуниро аз ҳолати махсусгардонидашудаи он танҳо бо давлат берун кашиданд. Дар ин баробар, пайвастии истисноии сиёсатро низ ба давлат аз байн бурданд. Аллакай, дар асри навин сиёсат ва идоракунӣ на танҳо ба давлат, балки бо дигар ташкилотҳо ва институтҳои сиёсие, ки системаи демократии ҷомеаи муосир ба вуҷуд овардааст, пайваст мебошанд. Дар назарияи сиёсии муосир андеша дар бораи он, ки сиёсат ва идоракунӣ танҳо хоси давлат аст, ботил эътироф гардид. Ҷудоии сиёсат ва идора ҳам аз назари илмӣ ва ҳам аз назари сиёсӣ нодуруст

эътироф гардид. Мазмуни идоракунӣ сиёсат муайян мекунад, назарияи идоракуниро назарияи сиёсат ва сиёсати давлатӣ фаъолияти сиёсию идоракунӣ ба ҳисоб меравад, ки тавассути системаи идоракунӣ ба амал бароварда мешавад. Барои муфассалтар аниқ кардани моҳияти масъала, ба ҳам пайваст намудани мафҳумҳои "сиёсат" ва "идоракунӣ" фикри мутахассисони соҳаи назарияи идоракуниро низ ба назар гирифтан лозим аст. Онҳо боварӣ доранд, ки идоракунӣ ифодаи ҳолатҳои зерин мебошад:

- амалӣ гардидани вазифа, фаъолияти унсури системаҳои мураккаб (аз ҷумла, ҷамъиятӣ, сиёсӣ ва иҷтимоӣ), таъмини тартиботи сохторӣ, нигоҳ доштани тарзи фаъолият, усулҳои фаъолият ва рушди системаҳо;

- таъсир ба ҷомеа тавассути худтанзимкунӣ ё бо ёрии институтҳои давлатӣ (субъектҳои идоракунӣ);

- муайян намудани барнома ва мақсадҳои фаъолияти субъектҳои идоракунӣ, тайёр намудан ва қабули қарорҳо, ташкил ва назорати иҷрои он;

- фаъолияти на танҳо муассисаҳои махсус, балки иштирок дар идоракунии шаҳрвандони одӣ.

Ҳамин тариқ, мавзуъҳои ибтидоии сиёсатшиносон ва мутахассисон дар назарияи идоракунӣ комилан мувофиқат мекунанд, ки ин ба мо имкон медиҳад, ки ҷудонопазирии сиёсат ва идоракунӣ, аҳаммияти илмӣ ва амалии омӯзишии идоракунии сиёсиро тасдиқ кунем.

Дар шароити ташаккули низоми демократии инкишофи системаи сиёсӣ идоракунии сиёсӣ аҳаммияти махсус пайдо мекунад. Мазмуни ҳар як низоми сиёсиро раванди идоракунии сиёсӣ ташкил медиҳад. Вай қисми таркибии равандҳои гуногуни ҷамъиятиву сиёсӣ мебошад ва чунин механизмҳои сиёсиро дар назар дорад, ки дар онҳо субъектҳо ва объектҳои сиёсат бо муносибатҳои идоракунӣ – ҳокимият алоқаманданд. Вазифаи асосии идоракунии сиёсӣ ба тартиб даровардани системаи сиёсӣ, ба тарҳи кабулшуда мувофиқ кунондани он мебошад. Ҳамин тариқ, системаи идоракунии сиёсӣ механизми мутобиқсозии системаи сиёсӣ, таъмини ҳифз ва устувории он мебошад. Чаҳорчӯбаи идоракунии сиёсиро вазифаҳои асосии идоракунии давлатӣ муқаррар намуда, контурҳои фаъолияти онро муайян мекунанд [5, с. 165].

Дар замони муосири инкишофи муносибатҳои сиёсӣ, раванду ҳодисаҳои ҳаёти сиёсии ҷомеа ҳар як инсон бо идоракунии сиёсӣ ҳамчун падидаи ҳаёти ҷамъиятӣ, сиёсӣ ва иҷтимоӣ рӯ ба рӯ мегарданд. Бештар онҳое ба ин раванд рӯбарӯ мешаванд, ки фаъолияти касбиашон ба идоракунии равандҳои иҷтимоӣ алоқаманд буда, аз рӯйи мавқеи худ ба сиёсат машғуланд. Сиёсат ва идора бо ҳам зич алоқаманданд. Сиёсат, ки як навъи махсуси муносибатҳо буда, дар истифодаи гурӯҳҳои калони одамон аз институтҳои ҳокимияти давлатӣ барои амалӣ гардонидани манфиатҳои ҳаётии худ зоҳир мегардад. Дар навбати худ, қудрати сиёсӣ қобилияти таъсир расонидан ба рафтори дигарон ва таҳкими иродаи худ дар ҳаёти сиёсӣ мебошад. Ин раванди таъсиррасонӣ, ба объект бор кардани иродаи субъекти сиёсат идоракунӣ мебошад. Идоракунии сиёсӣ дар ин ҷо ҳамчун вазифаи қудрати сиёсӣ зоҳир мешавад. Сиёсатшиносони муосири рус як қатор хусусиятҳои хоси идоракунии сиёсиро дуруст муайян намуда, онро чунин муайян мекунанд [8]:

– як намуди идоракунии иҷтимоие, ки тавассути муносибатҳои сиёсию ҳокимиятӣ муайян карда мешавад [6, с. 186];

– раванди худидоракунии субъекти сиёсӣ, ки ба табдил додани қувваҳои гуногуни сиёсӣ ба ягонагии мақсадноки муташаккил нисбат ба барномаи мушаххаси сиёсӣ, сиёсати мушаххас нигаронида шудааст [4];

– муносибатҳои ҳокимияти сиёсӣ ва алоқаи сиёсие, ки дар доираи идоракунии давлат ба вуҷуд меоянд ва муносибатҳои тобеият дар дигар сохторҳои ташкилии ҷамъият, ки ба ҷараёни сиёсӣ дохил мешаванд [9, с. 40].

Идоракунии сиёсӣ ҳамчун амалисозии муносибатҳои сиёсӣ-қудратӣ, ҳамчун фаъолияти амалӣ – ташкилии субъекти сиёсӣ барои татбиқи сиёсати мушаххас, ҳамчун бозгашт дар идоракунии давлатӣ баррасӣ мешавад. Қайд кардан мумкин аст, ки ин хусусиятҳо ба мо имкон медиҳанд, ки идоракунии сиёсиро ҳамчун амали субъекти сиёсии

ҳокимияти сиёсӣ дар раванди сиёсӣ ҳам дар идоракунии давлатӣ ва ҳам берун аз доираи таъсири давлат ба ҳаёти ҷамъиятӣ баррасӣ кунем. Дар ин ҷо субъекти сиёсӣ на танҳо давлат, институтҳои он, балки институтҳои сершумори ҷомеаи шаҳрвандӣ, дар асл сиёсӣ ва ғайрисиёсӣ, элитаи сиёсии ҳоким ва элитаи сиёсии нуфузи сиёсидошта, унсурҳои низоми сиёсӣ, манфиатхои сиёсӣ, иродаи сиёсӣ дар миқёси ҷамъият мебошанд, ки чӣ тавр амалӣ намудани мақсади худро медонанд. Ин фаъолият бевосита ё бавосита ба соҳаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва маънавии ҷомеа таъсир мерасонад.

Ҳамин тариқ, идоракунии сиёсиро метавон дар маънои васеъ ва маҳдуд фаҳмид. Ба маънои маҳдуд, ин идоракунии махсус дар соҳаи сиёсӣ аз ҷониби субъектҳои сиёсӣ мебошад. Ба маънои васеъ ин аз ҷониби субъектҳои сиёсӣ истифодаи усулҳо, методҳо, воситаҳо ва шаклҳо, технологияҳои таъсиррасонӣ ба соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ мебошад.

Таърифҳои мафҳуми «идоракунии сиёсӣ» - ро, ки дар сиёсатшиносии муосир мавҷуд аст, ба ҷанбаҳои гуногуни ин падида алоқаманд намуда, қайд мекунанд, ки ин раванди пайваста ва мақсадноки таъсири субъект ба объект, ин раванди сиёсӣ-қудратӣ, раванди расидан ба ҳадафҳои мушаххаси сиёсӣ мебошад. Идоракунии сиёсиро низ механизме меҳисобанд, ки ноил шудан ба ҳадафҳои гузоштташударо таъмин мекунад.

Ҳамин тариқ, И.М. Филянин дар монографияи худ ба мафҳуми «идоракунии сиёсӣ» таърифи ҷолиб медиҳад. Филянин қайд карда буд, ки «идоракунии сиёсӣ фаъолияти бошуурона ва мақсаднок оид ба танзим ва ба тартиб даровардани муносибатҳои ҷамъиятие мебошад, ки ба доираи муносибатҳои сиёсӣ-қудратӣ дохил мешаванду, лаҳзае аз онҳо, аз низоми таъсиррасонӣ ва идоракунӣ берун мегарданд» [7, с. 11]. Муаллиф фаъолияти мақсаднокро ҳамчун хусусияти муҳимми ин падида муайян кардааст.

Дар навбати худ таърифи мафҳуми «идоракунии сиёсӣ»-ро низ Ю.В. Костенко пешниҳод намудааст: «Идоракунии сиёсӣ соҳаи гузариши мутақобилаи сиёсат ва идоракунӣ ва баръакс, соҳаи ислоҳи сиёсатҳои пешгирифта ва қарорҳои идоракунӣ, ки дар зери таъсири шароит ва ҳолати мушаххаси татбиқи онҳо қабул карда мешаванд, аз ҷумла муколама бо ҷомеа бо назардошти мавқеъҳои қувваҳои манфиатдори сиёсиву иҷтимоии дар ин раванд иштирокдошта» [2, с. 28]. Дар ин ҷо, идоракунии сиёсӣ ҳамчун як таъсиррасонии мутақобилаи байни сиёсат ва идоракунӣ, як соҳаи танзими сиёсат пайдо мешавад. Ҳарчанд татбиқи сиёсат бидуни идоракунӣ сурат намегирад ва танзими иҷроиш ҳамеша як ҷузъи раванди татбиқи қарори мушаххаси сиёсӣ мебошад.

И.Мелехин дар асоси равиши системавӣ идоракунии сиёсиро ҳамчун таъсири муташаккили субъекти сиёсӣ ба ҷомеа тавассути ҳокимияти давлатӣ, ки ҳолати самаранок расидан ба ҳадафҳои низоми иҷтимоӣ нигаронида шудааст, мефаҳмад [3, с. 34].

Ба ҳамин тартиб, идоракунии сиёсӣ ҳамчун шакли махсуси фаъолияти идоракунӣ барои танзими раванди сиёсӣ, ҳамоҳангсозӣ ва амалӣ намудани манфиатҳои гуногуни табақаҳо ва гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоӣ амал мекунад. Муносибатҳои сиёсӣ дар ин маврид ҳамчун як қисми системаи умумии муносибатҳои ҷамъиятӣ ҳисобида мешаванд. Дар айни замон онҳо системаи нисбатан мустақили худтараққиёбанда мебошанд, ки мантиқ ва қоидаҳои инкишофи худро доранд, тамоюли устувори он самтҳо ва шаклҳои идоракунии сиёсиро муайян мекунад.

## АДАБИЁТ


1. Взаимосвязь политики и управления. Сущность политического управления [Захираи электронӣ] URL: http://politics.ellib.org.ua/pages-6697.html (санаи муроҷиат: 22. 11. 23 с.)
2. Зимина В.Д., Борисов Н.А. Политическое управление: учебник. – М.: РГГУ, 2008.
3. Костенко Ю.В. Совершенствование политического управление в условиях реформирования российского общества. Автореф… канд. полит. наук. – Краснодар, 2010.
4. Костюков А.В. Политическое управление в региональном контексте // Управленческое консультирование. – 2002. – №1. [Электр. ресурс]: http:// www.dialogvn.ru/uk/200.
5. Перевезенцева Ю.А. Политическое управление и базовые управленческие функции государства // Вестн. Моск. ун-та. Сер. 18. Социология и политология. 2016. № 4.
6. Филянина И.М. Политическое управление в России: Дис. … канд. полит. наук. – СПб., 1997.

7. Филянина И.М. Политическое управление: социально-правовой анализ: монография. – Хабаровск: Изд-во ДВГУПС, 2009.
8. Харичкин И.К. О понятии «политическое управление» [Захираи электронӣ] URL: file:///C:/Users/Гость/Desktop/o-ponyatii-politicheskoe-upravlenie.pdf (санаи муроҷиат: 22. 11. 23 с.)
9. Шабров О.Ф. Политическое управление: проблема стабильности и развития / О.Ф. Шабров. – М.: Интеллект, 1997.

**МАФҲУМ, МОҲИЯТ ВА ХУСУСИЯТҲОИ АСОСИИ ИДОРАКУНИИ СИЁСӢ**

Мақола ба яке аз масъалаҳои муҳимми низоми донишҳои сиёсии муосир - идоракунии сиёсӣ бахшида шудааст. Дар он диққати асосӣ барои ошкор намудани мафҳум, моҳият ва хосиятҳои асосии идоракунии сиёсӣ равона гардидааст. Идоракунии сиёсӣ низоми махсуси танзими раванду ҳодисаҳои ҳаёти сиёсӣ тавассути механизм ва усулҳои технологӣ ва маъмурӣ мебошад. Муаллиф кӯшиш намудааст, ки мафҳум, моҳият ва хосиятҳои асосии идоракунии сиёсиро аз ҷиҳати назариявӣ ва консептуалӣ асоснок намояд.

**КАЛИДВОЖАҲО:** идоракунӣ, идоракунии сиёсӣ, идоракунии давлатӣ, танзимнамоии равандҳои сиёсӣ, ҳокимият, муносибатҳои ҳокимиятӣ, сафарбарнамоӣ.

**ПОНЯТИЕ, СУЩНОСТЬ И ОСНОВНЫЕ ОСОБЕННОСТИ ПОЛИТИЧЕСКОГО УПРАВЛЕНИЯ**

Статья посвящена одному из важных вопросов современной системы политического знания политического менеджмента. В ней основное внимание направлено на раскрытие понятия, сущности и основных особенностей политического управления. Политический менеджмент – это особая система регулирования процессов и событий политической жизни посредством технологических и управленческих механизмов и методов. Автор попытался обосновать понятие, сущность и основные особенности политического управления с теоретико-концептуальной точки зрения.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** менеджмент, политическое управление, государственное управление, регулирование политических процессов, власть, властные отношения, мобилизация**.**

**CONCEPT, ESSENCE AND MAIN FEATURES OF POLITICAL MANAGEMENT**

The article is devoted to one of the important issues of the modern system of political knowledge political management. It focuses on revealing the concept, essence and main features of political management. Political management is a special system for regulating processes and events in political life through technological and managerial mechanisms and methods. The author tried to substantiate the concept, essence and main features of political management from a theoretical and conceptual point of view.

**KEYWORDS:** management, political management, public administration, regulation of political processes, power, power relations, mobilization.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Неъматова Дилрабо*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти курси 2-юми факултети фалсафа. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.

**Сведения об авторе:** ***Нематова Дилрабо*** – Таджикский национальный университет, магистрант второго курса факультета философии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17.

**Information about the author:** ***Nematova Dilrabo*** – Tajik National University, second-year master's student of Faculty of Philosophy. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17.

# МАОРИФ ВА НАҚШИ ОН ДАР ТАЪМИНИ БАРОБАРҲУҚУҚИИ ГЕНДЕРӢ

***Сафарова И.Ю.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Муассисаҳои таълимӣ дар тарбияи насли наврас дар руҳияи баробарии гендерӣ ва баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии писарон ва духтарон нақши муҳимро мебозанд. Омӯзгорон ва маъмурияти муассисаҳои таълимӣ ҳамроҳи дигар сохторҳои бонуфузи хадамотҳои идоракунии маҳаллӣ ва худидоракунӣ бояд якҷоя бо оилаҳои кӯдакон, алалхусус, духтарон фаъолона кор баранд, то онҳо бемамониат маълумоти миёнаи пурра гиранд, ки ин дар оянда ба онҳо барои гирифтани маълумоти олӣ ва имконияти баробари мардон иқтидори худро ба фоидаи ҷамъият ва ватан истифода бурдан мусоидат мекунад.

Сиёсати бисёр давлатҳо нишон медиҳад, ки саҳми занон ва ба назар гирифтани ҷанбаҳои дорои ҳассосияти гендерӣ дар ҳамаи соҳаҳои фаъолияти ҳаётӣ ба ташаккули

мутаносиби ҷомеа, ки дар он ҳуқуқҳои занон ва мардон баробар риоя мешаванд, муноқишаҳои иҷтимоӣ пешгирӣ мешаванд, иқтисодиёт аз ҳисоби зиёд кардани ҷойҳои корӣ ва пардохти андоз ба буҷаи давлат тараққӣ мекунад, мусоидат мекунад ва инчунин ба беҳтар кардани вазъи иқтисодии оилаҳо оварда мерасонад. Васеъкунии ҳуқуқҳо ва имкониятҳои занон шарти асосии ноилшавӣ ба Ҳадафи №5 – "*таъмини баробарии гендерӣ*" - дар соҳаи рушди устувори давлатҳо-аъзоҳои СММ мебошад. Мувофиқи маълумоти соли 2014, ба баробарҳуқуқии занон ва мардон конститутсияҳои 143 давлат аз байни 195 давлат кафолат додаанд. Ба ин нигоҳ накарда, бештар аз сабаби вуҷуд доштани стереотипҳои гендерӣ, вуҷуд доштани "стандартҳои дугона" дар меъёрҳои иҷтимоӣ, табъиз нисбати занон бавосита ё бевосита дар бисёр соҳаҳо боқӣ мемонад. Чун баробарии гендерӣ, ки дар қонунҳо дарҷ гардидааст, шарт нест, ки ҳатман маънои онро дошта бошад, ки дар амал занону духтарон имкониятҳои баробарро доранд.

Бо назардошти таъсири он факт, ки дар оилаҳои анъанавии тоҷик дар тарбияи писарон ва духтарон чанд насл бо усулҳои тарбиявии худ нақш мебозанд, ва ба онҳо низ барои дарки аҳаммияти таъмини баробарии гендерӣ барои фарзандонашон дар робита бо дастрасӣ ба таҳсил, кор ва дигар ҳуқуқҳо баъзан кумак лозим аст, маҳз мактаб дар пешбарии сиёсати давлат дар ин соҳа, аз ҳисоби паҳн кардани иттилоот ва пурзӯр намудани ҷанбаҳои тарбиявӣ (омӯзгорон бо дастгирии падару модар) дар ин соҳа, пайванди муҳим мебошад.

Имруз вақту соати он расидааст, ки духтарон бояд вориди донишгоҳҳо шаванд ва таҳсили илм кунанд, чунки маҳз занони боилму борфарҳанг метавонанд фарзандони худро дар роҳи дуруст тарбия намоянд ва вазъияти имрузаи ҷаҳон ба мо нишон дода истодааст, ки маҳз занон пеш аз ҳама бояд вазифаи модарии худро бидуни бояду шояд иҷро намоянд. Агар маҳз ба таърих назар кунем занон барои пешрафти ҷомеа саҳми арзандае гузоштаанд.

Муаллим бояд ба кӯдакон дар бораи намудҳои гуногуни зӯроварӣ маълумот диҳад, ки ба кӯдакон имконият диҳад, ки вазъиятҳои зӯровариро ё вазъиятҳоеро, ки хатари рӯй додани зӯроварӣ доранд, шиносанд, оқибатҳои зӯровариро, роҳҳои хабар додан дар бораи вазъиятҳое, ки ба зӯроварӣ дучор гардидани кӯдаки дигар гумонбарӣ мешавад, донанд. Ҳар гуна зуҳуроти муносибатҳои зӯроварона байни ҳамсолон дар мактаб бояд бо ҷалби волидайни кӯдакон қатъиян пешгирӣ карда шаванд. Кӯдакон бояд донанд, ки онҳо дар бораи зӯроварӣ дар оилаҳои худ низ хабар додан ва аз кормандони муассисаи таълимӣ кумак пурсидан метавонанд.

Дар шароити инкишофи босуръат ва дастрасии васеъи технологияҳои иттилоотӣ ба кӯдакон, онҳо вақти худро рӯз то рӯз бештар дар фазои виртуалӣ –Интернет мегузаронанд. Илова ба аҳаммияти мусбие, ки он барои дарки ҷаҳон дорад, Интернет, мутаассифона муҳите мебошад, ки дар он аксари вақт кӯдакон азият дода мешаванд ва нисбати онҳо зӯроварӣ содир карда мешавад. Аз ин ҷиҳат, кӯдакон ба донистани малакаҳои худҳимоякунӣ аз хатарҳои марбут ба муошират ба воситаи телефони мобилӣ ва Интернет зарурат доранд: таҳлили иттилоот аз назари танқидӣ, риояи қоидаҳои бехатарии шахсӣ (масалан, ҷойгир накардани маълумоти шахсӣ дар бораи худ ва оилаи худ, ҷойгир накардани суратҳое, ки метавонанд ба кӯдак зарар диҳанд) ва ғайра.

Лозим аст, ки чорабиниҳои тарбиявӣ тавре ташкил карда шаванд, ки истифодаи амалии малакаҳои азхудкардаро таъмин кунанд, дар аввал – дар муҳити бехатари синфу мактаб бо иштироки муаллимон ва баъдан, аксари вақт – мустақилона дар вазъиятҳои гуногун. Масалан, кӯдакон дар синф намудҳои гуногуни ҳалли созандаи низоъро меомӯзанд, тарафҳои мусбии онҳоро вобаста аз вазъияти мушаххас ошкор мекунанд, нақшҳои ҳар ду тарафро дар худ андоза мекунанд (мебозанд), саъй мекунанд фаҳманд, ки онҳо худро чӣ тавр ҳис мекунанд ва ғайра. Бо ёрии роҳбари синф кӯдакон ғалатфаҳмиҳои воқеъӣ, иштибоҳотеро, ки дар ҳаёти баъзе аз талабагон, синф ё мактаб рӯй медиҳанд, таҳлил мекунанд; бо кумаки ӯ кӯдакон аз усулҳои бидуни зӯроварӣ ҳал кардани онҳо (ба воситаи бозиҳои нақшавӣ) истифода мебаранд. Лозим аст, ки онҳо имконият дошта бошанд, ки баъзан (такроран) дар бораи таҷрибаи воқеъии худ мулоҳиза кунанд, ки ин ба муаллим низ ёрӣ медиҳад, ки фоиданокии чорабинии тарбиявиро таъмин кунад.

Табиат ва мураккабии дониши ба кӯдакон пешниҳодшуда ва малакаҳое, ки онҳо меомӯзанд, бояд ба хусусиятҳои синну солии кӯдакон, хусусиятҳои равандҳои гурӯҳӣ дар ҳар синф (сатҳи эътимоднокӣ ва муттаҳидӣ, дараҷаи дарки якдигар, мавҷуд будани қобилият ба барпо кардани муносибатҳо ва ғ.) ва сатҳи болиғии талабагон мувофиқат кунанд. Истифодаи усулҳои мухталифи таълим ва методҳои интерактивӣ ба офариниши иқлими боэътимоде, ки дар дохили он кӯдакони гуногуни таҷрибаи мухталиф дошта худро дар бехатарӣ ҳис мекунанд, мусоидат мекунад.

Ин муҳити ёрирасон, алалхусус, ба кӯдаконе, ки мушкилӣ дар изҳор кардан ва ба муҳит ворид кардани таҷрибаи шахсии худ марбут ба зӯровариро доранд, лозим аст. Ҳангоми дарк ва изҳори таҷрибаи худ дастгириро ҳис карда, кӯдакон барои бартараф кардани ташвишҳои манфии худ ва тақвият бахшидан ба эътимод ва худидоракунии худ кумак мегиранд. Ҳамзамон, гуногунии чорабиниҳои беруназдарсӣ, ки аз тарафи муассисаи таълимӣ мувофиқи шавқи кӯдакон ва наврасон гузаронида мешаванд, ба бунёди имкониятҳои созанда барои худсобиткунӣ, барпо кардани муносибатҳои мусбӣ бо ҳамсолон, мустаҳкамии ҳиссиёти худҳурматкунӣ ва эҳтиром нисбат ба гуногунӣ, ба таври муфид гузаронидани вақти холии худ оварда мерасонад.

Кӯдакон дар синф усулҳои гуногуни ҳалли созандаи муноқишаҳоро меомӯзанд, тарафҳои мусбии онҳоро вобаста аз вазъияти мушаххас ошкор мекунанд, нақши тарафайнро ба худ андоза мекунанд, саъй мекунанд фаҳманд, ки онҳо худро чи тавр ҳис мекунанд ва ғайра. Кӯдакон бо ёрии роҳбари синф ғалатфаҳмиҳои воқеӣ, иштибоҳотеро, ки дар ҳаёти баъзе аз талабагон, синф ё мактаб рӯй медиҳанд, таҳлил мекунанд; бо кумаки ӯ кӯдакон аз усулҳои бидуни зӯроварӣ ҳал кардани онҳо (ба воситаи нақшбозиҳо) истифода мебаранд. Вақте, ки кӯдакон ва наврасон бо чунин вазъиятҳо дар мактаб ё берун аз он дучор мегарданд, онҳо малакаҳои омӯхтаи худро истифода мебаранд.

Вобаста ба ин, лозим аст, ки онҳо имконияти такроран дар бораи таҷрибаи воқеии худ мулоҳизаронӣ карданро дошта бошанд, ки ин ба муаллим низ ёрӣ медиҳад, ки фоиданокии чорабинии тарбиявиро таъмин кунад. Таҷрибаи муоширате, ки дар овони синни ноболиғӣ ба даст оварда мешавад, ҳангоми ба ҳаёти болиғӣ қадам задани онҳо нақши муҳимро мебозад. Ба воситаи муошират наврасон малакаҳои дар ҷомеа бо дигарон амал карданро такмил медиҳанд.

Ҷузъи муҳимтарини ғайришифоҳии раванди муошират ин қобилияти гӯшкунии ҳамсуҳбат мебошад. Вақте, ки як шахс шахси дигарро бодиққат гӯш мекунад, куллан ҳама чизаш - чашмҳояш, тарзи истоданаш, ифодаи чеҳрааш ба шахси гӯянда нигаронида шудааст, ки дар навбати худ ба ҳамсуҳбат таъсир мерасонад ва ба ӯ ёрӣ мерасонад, ки фикри худро ташаккул диҳад, кушода шавад ва ҳаддалимкон самимӣ бошад. Парешонӣ, беэътиноӣ ва бепарвоӣ метавонад ба натиҷаи баръакс орад.

Муаллимон, ҳамчунин, ба кӯдакон бояд расонанд, ки содир кардани зӯроварӣ дар ҷавоб ба зӯроварии нисбати онҳо содиршуда нораво ва фалокатовар аст. Кӯдакон бояд дар хотир дошта бошанд, ки ҳатто дар вазъияти мураккабтарини ҳаётӣ, дар вазъияти зӯроварӣ, кумак ҷустан хеле муҳим аст, махсусан вақте, ки шахс ҳис мекунад, ки ҳолати руҳафтодагии худро идора карда наметавонад. Ба туфайли хусусиятҳои синнусолӣ, ноболиғон зиёдтар таҳти хатари рафтори худвайронкуние мебошанд, ки ҳатто ба кӯшишҳои худкушӣ оварда мерасонад. Муаллим бояд қайд кунад, ки, онҳо ҳамеша метавонанд вазъиятҳои ҳаётиеро, ки инкишофи равонӣ ва иҷтимоии онҳоро мушкил мекунанд, бо равоншиноси мактаб муҳокима кунанд. Инҳо чунин вазъиятҳоянд ба мисли мушкилӣ дар оила (ҷудошавӣ, сӯиистеъмол аз машруботи спиртӣ аз тарафи яке аз волидайн, руҳафтодагии волидайн, ҳодисаи худкушӣ дар оила, зӯроварӣ, беэътиноӣ ва ғайра), мушкилии муошират ва муносибат бо ҳамсолон ё калонсолон (мазоқ, фишор, талаботи аз ҳад зиёд баланд, низоҳои байнишахсӣ, ташвишҳо марбут ба ҷудошавӣ аз маҳбуб\маҳбуба ва ғайра), фишорҳои гуногуни руҳӣ, агар кӯдакон бо сабабҳои муайян аз муҳокима кардани ин масъалаҳо бо волидайн тарсанд, ё ба волидайн натавонанд марбут ба онҳо сухан кунанд.

Шаклгирии модели муошират бидуни зӯроварӣ дар ҷавонон шарти пешакии офариниши оилаи ҳамоҳанг дар оянда мебошад. Барои ин аз овони мактабӣ кӯдакон бояд

аз худ кунанд, ки муносибатҳои ҳақиқӣ, муҳокимаи поквиҷдонаву самимии масъалаҳо, гарчанде, ки баъзан ин кор мушкилу дардовар бошад ҳам, барои беҳтар дарк кардани худ, шахсони гирду атроф кумак мерасонанд ва инчунин қобилияти тобоварӣ ба санҷишҳои ҳаёти воқеиро мепарваранд. Ҳамсарон набояд аз муҳокима кардани тамоми ташвишҳояшон бо якдигар тарсанд ва бояд якдигарро дар ҳар вазъияти ҳаётӣ дастгирӣ кунанд.

Мунокишаҳо ва ғалатфаҳмиҳо дар тамоми муҳитҳои муоширати одамон ҳузур доранд ва қисми таркибии алоқаи байни одамон мебошанд. Ғайриоддӣ бошад ҳам, аммо мунокишаҳо байни одамоне, ки мафкураи созанда доранд, омили пешрафт дар ҳалли аксари вазъиятҳои ҳаётӣ мебошанд. Агар ҷонибҳои мунокишакунанда бидуни поймолкунии ҳуқуқҳо ва озодиҳои ҳамсуҳбат, ақидаҳои худро озодона баён карда тавонанд, он ба рафтори зӯроварона оварда намерасонад.


### АДАБИЁТ

1. Дастур оид ба офиятбахшии психологии ҷабрдидаҳои зӯроварӣ дар оила (дастури таълимӣ-методӣ барои донишҷӯёни ихтисоси психология).-САҲА (Дафтар дар Точикистон).-Душанбе, 2016.
2. В.Альбисетти. Терапия муҳаббати ҳамсарон. Чӣ тавр якҷоя тамоми умр зиндагӣ кард. Москва, 2001.
3. Муқобилат ба зӯроварӣ дар оила – дастури таълимии ахборотӣ барои ходимони хадамотҳои ҳифзи ҳуқуқ ва марказҳои таълимии ҶТ.- Душанбе, 2016 http://www.osce.org/tg/tajikistan/248211?download=true
4. Луғати тафсирии истилоҳоти гендерӣ. Тартибдиҳанда: М.Давлатова. – Душанбе; «Адиб», - 2005.
5. Кори иҷтимоӣ. Луғати муфассали энциклопедии тоҷикӣ-русӣ.- Душанбе, 2010.


### МАОРИФ ВА НАҚШИ ОН ДАР ТАЪМИНИ БАРОБАРҲУҚУҚИИ ГЕНДЕРӢ


Дар мақолаи мазкур мавзуи маориф ва нақши он дар таъмини баробарҳуқуқии гендерӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Муассисаҳои таълимӣ дар тарбияи насли наврас дар руҳияи баробарии гендерӣ ва баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии писарон ва духтарон нақши муҳимро мебозанд. Дар шароити инкишофи босуръат ва дастрасии васеъи технологияҳои иттилоотӣ ба кӯдакон, онҳо вақти худро рӯз то рӯз бештар дар фазои виртуалӣ –Интернет мегузаронанд.



**КАЛИДВОЖАҲО:** мактаб, маориф, оила, зуроварӣ, волидон, баробарии гендерӣ, духтарон, омӯзгорон, занон, таҳсилот, муошират.


### ОБРАЗОВАНИЕ И ЕГО РОЛЬ В ОБЕСПЕЧЕНИИ ГЕНДЕРНОГО РАВЕНСТВА


В данной статье рассматривается тема образования и его роль в обеспечении гендерного равенства. Образовательные учреждения играют важную роль в воспитании подрастающего поколения в духе гендерного равенства и повышении правовых знаний юношей и девушек. В условиях стремительного развития и широкого доступа детей к информационным технологиям они все больше времени проводят в виртуальном пространстве – Интернете.



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** школа, образование, семья, насилие, родители, гендерное равенство, девочки, учителя, женщины, образование, общение.


### EDUCATION AND ITS ROLE IN ENSURING GENDER EQUALITY


This article examines the topic of education and its role in ensuring gender equality. Educational institutions play an important role in educating the younger generation in the spirit of gender equality and increasing the legal knowledge of boys and girls. In conditions of rapid development and wide access of children to information technologies, they spend more and more time in the virtual space – the Internet.



**KEYWORDS:** school, education, family, violence, parents, gender equality, girls, teachers, women, education, communication.



**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Сафарова Инобат Юлдошевна*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти курси дуюми ихтисоси психология. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **884447776.** E-mail: **safarova-inobat@mail.ru**

**Сведения об авторе:** ***Сафарова Инобат Юлдошевна*** - Таджикского национального университета, магистрант второго курса по специальности психологии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **884447776.** E-mail: **safarova-inobat@mail.ru**

**Information about the author:** ***Safarova Inobat Yuldoshevna*** - Tajik National University, second-year master's student in psychology. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phone: **884447776.** E-mail: **safarova-inobat@mail.ru**

## ДЕМОКРАТИЯ ВА ТАШАККУЛИ СИСТЕМАИ БИСЁРҲИЗБӢ ДАР ШАРОИТИ ТОҶИКИСТОНИ МУОСИР

***Умаров Ҷ.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дар олам демократия ҷолибтарин падидаи ҳаёти ҷомеа ба шумор рафта, ақлу ҳуши оламиёнро ба худ ҷалб намудааст. Қувваҳои гуногуни мутамаддини тараққиҳоҳи замони муосир кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки ғалабаи принсипҳои демократияро дар тамоми дунё таъмин намоянд. Эҳё ва рушду камоли ҷараёнҳои демократӣ дар Аврупои Шарқӣ, собиқ ҷумҳуриҳои Иттиҳоди Шуравӣ, Амрикои Лотинӣ ва авҷи нави ҳаракатҳои демократӣ дар Африқо аз ин раванд шаҳодат медиҳанд. Дар баробари ин дар олами муосир байни демократия ва неруҳои зиддидемократӣ дар кишварҳои гуногун, махсусан дар ҷаҳони ислом мубориза҇о тезутунд шуда истодааст [8].

Дар ҳаёти сиёсии ҷомеа ҳодисаҳои зиёде вомехӯранд, ки дар байни онҳо ҷиҳати умумиро фақат номашон ташкил медиҳад. Ин масъала ҳангоми дарки амиқи равандҳои демократӣ ва дар сохтори сиёсии демократии ҷомеа низ зоҳир мегардад. Таълимот, ғояҳо ва қувваҳои гуногун маҳз ба худ маънои демократияро раво мебинанду халос. Дар асл бошад, моҳияту мазмуни ҳодисаҳо на танҳо ба демократия иртиботе надоранд, балки хосияти зиддидемократӣ доранд.

Барои он ки ба моҳият, мазмун ва хусусиятҳои демократия барин ҳодисаҳои мураккабу зиддиятнок ва ҷолибу пурарзиш сарфаҳм равем, бояд маънои этимологии мафҳуми муосири онро дида бароем.

Мафҳуми «демократия» решаи юнонӣ дошта, demos - халқ ва kratos - ҳокимиятро дорад, ки дар маҷмуъ маънояш ҳокимияти халқ аст [7]. Дар замони ҳозира низ тадқиқотчиёни илмҳои гуногун ба ин масъала диққати хосса зоҳир менамоянд. Феълан кӯшишҳо ба харҷ дода мешавад, ки фаҳмиши этимологӣ ва муосири он аз ҳар ҷиҳат ба якдигар наздик бошад. Лекин новобаста аз дарки этимологии мафҳуми демократия андешаҳои мухталиф хеле зиёданд. Аммо новобаста аз мақом ва нақши субъектҳои муносибатҳои сиёсии ҷомеа ва муносибат ба демократия ба инобат гирифтани як қатор хосиятҳои умумӣ зарур аст, ба монанди:

- манбаи ҳокимият донистани халқ дар давлатдорӣ ва ҷомеасозӣ;
- баробарии ҳамаҷонибаи одамон;
- итоат намудани аксарият ба ақалият ҳангоми қабули қарорҳо ва амалӣ гаштани онҳо;
- интихобӣ будани мақомотҳои асосии ҳокимияти давлатӣ;
- плюрализми андешаҳо дар ҷомеа;
- фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ дар ҷомеа [5].

Дар ҷомеаи демократӣ бидуни ин принсипҳо ва ё аломатҳо раванди инкишофи ҳаёти сиёсиро мушоҳида намудан имконнопазир аст. Аслан ба ин аломатҳо ва ё принсипҳои мазкур демократияи либералӣ бештар мутааллиқ аст.

Демократия ду шакли асосӣ дорад: демократияи бевосита ва демократияи намояндагӣ [6].

Демократияи бевосита ягонагии иродаи халқ ва ҳокимияти давлатиро талаб дорад. Моҳияти асосии онро иштироки бевоситаи халқ дар қабули қарори сиёсӣ ва ба амал баровардани ҳокимият ташкил медиҳад.

Демократияи намояндагӣ низ дар инкишофи ҷомеаи ҷаҳонӣ нақши муҳим мебозад.

Демократияи намояндагӣ аз унсурҳои зерин таркиб ёфтааст: интихобкунанда - парламент - ҳукумат - сарвазир ё президент. Таҷрибаҳои ҷаҳонӣ нишон медиҳанд, ки

демократияи намояндагӣ афзалиятҳои зиёд дошта, ҳатто муболиғакунон демократияи парламентиро нуқтаи олии демократия меҳисобанд.

Демократияи намояндагиро Дарендорф Р., чунин баён намудааст: «демократия - иродаи халқ нест ва чунин ҳолат дар олам ҳеҷ гоҳе вонамехӯрад. Демократия - ин ҳукуматест, ки халқ интихоб менамояд, агар зарур бошад - он халқ ҳукуматро иваз менамояд; илова бар ин демократия ҳукуматест, бо роҳи махсуси инкишоф». Албатта фаҳмиши демократияи намояндагӣ ба маънои этимологии он мувофиқ нест. Аз ин хотир Р. Дал демократияи намояндагии кишварҳои мутамаддини Ғарбро «полиархия» меномад [1].

Ҳамин тариқ, ҳокимияти халқӣ, аслан идеали ормонӣ аст ва аҳаммияти меъёрӣ дорад. Он ба сифати раҳнамо ва мақсади инкишофи сиёсии ҷомеа хизмат менамояд. Ба ибораи собиқ президенти ИМА А. Линколн, демократия - «иродаи халқ, интихобнамудаи халқ ва барои халқ» аст. Як навъ ормонест, ки ҳатто дар ҷомеаи кунунӣ, дар давлатҳои мутамаддини демократӣ низ пурра воқеӣ нагузаштааст».

Дар раванди таърих ҳеҷ вақт халқе вуҷуд надошт, ки худро идора кунад. Ҳамагуна идоранамоӣ хосияти табақавӣ дошта, ҳукмронии ақалиятро ба аксарият таъмин намудааст.

Бояд қайд кард, ки ҳамон вақт идораи ҷомеа хосияти демократӣ пайдо менамояд, ки талаботу манфиатҳои тамоми табақаҳо ва гурӯҳҳои иҷтимоӣ эътироф карда шаванд ва дар ҳаёти воқеӣ амалӣ гарданд.

Давлатҳои муосир аз иттиҳодияҳои гуногуни одамон таркиб ёфтаанд ва мақомоти махсуси қонунбарор доранд, ки ифодагари ҳокимияти мардумӣ мебошанд. Дар мақомоти қонунбарор ҳамаи гурӯҳҳо ва фраксияҳои ҳизбҳое амал мекунанд, ки таҷассумгари манфиатҳои қисми муайяни аҳолӣ мебошанд. Ин ҳодисаи табиист. Онҳо бояд дар рақобати якдигар амал намоянд. Асоси ин зиддиятро гуногунандешӣ ва манфиатҳои мардум ташкил медиҳанд. Ин гуна гурӯҳҳо ё фраксияҳо бештар ба гурӯҳи ҳоким муқобил меистанд. Ҳамин тариқ, масъалаи оппозитсияи сиёсӣ ба миён меояд, ки яке аз муҳимтарин унсурҳои демократия ба шумор меравад. Қувваҳое, ки нисбати ҳокимияти давлатӣ мавқеи мухолифро ишғол намудаанд низ худро таҷассумгару ҳимоятгари манфиатҳои мардум меҳисобанд. Демократияи комил низ ҳокимияти давлатиро бо оппозитсияи пурзӯр дар ҳолати мутаносиб нигоҳ медорад, ки ин боиси муътадилии вазъи ҷомеа мегардад.

Аз ҷумлаи арзишҳои муҳимтарини ҷомеаи демократӣ инкишофи ҷомеаи шаҳрвандӣ ва давлати ҳуқуқӣ ба ҳисоб меравад.

Принсипи дигари ҷомеаи демократӣ дар он зоҳир мегардад, ки агар ошкорбаёнӣ хосияти амалӣ пайдо намояд [12].

Яке аз принсипҳои асосӣ ба воқеият табдил ёфтани озодиҳои сиёсӣ ва демократӣ ин ташаккулу инкишофи системаҳои бисёрҳизбӣ мебошад.

Тоҷикистон дар марҳилаи дигаргунсозиҳои ҷамъиятӣ ва демократӣ қарор дорад. Имрӯз Тоҷикистон дар давраи гузариши ба системаи бисёрҳизбӣ қарор дошта, он ба ду самт равона гардидааст: аввал бисёрҳизбӣ ва гуногунандешии сиёсӣ; дуюм, дастгирии бисёрҳизбӣ ва гуногунандешии сиёсӣ аз ҷониби давлат. Моддаи 8-уми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шакли зайл ифода ёфтааст: «Дар Тоҷикистон ҳаёти ҷамъиятӣ дар асоси равияҳои гуногуни сиёсӣ ва мафкуравӣ инкишоф меёбад». Ба ҳамагон маълум аст, ки сиёсати гуногунандешӣ дар худ унсурҳои гуногунро фаро мегирад. Маъқул донистан ва эҳтироми гуногунрангии анъанаҳои табақаҳои иҷтимоӣ, ғоявӣ, ахлоқӣ, мазҳабии гурӯҳҳо, фаъолияти кушоди сиёсии одамон ва иштироки шаҳрвандон дар қабули қарорҳои муҳимми сиёсӣ таҷассумкунандаи гуногунандешӣ дар ҷомеаи демократӣ мебошад [4].

Вобаста ба ин, қайд намудан бамаврид аст, ки гуногунандешӣ дар шакли нави худ дар шароити кунунии Тоҷикистон ба ҳеҷ ваҷҳ набояд қобилияти ҳамаи рукнҳои ҳокимиятро дар самти назорат ва танзимнамоӣ заиф гардонад.

Имрӯз дар Тоҷикистон 7 ҳизби сиёсӣ ва 1264 иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ фаъолият менамоянд. Дар мамлакат 272 воситаҳои ахбори омма, 7 агентии иттилоотӣ ба қайд гирифта шудаанд, теъдоди студияҳои телевизионӣ ва радиошунавоӣ ба 29 расидааст, ки аз онҳо 10 тоаш ҷамъиятӣ ва хусусӣ мебошад [2].

Далелҳои мазкур шаҳодати гуногунандешӣ ва озодии сухан буда, ин нишодод Тоҷикистонро миёни мамлакатҳои ИДМ дар мақоми аввал қарор медиҳад.

Инкишофи гуногунандешӣ имрӯз дар ҷумҳурии мо шароити нисбатан мусоиде барои таъсиси ҳизбҳои сиёсӣ фароҳам овардааст. Агар дар қонунҳои баъзе давлатҳои минтақаи мо оид ба ҳизбҳо барои аз қайди давлатӣ гузаштан камаш 50 ҳазор шахсони ҳамақида зарур бошад, дар Тоҷикистон ҳамагӣ 1000 аъзои ҳизб кифоя аст. Дар мавриди монеаи се фоизаро дар интихоботи парлумон соҳиб нашудан ва дар интихоботи парламент ширкат наварзидан ҳизбҳо хуқуқи дар қайд буданро гум намекунанд. Ин маънои онро дорад, ки сатҳи плюрализм дар Тоҷикистон нисбат ба мамлакатҳои дигари минтақа баландтар аст. Қабл аз ҳама, ин аз хоҳиши ҳукумат ба хотири ҳар чи бештар муҳайё кардани шароит барои инкишофи ҳаёти сиёсии мамлакат мебошад.

Мувофиқи изҳороти намояндаи САҲА аз 27-уми феврали соли 2000-ум баъди гуфтушунидҳои бисёркарата миёни ҳукумат ва собиқ иттиҳоди неруҳои мухолифини тоҷик моҳи декабри соли 1999 дар Тоҷикистон Қонуни нави интихоботӣ қабул гардид. Дар он як қатор таклиф, пешниҳоду мушоҳидаҳои СММ ва намояндагони САҲА дар нусхаи охирини лоиҳаи қонун ворид карда шуданд. Аз ҷумла, таҳиягарони лоиҳаи қонун таклифи монеаи панҷфоизаро барои ворид шудани ҳизбҳои сиёсӣ ба парламент (ба ҷойи 10% пештара) ва такмили роҳҳои иштироки номзадони мустақил - худпешниҳодкунандагонро дар ҷараёни интихобот маъқул донист.

Имрӯз оид ба ҳалли масъалаҳои дар боло зикршуда зарур аст, ки ҳизбҳои сиёсии Тоҷикистон, технологияи ташкил ва гузаронидани интихоботҳо ва вазифаҳои худро дар асоси қонунҳои амалкунанда хуб донанд ва мақомотҳои ҳокимияти давлатӣ ба онҳо мусоидат намоянд [3].

Қувваҳои сиёсӣ дар Тоҷикистон имрӯз он қувваҳое ҳастанд, ки дар сари қудрат истодаанд ва инчунин он қувваҳое, ки худро қувваҳои мухолиф медоданд, бояд ҳар ду қувва барои таъмини сулҳу субот дар кишвар ҳамаи имкониятҳоро истифода баранд. Ин дар он сурат ба даст меояд, ки агар онҳо фаъолона проблемаҳои ҷомеаро дар якҷоягӣ муҳокима намуда, роҳҳои ҳалли онҳоро пайдо намоянд.

Проблемаҳо ҳамон вақт ошкор ва ҳал мегарданд, ки агар онҳо мавриди таваҷҷуҳи ҷомеа гарданд. Агар худи аҳолӣ ва сохторҳои гуногуне, ки бунёдгари манфиати гурӯҳҳои мухталифи ҷомеа ҳастанд ба монанди: сохтори ҳукуматӣ, ҳизбҳои сиёсӣ, созмонҳои ғайриҳукуматӣ ва ҷамъиятӣ, васоити ахбори омма дар ошкор ва ҳалли онҳо бевосита ширкат намоянд.

Барои ташаккул ва инкишофи ҳизбҳои сиёсӣ қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ», Қонуни Конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон», Қонуни Конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихобот» ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ» заминаи воқеӣ гузоштанд [13].

Бояд қайд кард, ки дар Тоҷикистон иттиҳодияҳои гуногуни сиёсиву ҷамъиятӣ дар доираи Конститутсия ва қонунҳо таъсис меёбанд ва давлат барои фаъолияти онҳо имкониятҳои баробар фароҳам меорад.

Оид ба муттаҳид шудани шаҳрвандон ва ташкили ҳизбҳои сиёсии гуногун дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон моддаи махсусе вуҷуд дорад, ки дар он аз ҷумла омадааст: «Шаҳрвандон ҳуқуқи муттаҳид шудан доранд. Шаҳрванд ҳақ дорад дар ташкили ҳизбҳои сиёсӣ, аз ҷумла ҳизбҳои характери демократӣ, динӣ ва ғайра дошта, иттифоқҳои касаба ва дигар иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ иштирок намояд, ихтиёран ба онҳо дохил ва аз онҳо хориҷ гардад».

Дар шароити ҳозира Вазорати Адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳизбҳои зеринро ба қайд гирифтааст: Ҳизби Коммунистии Тоҷикистон, Ҳизби Сотсиалистии Тоҷикистон, Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон, Ҳизби Ислоҳоти Иқтисодии Тоҷикистон, Ҳизби Аграрии Тоҷикистон, Ҳизби Демократии Тоҷикистон, Ҳизби Сотсиал - Демократии Тоҷикистон [9].

Имрӯз мувофиқи Қонуни нави интихоботӣ ҳизбҳо имконият доранд, ки дар интихоботҳо пурра иштирок варзанд ва намояндагиашонро ба парламент пешбарӣ намоянд.

Дар ин раванд ҳоло панҷ ҳизби сиёсӣ - 22 мандати депутатиро дар байни худ таносубан тақсим кардаанд: Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон - 14 мандат; Ҳизби Коммунистии Тоҷикистон - 2 мандат; Ҳизби Сотсиалистии Тоҷикистон - 2 мандат; Ҳизби Ислоҳоти Иқтисодии Тоҷикистон - 2 мандат ва Ҳизби Аграрии Тоҷикистон - мандати депутатӣ доранд. Инчунин, ба ҳизбҳо имконият дода мешавад, ки дар ҳавзаҳои якмандатӣ низ барои ба даст овардани мандатҳои депутатӣ мубориза баранд.

Мутаассифона ягон ҳизби сиёсии Тоҷикистон дар алоҳидагӣ қудрати рақобати баробарро бо ҳизби ҳоким - Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон надорад. Ҳатто Ҳизби Коммунистӣ ва Ҳизби Сотсиалистии Тоҷикистон, ки нисбати дигар ҳизбҳо мақоми бештар доранд, дар якҷоягӣ ҳам наметавонанд дар баробари Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар муборизаи сиёсӣ дастболо шаванд.

Имрӯз дар байни ҳизбҳои сиёсии Тоҷикистон ҳизби Халқӣ - Демократии Тоҷикистон мақоми ҳалкунанда дошта, аз сабаби дар парламент ҷойи зиёдро ишғол намуданаш ҳамчун ҳизби пешбар дониста мешавад [11].

Кумитаи тадорукотии Ҳизби Халқии Тоҷикистон 6 декабри соли 1993 ба кори худ шуруъ кард ва 10 декабри соли 1994 Анҷумани нахустини Ҳизби Халқии Тоҷикистон баргузор гардид. Дар анҷуман вакилон заминаҳои сиёсию иҷтимоии ташаккули ҳизбро мавриди баррасӣ қарор доданд. Ҳамчунин, дар анҷуман оиннома, барнома ва мақсадҳои тактикӣ ва стратегии ҳизбро муайян намуданд.

Ҳизби Халқии Тоҷикистон аз ҷониби Вазорати Адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 15 декабри соли 1994 ба қайд гирифта шуд.

Дар анҷумани III - юми Ҳизби Халқии Тоҷикистон, ки 25 июни соли 1997 баргузор гардида буд, ба оинномаи ҳизб тағйироту иловаҳо даровarда, минбаъд номи расмии он Ҳизби Халқӣ ба Ҳизби Халқӣ - Демократии Тоҷикистон табдил дода шуд ва Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон баъди номгузори ба ҳизби Халқӣ - Демократии Тоҷикистон аъзои ҳизби мазкур шуд.

Анҷумани IV - уми Ҳизби Халқӣ - Демократии Тоҷикистон 18 - апрели соли 1998 баргузор гардид, ки дар он Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон Раиси ҳизб интихоб шуд.

Ҳизби Коммунистии Тоҷикистон аз қайди Вазорати Адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 17 марти соли 1992 гузашт. Имрӯз ҳизби Коммунистии Тоҷикистон зиёда аз 40 ҳазор аъзо ва зиёда аз 3 ҳазор ячейкаҳои ҳизбӣ дорад [10].

Ҳизби Коммунистии Тоҷикистон созмони мустақили сиёсӣ буда, дар қаламрави Тоҷикистон амал мекунад ва дар сафҳои худ коргарон, деҳқонон, зиёиён ва табақаҳои дигари заҳматкашонро, аз ҷумлаи шаҳрвандони Тоҷикистон, ки дар мавқеи озодӣ, баробарӣ, роҳи сотсиалистӣ ва ақидаҳои коммунистӣ қарор доранд, ихтиёран муттаҳид менамояд.

Принсипи дигаре, ки дар инкишофи ҳизбҳои сиёсии Тоҷикистон мусоидат менамояд - ин иштироки ҳизбҳои сиёсӣ дар интихобот ва ташкил кардани парламенти демократӣ мебошад, ки ба воситаи парламент ҳизбҳо имконият пайдо мекунанд, ки дар тайёр кардани қонунҳо ва қабули онҳо фаъолона иштирок намоянд.

Ба ҳамин тариқ, воқеаҳои сиёсии дар ҷомеа ба амал омада, гувоҳи онанд, ки ҳизбҳои сиёсӣ феълан яке аз қувваҳои муҳимтарини сиёсии ҷомеа ба шумор рафта, иштироки фаъолонаи онҳо дар ҳалли масъалаҳои муҳимми ҳаёти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсию фарҳангии ҷомеа мусоидат хоҳанд кард.

**АДАБИЁТ**


1. Политическая энциклопедия. - М., 1992.
2. Программные целы и принципы Народно- Демократической партии Таджикистана. Минбари халқ. 30 июля 1998.

3. Политические партии Таджикистана в современных условиях. Худжанд. 2002.
4. Ҳизбҳои сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2006.
5. Муҳаббатов. А. Ҳизбҳои сиёсӣ: воқеият ва дурнамо / А. Муҳаббатов. - Душанбе, 2011.
6. Дарендорф Р. Дорога к свободе // Вопросы философии. 1990, №9.
7. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе. 2016.
8. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2016.
9. Ҳизб ва ҳаракатҳои Тоҷикистон. - Душанбе, 2002.
10. Маҳфили мубоҳисавии сиёсӣ. Душанбе. 2003.
11. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2000.
12. Ҳизбҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе. - 2006.
13. Робитаи ҳизб бо ҳаракатҳои оппозитсионӣ ба сохтори давлат. // Неруи Сухан. 2003. 16- сентябр.


## ДЕМОКРАТИЯ ВА ТАШАККУЛИ СИСТЕМАИ БИСЁРҲИЗБӢ ДАР ШАРОИТИ ТОҶИКИСТОНИ МУОСИР


Дар мақолаи мазкур таҳлили истилоҳи демократия, аҳаммияти демократия ва ташаккули системаи бисёрҳизбӣ дар шароити Тоҷикистони муосир, ташаккул ва инкишофи демократия ва гуногунандешӣ асоси маънавии ташаккули системаи бисёрҳизбӣ дар Тоҷикистон мавриди омӯзишу баррасӣ қарор гирифтааст. Ташаккул ва инкишофи демократия ва системаи бисёрҳизбӣ дар Тоҷикистони муосир яке аз масъалаҳои муҳимми ҷомеаи демократӣ буда, бидуни онҳо сохти давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва иҷтимоӣ ва инкишофи мутамаддини ҷомеаи шаҳрвандӣ ғайриимкон аст.



**КАЛИДВОЖАҲО:** демократия, ҷомеа, ҷамъият, сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, гуногунандешӣ, бисёрҳизбӣ, ҳизб, Конститутсия.


## ДЕМОКРАТИЯ И ФОРМИРОВАНИЕ МНОГОПАРТИЙНОЙ СИСТЕМЫ В УСЛОВИЯХ СОВРЕМЕННОГО ТАДЖИКИСТАНА


В данной статье анализируется понятие демократия, значение демократии и формирования многопартийной системы в условиях современного Таджикистана, становление и развитие демократии и плюрализма, моральные основы формирования изучается и обсуждается многопартийная система в Таджикистане. Формирование и развитие демократии и многопартийной системы в современном Таджикистане является одним из важнейших вопросов демократического общества, без которого невозможно построение демократического, правового и социального государства, цивилизованное развитие гражданского общества.



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** демократия, общество, община, общество, политическая, экономическая, социальная, культурная, плюрализм, многопартийность, партия, партийные системы, Конституция, законы, Конституция Республики Таджикистан, выборы, народ, парламент, представитель.


## DEMOCRACY AND THE FORMATION OF A MULTI-PARTY SYSTEM IN THE CONDITIONS OF MODERN TAJIKISTAN


This article analyzes the concept of democracy, the importance of democracy and the formation of a multi-party system in the conditions of modern Tajikistan, the formation and development of democracy and pluralism, the moral foundations of the formation of a multi-party system in Tajikistan is studied and discussed. The formation and development of democracy and a multi-party system in modern Tajikistan is one of the most important issues of a democratic society, without which it is impossible to build a democratic, legal and social state, and the civilized development of civil society.



**KEYWORDS:** democracy, society, community, society, political, economic, social, cultural, pluralism, multi-party system, party, party systems, Constitution, laws, Constitution of the Republic of Tajikistan, elections, people, parliament, representative.



**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Умаров Ҷурабек*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти курси дуюми ихтисоси сиёсат ва идораи давлатӣ, факултети фалсафа. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **+992905453567.**

**Сведения об авторе:** ***Умаров Джурабек*** – Таджикский национальный университет, магистрант второго курса по специальности политика и государственное управление, факультет философии. **Адрес:** 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. Телефон: **+992905453567.**

**Information about the author:** ***Umarov Jurabek*** - Tajik National University, second - year master's student in politics public administration of the Faculty of Philosophy. **Address:** 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 17. Phone: **+992905453567.**

# ХУСУСИЯТҲОИ ПСИХОЛОГИИ ШАХСИЯТҲОИ МАЪЮБИЯТИ ҶИСМОНИДОШТА

*Қудратуллозода Ш.Қ.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Тадқиқотҳои психологӣ нишон медиҳанд, ки қисми зиёди маъюбон дар кор, зиндагӣ ва муносибат бо одамони дигар ба мушкилоти равонӣ дучор мешаванд; ин душворихо аксар вақт дар натиҷаи иҷро карда натавонистани баъзе навъҳои корҳо тезутунд мешаванд. Аз ин рӯ, барои самаранок кор кардан бо ин категорияи мизоҷон, психолог бояд дар бораи хусусиятҳои психологӣ дониши зарурӣ дошта бошад ва роҳҳои имконпазири кор бо онҳоро пешниҳод намояд.

Вазъияти маъюбӣ шахсро дар шароити махсуси зиндагӣ қарор дода, сафарбар кардани тамоми қувваи руҳӣ ва ҷисмонии ӯро талаб мекунад. Аксар вақт шахси маъюб мустақилона бо ин ҳолат мубориза бурда наметавонад ва дар вай ҳолати ноустувории психикӣ пайдо мешавад, ки бо вайрон кардани худтанзимкунӣ, номутавозинии эмотсионалӣ, зиёд шудани изтироб, хастагӣ тавсиф мешавад ва инчунин боиси як қатор мушкилоти психикӣ мегардад. Одатан, се самти зуҳуроти дезадаптатсия (номутобиқшавӣ) вуҷуд дорад:

- сенсомоторӣ;
- иҷтимоӣ-психологӣ;
- шахсӣ.

Дезадаптатсияи сенсомоторӣ - он бо мутобиқ набудани нокифоя ба мавҷудияти фаъол дар ҷаҳони беруна тавсиф мешавад, ки дар паст шудани ҳаракат, нокифоя будани малакаҳои ориентатсия дар фазо ва вақт ва нокифояи малакаҳои худхизматрасонӣ зоҳир мешавад.

Дезадаптатсияи иҷтимоӣ-психологӣ - ин номутобиқатӣ дар муносибат бо дигарон мебошад. Он дар вайрон кардани робитаҳои иҷтимоӣ бо дигарон, муноқиша ё маҳдуди муошират, мавҷудияти муносибати манфӣ ба маъюбон ё одамони солим зоҳир мешавад. Он бо мавҷудияти мавқеъи ғайрифаъоли зиндагӣ, ҷудошавӣ, дуршавӣ ба ҷаҳони ботинии шахс хос аст.

Дезадаптатсияи шахсӣ - ин мутобиқатнопазирӣ нисбат ба худ аст. Он дар дарки нокифояи нуқсони худ зоҳир мешавад, ки вақте шахс аз ҷиҳати эмотсионалӣ худро ҳамчун маъюб қабул карда наметавонад. Ҳамзамон, ин таҷрибаи эмотсионалии маъюбӣ боиси пайдо шудани заминаи эмотсионалии манфии доимӣ то пайдоиши аксуламалҳои аффективӣ мегардад. Ҳолати депрессия метавонад инкишоф ёбад, ки бо заифшавии ҳавасмандии фаъоли ҳаёт, рад кардани ҳадафҳои зиндагӣ ва рушди муносибатҳои низоӣ бо дигарон ҳамроҳӣ кунад. Ин зуҳурот боиси ташаккули мавқеъ ва муносибатҳое мегардад, ки ба имкониятҳои воқеии шахсият мувофиқат намекунанд. Дар ин ҳолат, ин тамоюлҳо дар зуҳури худбаҳодиҳии ночиз ё аз ҳад зиёд баҳо дода мешаванд.

Инсоният аз як ҷой ба ҷойи дигар ҳаракат мекунанд, бо ҳамдигар суҳбат мекунанд,ба ҳамдигар мактубчаҳо мефиристанд, бо ҳамдигар бозӣ мекунанд ва дигар корҳоро анҷом медиҳанд.т Дар ҳақиқат ҳадди ақал инсонҳое вуҷуд доранд, ки бо маъюбон муносибати хуб доранд, муносибати хуби онҳо маъюбонро дар танҳоӣ, ғамгинӣ ва ҳолатҳои худкушӣ боз медорад. Дар замони муосир якчанд шаклҳои муносибат нисбати шахсони имкониятҳояшон маҳдуддошта мавҷуданд, ки онҳо метавонанд ҳолати руҳии ин гуна шахсонро болида ва ё ғамгин намоянд, ба монанди:

- Таҳқир (муносибати таҳқиромез нисбати шахсони ШИМ).
- Радкунӣ (канораҷӯӣ аз шахсони ШИМ).
- Бепарвоӣ (беэътиноӣ нисбати ШИМ).
- Даркнамоӣ (дилсӯзӣ ва дастгирӣ нисбати ШИМ).

- Қабулсозӣ (ҷомеаи фарогир).

Унсурҳои манфии муносибати ҷомеа ба шахсони имконияtҳояшон маҳдуд таҳқир, радкунӣ, дилсӯзии ноҷо мебошанд.

Шаклҳои зикршудаи рафтор ба мутобиқати иҷтимоии шахсони имкониятҳояшон маҳдуд монеа шуда, ташаккулёбии қобилиятҳо, фаъолгардии захираҳои шахсӣ ва умуман имкониятҳои рушди фардро маҳдуд менамоянд.

Ҷомеаи фарогир ҷомеаест, ки ҳамаи аъзоёни он ба муносибати баробар фаро гирифта шудаанд ва барои ҳар як фард новобаста аз қобилият ва имкониятҳои ӯ барои муваффақ шудан дар ҳаёт шароит фароҳам оварда шудааст.

Дар рафти зиндагии шахсони имкониятҳояшон маҳдуд самтҳои ташаккули рафтори нодуруст ба вуҷуд меояд, инҳоянд:

- Бечорагардӣ, талбандагӣ, эътирози оҷизӣ.
- Ҳисси нафрат ба дигарон, агрессия, рафтори дисфорикӣ.
- Дилшикастагӣ, дунёбезорӣ, майл ба худкушӣ.

Ба ҷойи калима ва ибораҳои таҳқиркунанда нисбати шахсони имконияташон маҳдуд мафҳумҳои дигарро истифода бурдан мумкин аст, яъне:

- Ба ҷойи калимаи таҳқиромези « чулоқ» - «шахси маъюб»-ро истифода бурдан зарур аст!
- Ба ҷойи «камақл» - «нуқсонҳои ақлӣ»-ро бояд истифода бурд.

Хусусиятҳои равонии шахсоне, ки нуқсони ҷисмонӣ доранд, муддати тулонӣ таваҷҷуҳи ҳам равоншиносон ва ҳам дигар мутахассисонро ба худ ҷалб кардаанд. Баъдтар, хусусиятҳои психологии шахсони маъюбияти ҷисмонидошта, аз ҷумла нуқсонҳои шунавоӣ ва биноидошта тавсиф карда шуд, ки онҳо дорои эҳсоси нобоварӣ, танҳоӣ, дар одамони дорои нуқсони шунавоӣ ба вуҷуд омадааст, дар шахсиятҳои нуқсони биноидошта бо ҷудоии тоқатфарсо зиндагӣ кардан, тамаркуз ба зиндагии ботинӣ дида мешуданд. Дар замони муосир ин гуна шахсиятҳо бисёртар худро ҳамчун раҳоӣ аз ин гуна беморӣ ё худ нуқсонҳо даст ба худкушӣ мезананд.

Одам медонад, ки чи тавр ба шароитҳои гуногун мутобиқ шавад. Тайғиротҳое, ки дар мо рух медиҳанд, новобаста аз он ки мо дар кадом шароит дучор мешавем, ба мо кумак мекунанд. Одамоне, ки бо ин гуна мушкилотҳо умр ба сар мебаранд барои онҳо мушкил аст. Онҳо бо мушкилии зиёд ба як чизе ноил мешаванд. Ин рӯйдодҳо байни одамони солим ва шахсони имкониятҳояшон маҳдуд ба куллӣ фарқ мекунанд, ки шахс бо аксуламали манфӣ чи гуна посух медиҳад. Аз ин рӯ фаҳмидан мебояд, ки маъюбон чунин бемориро ҳарчанде ки барои мо оддӣ менамояд, онҳо ин бемориро бо мушкилиҳои зиёд аз сари худ мегузаронанд.

Дар шахсони дорои имконияташон маҳдуддошта якчанд аломатҳо, хусусиятҳои психологӣ-иҷтимоӣ дида мешавад:

***Ҳушёрии беасос*** - инсон ҳама чизеро, ки дар гирду атрофаш рух медиҳад, назорат карда меистад, гӯё ки ӯ ҳамеша дар хатар аст.

***Реаксияи таркишмонанд*** - бисёр вақт шахс ҳаракатҳои босуръат мекунад (аз садоҳои тайёра, ки паст парвоз мекунад, хам мешавад, якбора ба ақиб нигоҳ мекунад ва вақте ки касе аз қафо ба ӯ наздик мешавад, бо ӯ ҷанг кардан мехоҳад).

***Хастагии эҳсосот*** - ин ҳодиса он вақт рӯй медиҳад, ки шахс эҳсос карданро пурра ё қисман гум кардааст. Барои ӯ барқарор кардани робитаҳои наздик ва дӯстона бо дигарон душвор аст, шодӣ, муҳаббат, дар ҳамон лаҳза барои ӯ дастнорас аст.

***Хашмгинӣ*** - сарф кардани тамоми қувва, дар ҷустуҷӯи ҳалли мушкилоти худ. Шахс ҳар вақте ки мехоҳад ба ягон ҳадафи худ расад, ба дигарон фишори сахт меорад, ҳатто агар ҳадаф ҳаётан ба ӯ муҳим набошад.

***Хотира ва диққати суст*** – шахсоне, ки ҳангоми дучор шудан ба диққати суст ва ё дар хотир нигоҳ доштани чизе мушкилот эҳсос мекунанд, дар онҳо чунин мушкилот дар шароити муайян ба вуҷуд меоянд. Дар баъзе лаҳзаҳо, диққат метавонад хуб бошад, аммо вақте ки ягон омили стресс пайдо мешавад, шахс дигар наметавонад ба ягон ашё диққат

кунад. Барои он ки протсесси фаромуш ба амал наояд, бояд наврас ҳангоми гузариш аз як материал ба дигараш танаффус кунад, чунки кори фикрӣ ба хасташавии системаи асаб мебарад. «Қайд кардан лозим аст, ки вақте одам ба чизе мутамарказ шудан мехоҳад, вай кӯшиши зиёди бошууронаро истифода мекунад, иродаи худро сафарбар месозад, ба идораи амалу ҳаракатҳои худ оғоз мекунад. Рафтори ӯ тағйир меёбад, эҳтиёткорӣ зуҳур мекунад ва идроки биноӣ нисбатан қавитар мегардад».

***Депрессия*** - дар ҳолати фишори пас аз осеби равонӣ, депрессия инсонро ба ноумедӣ оварда мерасонад, вақте ки ҳама чиз ба онҳо бефоида ба назар мерасад. Депрессия бо хастагии асаб, бепарвоӣ ва муносибати манфӣ дар зиндагии ин гуна шахсон ҳамроҳӣ мекунад. «Депрессия ин ҳолати вазнини психикии бо табъи нохуш, ғаму андуҳи зиёд ва депрессия пайгиришаванда мебошад. Одамони танҳо одатан хело бадбахтанд, шахсони наздик - дӯстон надоранд, алоқаҳои инсонии қаноатмандкунандаашон хело кам аст, робитаи онҳо бо муҳити беруна маҳдуд ё умуман аз он маҳруманд».

***Сӯиистифода аз моддаҳои нашъадор ва доруворӣ*** - бо мақсади то андозае худро аз ин гуна бемориҳо, нуқсонҳо дур кардан, бисёр одамон, хусусан ҷанговарон, машрубот ва (то андозае) маводи мухаддирро истифода мебаранд.

***Хотираҳои номатлуб*** - ин муҳимтарин нишонаест, ки дар шахсони дорои имконияташон маҳдуд дида мешавад. Дар зеҳни ин гуна шахсон саҳнаҳои даҳшатангез, ки бо ҳодисаи хавфнок алоқаманданд, ногаҳон пайдо мешаванд. Ин хотираҳо метавонанд ҳам ҳангоми хоб ва ҳам ҳангоми бедорӣ ба амал оянд.

***Бисёр хоб кардан*** - бисёр хоб намудани инсон ва ё худро ба хоб задани инсон ин нишонаи маргро дорад. Ин гуна шахсон худро бисёртар ба хоб мезананд, аммо намедонанд, ки ин ба онҳо зарар дорад.

***Андешаҳо дар бораи худкушӣ*** – ин гуна одамон пайваста дар бораи худкушӣ фикр мекунанд ё ягон амалеро ба нақша мегиранд, ки дар ниҳоят боиси марги онҳо мешавад. Вақте ки ҳаёт назар ба марг даҳшатноктар ва дардовартар менамояд, андешаи хотима додан ва ё халос шудан аз ҳама ранҷҳояшон ба назар мерасад. Вақте ки шахс ноумед мешавад, ки ҳеҷ роҳе барои беҳбуди вазъи ӯ нест, вай дар бораи худкушӣ фикр карданро оғоз мекунад. Ӯ фикр мекунад, ки ягона роҳи наҷоти ӯ бо ин беморӣ танҳо марг аст.

***Гуноҳи зиндамондан*** – ин гуна шахсон дар лаҳзаи дидан ё гирифтор шудан ба маъюбӣ дар онҳо ҳисси дунёбезорӣ (ҳаётро нахостан) ба вуҷуд меояд.

***Мутобиқшавӣ*** **-** мафҳуми мутобиқшавӣ одамон аз ҳамдигар на танҳо аз рӯйи хислатҳои модарзодии шахсият, балки бо фарқияти инкишофи бо рафти ҳаёти онҳо алоқаманд фарқ мекунанд. Рафтори одам аз он вобаста аст, ки ӯ дар кадом оила ба воя расидааст, дар кадом мактаб хондааст, аз рӯйи касбаш кист, дар кадом давра давр мезанад.

Мутобиқшавиро ҳамчун раванд ва мутобиқшавӣ дар натиҷа, натиҷаи раванди мутобиқшавӣ фарқ кардан лозим аст. Одатан 4 дараҷаи мутобиқшавии инсонро дар муҳити нави иҷтимоӣ ҷудо мекунанд:

1) **марҳилаи ибтидоӣ** – вақте фард медонад, ки дар муҳити нав чӣ гуна рафтор кунад, аммо дар шуури ӯ арзишҳои муҳити нав ва дар куҷо ӯ метавонад онҳоро рад кунад, бо риояи системаи кӯҳнаи арзишҳо;

2) **марҳилаи таҳаммулпазирӣ** - фард ва муҳити нав нисбат ба низомҳои арзишӣ ва намунаҳои рафтори ҳамдигар таҳаммулпазирӣ нишон медиҳанд;

3) **манзил** – аз ҷониби шахс эътироф ва қабули арзишҳои асосии муҳити нав дар баробари эътирофи баъзе арзишҳои шахсият аз ҷониби муҳити нав;

4) **ассимилятсия** – ба ҳам мувофиқати куллии системаҳои арзишҳои фард ва муҳит.

Ҳавасмандкунӣ фаъолияти руҳӣ ва ҷисмониро беҳтар мекунад. Ҳавасмандиро интихоби ҳадаф, саъю кӯшиш, муваффақият ва нокомӣ муайян мекунад. Бо афзоиши ҳавасмандӣ, самаранокии амалҳо меафзоянд, аммо танҳо то ҳадди муайян. Ҳавасмандии аз ҳад зиёд аҳаммиятнок, вобастагӣ ба натиҷаи баромадҳо дар мусобиқаҳо, қатъиян роҳ надодан ба хурдтарин нокомӣ боиси ҳаяҷон, изтироб ва баъзан тарсу ҳарос шуда, ангезаи манфӣ мегардад. Вайрон кардани механизмҳои мураккабтарини мутобиқшавии инсон ба шароити тағйирёбандаи муҳити зист боиси пайдоиши фишори манфии эмотсионалӣ ва

тағйироти гуногуни функсионалии ба он алоқаманд дар организм гардад, ки бештар ба ҳолати стресс бурда мерасонад.

Бухрон (аз калимаи юнонии — кризис — гирифта шуда, маънояш қарор, нуқтаи гардиш) ҳолатеро тавсиф мекунад, ки дар натиҷаи проблемае, ки шахс дучори он мегардад, аз он гурехта наметавонад ва дар муддати кутоҳ ва ба таври маъмул ҳал карда наметавонад. Мисоли чунин мушкилот бемории вазнин, тағирёбии намуди зоҳирӣ, якбора тағйир ёфтани мақоми иҷтимоӣ, марги шахси наздик ва ба монанди инҳо мебошад.

Бухрон як зарбаи ҷиддиест, ки имконияти муайяни расидан ба сатҳи пештараи зиндагиро нигоҳ медорад. Масалан, шахсе, ки бо сабабҳои муайян бекор мемонад, имкони дубора пайдо кардани онро дорад. Вазъияти навъи дуюм - худи буҳрон - нақшаҳои мавҷудаи ҳаётро бебозгашт аз байн мебарад ва роҳи ягонаи баромадан аз вазъият тайғир додани худи шахсият ва маънои ҳаётро мегузорад.

### АДАБИЁТ


1. Каримова М.Т., Муъминова Ф.М.,Боҳирова С.С. Ташкили кори иҷтимоӣ дар Тоҷикистон. / М.Т. Каримова, Ф.М. Муъминова, С.С. Боҳирова. -Душанбе. с. 2011.
2. Маҷмуи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба ҳифзи иҷтимоӣ ва хизматрасонӣ ба аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон-Д., 2011.
3. Матафонова, Т.Ю. Психологические аспекты инвалидности / Т.Ю. Матафонова, В.А. Бронников, М.С. Надымова // XX Мерлиновские чтения: В.С. Мерлин и системное исследование индивидуальности человека: материалы межрегион. юбилейной науч.-практ. конф. 19–20 мая 2005 г., Пермь / науч. ред. Б. А. Вяткин, отв. ред. А.А. Волочков; Перм. гос. пед. ун-т. – Пермь, 2005.
4. Психология: китоби дарсӣ барои донишҷуёни макотиби олӣ (Давлатов М., Юнусова Н.М., Расулов С.Х. ва диг.; Зери таҳрири Давлатов М. - Душанбе, «Собириён», 2010.
5. Расулов С.Х., Саидзода А.Р., Каримиён Қ.М. Психология: шарҳи нақшавӣ ва тафсири кӯтоҳ. Воситаи таълимӣ / С.Х. Расулов, А.Р. Саидзода, Қ.М. Каримиён. –Душанбе, 2020.
6. Реабилитация инвалидов средствами искусства. Международная научно-практическая конференция в форме интервью участников парамузыкального фестиваля: Филатов Бекман. РГСАИ «НАУЧНАЯ БИБЛИОТЕКА», 2016.


### ХУСУСИЯТҲОИ ПСИХОЛОГИИ ШАХСИЯТҲОИ МАЪЮБИЯТИ ҶИСМОНИДОШТА


Вазъияти маъюбӣ шахсро дар шароити махсуси зиндагӣ қарор дода, сафарбар кардани тамоми қувваи руҳӣ ва ҷисмонии ӯро талаб мекунад. Аксар вақт шахси маъюб мустақилона бо ин ҳолат мубориза бурда наметавонад ва дар вай ҳолати ноустувории психикӣ пайдо мешавад, ки бо вайрон кардани худтанзимкунӣ, номутавозунии эмотсионалӣ, зиёд шудани изтироб, хастагӣ тавсиф мешавад ва инчунин боиси як қатор мушкилоти психикӣ мегардад.



**КАЛИДВОЖАҲО:** ноустувории психикӣ, танҳоӣ, ғамгинӣ, ҳолатҳои худкушӣ, маъюбон, шахсони имкониятҳояшон маҳдуд.


### ПСИХОЛОГИЧЕСКАЯ ХАРАКТЕРИСТИКА ЛИЧНОСТЕЙ С ОГРАНИЧЕННЫМИ ФИЗИЧЕСКИМИ ВОЗМОЖНОСТЯМИ


Ситуация инвалидности ставит человека в особые условия жизни и требует мобилизации всех его психических и физических сил. Зачастую инвалид не может самостоятельно справиться с этим состоянием, и у него возникает состояние психической неустойчивости, которое характеризуется нарушением самоконтроля, эмоциональной неуравновешенностью, повышенной тревожностью, утомляемостью, а также вызывает ряд психических проблем.



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА***:* психическая нестабильность, одиночество, печаль, случаи суицида, инвалиды, люди с ограниченными возможностями.


### PSYCHOLOGICAL CHARACTERISTICS OF PERSONS WITH LIMITED PHYSICAL ABILITIES


The situation of disability puts a person in special living conditions and requires the mobilization of all his mental and physical strength. Often, a disabled person cannot cope with this condition on his own, and he develops a state of mental instability, which is characterized by impaired self-control, emotional imbalance, increased anxiety, fatigue, and causes a number of mental problems.



**KEYWORDS:** mental instability, loneliness, sadness, cases of suicide, disabled people, people with disabilities, crises, unemployment, excitement, anxiety, and fear.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Қудратуллозода Шоира Қудратулло*** **–** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти курси дуюми ихтисоси психология. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **915446776.**

**Сведения об авторе:** ***Кудратуллозода Шоира Кудратулло*** – Таджикский национальный университет, магистрант второго курса по специальности психологии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **915446776.**

**Information about the author:** ***Kudratullozoda Shoira Kudratullo*** – Tajik National University, second-year master`s student in psychology. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phone: **915446776.**

# ТАЪСИРИ ОМИЛҲОИ ИҶТИМОӢ - ПСИХОЛОГИИ МУҲИТИ ОИЛА БАРОИ РУШДИ КӮДАК

***Ниёззода З.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Оила ин аввалин коллективи устувор дар ҳаёти кӯдаки хурдсол аст. Дар оила ҳанӯз пеш аз мактаб хислатҳои асосии характери кӯдак ва одатҳои ӯ ташаккул меёбанд. Асоси шахсият маҳз дар оила гузошта мешавад. Он дар кӯдак аз рӯзҳои аввали ҳаёт дар раванди муносибатҳои наздик бо модар, падар, бародарон, хоҳарон, бобою бибӣ ва дигар хешовандон шакл мегирад. Оила метавонад ҳамчун омили мусбат ва манфии тарбия амал кунад. Таъсири мусбат ба шахсияти кӯдак дар он аст, ки ба ҷуз аз афроди ба ӯ наздиктарин дар оила - модар, падар, бибӣ, бобо, бародар, хоҳар ҳеҷ кас бо кӯдак муносибати хуб намекунад, ӯро дӯст намедоранд ва дар баробари ин, ҳеҷ як ниҳоди дигари иҷтимоӣ дар тарбияи фарзандон ба қадри як оила зарар расонида наметавонад.

Кӯдак дар оила таҷрибаи аввалини ҳаётиро меомӯзад, *аввалин мушоҳидаҳоро мекунад ва меомӯзад ки чи гуна худро дар ҳолатҳои гуногуни ҳаётӣ нишон диҳад. Хело муҳим аст, ки он чизеро ки мо ба кӯдак меомӯзонем бо мисолҳои мушаххас тасдиқ карда шавад, то ӯ бубинад, ки дар калонсолон назария аз амалия дур намешавад. Масалан, агар кӯдаки шумо бубинад, ки падар ва модараш ҳар рӯз ба ӯ мегӯянд, ки дурӯғ гуфтан хуб нест ва худашон ин қоидаро вайрон мекунанд, ҳамаи тарбияи кардаашон метавонад барбод равад.* "Волидони хубро фарзандонашон низ хуб мешаванд. Фарзандони хуб бошанд, бешубҳа соҳиби ҳаёти хуб ваояндаи хуб мегарданд". Дар оила кӯдак ҳурмати *калонсолон, ёрӣ расонидан ба пиронсолону беморон, кори муштараки хоҷагидорӣ, фиреб, ёрии байниҳамдигарӣ, дағалӣ, зебопарастӣ ва ғайраро меомӯзад. Ҳеҷ чиз ҷойи оиларо гирифта наметавонад. Маҳз оила асоси зиндагӣ ва тарбияи кӯдак аст. Муҳим он аст, ки волидон нисбат ба фарзандони худ гармӣ ва муҳаббат зоҳир кунанд.*

*Муҳити оила дар ташаккули мафкура ва рушди хамаҷонибаи кӯдак саҳми муассир дорад. Чунки кудак тарбияи нахустини худро аз оила мегирад.*

Оила яке аз муҳити беҳтарин барои рушди кӯдак ба ҳисоб меравад. Маҳз муҳити оила ҳаст, ки барои рушди кӯдак мусоидат мекунад. Чунки кӯдак тарбияи нахустини худро аз оила мегирад. Оила мактаби нахустин барои инкишофи кӯдак мебошад. Вакте ки кудак таваллуд мешавад, аз ҷиҳати хусусиятҳои инфиродӣ ва аз ҷиҳати характер фарқ мекунад. Маҳз тарбияи оила сабабгори ҳам аз ҷиҳати физиологӣ ва ҳам аз ҷиҳати психологӣ рушд ёфтани кӯдак мегардад. Аммо шумораи зиёди оилаҳое ҳастанд, ки дар кишвари мо серфарзанданд ва онҳо тарбияи дурустро ба фарзандони худ дода наметавонанд. Дар як мақоли англисӣ оварда шудааст: "Пеш аз оне, ки кӯдакатро тарбияи мекунӣ, бояд худатро тарбия намоӣ".

А. Р. Лурия ва Г. М. Дулнев чунин қайд мекунанд, ки дар инкишофи кӯдак на таъсири омилхои физиологӣ, балки, инчунин, таъсири омилҳои иҷтимоӣ ва психологӣ низ таъсир мерасонанд. Омилҳои рушди кӯдакон зиёд аст ва дар мақолаи мазкур ду омили муҳимро

овардем: омили иҷтимоӣ-психологӣ ва омили биологӣ. Дар ин ҷо омилҳои иҷтимоиро ба се гурӯҳ ҷудо мекунанд:

1. микрофактор (оила, дӯстон, хешу табор, муасиссаҳои таълимӣ);

2. мезофактор ( шароите, ки кӯдак дар он рушд мекунад, хусусиятҳои нажод, фарҳанг);

3. макрофактор ( падидаҳои ҷаъмиятӣ ба мисли демография, сиёсат, иқтисод, экология).

Чи хеле ки дар боло қайд кардем, оила ин мактаби аввалин ва муҳимтарин барои рушди кӯдак мебошад. Агар ба таърихи фарҳангу адаби миллати қадимаи мо назар кунем, дармеёбем, ки ниёгонамон ба таълим ва тарбияи инсон, махсусан кӯдакон таваҷҷуҳи хосса зоҳир мекарданд. Дар асрҳои миёна тарбияи кӯдакон ва такомули ғановати маънавии он дар мадди назари мутафаккирон қарор гирифт. Ин аст, ки дар баробари рушду ташаккул ва инкишофи адабиёти бадеӣ, илмӣ, таърихи ва фалсафӣ - ахлоқӣ ба монанди “Насиҳатнома” – и Унсурмаоли Кайковус, “Бӯстон” ва “Гулистон”- и Саъдии Шерозӣ, “Баҳористон”- и А. Ҷоми саросар ба насиҳати фарзанд бахшида шуда, ҳамчунин як қисмати муҳимми таъмини тарбияи ахлоқиро фаро гирифтаанд.

Агар ба таърих нигарем мебинем, ки ду шакли муносибатҳои байниҳамдигарӣ (шавҳар-зан, волидайн-кӯдакон) оиларо аз мавқеи аъзоёни калонсолони он тавсиф медиҳанд. Аммо тавсифу баҳодиҳии оила аз мавқеи кӯдакон - муносибати онҳо ба худи оила бо волидайн ва хешу таборон, муносибатҳои байниҳамдигарии онҳо байни худ, қаноатмандии онҳо аз муносибаташон ба оила ҳамчун гурӯҳи иҷтимоӣ - солҳои дароз ҳамчун муаммои ҳалталаб ҳисобида мешуд. Кӯдак ҳамчун муайянкунандаи ҷудонашавандаи оила ба ҳисоб мерафт, вале ҳамчун воҳиди мустақили он дониста намешуд. Олами оила, олами калонсолон буд ва ба он тааллуқ дошт. Бинобар ин, ба кӯдакӣ ҳамчун ба арзиши махсуси мустақил нигаристан ва кӯдакро, пеш аз ҳама, ҳамчун субъекти иҷтимоӣ дида баромадан - ин ҳама омили муҳимми инкишофи психикии аъзоёни оила мебошад. Муносибат бо кӯдак ҳамчун аъзои баробарҳуқуқи оила ва баҳисобгирии манфиатҳои ӯ маънои ондо дорад, ки акнун кӯдак ҳамчун мавҷудияти мустақил баромад карда, хушию саломатии ӯ барои волидайн ҳамчун шартҳои муҳим хизмат мекунанд. Калонсолон дар ин сурат, дар оила ба алоқаю муносибати гарму самимии эмотсионалӣ кардан бо кӯдакон мегузаранд, хоҳиши талабот ва шавқу ҳаваси ӯро ҳангоми ҳалли масъалаҳои оилавӣ ба эътибор мегиранд, ки ин бешубҳа, ба сохти иҷтимоӣ - психологии оила таъсир нарасонида наметавонад.

Ҳоло равиши тарбиявии қисми зиёди падару модар ҳамон равиши тарбиявии суннатиест, ки дар гузашта дар фазои он худашон тарбия ёфта будаанд. Бо ин равиш наметавон тарбияи фарзандро барои замони муосир, замони рушди босуръати техника ва технологияи нав тарбия кард. Дар ин маврид дар шароити ҷаҳонишавӣ моро зарур аст, ки равиши тарбияро ба таври куллӣ таҷдиди назар намоем. Раванди ҷаҳонишивӣ дар баробари дигар омилҳо ва таълиму тарбия низ таъсири худро расонида истодааст. Албатта, ҳамқадами кишварҳои пешрафта ва рушдёфта будан боиси ифтихор аст. Вале дар ин раванд ҳифзи анъанаҳои миллӣ ва тарбияи фарзандон дар руҳияи эҳтироми фарҳанги тамаддуни миллӣ ва арзишхои волои он бояд дар мадди аввал қарор гирад.

Маълум аст, ки имруз дар интернет маводҳое пахш мешаванд, ки ба мафкураи кӯдакон ва наврасон таъсири манфӣ мерасонад. Ин амал дар натиҷа дар ахлоқу рафтори кӯдакон таъсир расонида, онҳо даст ба корҳои ношоён мезананд. Зарур аст, ки волидайн тарбияи кӯдаконро бо назардошти табиати ӯ дар мухити хуби оила роҳандозӣ намуда, имконоти хубро барои рушди ӯ фароҳам оранд.

Тарбия дар оила - робитаи мутақобилаи байни аъзоёни калонсол ва хурдсоли оила мебошад, ки аз меҳру муҳаббат ба фарзанд ва эҳтиром ба шаъну арзишҳои ӯ сарчашма гирифта, ҳимояи педагогӣ-психологии ӯро бо назардошти қобилияту маҳорат, дар заминаи арзишҳои оилавӣ ва ҷамъиятӣ таъмин менамояд. Ба ақидаи Т.А. Куликова ҳар як оила то ҳадди ақал имконияти тарбияткуниро дорад.

Э.Г. Эйдемиллер чунин тарзҳои мухолифатро дар тарбия намудани фарзанд ҷудо намудааст: ғамхории аз ҳад зиёд ва беаҳаммиятӣ. Аз ҳама шаклҳои маъмули тарбияи

нодурусти фарзанд ин ғамхории аз меъёр зиёд ва беаҳамиятӣ нисбати фарзанд мебошанд (Ф.Ф. Рау, Н.Ф. Слезина).


### АДАБИЁТ

1. Асмолов А.Г. Психология личности: Учебник / А.Г. Асмолов. - М.: Изд-во МГУ, 2004.
2. Баркан А.И. Практическая психология для родителей, или как научиться понимать своего ребенка / А.И. Баркан. - М., АСТ-ПРЕСС, 1999.
3. Давлатов М. Оила ва рушди шахсияти фарзандон / М. Давлатов. - Душанбе, 2014.
4. Давлатов М.Т. Психология: китоби дарсӣ барои донишҷӯёни макотиби олӣ / М.Т. Давлатов. - Душанбе, 2010.
5. Давлатов М.Т. Ёраҳмадов А.С. Машварати психологӣ: таҳлили вазъиятҳо ва тавсияҳо. Дастури таълимию методӣ барои донишҷӯёни ихтисоси психология / М.Т. Давлатов. - Душанбе, 2019.
6. Жинкин Н.И. Коммуникативная система человека и развитии речи в школе / Н.И. Жинкин. - М. 1969.
7. Қодиров С. Давлатов М. Психологияи иҷтимоӣ / С. Қодиров, М. Давлатов. - Душанбе, 2004.
8. Виготский Л.С. Воображение и творчество в детском возрасте / Л.С. Виготский. - М. Просвещение, 1991.
9. Маклаков А.Г. Общая психология / А.Г. Маклаков. - СПб.: Питер, 2001.
10. Мирзоалӣ Алиев. Маҷмуи тестҳои психологӣ. Қисми 2. Психологияи муносибатҳои оилавӣ / Мирзоалӣ Алиев. - Душанбе, 2016.
11. Мустафоқулов Т., Нарзуллоева М. Асосҳои психологияи синнусолӣ ва педагогӣ / Т. Мустафоқулов, М. Нарзуллоева. - Кӯлоб, 1993.
12. Ёрмуҳаммад Н. Моделҳои худшиносии инсон ё рушди шахсияти солим / Н. Ёрмуҳаммад. - Душанбе, 2009.
13. Назруллоева М. Психологияи бачагона. Қисми 2. / М. Назруллоева. - Душанбе, 2007.
14. Популярная психология для родителей / Под ред. А.А. Бодалева, А.С. Спиваковской, Н.Л. Карповой. [Текст] - М.: Флинта: Московский психолого-социальный институт, 1998.



### ТАЪСИРИ ОМИЛҲОИ ИҶТИМОӢ - ПСИХОЛОГИИ МУҲИТИ ОИЛА ДАР РУШДИ КӮДАК

Ташаккулёбии шахсияти инсон маҳз аз оила сарчашма мегирад. Омилҳои дигаре низ ҳастанд, ки ба ташаккулёбии шахсияти инсон таъсир мерасонанд, аммо оила нақши калидиро мебозад. Кӯдакон ҳар он чизеро ки дар оила мебинанд, меомӯзанд. Ба монанди муошират бо дӯстон, бо одамони бегона, дар умум, тарзи либоспӯшӣ, тарзи рафтор. Волидайн барои онҳо намунаанд. Мо низ бо мақсади исботи ин гуфтаҳо тадқиқотамонро бо мақсади омӯзиши муносибатҳои байниҳамдигарӣ дар оила ва таъсири оила дар шахсияти кӯдак гузаронидем.



**КАЛИДВОЖАҲО:** омилҳо, иҷтимоӣ, психологӣ, муҳити оила, рушд, кӯдак, таъсир, муошират, шахсият.



### ВЛИЯНИЕ СОЦИАЛЬНО - ПСИХОЛОГИЧЕСКИХ ФАКТОРОВ СЕМЕЙНОЙ СРЕДЫ НА РАЗВИТИЕ РЕБЕНКА

Формирование личности человека берет свое начало в семье. Есть и другие факторы, влияющие на развитие личности человека, но ключевую роль играет семья. Дети учатся всему, что видят в семье. Такие как общение с друзьями, с незнакомыми людьми, вообще манера одеваться, манера поведения. Родители для них являются примером для подражания. Для доказательства этих утверждений мы также провели исследование по изучению взаимоотношений в семье и влияния семьи на личность ребенка.



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** факторы, социальные, психологические, семейная среда, развитие, ребенок, влияние, общение, личность.



### INFLUENCE OF SOCIAL AND PSYCHOLOGICAL FACTORS OF THE FAMILY ENVIRONMENT ON THE CHILD'S DEVELOPMENT

The formation of a person's personality originates in the family. There are other factors that influence the development of a person's personality, but the family plays a key role. Children learn everything they see in the family. Such as communication with friends, with strangers, general way of dressing, demeanor. Parents are role models for them. To prove these statements, we also conducted a study to study relationships in the family and the influence of the family on the child's personality.



**KEYWORDS:** factors, social, psychological, family environment, development, child, influence, communication, personality.



**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Ниёззода Зухро*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти факултети фалсафа. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **772220231.**

**Сведения об авторе:** ***Ниёззода Зухро*** – Таджикский национальный университет, магистрант факультета философии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **772220231.**

**Information about the author:** ***Niyozzoda Zuhro –*** Tajik National University, master's student of Faculty of Philosophy. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phone: **772220231.**

## МАСЪАЛАИ ҲАСТӢ ДАР ТАЪЛИМОТИ ИБНИ СИНО

***Султонбегавмова Д.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Абуалӣ ибни Сино (980-1037) аз бузургтарин мутафаккирони асрҳои миёнаи Шарқ мебошад, ки бо андешаҳои фалсафии худ доир ба масъалаҳои ҳастӣ мақоми хосро касб кардааст. Масъалаи ҳастӣ яке аз қисмҳои марказии таълимоти фалсафии Ибни Сино маҳсуб меёбад, ки мутафаккир дар асарҳои "Шифо", "Донишнома", "Мабоҳису-л-машриқия", "Таълиқот", "Наҷот" ва дигар осораш қисман ё бевосита таъкид намудааст. Бинобар сабаби васеъ будани мавзуи мазкур ва имкон надоштани ғунҷоиши онҳо дар ин мақола мо танҳо ба масъалаи ҳастӣ ва ҳаракат дар таълимоти Ибни Сино мепардозем.

Ибни Сино бар хилофи «Шифо» ва «Донишнома» дар «Фалсафаи машриқия» ё «Ҳикмати машриқия»-и худ, чунон ки пеш гӯшзад шуд, фалсафаро бо номи илми куллӣ чун чузъи чаҳоруми фалсафаи назарӣ аз илоҳиёт комилан чудо мекунад ва таъкид менамояд, ки он аз ҷумла сифатҳои куллии ҳастӣ - ваҳадат, касрат, кул, ҷузъ, иллат, маълул ва мисли ин масоили ҳастиро меомӯзад ва ҳаллу фасл менамояд. Аз ин тавсифи мухтасари андешаи Ибни Сино равшан мегардад, ки ҳастӣ масъалаи меҳварии ҳам фалсафа ва ҳам илоҳиёти Ибни Сино аст. Фалсафа ба маънии истилоҳии ин лафз ё илми куллӣ баррасии масоили умумии ҳастии табииро анҷом медиҳад. Илоҳиёт дар навбати худ ба баррасии масоили куллии ҳастии барин ва фавқуттабиъӣ иштиғол меварзад. Бинобар ин, пеш аз он ки ба таҳлили масоили мушаххаси фалсафа ва илоҳиёти Ибни Сино пардозем, мухтасаран оро ва ақоди ӯро дар хусуси ҳастӣ, навъҳои он, моҳият ва вуҷуд баён мекунем.

Ибни Сино муътақид буд, ки ҳастӣ (вуҷуд) бар хилофи нестӣ (адам) амри воқеист. Дар хусуси моҳияти таърифи ҳастӣ бошад, мутаффакир бар он назар аст, ки таъриф додан ё тарсим кардан он амри мумтанеъ аст. Ҳамчунон ки ӯ таъкид месозад: «Ҳастиро хирад худ бишносад бе ҳад ва бе раём, ки ӯро ҳад нест ва ӯро ҷинс ва фасл нест, ки чизе аз вай омтар бошад. Ва варо раём нест, зеро ки чизе аз вай маъруфтар нест. Орӣ бошад, ки номи варо ба забоне дунӣ (дунявӣ) забоне бишносанд, пас ба тадбире огоҳӣ диҳанд, ки бад - он лафз чӣ хоҳанд. Масалан, агар ба тозӣ гуфта бошанд, ба порсӣ тасвири вай кунанд ё ишорат кунанд, ки вай он аст, ки ҳамаи чизҳо андар зери вай оянд». [6,с-8-9] Ин гуфтаҳои Ибни Сино аз он далолат мекунад, ки доир ба моҳияти худи ҳастӣ ё худ нахуст субстансия наметавон ҳеҷ тасвир ё шаклеро ишор кард, ки он барои ҳама фаҳмо бошад, зеро он на дорои сурат ва шаклест, ки барои омму хос дастарс бошад. Ҳамчуноне ки ӯ дар асари дигари худ, ки «Наҷот» ба он ишора менамояд: «Шарҳи вуҷуд мумкин нест, магар аз роҳи шарҳи исми он, зеро вай мабдаи аввали ҳамагуна шарҳҳост, аз ин рӯ, худ шарҳе надорад, балки сурати он бе тавассути чизе дар зеҳнҳо воқеъ мешавад» [6,с-9]. Ин назари Ибни Сино дар таърихи фалсафаи тоҷик маълум аст. Масалан, яке аз файласуфони муосири Эрон Маҳди Ҳоири Язидӣ дар китоби худ «Илми куллӣ» чунин таъкид менамояд: «мафҳуми вуҷуд (ҳастӣ) мафҳуми бадеҳиу-т-тасаввур аст, ки аз фарти вузуҳ дар дарки он комилан аз таъриф ва ташреҳ бениёзем. Агар ҳам аҳёнан таърифоте барои вуҷуд дар истилоҳи фалосифа ёбем (монанди собиту-л-айн ё ин ки «вуҷуд чизе аст, ки аз он хабар медиҳанд), инҳо тамоман таърифи лафзӣ ва луғавиян ва шарҳулисм ва таъриф ба ҳад ва раем нест» [8,с-19-20]. Дарвоқеъ байни андешаҳои Ибни Сино ва Маҳди Язидӣ метавон як монандию алоқамандиеро мушоҳида кард, ки зери пайравии Ибни Сино онро баён кардааст. Доир ба ин масъала Ибни Сино дар хусуси воҷибулвуҷуд дар асари "Таълиқот"-и худ низ чунин ишора менамояд: "Тамоми ин мавҷудот аз зоти ӯ содир шаванд ва ин тақозои зоти ӯ буда, ба зоти ӯ мухолиф нест. Ӯ ба зоти худаш ошиқ шавад. Тамоми ин ашё иродаи зоти ваянд. Иродаи вай будани ин ашё баҳри ғаразе набуда, балки баҳри зоти ӯст, зеро ин тақозои зоти

ӯст ва иродаи ӯ ироаи мавҷудот набуда, балки барои зоти вай аст, зеро инҳо тақозои зоти ваянд" [2, с-34].

Дар хусуси масъалаи таъриф бошад, Ибни Сино онҳоро ба ду навъ таъриф кардааст: таъриф тавассути ҷинсу фасл ва таъриф тавассути расм. Ҳангоми таърифи лафзҳо аз мафҳумҳои куллии фалсафӣ истифода намуда, онро бо мафҳуми «ҳастӣ» ва «нестӣ» ишора кардааст. Ҳангоми истифодаи таърифи лафзи «ҳастӣ» мутафаккир чунин меҳисобад: «Ҳастӣ мақулаи фалсафиест, барои ифодан таърифаш нестӣ (адами)-и ашё, падидаҳо ва равандҳои моддию руҳонии воқеӣ ва айнӣ фаҳмида мешавад»...ё «ҳастӣ мақулаи фалсафиест барои ишора ва ифодаи ашёи айнии моддию руҳонӣ ва падидаю равандҳои онҳо фаҳмида мешавад» [8,с-12]. Дар ин ҷо Ибни Сино зери мафҳуми ҳастӣ ҳама гуна навъи ашёеро ишора мекунад, ки мавҷудияти он имкон дорад, ҳатто зери мафҳуми "нестӣ" ҳастиро низ ишора намуда, маҷудияти мафҳуми нестиро дар мавҷудияти он дар тафаккури инсон донистааст. Бинобар сабаби он ки Ибни Сино муътақиди «ҳастӣ» ҳангоми тақсими аввалӣ ба ҷавҳар ва араз намудааст [8,с-9], таърифи онро дар доираи мафҳуми ҳузури айнии ҷавҳарию аразӣ ишора карда, ба ҳайси таърифи «ҳастӣ» он чиро ишора месозад, ки ҳама чиз дар асоси он ба вуҷуд меоянд.

Аз таҳлилу баррасии тавзеҳи ин навъҳои таърифи ҳастӣ моҳият ва муҳтавои лафзии он чунин бар меояд, ки навъи аввали таърифи «ҳастӣ» ба қоидаи таъриф тавассути ишораи муносибати мавзуъ ба зидди худ бештар мувофиқат дошта, аз назари мантиқӣ низ безиддият ба мушоҳида мерасад. Ҳарчанд Ибни Сино бо такя ба дараҷаи тараққии мантиқи замони худ, хусусан фасли он дар бораи таъриф, тасниф ва таксими лафз (мафҳум), ки нокифоя таҳқиқ шуда буд, аз таъриф додани «ҳастӣ» даст боз медорад, вале муҳтавои онро бисёр васеъ ва доманадор баррасӣ менамояд. Ҳастӣ, аз назари ӯ, ҳам ашёи маҳсус, ҳам ашёи руҳонӣ, ҳам ашёи маконгир, ҳам ашёи номаконгирро фаро мегирад. Ин назари мутафаккир баёнгари он аст, ки вай ҳадди ақал ду навъи ҳастиро эътироф дошт - (1) ҳастии моддӣ, ки ҳама ашё, падида ва равандҳои моддиро шомил аст, (2) ҳастии руҳонӣ, ки лафз (мафҳум)-ҳои зеҳнию ақлонӣ ва ашёи гуногуни муфориқ ва фавқуттабииро фаро мегирад. Ба ин маънӣ таълимоти ӯ дар бораи ҳастӣ аз назариёти зурвониён ва даҳриён, ки танҳо ҳастии моддиро эътироф намуда, ҳамагуна тазоҳуроти ҳастии руҳониро инкор мекарданд, ба куллӣ тафовут дорад. Пас бояд гуфт, ки «ҳастӣ» аз назари Ибни Сино мафҳуми фалсафиест, ки онро метавон ҳам барои ишораи ашёи махсус ва ҳам барои ишораи ашёи муфориқ ба кор бурд, зеро «ҳастӣ табиате аст, ки ҳамли он бар ҳар чизе, хоҳ он ҷавҳар аст, хоҳ ғайри ҷавҳар, саҳеҳ аст» [3,с-9]. Ҳамзамон, ӯ бовар дошт, ки категория «ҳастӣ» дар бораи ашё на айнан, балки ба таври ташкик гуфта мешавад. Чуноне ки ӯ дар асари «Донишнома»-и худ таъкид месозад: «Ҳастӣ бар ин даҳ [мақула] на чунон барафтад, ки «ҳайвонӣ» бар мардум ва бар асп, ки якеро беш аз дигаре набувад ва на чунон чун сафедӣ бар барф ва кофур, ки якеро беш аз дигаре нест, ки то мутавотӣ будӣ, ки ин чунинро мутавотӣ хонанд, ки бар чизҳои бисёр ба як маънӣ афтад бе ҳеҷ ихтилоф, балки ҳастӣ нахуст мар ҷавҳарро ҳаст ва ба миёнҷии ҷавҳар мар каммият ва кайфият ва изофаро ва ба миёнҷии эшон мар он боқиро. Ва ҳастии сиёҳӣ ва сафедӣ ва дарозӣ ва паҳноӣ чунон нест, ки ҳастии замон ва тағайир, ки эшонро сабот аст ва замону тағайюрро сабот нест. Пас ҳастӣ бар ин чизҳо пешу пас афтад ва ба камобешӣ, ҳар чанд бар як маънӣ афтад ва чунинро мушаккак хонанд» [8, с-38]. Ин мавқифи худро ӯ дар асараш «Мубоҳисот» низ таъйид мекунад: «Ҳастӣ маъние аст, ки бар чизҳо ба пешинӣ ва пасинӣ меафтад ва бархе аз ҳастӣ баҳраи устувореро дороест, монанди ҷавҳар ва он чӣ ба худ истодааст (қоим би нафсиҳи) ва ҳастӣ дар он чӣ доройӣ вуҷуд аст мухталиф нест, балки агар ихтилофе ҳаст дар устувоӣ (тааккуд) ва заъф аст» [7, с-58].

Маврид ба зикр аст, ки муҳимтарин масъалаи ҳастӣ, ки Ибни Сино ба он таваҷҷуҳи хос зоҳир намудааст, масъалаи силсилаи ҳастӣ ва мавҷудоти ба он марбут аст, ки мутафаккир ба он дар асари «Наҷот»-и худ ишора намудааст. Ба ақидаи Ибни Сино чизҳои аз ҳама шоистатарин барои ҳастӣ сараввал ҷавҳарҳо, сипае аразҳоянд, ки дар аҷсом нестанд ва шоистатарини ҷавҳарҳо барои вуҷуданд, магар ҳаюлои уло, ки онҳо сетоянд: модда, сурат ва муфориқ, ки на ҷисм аст ва на ҷузъе аз ҷисм ва вуҷуди он ногузир аст, зеро ҷисм ва ҷузвҳои он маълуланд. Ва инсон саранҷом ба ҷавҳаре мерасад, ки он иллатест нопайваста

[ба модда], балки комилан муфориқ. Пас нахустин мавҷуди шоистаи ҳастӣ ҷавҳари муфориқи нопайваста ба ҷисм аст, сипас сурат ва сипас модда. Ҳарчанд [модда] сабаби ҷисм аст, аммо сабаби бахшандаи ҳастӣ нест, балки пазиро (махал)-и хусули ҳастӣ аст. Ҷисм дорои хаюло ва афзун бар он дороии сурат аст, ки ҳаюло комилтар аст, ки пас аз инҳо араз аст. Дар ҳар табақае аз ин табақот шуморе аз мавҷудот ёфт мешаванд, ки дар хастӣ мутафовутанд». [5, с-27] Аз ин гуфтори мутафаккир бармеояд, ки вай аввалияти ҳастии муфорикро бар ҳастии моддӣ эътироф дорад.

Ибни Сино ба масъалаи ҳастӣ ва сабабҳои он дар «Ишорот ва танбеҳот»-и худ ишора намуда, дар ҳаллу фасли масъалаи асолати моҳият ё вуҷуд таваҷҷуҳи зиёд зоҳир накардааст. Чуноне ки ӯ таъкид месозад: «Равост, ки моҳияти чиз сабаби сифате бувад аз сифоти ӯ ва низ равост, ки ин сифат сабаби сифати дигар бувад, чунон ки фасл арази хоссарост, аммо раво нест, ки сифати вуҷуд чизро сабаби моҳияте бувад, ки на аз вуҷуд бувад ё сабаби дигар сифат бувад, зеро сабаб андар вуҷуд муқаддам бошад бар мусаббаб ва ҳеҷ чиз муқаддам ба вуҷуд пеш аз вуҷуд нест» [4,с-30-34] ва ё ҷойи дигар чунин зикр месозад, ки «ҳастӣ на моҳияти чиз аст, на ҷузъи моҳияти чиз. Ин далолат ба он дорад, ки моҳият дохил дар мафҳуми чизе нест, ки дорои моҳият аст, балки танҳо дар он ориз мегардад» [4, с-49]. Ин гуфтаҳои Ибни Синоро метавон дар асоси чанд нукта ҷамъбаст намуд:

Моҳият чизест, ки дар ҷавоби суоли «чист он?», яъне дар ҷавоби суоли «ҳақиқати ашё чист?» гуфта мешавад. Ба ифодаи дигар моҳият чизест, ки дар вуҷуд ориз мегардад ва лозими он аст, ин мафҳуми «инсоният» ва инсон лафзи муҷаррадест, ки аз инсонҳои воқеӣ таҷрид карда шудааст;

Ҳастӣ чун воқеияти асил сабаби ҳастии моҳият аст ва бар он муқаддам аст, вай на моҳият аст, на ҷузъи моҳияти ашё;

Аз назари Ибни Сино асл ва мабдаи аввалин ҳастӣ (вуҷуд) аст, на моҳият. Ҳастӣ нахустасосест, ки ҳама чизҳо дар зери он оянд, дар сурате ки моҳият наметавонад сабаби ҳастӣ бошад.

Маврид ба зикр аст, ки дар масъалаҳои дигаре, ки ҳамчун қисми таркибии афкори Ибни Синоро доир ба масъалаҳои ҳастӣ ифода мекунанд, масъалаи ҳаракат, макон ва замон мебошанд. Дар масъалаи ҳаракат бошад, Ибни Сино дар қисмати “Табииёт”-и “Донишнома” маълумоти мухтасаре дар бораи “Оғози илми зерин, ё илми табиӣ”, “Пайдо кардани ҳоли ҷунбиш ва табиат”, “Пайдо кардани ҷунбиш андар каммият, ки чӣ гуна бувад”, “пайдо кардани он ки ҷунбиши гирд аз кадом боб бувад” ва “Пайдо кардани ҳолҳои ҷунбиш, ки чанд гуна бувад” ки мустақиман бо мавзӯи мо алоқаманданд, зикр намудааст. Ибни Сино зимни тавсифи ҳаракат ба суоли “ҳаракат чист?” чунин посух мегӯянд: “ҳаракат амалест, ки қабл аз ҳама дар макони муайяне сурат мегирад, яъне бидуни макон (ё хориҷ аз макон) вай анҷом намегирад. Ҳаракат, ҳар як ҳолат ва феъли чизи муайянро гӯянд, ки миёни имконият ва воқеият, аз қувва ба феъл гузаштан аст” [6,с-297]. Ба ақидаи Ибни Сино агар дар ҳолате, ки ҳаракат бо ирода (хост) гуногун бошад (яъне, нобаробар бошад), пас, вай ба итлоқ ва ба зот аз худаш нест, аммо барои он ки ҳаракат баробар (яксон) бошад, бояд баръакс, аз худаш барояд ва шарташ он аст, ки бо ирода ва ё ғайриирода (хост ва ҷуз хост) бошад, он гоҳ вайро нафс меноманд. Ҳадафи мутафаккир аз ин гуфтаҳо ҷунбиш буда, ӯ дар баробари ҳар ҷунбиш оромишеро медонад, яъне агар ҷисме, ки шояд дар макон (ҷой), ё миқдор (кам), ё сифат (кайф) ё дигар маънӣ, агар баробар биҷунбад, пас, ҳамчун натиҷа, ба чунин ҳолате хоҳад расид, ки онро сукун (оромида) меноманд.

Ибни Сино ба масъалаи ҷунбиши гирд (ҳаракати даврӣ ) мутаваҷҷеҳ шуда, навиштааст, ки: “Ҷунбиши гирд, ки гирди худ бувад, аз ниҳоде ба ниҳоде бувад, на аз ҷое ба ҷое. Ва бошад, ки андар ҷой набувад, чунонки он ҷисми пешин, ки чун бидонӣ, ки ҷой чӣ бувад, донӣ, ки вай андар ҷой набувад. Ва агар андар ҷой бувад, аз ҷой ҷудо нашавад, ки пораҳош аз пораҳои ҷояш ҷудо шавад ва ин ҳоли ниҳод ва вазъ бувад. Пас, ҷунбиши гирд андар вазъ аст. Ва ин чизе аст, аз ҷумлаи он чизҳо, ки мо ба ҷой овардаем” [6,с-300]. Ибни Сино хусусиятҳои онро чунин муайян мекунад: 1) ҷунбиши гирд, гирди худ бувад; 2) аз ниҳоде ба ниҳоде; 3) на аз ҷое ба ҷое; 4) метавонад дар ғайримакон бошад, мисли ҷисми пешин (яъне ҷисми нахустин); 5) танҳо пас аз донистани макон (ҷой), фаҳмидан мумкин аст,

ки ҳаракати гирд дар макон нест; 6) агар дар макон бувад, он гоҳ аз аз макон ҷудо намешавад, ҳамчунон ки пораҳояш аз якдигар ҷудо шаванд, зеро ки ин хоси ниҳод ва вазъ аст; 7) ин ҳаракат хоҳад шуд; 8) пас, ҷунбиши гирд дар вазъ аст.

Дар маҷмуъ метавон гуфт, ки ҳаракати гирд ҳаракатест, ки дар гирди худ анҷом мегирад, аз ҳолате ба ҳолате, вале на аз як ҷой ба ҷойи дигар. Ҳаракати гирд метавонад дар ғайримакон низ сурат гирад, аммо агар вай дар макон бошад аз макон, он гоҳ метавонад аз он ҷудо нашавад, ки ин ҳам ҳаракат мебошад. Ҳамин тавр, ҳаракати гирд дар вазъ сурат мегирад.

Дар хусуси пайдо кардани ҷунбиш андар каммият, ки чи гуна бувад Ибни Сино чунин менависад: “Ҷунбиш андар каммият (миқдор) ду гуна бувад: яке гуна ба ғизо бувад ва ин ду гуна бувад: яке нуму ва дигаре зубул. Ва дигар гуна на ба ғизо бувад ва ин гуна ду гуна бувад: яке такосуф ва дигаре тахалхул” [7,с-300]. Дар фасли “Пайдо кардани ҳолҳои ҷунбиш, ки чанд гуна бувад” Ибни Сино навиштааст: “Ҷунбиши ҷисмҳо се гуна бошад: як гуна ба араз бувад ва яке ба қаср ва яке ба табъ. Ҷунбиш ба араз он бувад, ки ҷисм андар чизе бувад, ки он чиз ҳамеҷунбад. Пас, сабаби ҷунбиши вай на ба сабаби ҷунбиши хеш аз ҷое ба ҷое шавад, чунонки ҷома, ки андар сандуқ, бувад ва сандуқ аз ҷое ба ҷое шавад, ҷома низ аз ҷое ба ҷое шавад, яъне аз ҷое на хос ба ҷое на хос, чунонки аз як хона ба хонаи дигар. Аммо ҷои хосаш ҳамон бувад, ки бувад, зеро ки ҷои хоси вай сандуқ аст” [7,с-301].

Ибни Сино дар ин фасл сегунагии ҳаракат: аразӣ, қасрӣ (маҷбурӣ) ва табъӣ (табиӣ ) таъкид намуда, ҳар кадоми онро алоҳида тавзеҳ медиҳад. Ҳаракати аразӣ, аз назари Ибни Сино, он аст, ки ҷисм дар дохили ҷисми дигар қарор дорад. Масалан, ҷома, ки даруни сандуқ аз хона ба хонае (аз макone ба макone) ҳаракат мекунад, аммо на аз ҷое на хос ба ҷое на хос, зеро ҷои хоси ҷома сандуқ аст. “Ва аммо ҷубиши қасрӣ он бувад, ки аз ҷои хос ба ҷои хоси дигар шавад. Валекин на аз худ бувад ӯро он аз ҷое ба ҷое шудан. Валекин аз сабаби берун аз зоти худ, чунонки чизе, ки ӯро бикашанд ё бисӯзонанд, ё биандозанд” [7,с-301-302].

Аммо дар ҳаракати қасрӣ (маҷбурӣ ) ҷисм “аз ҷойи хос ба ҷойи хос” мегузарад, аммо ин гузариш худ ба худ ба амал наомада, онро касе ё чизе ба таври сунъӣ ба вуҷуд овардааст, зеро сабаби он берун аз ҷинс аст. Мисли ин ки чизеро бикашанд, оташ зананд ва ё бипартоянд. “Ва табиӣ он бувад, ки ӯро он аз худ бувад, чунонки фурӯ шудани сангу об ва бар шудани оташу ҳаво. Ва агар фурӯ шудани сангу об ва бар шудани оташу ҳаво андар сабабе будӣ қасрӣ, чунонки гурӯҳе гӯянд, ки ҳаворо об аз худ бифишорад ва барандозад ва гурӯҳе гӯянд, ки ҷумлаи ҳаво мар ҳавоҳои ҷузвиро бикашад ба худ, ё ҷумлаи замин мар замини ҷузвиро бикашад ба худ, ё осмон мар заминро аз хештан дур кунад, ё осмон мар оташро ба хештан кашад, боистӣ, ки ҳар чӣ хурдтар будӣ, тезтар ҷунбидӣ ва ҳар чӣ бузургтар будӣ, дертар ҷунбидӣ. Ва кор ба хилофи ин аст. Пас, ин ҷунбишҳо аз табиати худ аст ва аз қибали ҷустани ҷои худ аст. Ва ҷунбишҳо, ки аз худ бувад, ё гирд бувад, ки андар ниҳод бувад, ки аз ниҳоде ба ниҳоде шавад ва он “нафсонӣ” аст. Ё рост бувад, ки андар ҷой бувад, ки аз ҷое ба ҷое шавад. Ва рост ду гуна бувад: ё барсӯ (болоравӣ), ки аз сабукӣ бувад, ё фурӯсӯ (поёнравӣ), ки гаронӣ бувад. Ва ҳар ду ё ба ғоят бувад, ё дуни ғоят. Ва бар шудани ғоят мар оташрост ва дуни ғоят ҳаворост ва фурӯ шудани ғоят заминрост ва дуни ғоят оброст.” [7, с-302].

Масъалаи ҳаракати табъӣ (табиӣ) бошад, аз назари Ибни Сино чунин аст, ки он худ ба худ ба амал меояд, мисли поин рафтани сангу об ва боло рафтани оташу ҳаво. Агар поинравии сангу об ва болоравии оташу ҳаво ба таври маҷбурӣ (қасрӣ ) сурат мегирифт, ҳамчунон ки баъзеҳо мегӯянд, ки ҳаво як қисми ҳаворо ба худ мекашад ва об ба ҳаво фишор оварда, онро берун мепартояд ё мисли дигар донишмандон, ки даъвои он доранд, ки тамоми ҳаво ҳавоҳои дигарро ба худ мекашад, ё замин як қисми заминро ба сӯйи худ мекашад ва осмон оташро мекашад, дар ин сурат мебоист, ки чизи сабуктару хурдтар тезтар ва баръакс, чизи калонтару вазнинтар дертар ҳаракат мекард. Аммо мо, баръакси гуфтаҳои донишмандонро мебинем, ки ин далолат бар ҳаракати табиӣ будани он мекунад, ки ҷисм макони худро меҷӯяд. Ба андешаи Ибни Сино ҳаракате, ки худ ба худ ба вуҷуд меояд, ё ҳаракати даврӣ (доирашакл) мешавад, ки дар вазъияти ҷисм, беҳтараш, ба қавли Ибни

Сино "андар ниҳод бувад, ки аз ниҳоде ба ниҳоде шавад ва он "нафсонӣ" аст", ё ки ростхата аст, ки дар макон – аз макон ба макone - ба амал меояд. Ҳаракати ростхата ду намуд мешавад: ё барсӯ (болораванда, майл ба боло дошта), ки аз ҳисоби сабукиаш боло меравад, ё фурӯсӯ (поинраванда, ба поин майл дошта), ки аз ҳисоби вазнинӣ (гаронӣ) ба поин ҳаракат мекунад. Ҳар ду ин намуди ҳаракатҳои ростхата: барсӯ ва фурӯсӯ метавонанд ғояте дошта бошанд, ё надошта бошанд. Ҳаракати болораванда, ки дорои ғоят аст, ҳаракати оташ аст, ки доимо ба боло равона аст, аммо ҳаракати беғояти болораванда хоси ҳаво аст. Аммо ҳаракати поинравандаи дорои ғоят, хоси замин аст. Ҳаракати поинравандае, ки дорои ғояте нест, ба ҳаракати об хос аст. "Ва ҳарчанд холистар бувад, ҷунбиши вай тезтар бувад ва росттар бувад. Ва чун ба мухолифи хеш омехта бувад, нcorrect": нorosттар ҷунбад ва гаронтар." [7,с-302]

Дар ин маврид сабабу иллати ҳаракат аз хориҷ буда, ба ҳукми зӯрӣ анҷом пазируфта истодааст ва ҳангоме ки он қувваи ҳукмкунанда бартараф шуд, ҳамоно он ба сӯйи макони табиии худ ҳаракат мекунад. Дар натиҷа мегӯяд муаллиф, аҷсоме, ки дар асоси ҳаракати табиии худ ба сӯйи боло меравад, ҷисмҳои сабук ва онҳое, ки ба сӯйи поён (сарозер) меравaнд, ҷисмҳои сақил, яъне вазнин номида мешаванд [7,с-10]. Аз сабаби он ки макон ҳамчун хосияти модда бо замон робитаи ҷудонашаванда дорад, онҳо дар адабиёти фалсафӣ якҷо мавриди омӯзиш қарор мегиранд. Ба андешаи Ибни Сино, ҳаракат хосияти аввалини модда бошад ҳам тавассути макон ва замон тавсиф шуда, ба таври мустақил вуҷуд дошта наметавонанд. Ин проблема дар аксари осори фалсафии Ибни Сино – "Шифо", "Наҷот", "Донишнома", "Ишорот ва танбеҳот", "Ҳикмати машриқия" ва ғ. мавриди назар қарор дода шудааст. Ибни Сино ба ҷойи мафҳуми фазо мафҳуми маконро истифода мебарад.

Муҳаққиқи барҷастаи тоҷик академик Мусо Диноршоев, ки доир ба фалсафаи Ибни Сино таҳқиқотҳои зиёде анҷом додааст, таъкид менамояд, ки файласуф ҳаракатро тибқи тазоҳураш дар ҳастӣ ба чанд бахш тақсим намудааст: 1) ҳаракати камӣ - наму, забл, такосуф, тахалхал; 2) ҳаракати кайфӣ - истиҳолат, чун таҳаввули гармӣ ба сардӣ, тарӣ ба хушкӣ, сиҳатӣ ба беморӣ; 3) ҳаракати айнаӣ (маконӣ) - интиқоли ҷисм аз макone ба макон; 4) ҳаракати вазъӣ (Арасту ҳаракатро дар вазъ қоил нашудааст) - тағйири вазъи ҷисм. Вале сарфи назар аз ин, Ибни Сино идроки метафизикии ҳаракатро комилан рафъ нанамудааст, зеро ӯ ҳаракати кайфиро танҳо чун тағйири хавоси аразии ашё медонад. Ҳаракати ҷавҳариро эътироф надорад, тағйироти дафъиро ҳаракат намедонад ва ақидаи Арастуро дар бораи муҳаррики аввал собит ва номуфориқ тарафдорӣ менамояд [1, с-114].

Хулоса, масъалаи қадимият ва абадияти ҳастӣ ва ҳаракат яке аз мавзуъҳои муҳимми ҷаҳонбинии Ибни Сино ба ҳисоб меравад, ки дар тули асрҳои миёна ба яке аз масъалаҳои баҳсу мунозираҳои ақидавӣ табдил ёфта буд. Ибни Сино исбот намуд, ки ҳаракат ба мисли олам қадим буда, Худо танҳо аз ҷиҳати замонӣ аз он қадимар дониста мешавад. Ба андешаи ӯ, ҳаракат низ ба мисли Худо беибтидою беохир мебошад, зеро агар чунин фарз шавад, ки ҷисм вуҷуд дошта аз ҳаракат маҳрум буда, танҳо баъдан дар он ҳаракат пайдо шудааст, мушкилоти зиёди сабабию натиҷагии ҳаракатро ба дунбол мекашад. Ба андешаи Ибни Сино танҳо Худо аз ҳаракат қадимтар будан метавонад, ки ин аз рӯйи мартаба аст, на дар замон. Сарфи назар аз он ки Ибни Сино сукунро ҳамчун ҳолати табии ҷисм эътироф мекард, ӯ ин ҳолатро ба мисли ҳаракат мутлақ ва абадӣ намеҳисобид.

**АДАБИЁТ**


1 Абуалӣ ибни Сино. Осор. Ҷ. 3. "Китоб ан-наҷот". – Душанбе, 2007.
2 Абуалӣ ибни Сино. Таъликот. –Душанбе: Ирфон, 1992,
3 Болтаев М.Н. Ақидаҳои фалсафии Абуалӣ ибни Сино / М.Н. Болтаев. - Душанбе: Ирфон, 19969. 154 с.
4 Ибн Сино. ал-Ишорот ва-т-танбеҳот маа шарҳи Насир ад-дин ат-Тусӣ. ал-Қисм, ал-солис ат-табъату-с-сонй.-Дор-ул-маъориф би Миср. 1945.
5 Ибн Сино. аш-Шифо. Ат-Табиъиёт. 1. Ас-Самоъи табиъи. -Қоҳира, 1983.
6 Ибни Сино. Илохиети «Донишномаи алоӣ». -Теҳрон, 1383.
7 М.Осимӣ. Сарсухан ба "Китобу-ш-шифо"-и Абуалӣ ибни Сино. Душанбе, Ирфон, 1985.
8 Маҳдии Ҳоирии Яздӣ. Илми кулли. Чопи панҷум. -Теҳрон, 1384.

9 Муаллифон. Таърихи фалсафаи тоҷик (аз қадим то асри XX). Иборат аз панҷ ҷилд. –Душанбе: “Дониш”, 2016 892 с.
10 Муҳаммад Рашшод. Фалсафа аз оғози таърих / Муҳаммад Рашшод. – Душанбе: “Ирфон”, 2002. 404 с.
11 Сайид Ҳусайни Наср. Суннати ақлонии ислом дар Эрон / Х. Н. Сайид. Тарҷ. Сайиди Деҳқонӣ. –Теҳрон, 1373. -390 с.
12 Сайидҳусейни Ҳасанӣ. Ду файласуфи бузурги исломӣ: Хоҷа Насриддини Тусӣ ва Имом Фахри Розӣ.- Теҳрон, 1373. -318 с.
13 Сайидҷаъфари Субҳонӣ. Фарҳанги улуми ақлонӣ. –Теҳрон, 1341. - 358 с.
14 Хайруллои Мардонӣ. Эътирофи донишмандони бузурги ҷаҳон / Хайруллои Мардонӣ. – Теҳрон: “Оини Ҷаъфарӣ”, 1402. ш. к. – 146 с.
15 Хоҷрим Нокомро. Шеваҳои тафаккури миллии Шарқ Тарҷ. Мустафо Оқили Ҳусайни Каёнӣ. Теҳрон: «Ҳикмат». 1377, Ҷ. 1. - 572 с.

## МАСЪАЛАИ ҲАСТӢ ДАР ТАЪЛИМОТИ ИБНИ СИНО

Дар мақолаи мазкур масъалаи ҳастӣ ва ҳаракат дар таълимоти Ибни Сино мавриди баррасӣ қарор гирифта шудааст. Дар мақола танҳо ба масъалаи ҳастӣ ва ҳаракат дар асарҳои “Шифо”, “Донишнома”, “Мабоҳис-ул-машриқия”, “Таъликот” ва “Наҷот” такя гардидааст. Дар ин мақола Ибни Сино фалсафаро ҳамчун илми куллӣ ҳисобиданаш ва онро аз фалсафаи назарӣ аз илоҳиёт комилан ҷудо намуданаш низ ишора шуда, доир ба сифатҳои куллии ҳастӣ, монанди ваҳадат, касрат, кул, ҷузъ, иллат (сабаб), маълул (натиҷа) ва ғайра ишора гардидааст. Ҳамчунин мафҳуми ҳастӣ ва нестӣ аз нигоҳи Ибни Сино нишон дода шудааст. Масъалаи дигаре, ки дар мақола мавриди омӯзиш қарор гирифта шудааст, масъалаи таъриф ва навъҳои он аз нигоҳи Ибни Сино мебошад, ки мутафаккир онҳоро ба ду навъ: таъриф тавассути ҷинсу фасл ва таъриф тавассути расм тақсимбандӣ кардааст. Ҳангоми таърифи лафзҳо аз мафҳумҳои куллии фалсафӣ истифода намуда, онро бо мафҳуми «ҳастӣ» ва «нестӣ» ишора кардааст.

**КАЛИДВОЖАҲО**: ҳастӣ, ҳаракат, араз, замон, макон, таъриф, воҷибу-л-вуҷуд, имкону-л-вуҷуд.

## ТЕМА БЫТИЯ В УЧЕНИИ ИБН СИНА

В данной статье рассматривается проблема бытия и движения в учении Ибн Сины. В статье уделено внимание только темам бытия и движения в таких сочинениях, как "Книга исцеления" ("Шифо"), "Данишнаме", "Мабахис-ул-машрикия", "Та’ликат" и "Книга спасения" ("Наджот"). В этой статье указывается на то, что Ибн Сина философию считает универсальной наукой и теоретическую философию отделяет от богословия, анализированы также универсальные свойства бытия, такие как единство, множество, общее, частное, причина и следствие и т.д. Также показаны значения понятий бытие и небытие с точки зрения Ибн Сины. Другая проблема, рассматриваемая в статье, является проблема определения и его типы с точки зрения Ибн Сины, которых мыслитель разделяет на два типа: определение через род и видовое отличие и генетическое определение.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА**: бытие, движение, акциденция, время, пространство, определение, необходимо сущее, возможно сущее.

## THE THEME OF BEING IN THE TEACHINGS OF IBN SINA

This article examines the theme of being and movement in the teachings of Ibn Sina. The article focuses only on the problem of being and movement in such works as "The Book of Healing" ("Shifo"), "Danishnameh", "Mabahis-ul-mashriqiya", "Ta'likat" and "The Book of Salvation" ("Najot"). This article points out that Ibn Sina considers philosophy to be a universal science and separates theoretical philosophy from theology, and analyzes the universal properties of being, such as unity, plurality, general, particular, cause and effect, etc. The meanings of the concepts of being and non-being from the point of view of Ibn Sina are also shown. Another problem considered in the article is the problem of definition and its types from the point of view of Ibn Sina, which the thinker divides into two types: definition through genus and species difference and genetic definition. When defining words using universal philosophical concepts, they are indicated by the concepts of "being" and "non-being".

**KEYWORDS:** being, movement, accident, time, space, definition, existence is necessary, existence is possible.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Султонбегавмова Давлатхотун*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти факултети фалсафа. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **+992931002920.**

**Сведения об авторе**: ***Султонбегавмова Давлатхотун*** – Таджикский национальный университет, магистрант факультета философии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **+992931002920.**

**Information about the author**: ***Sultanbegavmova Davlatkhotun*** – Tajik National University, master's student of Faculty of Philosophy. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phone: **+992931002920.**

# ЗУҲУРОТИ РАФТОРИ ДЕВИАНТӢ ДАР НАВРАСОНУ НАВҶАВОНОН

*Азиззода О.А.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Ҳаёти инсон чунин сохта шудааст, ки рафтору амали одамон пурра ба хоҳиши худи онҳо вобаста набуда, дар доираи арзишҳо ва меъёрҳои аз ҷониби аъзоёни ҷомеа қабулгашта сурат мегирад. Ризоияти умум ва раъйи мардум маҳз дар арзишҳо ва меъёрҳои иҷтимоӣ инъикос мегардад. Бе арзишу меъёрҳои иҷтимоӣ ҳамгироӣ ва таъсири мутақобилаи одамон ғайриимкон аст. Маҳз арзишу меъёрҳо ба одамон нишон медиҳанд, ки кадом рафтор барои инсон дар ҷаъмият дастрас аст ва кадом амал ба қоидаю қонунҳои муайяншудаи иҷтимоӣ мувофиқат намекунанд. Яъне, дар ҳар сурат рафтор ва муносибатҳои инсон ниёз ба танзим дорад.

Зиддият дар он аст, ки ҳамон як шакли рафтор дар фарҳангу тамаддунҳои гуногун ба таври гуногун баҳо дода мешавад, ҷойе ба таври муқарраӣ ва ҷойи дигар берун аз меъёр. Ба таври дигар гӯем, шаклгирӣ ва амалкарди ин танзимҳо зери таъсири омилҳои гуногун аз қабили фарҳанг, урфу одат, расму оин, дин, арзишҳои миллию этникӣ, сиёсати давлатӣ ва ғ. сурат мегирад. Дар ин радиф ҳама гуна рафторе, ки дар доираи ин меъёрҳо сурат мегиранд ҳамчун рафтори меъёрӣ ё муқаррарӣ баҳогузорӣ карда мешаванд ва агар рафтор аз доираи ин меъёрҳо берун бошад, рафтори девиантӣ ҳисобида мешавад. Омӯзиши рафтори девиантӣ дар доираи илмҳои фалсафа, сотсиология, психология, педагогика, ҳуқуқшиносӣ ва сиёсатшиносӣ мавриди таҳқиқ қарор мегирад [1, с.200]. Девиатсия аз калимаи лотинӣ "deviation"- гирифта шуда, маънои аз меъёри муқаррарӣ дур рафтан, берун баромаданро дорад [2, с.7] .

**Назарияҳои психологии омӯзиши рафтори девиантӣ**

Дар байни назарияҳое, ки рафтори девиантиро ҳамчун рафтори ғаризавӣ шарҳ медиҳанд, ин масъала нахустин маротиба дар доираи психоанализ ва равияи психодинамикӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Мувофиқи назарияи Зигмунд Фрейд рафтори инсонӣ бо "эрос"- ғаризаи ҳаёт муайян карда мешавад. Ба андешаи З. Фрейд сарчашмаи инкишофи шахсро омилҳои модарзодӣ аниқтараш ғариза ташкил медиҳад, ки энергияи доимии инсон ба ҳисоб меравад, ки онро "либидо" меноманд [7,с.72].

Мувофиқи "психологияи инфиродӣ"- и А. Адлер омили рафтори девиантӣ дар шахс пайдо шудани комплексҳо ("ҳисси нокомилӣ" ва "ҳисси бартарӣ") мебошанд, ки сабаби мутобиқ нашудани одам ба муҳити атроф мегардад [6, с.33].

Ба андешаи психологи олмонӣ Э.Эриксон бошад сабаби рафтори девиантӣ ин бухрони ҳувият мебошад [5, с.96]. Яке аз равияҳои илмие, ки бо мавқеъгирии назарияҳои бихевиористӣ пурра мувофиқ нест - психологияи когнитивӣ мебошад. Назарияи когнитивии рафтори девиантӣ бо аксуламали шахс ба таъсироти гуногуни муҳити атроф шарҳдиҳии вазъият аз тарафи худи шахс аҳаммияти назаррас дорад. Вобаста ба он, ки худи шахс ин ё он вазъиятро чӣ хел мефаҳмад ва баҳогузорӣ мекунад дар ин замина ӯ метавонад рафтори "меъёрӣ" ё рафтори девиантӣ намояд. Ҳамин тариқ, психологияи когнитивӣ дар маркази диққати худ барои анҷом додани рафтори девиантӣ "шуури одам"-ро қарор додааст [3,с.30].

Таҳлили андешаҳои муҳаққиқони масъалаи мазкур нишон медиҳад, ки тамоюлҳои рафтор дар наврасон ва навҷавонон метавонад аз гурӯҳи зерини омилҳо сарчашма гиранд:

1. Нуқсонҳои иҷтимоӣ - педагогӣ. Вақте ки кӯдак аз рӯйи бетарбиягӣ, надоштани дониш, маҳорат ва малакаҳои мусбии зарурӣ рафтори нодуруст зоҳир менамояд ва ё дар зери тарбияи нодуруст дар ӯ рафтори қолабии манфӣ шакл гирифтааст.

2. Нороҳатии амиқи равонӣ, ки дар заминаи мушкилоти муносибатҳои байниҳамӣ дар оила, муҳити манфии равонӣ дар он, нокомиҳои пайиҳам дар таълим, вайроншавии муносибатҳо бо ҳамсолон дар гурӯҳҳои таълимӣ, муносибати нодуруст, ноодилона,

дағалона, бераҳмона аз ҷониби волидон, муаллимон, ҳамсинфон, ҳамсолон ва дигарон ба вуҷуд меоянд.

3. Тамоюлҳо дар ҳолати саломатӣ ва инкишофи ҷисмонию равонӣ, бӯҳронҳои синнусолӣ, ба дараҷаи ифротӣ расидани характер ва дигар сабабҳои хусусияти физиологӣ ва психоневрологӣ дошта.

4. Мавҷуд набудани шароити мусоиди ҳаётӣ ва рушд, зуҳуроти бошууронаи фаъолии берунию ботинӣ, машғул нашудан ба фаъолияти манфиатнок, набудани ҳадафу манфиатҳои мусбии иҷтимоӣ ва шахсии арзишнок таъсири манфӣ мерасонад.

5. Беназоратӣ, таъсири манфии муҳити иҳотакарда ва номутобиқатии иҷтимоӣ - психологии дар ин замина инкишофёбанда, ивазшавии арзишҳои иҷтимоӣ ва шахсӣ ба арзишҳои манфии бегонапарастӣ ва ғайра.

6. Мувофиқат накардани имкониятҳои кӯдак ба меъёрҳои синнусолии инкишоф, яъне бо ҳамсолон, калонсолон муошırату муносибат барқарор карда натавонистан ва аз уҳдаи иҷрои фаъолиятҳо набаромадани онҳо ба дилхунукию руҳафтодагӣ оварда мерасонад.

7. Маҳдуд будани доираи муошират, меҳру навозиш, дӯстдорӣ, самимияту эҳтироми калонсолон ба он вобаста аст, ки атрофиён ба кӯдакон аҳаммият намедиҳанд, хоҳишу дархостҳояшонро ба ҳисоб намегиранд, қонеъ гардонидани майлу рағбатро дар онҳо манъ мекунананд, ба шахсияту рафтори онҳо ҳеҷ гуна талаботи ахлоқӣ намегузоронд дар натиҷа кӯдак худро шахси нодаркор, танҳо, бе аҳаммият ҳис намуда, мехоҳад диққати атрофиёнро бо амалҳои ношоистаи худ ҷалб намояд ва мавҷудияти худро ҳамчун "шахсият" ба дигарон намоиш диҳад.

8. Мувофиқат накардани талаботи калонсолон ба имкониятҳои синнусолию фардӣ, муносибати фармон фармоёна (авторитарӣ), истифода бурдан аз ҷазои ҷисмонӣ, эҳтиром ва эътироф накардани шахсияти онҳо, бо алфози қабеҳ дашном додани онҳо аз ҷониби ҳайати оила ва дигар хешону наздикон, доимо эрод гирифтану кинояи задан ба ҳар як амали кӯдакону наврасон, руҳбаланду ҳавасманд накардан барои амалу кирдорҳои нек ва ғайра [2, с.37-38].

Таҳқиқоти ходимони илмии шуъбаи педгогика ва психологияи Пажуҳишгоҳи рушди маорифи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон нишон доданд, ки дар шароити ҷумҳурии мо чунин гурӯҳи омилҳо ва сабабҳои мушаххас ба пайдоиши рафторҳои девиантии ҷавонону наврасон мусоидат менамоянд:

- омилҳои тиббию санитарӣ (бемориҳои музмини волидон, риоя накардани қоидаҳои санитарию гигиенӣ) - омилҳои иҷтимоию демографӣ (оилаҳои серфарзанд, оилаҳои бо волидони куҳансол, оилаҳое, ки аз нав издивоҷ кардаанд ва кӯдакони аз ҳамсари пешина таваллудшуда доранд);
- омилҳои иҷтимоию психологӣ (дар оила мавҷуд будани муносибатҳои ихтилофноки ҳамсарон, волидон ва кӯдакон, маърифати пасти педагогии волидон ва дараҷаи пасти таълимӣ ва мадании онҳо);
- омилҳои ҷиноӣ (фоҳишагӣ, майпарастӣ, нашъамандӣ, тарзи зиндагии муфтхуронаи волидон, мавҷудияти аъзоёни дар ҳабс будаи оила, зӯроварии гуногун);
- тарбияи фарзандро ба ашхоси гуногун вогузор намудан;
- ба вазъи маишӣ ва иҷтимоии фарзандон аҳаммият надодан;
- ба муҳити носолим шомил гардидани наврасон;
- аз беназоратии падару модар ба мақсади ба даст овардани даромад, фаҳшгароиву ғоратгариро пешаи худ сохтан ва амсоли инҳо;
- дар муҳоҷирати меҳнатӣ қарор доштани волидон;
- ҷудоии падару модар ва идомаи саъю талоши ворисият байни онҳо барои соҳиб шудан ба фарзандон, таассубу душманӣ, ҷангу хархашаҳои тақсимоти занушӯӣ ва дигар омилҳои мухолифомези байни онҳо;
- дар муҳити носолими атроф, оворагардию ҷурабозиҳо ва дугонагариҳо қарор доштани фарзандон;
- пешгирӣ намудани сайру гашти духтарони ноболиғ бо либосҳои нимҷуриёну бараҳна ё кӯтоҳбуда, ки майлу рағбати танфурӯшӣ ва фоҳишагардӣ доранд

- ба бенавоӣ гирифор шудани оила бо сабабҳои иҷтимоӣ, маҳдудияти ҳуқуқӣ, ҷинояткории волидон, бесарпаноҳӣ, нодорӣ, дигар омилҳои нарасидани хӯрокҳои серғизо, витаминдор, сафеда ва ғайраҳо;

- аз айёми хурдсолӣ то ба синни наврасӣ шоҳиди нобаробариҳои ҳаёти ҷамъиятию давлатӣ, беадолатиҳои иҷтимоию иқтисодӣ, моддию маънавӣ будани фарзандон.

Таҷрибаҳо нишон медиҳанд, ки бештари наврасони рафтори девиантидошта ташвишҳои зиёдеро ҳангоми таълиму тарбия ба вуҷуд меоваранд. Чунин наврасон, пеш аз ҳам ғами худро мехуранд ва манфиатҳои синф, мактаб, оила, рафиқон ва ғ. барои онҳо бегонаанд. Навраc барои қонеъ намудани иддаою талаботҳояш ҳамеша ба душворию нобороиҳо дучор меояд ва вобаста ба ҳамин амали номувофиқи ҷавобӣ зоҳир менамояд: ё худи нобороиро рад мекунад ё худ сабаби рӯй додани ин ҳолатро дар муносибати номатлубу номуносиби атрофиён мебинад. Дар ҳамин асос ихтилоф ба амал омада, ҳолати пуризтиробро боз ҳам пурҷушу хуруштар мегардонад. Аз ин вазъияти баамаломада ба хулосае меояд, ки сабаби нобороиаш на худи ӯ, балки атрофиён аст. Ин ба худбаҳодиҳии наврас таъсир бахшида, амали ҷавобии муҳофизатии ӯро бедор мекунад. Ҳамин тавр, муносибату муоширати атрофиён бо наврас душвор мегардад ва ҳамин ҳолат худи наврасро ба шахсияти «душвор» табдил медиҳад [4,с.72-73].

Ҳамин тариқ, оилаи носолим, камбудиҳои таълиму тарбия дар мактаб, оила, сустшавии алоқаи наврас бо оила ва мактаб, таъсири манфии кӯча ва дигар сабабҳо ба дигаршавии сохти шахсияти наврaси солим мебарад. Ин роҳест ба сӯйи ҳуқуқвайронкунӣ. Аз ин рӯ, зарурати ба вуҷуд овардани шароитҳои махсуси мақсаднок барои чунин наврасону навҷавонон ба миён меояд, ки туфайли онҳо хислатҳои манфии инкишофёбанда бартараф карда шуда, дар баробари он сифатҳои нави ахлоқӣ ташаккул дода шаванд.

### АДАБИЁТ


1.Змановская Е.В. Девиантология. Психология отклоняющегося поведения. Учеб. пособие для студ. высш. учеб. Заведений / Е.В. Змановская. — 2-е изд., испр. — М.: Издательский центр «Академия», 2004. — 288 с.

2.Комилова М.Д., Расулов С.Х., Каримзода М.И. Девиантология / М.Д. Комилова, С.Х. Расулов, М.И. Каримзода. – Душанбе. – 2020.

3.Клейберг Ю. А. Психология девиантного поведения / Ю.А. Клейберг. — М., 2001. - 160 с.

4.Қодиров С., Давлатов М. Психологияи иҷтимоӣ / С. Қодиров, М. Давлатов. - Душанбе, 2004.

5.Менделевич В.Д. Психология девиантного поведения: Учебное пособие / В.Д. Менделевич. — СПб.: Речь, 2005. — 445 с.

6.Усова, Е.Б. Психология девиантного поведения: учеб.- метод. комплекс / Е.Б. Усова. – Минск: Изд-во МИУ, 2010. – 180с. Сах 33

7.Шнайдер Г.Й. Криминология: Пер. с нем. / Под общ. ред. и с предисл. Jl.O. Иванова. М.: Издательская группа «Прогресс» -«Университет», 1994. 504 с.


### ЗУҲУРОТИ РАФТОРИ ДЕВИАНТӢ ДАР НАВРАСОНУ НАВҶАВОНОН


Дар мақолаи мазкур муаллиф кӯшиш намудааст, ки омилҳои зуҳуроти рафтори девиантиро дар наврасону навҷавонон аз нигоҳи психологӣ мавриди баррасӣ қарор диҳад. Муаллифи мақола бештар масъалаҳои рафтори девиантӣ дар наврасону навҷавонон ва омилҳои пайдоиши рафтори девиантӣ дар онҳоро аз нигоҳи илмӣ таҳлил намудааст. Илова бар ин, дар мақола ақидаи равоншиносонро оид ба ҷанбаҳои иҷтимоӣ-психологии зуҳуроти рафтори девиантӣ дар наврасону навҷавононро таҳлил намуда, як қатор аломатҳои мушкилоти рафтори девиантиро ошкор намудааст.



**КАЛИДВОЖАҲО:** иҷтимоӣ - психологӣ, мушкилот, муҳит, наврасону навҷавонон, омилҳои иҷтимоӣ, омилҳои психологӣ, рафтори девиантӣ, таълим, тарбия, ҷомеа.


### ПРОЯВЛЕНИЯ ДЕВИАНТНОГО ПОВЕДЕНИЯ У ПОДРОСТКОВ И МОЛОДЫХ ЛЮДЕЙ


В данной статье автор попытался обсудить факторы девиантного поведения подростков и молодых людей с психологической точки зрения. Автор статьи научно проанализировал вопросы девиантного поведения подростков и молодых людей и факторы, вызывающие у них девиантное поведение. Кроме того, в статье анализируется мнение психологов о социально-психологических аспектах девиантного поведения подростков и молодых людей и выявляется ряд признаков проблем девиантного поведения.



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** социально-психологическая, проблема, среда, подростки и молодые люди, социальные факторы, психологические факторы, девиантное поведение, образование, воспитание, общество.


### MANIFESTATIONS OF DEVIANT BEHAVIOR IN ADOLESCENTS AND YOUNG ADULTS

In this article, the author tried to discuss the factors of deviant behavior of adolescents and young people from a psychological point of view. The author of the article scientifically analyzed the issues of deviant behavior of adolescents and young people and the factors that cause deviant behavior in them. In addition, the article analyzes the opinion of psychologists on the socio-psychological aspects of deviant behavior of adolescents and young people and identifies a number of signs of problems of deviant behavior.
**KEYWORDS:** socio-psychological, problem, environment, adolescents and young people, social factors, psychological factors, deviant behavior, education, upbringing, society.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Азиззода Олиҳа*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти факултети фалсафа. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **919666021.**

**Сведения об авторе**: ***Азиззода Олиха*** – Таджикский национальный университет, магистрант факультета философии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **919666021.**

**Information about the author**: ***Azizzoda Oliha*** – Tajik National University, master's student of Faculty of Philosophy. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phone: **919666021.**

# ФИЛОЛОГИЯ ВА ЖУРНАЛИСТИКА - ФИЛОЛОГИЯ И ЖУРНАЛИСТИКА

## ОСОРИ АБДУҲУ АР-РОҶИҲӢ ВА СОХТОРИ КИТОБИ “ТАТБИҚ-УС-САРФӢ"-И Ӯ


***Алиева М.И.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**


Абдуҳу Роҷиҳӣ шогирдони зиёдеро тарбият намудааст, ки дар саросари ҷаҳони араб ва ислом паҳн шудаанд. Ҳамчунин, шогирдони зиёдеро дар зинаи бакалавр, магистр ва докторант ба саҳнаи илму маърифат роҳнамоӣ намуд. Ягон донишгоҳ ё донишкадаи забоншиносие нест, ки дар бораи донишманди бузург Абдуҳу Роҷиҳӣ ёдоварӣ нашавад. Абдуҳу Роҷиҳӣ диссертатсияҳои зиёдеро роҳбарӣ намуда, дар якчанд донишгоҳҳо диссертатсияҳоро муҳокима намудааст.

Абдуҳу Роҷиҳӣ пас аз худ осори пурарзише боқӣ гузоштааст:

- ✓ Тафсири Қуръони Карим.
- ✓ Забони арабии донишгоҳӣ барои ғайримутахассисҳо.
- ✓ Дарсҳои забонӣ бо забони англисӣ.
- ✓ Лексияҳо дар адабиёти муқоисавӣ.
- ✓ Эъроби Қуръони Карим
- ✓ “Энсиклопедияи хонишҳо", ки якҷоягӣ бо доктор Муҳаммад Асъад, доктор Исом Нуриддин ва Маҳмуд Абдусамад Ал-Ҷайёр таҳия шудааст. Роҷиҳӣ қабл аз он ки ин кор ба анҷом расад, вафот намуд.
- ✓ Машваратҳои наҳвӣ (синтаксисӣ), машваратҳои сарфӣ (морфологӣ) ва маслиҳатҳои синонимӣ – инҳо наворҳои аудиоии муфиде мебошанд, ки тақрибан ҳудуди 27 соати аудиоиро дарбар мегиранд.
- ✓ Дар рӯзҳои охири ҳаёти хеш Абдуҳу Роҷиҳӣ рӯйи нашри китоби бузурге бо номи “Луғатҳои Қуръони Карим” кор мекард. Китоби мазкурро тақрибан дар ҳудуди 700 саҳифа ба охир расонид, аммо китоб чоп нашуда донишманд аз олам чашм пӯшид ва китоби мазкур то ҳол дар рӯйи коғаз навишта шудааст.

Ҳамчунин, як қатор мақолаҳои илмӣ дорад, ки дар маҷаллаҳои арабӣ ва англисӣ ба табъ расидаанд. Аз ҷумлаи мақолаҳои Абдуҳу Роҷиҳӣ:

- ▪ Грамматикаи арабӣ ва Арасту – Конфронси Юнон соли 1979.
- ▪ Барномаи таълимии мероси араб ва забоншиносӣ – Конфронси Работ соли 1981.
- ▪ Нақши асосии омӯзиши забоншиносӣ дар донишгоҳҳо – Конфронси Искандария соли 1982.
- ▪ Илми забоншиносӣ – Маҷаллаи Фосул ҷилди дуюм.
- ▪ Омӯзиши забони арабӣ ба хориҷиён ва саҳми он дар рушди таҳқиқоти классикӣ – Конфронси Кувейт соли 1985.

**Аз тадқиқотҳои забоншиносии Абдуҳу Роҷиҳӣ:**

- Равиши Ибни Ҷиннӣ дар китоби худ “Ал-Муҳтасиб" (нусхаи хаттии адабиёти Искандария).
- Лаҳҷаҳои арабӣ дар қироати Қуръон – Дор-ул-маорифи Миср соли 1968.
- Хусусияти исроилӣ. Дор-ул-маорифи Миср соли 1968.
- Абдуллоҳ ибни Масъуд – Дор-уш-шаъби Миср соли 1970.
- Татбиқи наҳвӣ. Дор-ул-наҳзати арабӣ – Бейрут соли 1972.

- Татбиқи сарфӣ. Дор-ул-наҳзати араб – Бейрут соли 1973.
- Филология дар китобҳои арабӣ. Дор-ул-наҳзати арабӣ – Бейрут соли 1974.
- Дарсҳо дар шарҳи Ҳазорсола. Дор-ул-наҳзати арабӣ – Бейрут соли 1977.
- Дарсҳо дар таълимоти грамматика. Дор-ул-наҳзати арабӣ – Бейрут соли 1978.
- Илмҳои забон ва ҷомеа. Дор-ул-наҳзати арабӣ – Бейрут соли 1978.
- Грамматикаи арабӣ ва дарси муосир. Дор-ул-наҳзати арабӣ – Бейрут соли 1979.
- Забоншиносӣ ва таълими арабӣ – Донишгоҳи Ал-Имом соли 1990.

**Аз тарҷумаҳои ӯ:**

- Гераклит, фалсафаи тағйирот – Дор-ул-маорифи Миср соли 1968.
- Маҷаллаи Ал-Муовама аз олами андеша.
- Асосҳои таълим ва омӯзиши забонҳо. Дор-ул-наҳзати Бейрут.

**Иқтибосҳо аз навиштаҳо ва гуфтаҳои ӯ**

✓ Донишгоҳ профессор аст ва профессор донишгоҳ; Ва дар тули таърих ҳеҷ донишгоҳе зикр нашудааст, магар он ки мегӯянд, ки фалон профессорҳо дорад ва ҳеҷ профессоре зикр нашудааст магар ин ки номи донишгоҳаш ба ӯ пайванд бошад.

✓ Профессор ҳамон вақт сазовори номи профессорист, ки пас аз худ шогирдони зиёде боқӣ гузошта бошад.

✓ Инсон ҳар қадар дониш ҳосил кунад ҳам, бояд қобилияти шогирд буданро аз даст надиҳад.

✓ Профессор будан маънои пайваста толибилм будан аст.

✓ Меъёри комёбӣ дар ҷустуҷӯи илм аст.

✓ Роҳе ҷуз роҳи илм нест ва илм нест ҷуз бо ихлос.

✓ Ба мо дар соҳаи маориф дигаргуниҳои куллӣ лозим аст, на ин ки онро мувофиқи талаби мардум ислоҳ кунем.

✓ Шамъи сӯзоне бош барои рӯшноии дигарон.

✓ Муҳимтарин хислати шаҳрвандӣ дар он аст, ки ҳамаи мардум дар корҳои ватани худ иштирок доранд ва ин танҳо дар сурати мавҷуд будани як заминаи фарҳангию маърифатӣ, ки коршиносон онро меҳвари фарҳангии Ватан меноманд, ба даст меояд.

✓ Чун забонро аз даст диҳем, ояндаамонро аз даст медиҳем.

**Сохтори китоби сарф**

Аҳамияти илми сарф ва наҳв, ки мавзӯи он дастур ва қавоиди забони арабист бар касе пӯшида нест. Бузургон ва устодони гузашта, то замоне ки толибилмон дар сарф ва наҳв маҳорати комил ба даст намеоварданд, онҳоро ба илмҳои дигар машғул намекарданд ва ба китобҳои болотар иртиқо намедоданд. Машқҳо ва иҷрои қоидаҳои сарф ва наҳв асоситарин бахш дар омӯзиши онон буд. Онҳо барои ин ки истеъдоди толибилмон пухта шавад ва қоидаҳоро комилан аз худ намоянд, мисолҳои гуногуне, ки дар матни китоб вуҷуд надошт барои толибилмон баён мекарданд ва ба онҳо тамрин медоданд то дар илмҳои асосӣ устувории комил ҳосил намоянд. Сарф яке аз илмҳои муҳимтарини забони арабӣ мебошад, ки донишмандон дар аввал онро бо илми наҳв якҷо намуда буданд. Баъдтар он ҳамчун илми мустақил шинохта шуд. Илми сарфро бидуни донистани қонунҳои савтӣ дуруст фаҳмидан аз имкон берун аст.

Китоби "التطبيق الصرفي "– и донишманд ва забоншиноси барҷаста Абдуҳу Роҷиҳӣ барномаи сарфиест, ки муҳимтарин мавзуъҳоеро, ки донишҷӯ бояд дуруст бидонад, ба онҳо пешниҳод менамояд. Китоби мазкур аввали моҳи муҳаррами соли 1393 – и ҳиҷрӣ, ки мутобиқ аст ба 3–юми феврали соли 1973–и мелодӣ дар (دار النهضة العربية ) дар Бейрут ба табъ расидааст.

"التطبيق الصرفي " 221 саҳифаро фаро мегирад. Китоб аз муқаддима, мадхал ва се фасли асосӣ иборат аст, ҳар яки ин бобҳо аз зерфаслҳо иборат буда, дар охир феҳристи китоб ҷойгир аст. Мадхали китоб чунин зерфаслҳоро дар бар мегирад:

- ✓ Сарф ва майдон.
- ✓ Мизони сарфӣ.
- ✓ Қалб (дигаргуншавӣ)- и маконӣ.

Бобҳои китоби التطبيق الصرفي инҳоянд:

Боби аввал: дар баёни феълҳо ва муштақот:

1) Саҳеҳ ва муътал.
2) Муҷаррад ва мазид.
3) Исноди феъл ба замирҳо (ҷонишинҳо).
4) Тавкиди феъл бо нун (ن ).
5) Масдар.
6) Иштиқоқ.
7) Дар мавриди тааҷҷуб ва тафзил (бартарият).

Боби дуввум: дар баёни исм:

1) Дар тақсим исм ба саҳеҳ, мақсур, мамдуд ва манқус.
2) Дар ҷамъи шикаста.
3) Исми тасғир (сиғаи хурдию навозиш).
4) Мансубият.

Боби севвум: дар эълол ва ибдол:

1) Фатҳ ва имола.
2) Вақф.
3) Идғом.

**АДАБИЁТ**


1 Исаева Ф.А., Муъминов Ҳ.Қ. "Грамматикаи мухтасари забони арабӣ" Қисми 1. / Ф.А. Исаева, Ҳ.Қ. Муъминов. - Душанбе. "Мавлавӣ". 2010

2 Исаева Ф.А., Муъминов Ҳ. Қ. "Грамматикаи мухтасари забони арабӣ" Қисми 2. / Ф.А. Исаева, Ҳ.Қ. Муъминов. - Душанбе. ""Эр-граф". 2013

3 Сулаймонов С. "Очерки сарф (морфологияи)-и забони арабӣ / С. Сулаймонов. - Душанбе. "ҶДММ-Хирадмандон". 2019

4 سنة الله يعقوب " الجامع في الصّرف" دوشنبه 2003

5 . میر سید شریف علی جرجانی " صرف میر" زاهدان: فاروق اعظم، 1382


**ОСОРИ АБДУҲУ АР-РОҶИҲӢ ВА СОХТОРИ КИТОБИ “ТАТБИҚ-УС-САРФӢ"-И Ӯ**


Дар мақолаи мазкур мавзуи осорои Абдуҳу Роҷиҳи ва сохтори китоби “Татбиқ-ус-сарфӣ” – и ӯ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Бешак, Абдуҳу Роҷиҳӣ яке аз донишмандони маъруфи араб маҳсуб ёфта, китоби "التطبيق الصرفي "– и ӯ барномаи сарфиест, ки муҳимтарин мавзуъҳоеро, ки донишҷӯ бояд дуруст бидонад, ба онҳо пешниҳод менамояд.

**КАЛИДВОЖАҲО:** китоб, барнома, маҷалла, мақола, сарф, наҳв.


**ТРУДЫ АБДУХУ АР-РОДЖИХИ И СТРУКТУРА ЕГО КНИГИ «ТАТБИК-УС-САРФИ»**


В данной статье обсуждается тема труда Абду Роджихи и структура его книги «Татбик-ус-сарфи». Несомненно, Абду Роджихи считается одним из известных арабских учёных, а его книга "التطبيق الصرفي " представляет собой полезную программу, в которой представлены самые важные темы, которые студент должен знать правильно.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА**: книга, программа, журнал, статья, морфология, синтаксис.


**WORKS OF ABDUKH AR-ROJIHI AND THE STRUCTURE OF HIS BOOK “TATBIQ-US-SARFI”**


This article discusses the theme of Abdu Rojihi’s work and the structure of his book “Tatbiq-us-sarfi”. Undoubtedly, Abdu Rojihi is considered one of the famous Arab scholars and his book "التطبيق الصرفي " a useful program that presents the most important topics that a student should know correctly.

**KEYWORDS:** book, program, magazine, article, morphology, syntax.



**Маълумот дар бораи муаллиф**: ***Алиева Мадина Исҳоқҷоновна*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти факултети забонҳои Осиё ва Аврупо. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.

**Сведения об авторе**: ***Алиева Мадина Исхокджоновна*** - Таджикский национальный университет, магистрант факультета языков Азиии и Европы. **Адрес:**734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки 17.

**Information about the author**: ***Alieva Madina Ishoqjonovna*** - Tajik National University, master`s student of Faculty of Asian and European languages. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 17.

## СИММЕТРИЯ ВА АССИММЕТРИЯ ДАР ТАРҶУМА

***Раҳимова И.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Рушди ботадриҷи робитаҳо, махсусан пайдоиши хат ба инсоният имкони дастрасӣ ба арзишҳои фарҳангию иҷтимоӣ ва дастовардҳои халқҳои мухталифро фароҳам оварда, дар инкишофи пайвастаи забон ва фарҳанг саҳм гузошт. Дар ин самт тарҷума бештар дар таҳаввули робитаҳои байнизабонӣ ва байнифарҳангӣ нақши назаррасе дошт.

Аввалин бор дар таърих истиолоҳи «асимметрия» - ро Хрисиш дар асараш «Дар бораи аномалия» ва Кратет дар «Аномалист дар масъалаҳои грамматикӣ» истифода намудаанд.

Таърихан фаъолияти тарҷумонӣ дар забонишиносии форсу тоҷик аз давраҳои ҳукмронииии сулолаҳои Сосониён ва Сомониён рушду нуму ёфта, нусхаи тарҷумаи арабии «Калила ва Димна»- и А. Рудакӣ яке аз нахустин тарҷумаҳо ба ҳисоб меравад.

Айни ҳол хусусиятҳои тарҷумаи матни бадеӣ диққати муҳақиққони дохиливу хориҷиро ба худ ҷалб намуда, вазъи кунунии он шаҳодат медиҳад, ки тарҷумаи амалӣ мисли қаблӣ аз назарии он фарқ мекунад.

Сабаби рӯ овардани забоншиносон ба яке аз масъалаҳои муҳим, таҳлилу таҳқиқи масъалаҳои забоншиносии муқоисавӣ, махсусан назарияи тарҷума, симметрия ва асимметрия, ба шумор меравад.

Қайд намудан, бамаврид аст, ки ассиметрияи байнизабонӣ ва таҳвилҳои тарҷума дар Тоҷикистон ба таври лозимӣ ҳалли худро наёфтааст. Омӯзиши махсусиятҳои тарҷума - масъалаи муҳим ба шумор рафта, таъсири воҳидҳои забонӣ дар муодилӣ ва бемуодилии тарҷума баррасӣ мешаванд. Таҳқиқот дар соҳаи назарияи тарҷума ва забоншиносии муқоисавӣ ба ҳам алоқаманд буда, барои баррасии тарҷумаи матни бадеӣ аҳаммиятнок ба шумор меравад.

Омӯзиш ва таҳқиқи номувофиқатии байнизабонӣ ва таҳвилҳои тарҷума дар матни бадеӣ амри саривақтӣ буда, махсусан таҳқиқи номувофиқатии грамматикӣ, луғавию маъноӣ, функсионалӣ ва услубӣ дар забонҳои тоҷикиву англисӣ муҳим мебошад.

Мавзуи мазкур дар забонҳои мавриди таҳқиқ ба таври муфассал мавриди омӯзишу баррасӣ қарор нагирифтааст. Қайд намудан бамаврид аст, ки баъзе паҳлуҳои тарҷумаи матни бадеӣ аз нигоҳи муқоисаи грамматикӣ, луғавӣ, дараҷаҳои муодилии луғатҳои бемуодил ва воҳидҳои луғавӣ аз ҷониби забоншиносон А. Мамадназаров, К. Усмонов, Л.К. Байрамова, Ф.М. Турсунов ва Б.Х. Наврузшоев дар забоншиносии русиву аврупоӣ Г.Г.Аврамов, Е. А.Воронсова, И.Г Гак, Н.К. Горбовский, С.О. Карсевский , И. Н. Понамаренко, Ю.А. Урмансев ва дигарон мавриди таҳқиқу омӯзиш қарор гирифта шудааст.

Падидаи номувофиқатии аломати забониро дар забоншиносӣ аввалин бор Фердинанд де Соссюр ба маърази таҳқиқ кашида, баъдан Ш.Балли номувофиқатии аломати забонӣ, В.Г. Гак , Г.Г. Аврамов ғояҳои номувофиқатӣ дар забоншиносӣ ва А.Г. Ликов номувофиқати воҳидҳои забониро таҳқиқу баррасӣ намуданд. Дар бобати номувофиқатии байнизабонӣ ва байнифарҳангӣ Е.А. Охремова, В.И. Хайруллин, Е.Е. Бразговская, С.В. Вакуленко, П.Н. Донетс, В.Н. Корпухина ва дигарон андешаҳои гуногун пешниҳод намуданд.

Масъалаи муодилии тарҷумаи матни бадеӣ аз лиҳози луғавию фарҳангӣ таваҷҷуҳи забоншиносҳои зиёдро ба худ ҷалб намудааст. Аз ҷумла, Е.М. Вершагин, В.Г. Костомаров, В.В. Воробёв, В.Н. Комиссаров, А.Д. Швейтсар ва дигарон мавзуи номбурдаро мавриди баррасӣ қарор доданд. В.А. Пишалников матни бадеиро як системаи синергетикӣ ҳисобида, симметрия ва асимметрияи матнро аз нуқтаи назари синергетика таҳқиқ намудааст.

Мавсуф қайд кардааст, ки омӯзиши фазои луғавӣ-маъноӣ ва матниро метавон бо роҳи ошкор сохтани тазоди дутарафаи симметрия ва асимметрия баррасӣ намуд:

1) хусусиятҳои симметрияи матн, ки дар қолабҳои сохтор ва такомули маъно зоҳир мегарданд, таносуби тиллоӣ (пайдарҳамии муттасил) ва силсилаи диссиметрия номида мешаванд;

2) сохтори симметрия аломатҳои забонии дохили матн (яъне, воҳидҳои луғавӣ ва сохторҳои синтаксисӣ);

3) мундариҷаи фарққунандаи матнҳои дуюмдараҷа (тарҷумаҳо, тавсирҳо), ки дар асоси матни асл ҳосил мешаванд.

Хусусиятҳои симметрии матни бадеӣ такрори фарққунандаи як калима ё мафҳуми калидӣ ва силсилаи диссимметрияро эҷод мекунанд.

Баъзан дар заминаи тарҷумаи матни бадеӣ матни ҷадиде ҳосил мешавад, ки он дорои мазмун ва муҳтавои фарққунанда мегардад. Дар заминаи категорияи умумии симметрия ва асимметрия метавон гуфт, ки матни асл бо матни тарҷума дар ҳолатҳои гуногун симметрия ва асимметрия мегардад.

Дар назарияи тарҷума сохтори симметрияи аломатҳои китобӣ ва тафовути мундариҷаи тарҷума басо муҳим аст. Азбаски дар мавриди тарҷума мо бо мафҳуми забонӣ робита дорем, барқарор намудани муносибатҳои симметрия ва асимметрияи матнҳои асл ва тарҷумаро ҳадафи асосӣ шуморида, қабл аз ҳама, таъйини зуҳуроти симметрия ва асимметрияи байнизабониро дар меҳвари таҳқиқ қарор додем. Чунин унсорҳо бештар аз рӯйи омилҳои забонӣ баррасӣ мешаванд.

Аз ин рӯ, мо метавонем симметрияи фонетикӣ, морфологӣ, синтаксисӣ, луғавӣ, маъноӣ, услубӣ ва функсионалии матнҳои асл ва тарҷумаро ба таври алоҳида таҳқиқ намоем. Намудҳои нодири симметрия дар назарияи тарҷума инҳоянд: симметрияи тасвирӣ, эстетикӣ ва мафҳумӣ (консептуалӣ).

Хангоми тарҷумаи бадеӣ мутарҷим бевосита бо ду навъи симметрия: ибтидоӣ ва дуюмдараҷа дучор мешавад. Симметрияи ибтидоӣ яке аз омилҳое мебошад, ки дар он матни бадеӣ шоирона ифода меёбад.

Палидромаҳо (симметрияи ҳуруфи воҳидҳои луғавӣ) ва овозҳо (симметрияи фоносемантикии маъно ва овозии воҳидҳои луғавӣ), навиштани овоз (симметрияи овоз) яке аз муҳимтарин зуҳуроти симметрияи ибтидоӣ ба шумор меравад.

Таркиби палиндромикӣ ба симметрияи овоз асос ёфтааст, ки сохтори он ноустувор буда, ба қонунҳои забонӣ итоат намекунад. Симметрияи мураккабии овоз ва садонокҳо дар палиндромҳои сингулӣ бо хату ибора ва ҷумлаҳо ифода меёбанд. Симметрияи пурраи овоз дар палиндром бо симметрияи пурраи ҳарф якҷоя пайдо мешавад.

Симметрия дар щеър накши муҳим дошта, мавзуннокии шеърро нишон медиҳад. Шеър аз наср бо мавзуният ва мазмуни амиқ тафовут дорад.

Дар таълифи матни манзуми бадеӣ ду вижагии асосӣ корбаст мешавад: давомнокӣ (дароз ва кӯтоҳ) ва заданокии ҳиҷо. Мувофиқи вижагиҳои системаҳои забонӣ, ду системаи фарққунанда мавҷуд аст: вазн ва ҳиҷо. Ҳузури принсипҳои гуногуни осори шоирон дар такя ба қонуниятҳои умумиҷаҳонии симметрия асос ёфтаанд. Яъне, воситаи эҷоди шеър омезиши зуҳуроти симметрия ва асимметрия буда, ҳар як асари шеърӣ ин вижагиро доро аст.

Вазифаи тарҷумони матни бадеӣ бо назардошти категорияи умумии симметрия - таълифи асари мазмунан баробар мебошад.

Воҳидҳои матни асл, ки симметрияи ибтидоӣ эҷод мекунанд, ҳамчун воҳидҳои тарҷума муайян шуда, онҳоро тарҷумон мувофиқи донишаш истифода мекунад. Натиҷаҳои ҷолиб ҳангоми омӯзиши категорияи симметрия тавассути таҳлили муқоисавии тарҷумаи осори бадеӣ рӯйи кор меоянд.

Асимметрияи маъноӣ яке аз самтҳои асосии тарҷумаи бадеӣ ба ҳисоб рафта, нобаробарии сохтор ва маъно яке аз хусусиятҳои ин равия мебошад.

Солҳои тулонии масъалаи мафҳум ва маъно таваҷҷуҳи олимонро ҷалб намуда, ҳанӯз асри XVI Маттиас Флатсиус тафовути байни мафҳум ва маънои калимаро ҷудо кардааст.

Дар асари Г. Фреге «Мафҳум ва маъно» перомуни таърифи маъно омадааст, ки як ашё бо номе маънидод шуда, метавонад аз якчанд калима ё аломатҳои гуногун иборат бошад. Мавсуф ба хулосае расидааст, ки маъно бо аломат бояд яксон бошад, гарчанде дар баъзе ҳолатҳо як аломат ягон маъниро ифода намекуад. Ба гуфти Г.Фреге маънои предмет на танҳо дар забонҳои мухталиф, балки дар забони асл ба таври гуногун ифода меёбад. Номҳое, ки маънои шабеҳро мефаҳмонанд, синоним номида мешаванд.

Г. Фреге исбот мекунад, ки маънои равшан баёншуда аз фикр бояд ҷудо бошад, зеро назари мардум гуногун аст. Аммо дарки яксони маъно барои халқҳои мухталиф набояд монеа шавад. Ба андешаи Г.Фреге, исме, ки маънояш бо номаш тавъам аст, комилан симметрия мебошад.

Масъалаҳои синонимия ва антонимия, ки чун зуҳуроти симметрия ва асимметрияи воҳидҳои забонӣ ҳисобида шуда, дар асарҳои олимони рус ва англис (дар мавриди таъйини категорияи маъно) баррасӣ шудаанд. Бояд қайд намуд, ки калима, ибора, ҷумлаҳо воҳидҳои асосии маъноӣ мебошанд. Забон - як навъ низоми семантикаи калимаҳо буда, муносибатҳои кулл ва ҷузъро дар баробарӣ (синонимия) ва нобаробарӣ (антонимӣ) ифода мекунанд.

Маънӣ дорои мазмуни зеҳнӣ аст, яъне падидаи возеҳ буда, бо тафаккури инсон робита дорад. Маънӣ дар руҳ ва шуури инсон ҳосил мегардад. Дар ҳоле, ки маъно мазмуни дигар касб мекунад, метавонад дар фарҳанг интиқол ёбад ва миёни миллатҳо роиҷ гардад.

**АДАБИЁТ**


1. Вернадский В.И. Избранные труды по истории науке\\. Вернадский В.И. - М.: Наука,1981.
2. Гак В.Г. Межъязыковая асимметрия ипрогранизоравание переводические трансформаций. - М.: МГПИИЯ.1975.
3. Гарбовский Н.К. Теория перевода\\ Гарбовский Н.К. - М.: Изд. МГУ, 2007.
4. Комисаров В.Н. Слово о переводе\\ Комисаров В.Н. - М.: Наука,1973.
5. Шубников А. В. Симметрия в науке и искусстве\\ Шубников А.В. - М.: Наука,1972. - 458 стр.
6. Понамаренко И.Н. Симметрия \ асимметрия в лингвистике текста \\ Понамаренко И.Н. - Краснодар,2005.


**СИММЕТРИЯ ВА АССИММЕТРИЯ ДАР ТАРҶУМА**


Ин мақола ба вижагиҳои мафҳуми симметрия ва асимметрия ва принсипҳои асосии онҳо бахшида шудааст. Мафҳуми симметрия ҳанӯз дар замонҳои қадим ҳам аз зуҳуроти моддӣ ва ҳам маънавӣ сарчашма гирифтааст, зеро ҳайкалтарошон, наққошон, меъморон, муҳандисон ва дигар олимон шоҳасарҳои худро зери таъсири мафҳуми симметрия офаридаанд. Тибқи иттилои фанҳои дақиқ, симметрия ва асимметрия яке аз принсипҳои асосии тартиботи ҷаҳонӣ ба ҳисоб мераванд. Симметрия дар забоншиносӣ падидаест, ки баробарии сохтор ва мундариҷаро фаро мегирад.



**КАЛИДВОЖАҲО:** мафҳум, симметрия, асимметрия, принсипҳо, забоншиносӣ, зуҳуроти моддӣ, сарчашма, сохтор, шоҳасарҳо, маънавӣ.


**СИММЕТРИЯ И АСИММЕТРИЯ В ПЕРЕВОДЕ**


Данная статья посвящена особенностям понятий симметрии и асимметрии и их основным принципам. Понятие симметрии зародилось как в материальных, так и в духовных проявлениях еще в древности, ведь скульпторы, художники, архитекторы, инженеры и другие ученые создавали свои шедевры под влиянием понятия симметрии. По данным точных наук, симметрия и асимметрия считаются одними из главных принципов мироустройства. Симметрия в лингвистике – явление, заключающееся в равенстве структуры и содержания.



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** концепция, симметрия, асимметрия, принципы, лингвистика, материальное проявление, источник, структура, шедевры, духовность.


**SYMMETRY AND ASYMMETRY IN TRANSLATION**


This article is devoted to the features of the concepts of symmetry and asymmetry and their basic principles. The concept of symmetry originated in both material and spiritual manifestations in ancient times, because sculptors, artists, architects, engineers and other scientists created their masterpieces under the influence of the concept of symmetry. According to the exact sciences, symmetry and asymmetry are considered one of the main principles of the world order. Symmetry in linguistics is a phenomenon consisting in the equality of structure and content.



**KEYWORDS:** concept, symmetry, asymmetry, principles, linguistics, material manifestation, source, structure, masterpieces, spirituality.



**Маълумот дар бораи муаллиф**: ***Раҳимова Истатой*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти факултети забонҳои Осиё ва Аврупо. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992) 905400034.** E-mail:**-bakhakhush@mail.ru.**

**Сведения об авторе**: ***Рахимова Истатой*** - Таджикский национальный университет, магистрант факультета языков Азиии и Европы. **Адрес**:734025, Республика Таджикистан г. Душанбе проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 905400034.** E-mail:-**bakhakhush@mail.ru.**

**Information about the author**: ***Rahimova Istatoi*** - Tajik National University, master`s student of Faculty of Asian and European languages. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan Dushanbe Rudaki Avenue, 17. Phone: **(+992) 933988045.** E-mail: **-bakhakhush @ mail.ru.**

# РОҲҲОИ ТИҶОРАТӢ ВА ВОСИТАҲОИ БОРКАШОНӢ (ТАРҶУМАИ «ИСТИХРОҶИ МАЪДАН, САНОАТ ВА ТИҶОРАТ» АЗ КИТОБИ «САРЗАМИНИ МОВАРОУННАҲР ДАР АҲДИ АББОСИЁН»-И МАҲМУД МУҲАММАД ХАЛАФ)

***Сабурова Г.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Вақте ки Аббосиён ҳокимиятро ба даст гирифтанд, ба тоҷирон имконият доданд, ки фаъолияташонро идома диҳанд. Аз ин рӯ ба кандани чоҳҳо, бунёд кардани қароргоҳои тиҷоратӣ дар роҳҳои корвонҳо пардохтанд. Ҳамин тавр, корвонҳои тоҷирон кишварҳоро давр мезаданд. Таваҷҷуҳи онҳо танҳо ба ин чизҳо маҳдуд намешуд, балки нафаронеро барои ҳимояи ин роҳҳо таъин карданд, ки онҳо амнияти ин роҳҳоро таъмин мекарданд. Инчунин, меҳмонхонаҳо, бозорҳои болопӯш, дуконҳо, роҳҳо, корвонсаройҳо бунёд карданд, ки ҳамаи инҳо барои хизмати тоҷирон буданд.

**1. Роҳҳои хушкии дохилӣ.**

Тоҷирон дар роҳҳои хушкӣ ҳайвонотро, аз қабили аспҳо, хачирҳо, харҳо ва шутурҳо барои кашонидани колои худ истифода мебурданд, ки онҳо дар шакли корвон ҳаракат менамуданд. Тоҷирон роҳҳои тиҷоратии асосиро тай менамуданд, ки дар онҳо аломатҳои ишортӣ барои кумаки тоҷирон ҷиҳати идома додани сафарашон гузошта шуда буданд.

Хушбахтона сарчашмаҳои ҷуғрофӣ барои мо маълумоти фаровонеро роҷеъ ба ин мавзуъ фароҳам вардааст. Дар ин ҷо ба тоаври мухтасар танҳо оид ба роҳҳои асаосӣ маълумот хоҳем дод.

**1) Минтақаи Суғд.**

Вақте ки мусофир дарёи Ҷайҳунро мегузарад, дар сарзамини Мовароуннахр мерасад. Чунон ки дар бахши «масоҳати ҷуғрофӣ» маълумот дода будем, гузаргоҳи асосӣ дар дарёи Ҷайҳун гузаргоҳи Омул ва сипас шаҳри Фарбар буд, ки аз он ҷо роҳ ба сӯйи Байканд мерафт. Сипас роҳ ба сӯйи Бухоро рафта, аз он ҷо сӯйи соҳили дарёи Суғд тул мекашид, то ин ки ба Самарқанд мерасид. Баъд аз он шабакаи роҳҳо мавҷуд аст, ки онҳо ин минтақаро комилан фаро гирифта, байни шаҳрҳои гуногуни он робитаро ба вуҷуд меоранд.

**2) Минтакаи Тахористон.**

Дар дарёи Ҷайҷун гузаргоҳи дигаре назди шаҳи Тирмиз буд ва дар он ҷо роҳи асосӣ ба дигар роҳҳо мепайваст, ки муҳимтаринашон аз ин қабиланд:

**а) Роҳи самти шимолӣ.** Ин роҳ то Чағониён рафта мерасад ва аз он ҷо ба сӯйи Қодиён ва сипас ба сӯйи Вошгирд меравад. Аз он ҷо пули сангине, ки дар бораи он Ибни Ҳавқал гуфтааст: «он байни Хутал ва Вошгирд дар дарёи Вахшоб қарор дорад», убур карда, ба Хутал ва Вахш мерасад.

**б) Роҳи шимолию ғарбӣ.** Ин роҳ аз Тирмиз шуруъ мешавад ва ба Ҳошимгирд, сипас ба дарвозаи оҳанин ва аз он ҷо сӯйи шаҳри Кандак меравад. Сипас ин роҳ тақсим шуда, самти шимолӣ (роҳи тарафи рост) ба сӯйи шаҳри Кеш меравад ва аз он ҷо ба Самарқанд мерасад. Самти шимолию ғарбӣ (роҳи самти чап) ба сӯйи Насаф (Нахшаб) рафта, аз он ҷо роҳ тарафи шарқ меравад ва шаҳри Навкандро убур намуда, бори дигар ба шаҳри Кеш мерасад.

Ба худи роҳи асосӣ бар мегардем, ки он аз Насаф (Нахшаб) биёбонро убур намуда, то Кабса мерасад ва аз он ҷо сӯйи Базда меравад ва дар ниҳоят ба Бухоро мерасад.

**3) Минтақаи Хоразм.**

Аз Бухоро як роҳ лаб-лаби соҳили рости дарёи Ҷайҳун рафта, ба шаҳри Тоҳирия мерасад, ки он оғози минтақаи Хоразм аст. Сипас, он ба сӯйи Ҷигарбанд рафта, аз он ҷо сӯйи Дарғон тул мекашад ва сипас ба шаҳри Ҳазорасп мерасад. Дар назди ин шаҳр роҳ ба ду қисм тақсим мешавад:

**а) Самти шарқӣ (тарафи чап).** Он шаҳри Хева, сипас Арсахашмисан, сипас, Андаристон ва баъд аз он Замахшарро убур карда, дар ниҳоят ба Гургон ва шаҳри Урганҷ –пойтахти минтақаи Хоразм мерасад.

**б) Самти ғарбӣ (тарафи рост).** Роҳ аз шаҳри Ҳазорасп тоб хӯрда, ба шаҳри Кос (ҳоло Турткӯл), ки он охири марзи Хоразм аст, мерасад. Аз шаҳри Кос якчанд роҳҳои кӯтоҳ баромада, сӯйи Ҷануб тул кашида, ба Войхона мерасанд. Сипас, роҳ дар назди шаҳри Хева ба охир мерасад.

Бояд қайд намуд, ки он ҷо роҳи дигаре ҳаст, ки аз Бухоро сӯйи шаҳри Кос аз самти рости соҳили дарёи Ҷайҳун рафта мерасад. Чунин ба назар мерасад, ки ин роҳ бо ҳадафҳои ҷангӣ, ё роҳи зудҳаракати паёмрасонӣ барои корҳои муҳим истифода мешуд.

**4) Минтақаи Истаравшан.**

Аз роҳи Хуросони мазкур, ки дар назди Самарқанд ба поён мерасид, роҳ ба самти Шимол тул кашида, дарёи Суғдро убур мекунад, сипас, шаҳри Аштиханро гузашта, аз он ҷо ба Кашваған ва Харқона ва аз он ҷо сӯйи Зомин, ки он оғози минтақаи Истаравшан аст, мерасад. Дар ин шаҳр роҳ тақсим мешавад:

**а) Роҳи самти чап.** Ин роҳ аз Собот, Говсар ва Банокас, гузашта, он ҷо дарёи Сайҳунро убур мекунад ва сӯйи минтақаи Чоч тул мекашад. Бояд қайд намуд, ки аз роҳи мазкур дида роҳи кӯтоҳтар низ вуҷуд дорад ва он аз Самарқанд сӯйи Чоч тул кашида, аз он ҷо сӯйи шаҳри Бадизак ва Ҷайзан рафта, биёбонро убур менамояд ва ба Винкард мерасад. Аз он ҷо ин роҳ дарёи Сайҳунро убур карда, сӯйи Шутуркаш меравад. Дар ин шаҳр ин роҳ ва роҳи аз Банокаш сӯйи Чоч оянда бо ҳам мепайванданд.

**5) Минтақаи Фарғона.**

**б) Роҳи самти рост.** Дар назди шаҳри Зомини мазкур ин роҳ ба самти рост тоб хӯрда, шаҳри Бунҷакас – пойтахти минтақаи Истаравшанро убур мекунад. Агар он шаҳрро гузашт, сӯйи шаҳри Хуҷанд меравад, ки он дар соҳили дарёи Сайҳун воқеъ аст ва он ҷо оғози минтақаи Фарғона мебошад. Аз он ҷо роҳ лаб-лаби соҳили ҷанубии дарё боло рафта, то ба шаҳри Нисё ва сипас ба Хуқанд мерасад. Аз он ҷо роҳ ба Ихшикас – пойтахти Фарғона, расида, аз он ҷо сӯйи Аштиқон тоб мехӯрад ва аз он ҷо сӯйи Қубо ва сипас Уш рафта, дар шаҳри Узканд – охирин шаҳри минтақа ба поён мерасад ва аз он ҷо сарзамини туркҳо то ҳдуди Чин оғоз мегардад.

**б) Иқлими Чоч.** Қайд кардем, ки роҳи аз сӯйи Истаравшан оянда дар назди дарвозаи Чоч ба охир мерасид ва дар назди ин шаҳр роҳ ба ду шоха тақсим мешуд ва онҳо:

**а) Самти шарқӣ:** аз Чоч то шаҳри Тункас – пойтахти Илоқ.

**б) самти ғарбӣ:** аз Чоч то Асфиҷоб (Асбиҷоб). Аз он ҷо ин роҳ бори дигар тақсим шуда, самти рост (шарқӣ) шаҳри Тирозро убур карда, аз он ҷо сӯйи Килон меравад ва дар назди шаҳри Миракӣ – охирин шаҳри мусулмоннишин дар ҳудуди туркҳо, ба охир мерасад. Аз он ҷо роҳ ба сӯйи Чин рафта мерасад.

Дар назди шаҳри Асфиҷоби мазкур, агар мусофир самти чап (ғарбӣ) равона шавад, ӯ ба Сабоникас ва аз он ҷо ба Фороб (Утрор) мерасад. Сипас, дарёи Сайҳунро убур карда, ба самти шимол равона гардида, ба шаҳри Ясӣ мерасад ва аз он ҷо ба шаҳри Саброн мерасад. Аз он ҷо роҳ сӯйи Кӯли Хоразм (Бахри Арал) мерасад, ки он охири марзи ин минтақа мебошад. Дар самти шиомолии он сарзамини Хазар ва Сақолиба воқеъ ҳастанд.

Ҳаминтавр, ба мо маълум мегардад, ки сарзамини Мовароуннахр дорои шабаки роҳҳои хушкии дохилӣ будааст, ки байни ҳамаи шаҳрҳои инминтақаро пайваст карда, ба рушду пешрати савдо мусодидат намудаанд.

**2. Роҳҳои хушкии хориҷӣ (байналмилалӣ)**

Ҳокимони Аббосӣ ҳамчуноне, ки ба роҳҳои дохилӣ таваҷҷуҳ намудаанд, ба роҳҳои хориҷӣ, ки онҳоро роҳҳои байналмилалӣ мегӯянд, низ таваҷҷуҳ намудаанд ва ин роҳҳо

ҷиҳати робитаи Бағдод ба кишварҳои гуногуни ҷаҳон дар он замон мусоидат намудааст. Ба ҳамин минвол пойтахти Аббосиён ба саргаҳи роҳу боркашонии ҷаҳонӣ мубаддал гаштааст.

Зарурат надорад, ки роҳҳои асосие, ки Бағдодро ба Шарқу Ғарб мепайвандад, ёдовар шавем, аммо махсус роҳҳои шарқиро, ки он замон аз сарзамини Мовароуннаҳр гузашта, ба Бағдод мерасиданд, баён менамоем.

Он ҷо се роҳ буд, ки бо якдигар ба осонӣ мепайвастанд ва аз як роҳ ба роҳи дагир ба воситаи роҳҳои дуюмрадаҷа гузаштан осон буд. Дар бораи ин роҳҳо қаблан маълумот дода будем ва дар он ҷо муфассалан ба мо маълум гардида буд, ки роҳи миёна ҷиҳати аҳаммият доштанаш дар тиҷорати хориҷӣ (байналмилалӣ), «Роҳи абрешим» номида мешуд.

**а) Роҳи миёна «Роҳи абрешим»**

Он муҳимтарин роҳе буд, ки аз Осиё мегузашт ва он аз сарзамини Чин оғоз ёфта, ба сами Ҷануб то доманаи кӯҳҳои Тиён Шон тул мекашид. Сипас, ба сӯйи Кошғар равона шуда, аз он ҷо ба ду минтақа: Фарғона ва Истаравшан мерасид ва сӯйи бозорҳои Суғд (Бухоро ва Самарқанд) равона мегардид. Ал-Масъудӣ қайд намудааст, ки роҳ дар назди Самарқанд ба ду шоха тақсим мешавад. Яке аз онҳо дароз буда, тай кардани он чор ҳафта тул мекашад, вале Ал-Масъуди самти онро ба мо дақиқ баён накардааст. Роҳи дуюм тавассути пуштакӯҳи Тиббет мегузарад ва он роҳи наздик, лекин хатарнок аст, аз ин рӯ ин роҳ хеле кам истифода бурда мешуд.

Ба роҳи асосӣ баъди гузаштани Самарканд бармегардем. Ин роҳ ба самти ҷанубу ғарбӣ тоб хӯрда, ба минтақаи Хуросон мерасид ва шаҳри Марв ва сипас Тусро гузашта, аз он ҷо сӯйи Нишопур, сипас сӯйи шаҳри Бастом мерафт Аз он ҷо ин роҳ сӯйи шаҳри Қумис тул мекашид ва сипас, сӯйи Шарқ, ки он ҷо шаҳри Рай буд, мерасид. Он роҳ аз Ҳамадон гузашта, ба Кирмоншоҳ – маркази Курдистон, мерасид. Сипас, минтақаи кӯҳиро (Эронро) гузашта, аз он ҷо сӯйи Ҳулвон мерафт. Баъд аз он, водиро гузашта, дарёҳои зиёдро аз болои пӯлҳо убур карда, аз дарвозаи шарқии Хуросон – яке аз дарвозаҳои Бағдод, ворид мешуд.

**б) Роҳи ҷанубӣ.**

Он ҷо роҳи ҷанубӣ буд, ки қисми ҷанубии минтақаи қабилаҳои туркро мегузашт. Сипас, тавассути биёбон масофаи дарозро дар ҷанубу ғарби кӯли Луб мегузашт. Баъд аз он пуштакӯҳи Помирро убур намуда, ба шаҳри Бадахшон – яке аз шаҳрҳои минтақаи Тахористон мерасид. Сипас он ҷоро гузашта, тавассути гузаргоҳи Бомиён ва шаҳри Ғазнин, ки Ал – Истахрӣ дар бораи ӯ чунин гуфтааст: «Шаҳрҳое, ки дар атрофи Балх воқеъ ҳастанд аз он дида сарватмандтар ва дорои тиҷорати зиёд, шаҳре нест, зеро дар он ҷо бандари Ҳиндустон аст», ба Ҳиндустон мерасид. Аз он ҷо корвон самти Ғарб сӯйи Хуросон ҳаракат мекард ва сипас тавассути роҳи қаблӣ сӯйи Бағдод ё самти Шимол сӯйи Бухоро, ки минтакаи Суғд аст, раҳсипор мешуд.

**3 Иншооти тиҷоратӣ.**

Дар он чи ки қаблан матраҳ шуд, таваҷҷуҳи Аббосиён оид ба роҳҳои дохилӣ ва хориҷӣ баён гарид. Бо назардошти он ки сарзамини Мовароуннаҳр аз пойтахти Аббосиён дур буд, зарурати сохтани роҳҳо барои тоҷирон ва махсусан тоҷирони аҷнабӣ пеш омад, то ин ки корҳои худро бидуни ҳеҷ машаққати бузурге анҷом диҳанд ва кори масъулони сарпараст ва ҳомиёни онҳо ба таври комил осон гардад. Аз ин ҷост, ки дар сарзамини Мовароуннаҳр иморатҳои гуногуни тиҷоратӣ бунёд гардад. Бо вуҷуди гуногунии ном, шакл ва сохти ин иншоот, онҳо ба як ҳадаф сохта шуда буданд, ки он ҳам хизматрасонӣ барои гардиши тиҷорат мебошад. Муҳимтарини ин иншоот бозорҳои болопӯш, дуконҳо, меҳмонхонаҳо ва корвонсайҳоро буданд. Дар поён тафсилоти онҳо оварда мешавад:

**1) Бозори бомпӯш.** Он аз маҷмуаи иморатҳои оммавӣ иборат аст. Дар онҳо дуконҳо, коргоҳҳо, амборҳо, хобгоҳҳо ва инчунин равоқҳои гуногун ҷой доштанд. Дар баъзе бозорҳои бомпӯш масҷидҳо барои тоҷирони мусулмон мавҷуд буданд. Дар болои онҳо ҳуҷраҳои истиқоматӣ, махсус, барои тоҷирон дар ивази маблағи муайян сохта шуда буданд.

**2) Корвонсарой.** Он бинои бузург буда, маҷмуи дуконҳои хурду бузург ва амборҳои бору маҳсулотро дар бар мегирад. Дар мобайни корвонсарой ҳавлии бузург дар шакли равоқи болопӯш вуҷуд дорад, ки тоҷирон ва борҳои онҳоро ҳифз мекунад. Дар ин ковонсарой тоҷирон барои худ ва барои чорпоёнашон сарпаноҳ пайдо мекарданд.

Корвонсаройро дар сарзамини Мовароуннаҳр тайм ё ҷубақ мегуфтанд. Як дуконро махзан ва дукони бузургро хонбор ва ҷамъи онро хонборот меноманд. Дар Самарқанд ва Насаф ин хонборҳо вуҷуд дошт. Соҳиби китоби «Ал-Ансоб» мегӯяд, ки ӯ баъзеи онҳоро дар он ҷо дидааст, ки дар онҳо сабзавот ва меваҳо фурӯхта мешуд. Ёқут ал-Ҳамавӣ қайд менамояд, ки ӯ шаҳри Арсахшамисан – яке аз шаҳрҳои Хоразмро, дидааст ва дар девори корвонсарое, ки ӯ истиқомат кардааст, байтҳое будааст, ки дар онҳо ин шаҳр ба сабаби шиддати сармое, ки он ҷо ҳукумфармост, мазаммат карда шудаст. Ал-Истахрӣ қайд менамояд, ки ӯ дар шаҳри Дизак дар митакаи Истаравшан корвонсаройҳои бисёр дидааст.

**3) Меҳмонсарой.** Он бинои бузургу мураббаъ ва дар шакли қалъа буда, дар атрофи он боғҳои сердарахт аст. Меҳмонсарой одатан аз якчанд ошёна иборат аст. Дар ошёнаи якуми он анборҳо ва дуконҳое вуҷд доранд, ки сӯйи ҳавлии васеи дохилии меҳмонсарой тул мекашанд. Дар онҳо бору маҳсулот ҷой дода мешаванд, дар ҳоле ки ошёнаҳои болоӣ истиқоматгоҳи тоҷирон буданд, ки он ҳо мехобиданд ва ҳуҷраҳояшонро бо қулфҳо маҳкам мекарданд.

Гузашта аз ин, меҳмонхонаҳо дар шаҳри Бадахшон – яке аз шаҳрҳои Тахористон, бунёд гардида буданд ва ҳамчунин дар Самарқанд ва Кешмеҳан – яке аз шаҳрҳои Фарғона низ вуҷуд доштанд.

**4) Ғарибхона**. Ғарибхонаҳо дар сарзамини Мовароуннаҳр дар роҳҳои биёбонӣ бунёд гардида буданд. Бо вуҷуди он ки ғарибхонаҳо бо мақсади қароргоҳи зоҳидон ё дифои кишвар аз хатарҳои душманон сохта шуда буданд, вале онҳо ба паноҳгоҳи тоҷирон ва мусофироне, ки тавассути ин роҳҳо сафар мекарданд, табдил ёфтанд. Ал-Истахрӣ қайд менамояд, ки дар сарзамини Мовароуннаҳр бештар аз даҳ ҳазор ғарибхона вуҷуд дошт, ки «дар аксари онҳо вақте ки мусофир ҷой мегирифт, агар зарурат ояд, барои чорпояш алаф ва барои худаш хӯрок пешкаш мегардид».

Абулфидо аҳли ин сазаминро ситоиш карда мегӯяд: «Аксари тавонгарони Мовароуннаҳр молҳои худро дар сохтани ғарибхонаҳо, роҳҳо ва корҳои хайр сарф мекунанд».

Гузашта аз ин сарчашмаҳо дар бораи бунёди ғарибхонаҳо дар сарзамини Мовароуннаҳр аз замонҳои пеш маълумоти фаровонеро дастраси мо намудаанд. Аксари онҳо дар шаҳри Байканд ва Асфиҷоб буданд ва он ҷо ғарибхонае бо номи «Ғарибхонаи бухориён» сохта шуда буд. Волии Хуросон – Ашрас ибни Абдуллоҳ ас-Суламӣ (108-110 ҳ./ 727-729 м.), дар замони ҳукумронии Ҳишом ибни Абдулмалик ба бунёди ғарибхонаҳо ва некуаҳволии мусулмонон дар он гӯшаву канорҳо иқдом намуда буд. Ибни Асир мегӯяд: Ашрас шахси донишманду хайрхоҳ буда, ӯро ба хотири фазлу донишаш Комил меномиданд. Ибни Касир илова менамояд: «Ӯ нахустин касе буд, ки корҳои бунёди ғарибхонаҳоро дар Хуросон ба даст гирифт… ва ӯ корҳои хурду бузурги онро ба души худ гирифта, мардум он аз ӯ хушнуд гардиданд».

Бояд қайд намуд, ки ин сиёсат – бунёди ғарибхонаҳо, то замони ҳукмронии волии Хуросон – Фазл ибни Яҳёи Бармакӣ (147-193 ҳ. / 764- 808 м.), аз ҷониби Ҳоруннарашид идома ёфта, дар сарҳади сарзмни Мовароуннаҳр барои дифоъ ва ҳимояи он ба бунёди ғарибхонаҳо иқдом карда шуд. Ҷаҳшиёрӣ чунин қайд менамояд: «Вақте ки дар Хуросон машаққати сафарро аз байн бурда, масҷидҳо, ҳавзҳо ва ғарибхонаҳо бунёд кард, қароргоҳҳои исёнгаронро сӯзонд ва лашкарро зиёд намуд». Ибни Ҷавзӣ дар тарҷумаи ҳоли Абдуллоҳ ибни Тоҳир қайд менамояд, ки ӯ ғарибхонаҳоро обод намуда, барои онҳо вақф таъйин намуд.

Хулоса бозорҳо ва иншоотҳои тиҷоратӣ, ки дар сарзамини Мовароуннаҳр бунёд карда шуда буданд, ба гардиши савдои дохилию хориҷӣ саҳми худро гузоштаанд, зеро маҳсулоти тиҷоратӣ ба ин иншоот оварда мешуданд ва аз он ҷо бо дигар бору маҳсулот ба бозорҳо баровард ворид мегардиданд. Дар айни замон шароити тиҷоратӣ барои савдогарони мусофир фароҳам оварда шуд.

## АДАБИЁТ


1. Баранов, Х.К. Арабско-русский словарь / Х.К. Баранов. – М.: Рус.яз. 1989.

2. Фарҳанги тоҷикӣ ба русӣ, ч. I (зери таҳрири Холматова С., Салихов С., Каримов С.), 2005
3. Фарҳанги тоҷикӣ ба русӣ, ч. II (зери таҳрири Саймиддинов Д., Холматова С., Каримов С.), 2006
4. Барномаи электронии "Арабус".

**РОҲҲОИ ТИҶОРАТӢ ВА ВОСИТАҲОИ БОРКАШОНӢ (ТАРҶУМАИ «ИСТИХРОҶИ МАЪДАН, САНОАТ ВА ТИҶОРАТ» АЗ КИТОБИ «САРЗАМИНИ МОВАРОУННАҲР ДАР АҲДИ АББОСИЁН»-И МАҲМУД МУҲАММАД ХАЛАФ)**

Дар мақолаи мазкур мавзуи роҳҳои тиҷоратӣ ва воситаҳои боркашонӣ аз китоби "Сарзамини Мовароуннаҳрдар аҳди Аббосиён" – и Маҳмуд Муҳаммад Халаф мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Муаллиф дар он оид ба роҳҳои тиҷоратии шаҳрҳои гуногун, воситаҳои боркашонӣ ва меҳмонхонаву ғарибхонаҳои аҳди Аббосиён маълумот додааст.

**КАЛИДВОЖАҲО:** тиҷорат, меҳмонхона, мусофир, бозор, роҳи ҷанубӣ.

**ТОРГОВЫЕ ПУТИ И ТРАНСПОРТНЫЕ СРЕДСТВА (ПЕРЕВОД «КОРКАРДИ МАЪДАН ВА САНОАТ» ИЗ КНИГИ ДОКТОРА МАХМУДА МУХАММАДА ХАЛАФА «САРЗАМИНИ МОВАРОУННАХР (ФАРОРУД) ДАР АХДИ АББОСИЁН»**

В данной статье рассматривается тема торговых путей и транспортных средств из книги Махмуда Мухаммада Халафа «Сарзамини Мовароуннахр (Фароруд) дар ахди Аббосиён». В нем автор предоставил информацию о торговых путях различных городов, транспортных средствах, гостиницах и гостевых домах эпохи Аббасидов.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** бизнес, гостиница, пассажир, рынок, южная дорога.

**TRADE ROUTES AND VEHICLES (TRANSLATION OF THE "KORKARDI MA`DAN WA SANOAT" FROM THE BOOK OF DOCTOR MAHMUD MUHAMMAD KHALAFA "SARZAMINI MOVAROUNNAYR (FARORUD) DAR AHDI ABBOSIYON"**

This article discusses the topic of trade routes and vehicles from the book of Mahmud Muhammad Khalaf "Sarzamini Movarounnahr (Farorud) dar ahdi Abbosiyon." In it, the author provided information about the trade routes of various cities, means of transport, hotels and guest houses of the Abbasid era.

**KEYWORDS:** business, hotel, passenger, market, southern road.

**Маълумот дар бораи муаллиф**: ***Сабурова Гулзор*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти курси дуюми факултети забонҳои Осиё ва Аврупо. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.

**Сведения об авторе**: ***Сабурова Гулзор*** - Таджикский национальный университет, магистрант второго курса факультета языков Азиии и Европы. **Адрес**:734025, Республика Таджикистан г. Душанбе проспект Рудакї 17.

**Information about the author**: ***Saburova Gulzor*** - Tajik National University, second-year master`s student of Faculty of Asian and European languages. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan Dushanbe Rudaki Avenue 17.

# СОХТ ВА ТАРКИБИ "БАДОЕЪ-УЛ-АФКОР"-И ҲУСАЙН ВОИЗИ КОШИФӢ

***Фатхудинова С.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Бузургтарин нависанда, шоир, олим, мунаҷҷим ва воизи садаи XV Мавлоно Камолуддин Ҳусайн ибни Алии Кошифӣ дар асри XV дар деҳаи Байҳақи ноҳияи Сабзвори Хуросон ба дунё омадааст. Оғози фаъолияти саводомӯзии ӯ аз зодгоҳаш – Байҳақ (Эрон) ҷараён гирифта, дертар дар шаҳри Сабзвор идома ёфтааст. Ҳусайн Воиз баъдтар тамоми илмҳои замонаашро аз худ намуда, хусусан, дар улуми сарфу наҳв, луғат, калому тафсир, мантиқу фалсафа, фиқҳу ахлоқ, назму наср, нуҷуму риёзиёт, иншову балоғат ва ғайра ягонаи замон эътироф шудааст. Ин аст, ки баъдтар дар ҳар кадоме аз ин илмҳо асари ҷудогона таълиф намудааст.

Ҳусайн Воиз яке аз муқаррабони Ҷомӣ буда, то охири умр дар шаҳри Ҳирот зиндагӣ кардааст. Хондамир санаи вафоти Ҳусайн Воизро чунин хабар медиҳад: «Воиз... фи-санати ашара ва тисъамияти (910 ҳ.) мухри сукут бар лаб зад ва олами охиратро сохт», ки рақами мазкур ба соли 1505 мелодӣ баробар мебошад.

Ҳусайн Воиз парвардаи муҳити илмию адабии Ҳирот буда, аз худ мероси бой ва гаронбаҳое ба ёдгор гузоштааст. Шумораи осори таълифнамудаи ӯро сарчашмаҳо аз 37 то

44 номгӯй қайд кардаанд. Мероси боқигузоштаи Ҳусайн Воиз серсоҳаву гуногунмавзуъ буда, чун намуна метавон чанде аз онҳоро номбар намуд: «Ахлоқи Муҳсинӣ», «Анвори Суҳайлӣ», «Оинаи Искандарӣ», «Сабъаи Кошифия», «Шарҳи «Маснавӣ», «Лубоб-ул-маънавӣ» «Бадоеъ-ул-афкор фӣ саноеъ-ул-ашъор», «Матлаъ-ул-анвор», «Иншо», «Рисола дар илми аъдод», «Рисола дар авров ва адвия», «Рисолаи Ҳотамия», «Мафотеҳ-ул-кунуз фӣ кимиё», «Футувватномаи султонӣ» ва ғайра. Инчунин, чунонки қаблан ишора рафт, ӯ дар шарҳи маънӣ низ ягонаи даврон буда, шарҳҳои навиштааш ба «Маснавии маънавӣ»-и Ҷололуддини Балхӣ далели барҷастаи шеършиносию маънифаҳмӣ ва мӯшикофии Ҳусайн Воиз аст. Инчунин, дар адабиётшиносӣ қавипанҷа будааст, зеро асари бевоситаи адабиётшиносии ӯ «Бадоеъ-ул-афкор фӣ саноъ-ул-ашъор» қавитарин бурҳон барои қазовати олимии Ҳусайн Воиз мебошад. Камолуддин Ҳусайн Воиз на танҳо дар навъҳои лирикӣ-шеър дасти қавӣ дорад, балки дар навъҳои бузурги адабӣ низ табъ имтиҳон карда будааст.

Бояд гуфт, ки ӯ дар таърихи адабиёти асримиёнагии тоҷик асосан адабиётшинос, («Бадоеъ-ул-афкор фӣ саноеъ-ул-ашъор») шуҳрати оламгир дорад.

Бадеъсароӣ дар таърихи адаби порсӣ, ба вижа дар садаҳои ҳаштум ва нуҳум (XIV-XV мелодӣ) равоию густарише фузунтар ёфтааст ва бар шумори бадеъсароён афзуда шудааст.

“Бадоеъ-ул-афкор фӣ саноеъ-ил-ашъор” асари Камолуддин Ҳусайн Воизи Кошифӣ буда, тақрибан солҳои 1488-89 таълиф шудааст.

«Бадоеъ-ул-афкор фӣ саноеъ ил-ашъор»-и Камолиддин Ҳусайн ибни Алӣ Воизи Кошифӣ дар таърихи адабиётшиносии форс-тоҷик мақоми арзанда дорад. “Бадоеъ-ул-афкор” аз муқаддима, ду боб ва хотима иборат буда, муаллиф онро ба яке аз ҳокимони давр - Амир Сайиди Ҳусайн бахшидааст. Кошифӣ муқаддимаро ба чор фасл (фасли аввал «Дар таърифи шеър», фасли дуюм «Дар баёни анвоъ», фасли сеюм «Дар баёни ақсоми шеър», фасли чаҳорум «Дар зикри баъзе алфозе, ки мустаъмал ва мутадовили ин тоифа аст») ҷудо намуда, баъди баёни сабаби таълифи ин асар дар хусуси маънии луғавӣ ва истилоҳии шеър, анвои шеър, қисматҳои шеър, алфозе, ки дар байни шоирону нависандагон маъмул мебошанд, маълумоти мухтасар медиҳад.

Дар мавриди анвои шеър ва муайян намудани хусусиятҳои ҷудогонаи онҳо Кошифӣ хеле дақиқназар аст. Нишонаи асосӣ ва тафовути бевоситаи қитъаву ғазалу қасидаро дар мавриди шарҳи қитъа ҳамчун навъи шеър хеле оддӣ ва фаҳмо баён мекунад, ки он ҳамқофия набудани байти аввали қитъа мебошад: «Қитъа дар луғат пораро гӯянд ва дар истилоҳ миқдоре бошад аз шеър, ки муҷаррад бувад аз тасреи матлаъ. Ва ӯро қитъа аз он ҷиҳат гӯянд, ба нисбати мақосиди мутааддида ва маонии касира, ки дар қасида воқеъ аст, баъзе метавонад аз он ва аксари он ақалли абёти қасида тавонад буд, ки он сию як аст ва ақалли он ду байт бошад».

Баъди ин қисмате бо номи фоида оғоз меёбад, ки дар он дар хусуси истилоҳоте сухан меравад, ки дар миёни аҳли илму адаб servicesистеъмоланд ва инҳо ҳазл, мутояба, марсия, мунозира, хамриёт, қасамиёт мебошанд. Қисмати асосӣ ва зиёди “Бадоеъ-ул-афкор”-ро боби аввал ташкил медиҳад. Дар ин боб, асосан, санъатҳои бадеие шарҳ дода шудаанд, ки мавриди истифодаи шоирони асрҳои охир, яъне асри XV қарор гирифтаанд.

Боби дуюми “Бадоеъ-ул-афкор” «Дар баёни уюби назм, ки онро илми нақд хонанд» унвон дошта, Кошифӣ дар ин ҷо ҳамчун адабиётшинос суханронӣ мекунад. Дар ин боб вай нозукӣ ва истилоҳоте, ки ба илми нақд тааллуқ доранд, шарҳ дода, барои ҳар кадомаш аз шоирони гузашта ва муосири худ мисолҳо меорад.

Дар хотимаи асар Кошифӣ дар хусуси маънии қофия, адади ҳарфу ҳаракатҳои қофия, айбҳои қофия ва радиф маълумот медиҳад.

«Бадоъе-ул-афкор фӣ саноеъ-ул-ашъор»-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ дар таърихи адабиётшиносии форс-тоҷик мақоми арзанда дорад. Мутолиаи ин асар нишон медиҳад, ки ҳарчанд Кошифӣ дар тамоми илмҳои замона ягонаи даврон будааст, дар илмҳои бадеъ, арӯз, қофия ва нақд низ дасти тавоно доштааст.

Соли 1977 донишманди тоҷик Раҳими Мусулмонониён нусхаи «Т»-и Китобхонаи Институти шарқшиносии ба номи Берунии Академияи улуми Ӯзбекистонро таҳти рақами:

1 (2519) ба хотири мукаммалӣ ва хоноӣ ба чопи факсималӣ таҳия намуда, нашр кард ва дар аввали китоб зери унвони «Пешгуфтор» доир ба ҳаёт ва фаъолияти Кошифӣ, инчунин оид ба сохт ва мундариҷаи «Бадоеъ-ул-афкор фӣ саноеъ-ул-ашъор»-и ӯ маълумоти муфассале низ ироа кардааст.

Маъхази асосии ин рисола «Ал-Муъҷам»-и Шамси Қайси Розӣ, «Меъёр-ул-ашъор»-и Насируддини Тӯсӣ, «Ҷамъи мухтасар»-и Ваҳиди Табрезӣ, «Эъҷози Хусравӣ»-и Амир Хусрави Деҳлавӣ ва дигар асарҳои донишмандону сухандонони гузаштаю муосири ӯ ба ҳисоб меравад.

Қисмати асосӣ ва зиёди «Бадоеъ-ул-афкор»-ро боби аввал ташкил медиҳад. Ҳамон тавре ки муаллиф қайд мекунад, дар ин боб асосан навъҳои санъатҳои бадеие шарҳ дода шудаанд, ки мавриди истифодаи шоирони асрҳои охир, яъне асри XV қарор гирифтаанд. Муаллиф ҳар як санъатро аввал аз ҷиҳати луғавӣ, баъд аз ҷиҳати истилоҳӣ шарҳ дода, барои ҳар кадоми онҳо мисолҳои шеърӣ меорад.

Дар ин боб санъатҳои бадеии тавфиф, тарсеъ ва таҷнис, таҷнисот (таҷниси том, таҷниси мураккаб, таҷниси мушобеҳ, таҷниси мафруқ, таҷниси марфувв, таҷниси ноқис, таҷниси зоид, таҷниси мукаррар, таҷниси мураддад, таҷниси мутарраф, таҷниси лоҳиқ, таҷниси хат), иштиқоқ, такрир (такрири мутлақ, такрири мусанно, такрири мушаббаҳ, такрири мустаънаф, такрири маъа-л-восита, такрири муаккад, такрири ҳашв), мақлубот (мақлуби баъз, мақлуби кул, мақлуби муҷаннаҳ, мақлуби лоҳиқ, мақлуби муставфӣ), маъкусот (маъкуси мураттаб, маъкуси мушавваш), асҷоъ (саҷъи мутавозӣ, саҷъи мутавозин, саҷъи мутарраф), радд-ул-аҷузи ала-с-садри (мутасодири мутлақ, мутахаллали мутлақ, мусаддари муқтазаб, мусаддари муштақ, мутахаллали муштақ), маод, мутазодд, иънот, тазмини муздаваҷ (муздаваҷи муфрад, муздаваҷи мусанно), истиорат, тамсил, ирдод, мушокала, табиийн, ташбеҳот (ташбеҳи мутлақ, ташбеҳи мусарраҳ, ташбеҳи муканно, ташбеҳи музмар, ташбеҳи муставӣ, ташбеҳи муфаззал, ташбеҳи муғолата), иҳом (иҳоми мурашшаҳ, иҳоми муҷаррад, иҳоми зулвуҷуҳ, иҳоми мураккаб), икмол, такмил, муболиғат (таблиғ, иғрок-ус-сифа, ғулувв), тансиқ-ус-сифот, сиёқат-ул-аъдод, муроот-ун-назир, эътироз-ул-камоли қабл-ут-тамоми (ҳашви малеҳ, ҳашви латиф, ҳашви мутаввасит, ҳашви қабеҳ), тавшеҳот (мувашшаҳи совиҷ, мувашшаҳи мусаддар, мувашшаҳи мубтадо, мувашшаҳи ҷомеъ, мувашшаҳи арӯзӣ, мувашшаҳи муҷтамеъ, тавшеҳи мукаммал, мувашшаҳи мушавваш, мувашшаҳи муҷаззо, мувашшаҳи зулаҷзо, тавшеҳи муавваҷ, мувашшаҳи мултавӣ, мувашшаҳи салбӣ, мувашшаҳи муаммад, мувашшаҳи муташаккил, мувашшаҳи мушаҷҷар, мувашшаҳи мураббаъ, мувашшаҳи мудаввар, мувашшаҳи муаққад, мувашшаҳи мураттаб, мувашшаҳи муҳайяз, мувашшаҳи мурашшаҳ), ирсол-ул-масал, ирсол-ул-масалайн, муталаввин (мутлаввини мураттаб, мутлаввини муҷаннаҳ, ҷомеъ-ул-баҳрайн, муталаввини маъкус), илтифот, тадорук, истидрок-ал-ибтидо, таъкид-ул-мадҳи бимо юшбиҳ-уз-замм, таъкид-уз-замм бимо юшбиҳ-ул-мадҳи, ал-мадҳ-ул-муваҷҷаҳ, муҳтамил-уз-зидайн, муаммо, луғз, иқтифо, зулқавофӣ, таҷоҳули ориф, қабл-ул-қавофӣ, такрор-ул-қавофӣ, музалзил, ҳусни матлаъ, бароати истеҳлол, радди матлаъ, хусни тахаллус, ҳусни талаб, ҳусни мақтаъ, мадҳи мусанно, тавсим, итрод, тасҳим, муқаттаъ, мувассал, ҳазв, муҷаррад, алманкут, ракто, хайфо, муъҷам, ҳаҷо таҳаҷҷӣ, мутатобеъ, тааҷҷуб, ҳусни таълил, тарҷума, ал-ҷамъ-ут-тафриқ в-ат-тақсим, (ҷамъи танҳо, тафриқи танҳо, тақсими танҳо, ҷамъ ва тафриқ, ҷамъ бо тақсим, ҷамъ бо тафриқу тақсим), лаффу нашр, тасҳиф (мусҳафи мунтазам, мусҳафи музтараб, мусҳафи зулисонайн), каломи ҷомеъ, ибдоъ, иқтибос, ақд, ҳалл, тарвиҷ, таркиб, сеҳри ҳалол, муламмаъ, иститрод, тазмин (тазмини мусарраъ, тазмини мубҳам), зулисонайн, тафсил, тавассул, тадвир, тазлеъ, таъриб, измор-ул-ҳуруф, мавқуф, ҳомили мавқуф, мустазод, мустазоди мавқуф, мусалсал, афрод (муфради мутлақ, муфради ҷомеъ), илҳоқ (мулҳақи мустақим, мулҳақи муталаввин) шарҳу тавзеҳ дода шудаанд.

Боби дуюми «Бадоеъ-ул-афкор» «Дар баёни уюби назм, ки онро илми нақд хонанд» ном дошта, Ҳусайн Воизи Кошифӣ дар ин ҷо ҳамчун адабиётшинос муҳокимаронӣ мекунад. Вай таъкид менамояд, ки «то касе бар уюби шеър мутталеъ нашавад, шеъри беайбро

нашиносад». Дар ин боб вай нозукӣ ва истилоҳоте, ки ба илми нақд тааллуқ доранд, шарҳ дода, барои ҳар кадомаш аз шоирони гузашта ва муосири худ мисолҳо меорад.

Кошифӣ дар таълифи ин боби рисолаи худ, пеш аз ҳама, ба «Ал-Муъҷам»-и Шамси Қайси Розӣ такя намудааст. Мо аз рӯйи «Ал-Муъҷам» медонем, ки Шамси Қайси Розӣ доир ба илми нақд ва муносибати шоиру ноқид изҳори ақида карда буд. Вай ноқидро «ҷӯяндаи беҳомад», шоирро «толиби хушомад» меномад, яъне ба қавли Шамси Қайси Розӣ, шеър фарзанди шоир аст ва ҳарчанд ӯ шеъре гӯяд, ки аз шеъри дигарон беҳтар нест, лекин ҳеҷ гоҳ он ашъор дар назараш бад наменамояд, балки хуш менамояд. Барои ҳамин, шеъри дурусту некуро фақат ноқид ҷудо карда метавонад. Ӯ менависад: «Ва бояд донист, ки нақди шеъру маърифати ракику расин ва ғассу самини он ба шеъри нек гуфтан тааллуқ надорад. Ва бисёр шоир бошад, ки шеъри неку гӯяд ва нақди шеър, чунонки бояд, натвонад. Ва бисёр ноқиди шеър бошад, ки шеъри нек натавонад гуфт. Ва яке аз фузало ва умарои каломро пурсидаанд: «Чаро шеър намегӯӣ?». Гуфт: «Аз баҳри он ки чунонки мехоҳам, ки ояд, намеояд ва он чи фароз меояд, намехоҳам». Ва бештари шуаро бар он бошанд, ки нақди шеър шоирони муҷид тавонанд кард ва ҷуз эшонро нарасад, ки дар радду айби он сухан гӯянд. Ва ин ғалат аст, аз баҳри он ки мисли шоир дар назми сухан ҳамчун устоди нассоҷ аст, ки ҷомаҳои мутақавим бофаду нуқушу мухталиф ва шоху баргҳои латифу гузоришҳои дақиқу даволҳои ширин дар он падид орад, аммо қимати он ҷуз симсорону баззозон, ки ҷомаҳои бешбаҳо аз ҳар навъу матои ҳар вилоят бар дасти эшон бисёр гузашта бошад, натавонанд кард ва ҷуз эшон надонанд, ки лоиқи хизонаи подшоҳу шоистаи ҳар навъ аз табақоти бузургон кадом бошанд...".

Кошифӣ дар ин боб дар хусуси истилоҳоте, ки ба илми нақд вобастагӣ доранд (мусолата, салх, масх, илмом, муноқаза, удул, ғулувви фоҳиш, илғо, таҷмеъ, самоҳат-ул-ибтидо, инҳироф, самоҳат-ул-интиҳо, мухолифати насибу ташбиб, ракокати тахаллус, ибром-ус-савол, такаллуф, тахлеъ, ан-нузул фи-л-мадҳ) сухан ронда, қайд мекунад, ки шоири асил бояд ҳамеша дар баёни фикр мустақил бошад, шеъри дигареро аз они худ накунад, аз салху масх, илмом, муноқаза, удул, ғулувви фоҳиш ва алфози нохушу ибороти нолоиқ худдорӣ намояд, дар таносуби сухан қавӣ бошад, аз мамдуҳ талаби чиз накунад, ба тамаллуқу тамаъ роҳ надиҳад, дар эҷоди шеър ба калимаҳои ғайримустаъмал ва шевагӣ роҳ надиҳад, ашъоре гӯяд, ки дар авзони хушу гуворо бошад.

Хотимаи рисолаи Кошифӣ «Дар баёни маънии қофия ва адади ҳуруфу ҳаракот ва авсофу алқоби ӯ ва зикри маойибе, ки тааллуқ ба вай ва ба радиф дорад» номида шудааст ва он аз ҳафт фасл иборат аст:

Фасли аввал: «Дар маънии қофия ва ҳуруфу ҳаракати ӯ».

Фасли дувум: «Дар анвои қавофӣ, ки бо ҳам ҷамъ тавонад шуд».

Фасли савум: «Дар авсофи қавофӣ».

Фасли чаҳорум: «Дар баёни қофияи аслӣ ва маъмул».

Фасли панҷум: «Дар зикри қофияи шойгон».

Фасли шашум: «Дар баёни уюби қавофӣ».

Фасли ҳафтум: «Дар зикри уюбе, ки тааллуқ ба радиф дорад».

Кошифӣ таъкид мекунад, ки дар аксари рисолаҳое, ки дар боби санъатҳои бадеӣ таълиф шудаанд, роҷеъ ба илми қофия ва ҳаракоту ҳарфҳои он маълумоте нест, аз ин рӯ, дар хотимаи «Бадоеъ-ул-афкор» дар хусуси маънии қофия, адади ҳуруфу ҳаракот ва авсофу алқоб ва зикри айбҳои қофияю радиф маълумот медиҳад.

**АДАБИЁТ**


1. Арӯзии Самарқандӣ, Низомӣ. Чаҳор мақола / Низомии Арӯзии Самарқандӣ: мураттиб, муаллифони сарсухан ва ҳозиркунандагони чоп Х. Шарифов, У. Тоиров. – Д.: Ирфон, 1986. – 160 саҳ.
2. Кошифӣ, Ҳусайн Воиз. Ахлоқи Муҳсинӣ / Ҳусайн ал-Кошифӣ: нусхаи хаттии № 595, маҳфуз дар Ганҷинаи нусахи хаттии китобхонаи ба номи Абдурраҳмони Ҷомии Маркази фарҳангии ба номи профессор Шарифҷон Ҳусейнзодаи факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Санаи китобат: 1265.
3. Кошифӣ, Ҳусайн Воиз. Тафсири Ҳусайнӣ. Сураи Юсуф / Ҳусайн Воизи Кошифӣ: таҳияи матн, пешгуфтор, тавзеҳот ва шарҳи луғату таркибот аз А. Ҳоҷаев ва М. Зайниддинов. – Душнбе, 2004. – 320 саҳ.

4. Кошифӣ, Ҳусайн Воиз. Бадоеъ-ул-афкор / Ҳусайн Воизи Кошифӣ : муаллифони сарсухан ва ҳозиркунандагони чоп Урватулло Тоиров ва Азиз Ҳафизов. – Душнбе: Ҳумо, 2006. – 232 саҳ.
5. Абдусаттор, А. Арабият ва адабиёти аҳди Ғазнавиён / А. Абдусаттор. – Душанбе, 2001. – 220 саҳ.
6. Абдусаттор, А. Рӯъяти Қуръон дар шеър / А. Абдусаттор. – Душанбе, 1997. – 74 саҳ.
7. Афсаҳзод, А. Кошифӣ / А. Афсаҳзод, М. Аҳмадов // Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик. – Душанбе: Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи советии тоҷик, 1989. – Ҷилди 2. – С. 68.
8. Аҳмадов, М. Кошифӣ / М. Аҳмадов // Энсиклопедияи советии тоҷик. – Душанбе: Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи советии тоҷик, 1981. – Ҷилди 3. – С. 497.
9. Мусулмонқулӣ, Р. Пешгуфтор / Раҳими Мусулмонқулӣ // Ҳусайн Воъизи Кошифӣ. Бадоеъ-ул-афкор: муаллифони сарсухан ва ҳозиркунандагони чоп Урватулло Тоиров ва Азиз Ҳафизов. – Душанбе: Ҳумо, 2006. – 232 саҳ. – С. 41-53.
10. Нарзиқул, М. Адабиётшиносии форсии тоҷикӣ дар асрҳои XIII-XIV / М. Нарзиқул. – Д.: Адиб, 1998. – 112 саҳ.

**СОХТ ВА ТАРКИБИ "БАДОЕЪ-УЛ-АФКОР"-И ҲУСАЙН ВОИЗИ КОШИФӢ**

Муаллиф дар ин мақола мавзуи сохт ва таркиби “Бадоеъ-ул-афкор” – и Ҳусайн Воизи Кошифиро мавриди баррасӣ қарор додааст. Муаллиф қайд кардааст, ки бузургтарин нависанда, шоир, олим, мунаҷҷим ва воизи садаи XV Мавлоно Камолуддин Ҳусайн ибни Алии Кошифӣ дар асри XV дар деҳаи Байҳақи ноҳияи Сабзвори Хуросон ба дунё омадааст.

**КАЛИДВОЖАҲО**: санъатҳои бадеӣ, нависанда, шоир, таркиб, мунаҷҷим.

**СТРУКТУРА И КОМПОЗИЦИЯ «БАДОЕЪ-УЛ-АФКОР» ХУСЕЙНА ВАИЗА КОШИФИ**

В данной статье автор рассматривает структуру и композицию «Бадоеъ-ул-афкор» Хусейна Ваиза Кошифи. Автор отмечает, что величайший писатель, поэт, учёный, астролог и проповедник XV века Мавлана Камалуддин Хусейн ибн Али Кашифи родился в XV веке в селе Байхак Сабзворского района Хорасана.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА**: художественное искусство, писатель, поэт, композиция, астроном.

**STRUCTURE AND COMPOSITION OF “BADOYE-UL-AFKOR” BY HUSSEIN WAIZ KOSHIFI**

In this article, the author examines the structure and composition of “Badoe-ul-afkor” by Hussein Waiz Koshifi. The author notes that the greatest writer, poet, scientist, astrologer and preacher of the 15th century, Mawlana Kamaluddin Hussein ibn Ali Kashifi, was born in the 15th century in the village of Bayhak in the Sabzwor region of Khorasan.

**KEYWORDS:** art, writer, poet, composition, astronomer.

**Маълумот дар бораи муаллиф**: ***Фатхудинова Сабрина –*** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти курси дуюми факултети филологияи тоҷик. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рудакӣ, 17.

**Сведения об авторе:** ***Фатхудинова Сабрина*** – Таджикский национальный университет, магистрант 2 курса факультета таджикской филологии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17.

**Information about the author**: ***Fatkhudinova Sabrina*** – Tajik National University, second-year master`s student of the Faculty of Tajik Philology. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17.

# АЗ ТАЪРИХИ ОМӮЗИШИ ИСТИЛОҲОТИ АДАБИЁТШИНОСӢ ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ ДАР ДАВРОНИ МУОСИР

***Сафарова С.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Афкори адабӣ ва бадеии мардуми форсу тоҷик ба мисли адабиёти оламгири он таърихи ҳазорсолаҳо дорад. Вай дар баробари пайдоиши сухан ва суханварӣ дар сарзамини мо, ки заминаи асосии бавуҷудоии ҳамагуна назариёти адабӣ мебошад, тавлид гардида, миньбаъд вабаста ба тараққиёти он такмилу инкишоф ёфт. Ба гуфтаи адабиёшиноси маъруф А. Сатторзода: “Шеъру шоирӣ аз қадимулайём қоидаву қонунҳои муайяни худро доро буд, ки онҳо барои каси эҷодкор ба сифати даструламали эҷодӣ хидмат мекарданд. Илова бар ин, аз рӯйи баъзе ишораву гуфтаҳои муаллифони сарчашмаҳои баъдина ва муҳаққиқон маълум мешавад, ки дар гузашта доир ба улуми адабӣ чанд асаре ба забони

паҳлавӣ мавҷуд будааст”. Мутаассифона, аз рисолаҳо ва китобҳои он давр, ки оид ба адабиётшиносӣ махсус буданд, ҳоло нишонае дар даст нест.

Шоирон ва адабиётшиносони форс-тоҷик, ки таҷрибаи ғании юнониён ва арабҳоро аз худ мекарданд, дар асрҳои XI-XIV доир ба ҷиҳатҳои гуногуни эҷоди бадеъ мулоҳизаҳои пурарзиш баён намуданд. Агар дар баъзе китобҳо аз қабили асарҳои Унсурулмаолии Кайковус “Қобуснома”, Низомии Арӯзии Самарқандӣ “Чаҳор мақола” (1158), Насируддини Тусӣ “Асос-ул-иқтибос” (1258), бархе аз китобҳои таъриху луғат бобҳо ва фаслҳои алоҳида ба масъалаҳои гуногуни адабиёт бахшида шуда бошанд, пас як сислсила рисолаҳо комилан масълаҳои адабиётшиносиро фаро гирифтаанд.

Таърифи шеър нахустин бор дар таърихи илми форс-тоҷик дар китоби Ибни Сино (асри 11) “Шифо” (қисми мантиқ) омадааст. Ибни Сино дар ин қисми “Шифо” асосан “Поэтика”-и Арастуро шарҳ дода, ба ин муносибат назариёти худро низ баён карда буд. Ибни Сино ҳам мисли Арасту шеърро тақлиди ҳодисаҳои зиндагии воқеӣ дониста, ба олами моддӣ мувофиқат доштани ҳақиқати бадеиро зарур ҳисобида, роли тахайюл ва бофтаи бадеиро дар шеър эътироф намудааст.

Муҳаммад ибни Умари Родуёнӣ дар “Тарҷумон-ул-балоға” (1114), роҷеъ ба ташбеҳ, истиора, таҷнис, тазод, таносуби сухан ва ғ. фикр ронда, аз шоирон эҷоди шеъри пурмаъноi оммафаҳм ва хушоҳангу баландмазмунро талаб кардааст.

Пас “Тарҷумон-ул-балоға”-и Родуёнӣ аввали асарест, ки дар илмӣ бадеъ таълиф ёфтааст. Родуёнӣ мегӯяд: “ Чунин гӯяд Муҳаммад Умар-ур Родуёнӣ, ки таснифҳо бисёр дидам мар-донишиёни ҳар рӯзгореро андар шарҳи балоғат ва баёни аҳли саноат ва он чи аз он хезад ва ба вай омезад, чун арӯз ва маърифати алқоб ва қавофӣ (қофияҳо) ҳама ба тозӣ (арабӣ) дидам ва фоидаи вай як гурӯҳ мардумро махсус дидам ва магар арӯз, ки Абуюсуф ва Абулъалои Шуштарӣ ба порсӣ кардаанд. Ва аммо андар донистани аҷнос ва ақсоми саноат ва шинохтани суханони боперояи ва маонии баландпоя китобе надидам порсӣ, ки озодаро мӯнис бошад ва фарзонаро ғамгусор”. Ӯ дар ҷамъ кардани асарҳо, ёфтани мисолҳо, шарҳу эзоҳи онҳо хеле меҳнат ва риёзат кашидааст, аз беҳтарин асарҳои бадеии форсӣ-тоҷикӣ бисёр чизҳоро ба даст оварда мутолиа кардааст ва дар ин роҳ чандин сол умри худро сарф намудааст. “Тарҷумон-ул-балоға”-и Родуёнӣ барои омӯхтани афкори назарии давраҳои аввали пешрафти адабиёти классикии форсу тоҷик сарчашмаи муҳиммест.

Ба адабиётшиносии нимаи дуюми асрҳои 12-15 “Ҳадоиқ-ус-сеҳр фӣ дақоиқ-уш-шеър”-и Рашиди Вавот, “Меъёр-уш-ашъор”, бахшҳои хитоба ва шеъри “Асос-ул-иқтибос”-и Насириддини Тусӣ, “Эъҷози Хусравӣ”-и Амир Хусарви Деҳлавӣ, “Меъёри нусратӣ”-и Шамс Фахри Исфаҳонӣ, “Рисолаи пирӯзӣ ва мақолаи наврӯзӣ”-и Наҷотии Нишопурӣ ва дигарон маълум буданд. Дар ин давра адабиётшиносӣ чун ҷузъи таркибии улуми адабӣ ва адабиёти бадеӣ инкишоф ёфт ва адабиётшиносони хушсалиқае фаъолият доштанд, ки асарҳои онҳо масъалаҳои эҷоди бадеӣ, ба монанди ҳунари офаринандагӣ, муҳимтарин ҳодисаҳои адабии замон, пайванди адабиёт ва суннатҳои эҷодӣ, қонунияти моҳияти шеър, мақоми адиб ва адабиёт дар ҷамъият шинохти сухану суханварӣ, шарҳу тафсири осори адибон ва шарҳи оли мухтасари ҳоли гӯяндагонро инъикос кардаанд.

Дар адабиётшиносии асрҳои миёна рукнҳои назарияи адабиётро, аз ҷумла дар баҳси моҳияти шеър ва наср, нақди адабиро дар баррасии балоғати шеъру сухан ва таърихи адабиётро дар тазкираҳо хуб бо худ дошт. Аз ҷумла, адабиёти назариявии адабиётшиносии асри 15 нишон медиҳад, ки дар он замон шакли содаи ҳар се ҷузъи таркибии адабиётшиносӣ мавҷуд будааст.

Абдурраҳмони Ҷомӣ дар бораи қофия, арӯз ва муаммо чаҳор рисола навишт, равзаи ҳафтуми “Баҳористон”-ро ба тазкираи шуарои асрҳои 9-15 ва баёни шеър бахшид, дар “Нафаҳат-ул-унс” (1478) дар бораи адибони пайрави тасаввуф маълумоти судманд медиҳад. А. Ҷомӣ оғози шеъри тоҷикиро аз Рудакӣ сар карда, то Навоӣ дар бораи 39 нафар шоири номдор маълумот додааст. Давлатшоҳи Самарқандӣ ибтидои шеъри форсиро аз замони Сосониён гирифта, ҷараёни адабиро бо даврабандии хосае то замони худ идома медиҳад. Навоӣ дар тазкираи “Маҷолис-ун-нафоис” дар бораи 459 нафар адиби муосираш маълумот медиҳад, ки 420 нафари онҳо шоирони форсигӯй буданд.

Адабиётшиносони он замон ба таҳқиқ ва таҳлили илми арӯз таваҷҷуҳи зиёд зоҳир кардаанд. Зарурати донистани арӯзро Сайфии Бухороӣ чунин ба қалам додааст: “Чун шеър каломест мавзун ва ҳар мавзунеро ночор аст аз мизоне, то зиёдат ва нуқсони онро ба он мизон тавон донист ва мизони шеър бо илми арӯз маълум мешавад. Пас ҳар кас ки дар боби шеър дахл мекунад, хоҳ бо гуфтани шеър ва хоҳ бо шинохтани он, бар ӯ лозим бошад, ки арӯз бидонад”.

Донишмандони улуми адабӣ роҷеъ ба қасида, ғазал, қитъа, рубоӣ, дубайтӣ, маснавӣ, шоҳбайт, фард ва анвои гуногуни мусаммат дар китобҳо ва рисолаҳо назари худро баён кардаанд. Абдураҳмони Ҷомӣ дар бораи анвои адабӣ гуфтааст: “Шеър бар ақсом аст чун қасида, ғазал, маснавӣ, қитъа ва рубоӣ ва шуаро дар муморасати онҳо мутафовит, баъзе мутафаннинанд, ки бар ҷамеи ин ақсом шеър гуфтаанд ва баъзе аз он қабиланд, ки майли эшон ба баъзе аз ин ақсом бештар буддааст, чун мутақаддимон, ки эҳтимоми эшон ба қасоид будааст, дар мадоеҳу мавоиз ва ғайри он ва эҳтимоми баъзе ба маснавӣ ба хилофи мутааххирон, ки суханони аксар ба тариқи ғазал воқеъ шудааст ва ададди ин тоифа аз ҳадду ҳаср берун аст”.

Масалан, А. Сатторзода улуми адабӣ ва қадимтарин рисолаҳои адабиётшиносиро мавриди таҳқиқ карор дода, таъкид мекунад, ки Унсурулмаолии Кайковус **ҳадафи эҷоди осори бадеиро** муайян кардааст. Мувофиқи гуфтаи муаллиф “шеър аз баҳри мардумон гӯянд, на аз баҳри хеш”, бино бар ин бояд сухани шоир саҳлу мумтанеъ бошад ва аз сухани торику мавҳум бипарҳезад: “Эй писар, агар шоир бошӣ, ҷаҳд кун то сухани ту саҳлу мумтанеъ бошад ва бипарҳез аз суханони ғомиз (торик), ва ба чизе, ки ту donӣ ва дигаре надонад, ки ба шарҳ оҷат афтад, магӯй, ки ин шеър аз баҳри мардумон гӯянд, на аз баҳри хеш”. Оре, шеър аз баҳри мардумон гӯянд, на аз баҳри хеш.

Дар асрҳои насли нави адабиётшиносону мунаққидон – Х. Отахонова, Ю. Акбарзода, Х. Шарифов, А. Сатторзода. М. Раҷабӣ, А. Абдуманонов, А. Набиев, Ҷ. Бақозода ва дигарон ба назари таърихи фаро гирифтани рӯйдодҳои раванди ҷории адабӣ мавқеи муҳим дорад. Дар заминаи таҳқиқи адабиёти давраи Истиқлол доир ба айнишиносӣ низ пажӯҳиши тоза (М. Шакурӣ, А. Маҳмадаминов, М. Имомов) таълиф гардид.

Дар таҳқиқ ва баррасии истилоҳоти адабиётшиносӣ, аз ҷумла истилоҳоти бадеӣ, ки дар рисолаи тозаэҷоди А. Сатторзода “Такмилаи бадеи форсии тоҷикӣ” [2011] тафсир ва тасвир шудаанд, саҳми назаррас гузоштааст. Дар ин рисола бори нахуст дар адабиётшиносии муосир сайри таҳаввули санъатҳои бадеии лафзӣ ва маънавӣ, истилоҳоти адабӣ ва айбҳои шеърӣ бар асоси ҳамаи таълифоти дастраси бадеънигорони Аҷам баён гардида, бо такя бар таҳқиқоти адабиётшиносони кунунӣ ва бо назардошти амалияи адабии гузашта ва имрӯза назари имрӯзӣ низ дар замина ироа шудааст. Ва он як навъ ҷамъбасти назарҳо, тавофуқи онҳо, рафъи ихтилофоту иштибоҳот ва суитафоҳумҳо дар бадеъи форсии тоҷикӣ мебошад.

Дар ду даҳсолаи асри 21 чанде аз адабиётшиносони дигар, амсоли Ш. Солеҳ, Ш. Исрофилиён, М. Зайниддинов, Т. Шарифзода, М. Нарзиқул, Б. Мақсудов, В. Охонниёзов асарҳои судманди адабиётшиносӣ эҷод кардаанд, ки дар онҳо истилоҳоти адабиётшиносӣ мавқеи муҳим дошта, тафсир ва таъкид шудаанд.

Дар адабиёти мамлакатҳои Ғарб, аз ҷумла англисӣ, адабиётшиносӣ, дар Юнони Қадим аз таълимоти Афлотун (427-347 то м.), “Поэтика” ва “Риторика”-и Афлотун сар шудааст. Афлотун саромади ҷараёни идеалистӣ дар эстетика буда, вазифаи маърифатии адабиётро инкор мекард ва фақат ба аҳаммияти тарбиявии он икрор буд. Арасту адабиётро эҷодкорие медонист, ки ба мардум на фақат дониш, балки завқе ҳам, медиҳад, ва дилу руҳро тоза мекунад. Арасту ва пайравони ӯ аз мақоми иҷтимоии адабиёт, аз шаклу сабкҳои шеърӣ, аз ҷинс ва жанрҳои адабӣ сухан рондаанд.

Адабиётшиносии муосир асосан ба дастовардҳои методи структурӣ-семантикӣ такя карда, кӯшиши баррасии маводи худро дар контексти васеи фарҳангӣ-таърихӣ ва бо истифода аз методҳои муштараки фанҳои гуманитарӣ анҷом медиҳад.

**АДАБИЁТ**

1. Камолиддинов Б. Сухан аз баҳри дигарон гӯянд / Б. Камолиддинов. - Душанбе, 2015.
2. Каушанская В.Л. A grammar of the English language / В.Л. Каушанская. - Москва,1967.
3. Миюлер В. К. Новый англо руссий словарь. Издение второе. - М. изд. дом Диалог, 2002.
4. Муродов М. Асосҳои эҷоди журналистӣ. - Душанбе, Ирфон, - 2014.
5. Назарияи публисистика. - Душанбе: Маориф. - 2000.
6. Назарзода Сайфиддин. Истилоҳоти забони тоҷикӣ: таърих, гароиш ва дурнамо. -Душанбе; 2014.
7. Саидов Ҳ. А. - Система дипломатических терминов в таджикском и англиском языках. - Душанбе, 2013.
8. Сайидраҳмон Сулаймонӣ. Фарҳанги арабӣ - тоҷикӣ шомили зиёда аз 70-ҳазор калима. Душанбе” ЭР-граф” 2005.
9. Фарҳанги тоҷикӣ-русии тафсирии истилоҳоти ҳуқуқи башар. - Душанбе, ЭР-граф. 2004.
10. Шахобова М.Б. Луғати мухтасари англисӣ –тоҷикӣ- форсӣ / М.Б. Шахобова. - Душанбе, Маориф, 1989.
11. Шахобова М.Б. Забони англисӣ, қисми 1 / М.Б. Шахобова. - Душанбе 1958.
12. R. Galperin. Stylistics. - Moscow: «Higher school» 1970.
13. R. Galperin. Stylistics, II part. - Moscow: «Higher school» 1977.

**АЗ ТАЪРИХИ ОМӮЗИШИ ИСТИЛОҲОТИ АДАБИЁТШИНОСӢ ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ ДАР ДАВРОНИ МУОСИР**

Ин мақола ба таърихи омӯзиши истилоҳоти адабиётшиносӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ дар даврони муосир бахшида шудааст. Дар истилоҳоти адабиётшиносӣ ҳар як забон дар баробари калимаҳо ва ё вожагони маъмули забони расмӣ ва ё адабӣ, инчунин аз истилоҳот ва номвожагон иборат мебошад.

**КАЛИДВОЖАҲО:** истилоҳ, истилоҳшиносӣ, адабиётшиносии муосир, структурӣ-семантикӣ, фарҳангӣ-таърихӣ, матнҳои бадеӣ, методҳои муштарак.

**ИЗ ИСТОРИИ ИЗУЧЕНИЯ ЛИТЕРАТУРНЫХ ТЕРМИНОВ В ТАДЖИКСКОМ И АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКАХ В СОВРЕМЕННУЮ ЭПОХУ**

Данная статья посвящена истории изучения литературных терминов в таджикском и английском языках в современную эпоху. С точки зрения литературоведения каждый язык состоит из общеупотребительных слов или слов формального, или литературного языка, а также терминов и существительных.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** понятие, терминология, языкознание, лексика, общеупотребительная лексика, формальный, литературный язык, имена существительные.

**THE HISTORY OF THE STUDY OF LITERARY TERMS IN THE TAJIK AND ENGLISH LANGUAGES IN THE MODERN ERA**

This article is devoted to the history of the study of literary terms in the Tajik and English languages in the modern era. From the point of view of literary criticism, every language consists of common words or words of a formal or literary language, as well as terms and nouns. In short, researchers show that the scientific analysis of the concepts of words, terms and nouns, which are vocabulary words of the language of science, is not without significance for recognizing the level of formation and improvement of this language.

**KEYWORDS:** concept, terminology, linguistics, vocabulary, common vocabulary, formal, literary language, nouns.

**Маълумот дар бораи муаллиф**: ***Сафарова Саёҳат*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти факултети забонҳои Осиё ва Аврупо. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992). 905400034.**

**Сведения об авторе**: ***Сафарова Саёхат*** - Таджикский национальный университет, магистрант факультета языков Азиии и Европы. **Адрес**:734025, Республика Таджикистан г. Душанбе проспект Рудаки 17. Телефон: **(+992). 905400034.**

**Information about the author**: ***Safarova Sayohat*** - Tajik National University, master`s student of Faculty of Asian and European languages. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan Dushanbe Rudaki Avenue 17. Phone: **(+992). 905400034.**

# РЕПЕРТУАРИ ГӮЯНДАГИИ ЯК РОВӢ

***Амиршозода З.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Репертуари гӯяндагии як ровӣ дар илми фолклоршиносӣ муҳим аст ва аҳаммияти калон дорад. Устод Айнӣ дар “Ёддоштҳо”- и худ симои як афсонагӯи замони худ

Тӯтапошшоро ёд кардааст ва аз нақлҳои ӯ дар китобаш ҷой додааст. Дар бораи зиндагии Тӯтапошшо мухтасар бошад ҳам маълумот додааст:

“Дар тарафи шарқи амаки падарам як кампир буд, ки ӯро “Тӯтапошшо” мегуфтанд. Номи аслии ӯро ман намедонам ва ҳар кас, ки ин унвони пуртантанаро мешунид, гумон мекард, ки он зан бояд як зани соҳибҳашамат буда, куртаҳои шоҳиро болои ҳам пӯшида, бар болои чандин қабат кӯрпача нишаста, хизматгоронро кор мефармуда бошад. Аммо дар ҳақиқат ин тавр набуд. Дар тани ӯ як курта-лозимии (эзори ) ҳазорямоқ буда, аз асбоби хона танҳо як пӯстаки кӯҳнаи пашмаш рехта, як намадчаи дарида, як кӯрпа ва чанд лӯла болиши ҷағбуташ намоёншуда дошт. Бинобар ин, ӯ ҳамеша рӯйнокӣ мехобид, чунон ки дар зери сараш болишҳоро баланд мегузошт, инчунин дар зери ронҳояш ҳам болишҳои баланд мениҳод ва ба ин тарз мувозанаи қомати хамгаштаи худро дар вақти хобидан нигоҳ медошт.

Ин зани Абдуллоқудусхоҷа ном амаки падарам буд, ки ӯ кайҳо мурда рафта будааст. Ин зан Шарофхоҷа ном як писар дошт, ки вай ҳам коргурез буд. Баъд аз мурдани падараш замини ба мерос мондаро фурӯхта хӯрдааст, пас аз он ба тарафҳои Қаршӣ рафтааст, ки дар он ҷо ҳам хешовандони мо будаанд. Маълум мешуд, ки Шарофхоҷа дар Қаршӣ ҳам ғайр аз сарсаригарӣ кори дигаре надоштааст, дар ҳар сол як бор барои дидани модараш меомад ва чизе, ки меовард, дар рӯзҳои худаш дар ин ҷо будан, ки аз 15-20 рӯз зиёд набуд, тамом мешуд. Баъд аз баромада рафтани ӯ нафақаи Тӯтапошшоро хешон ва ҳамсоягон медоданд” [Айнӣ 1962, с.44-45].

Сабаби иқтибос овардани ман аз ин пиразани афсонагӯ Тӯтапошшо дар он аст, ки хостам аз зиндагии ӯ хонандаро огоҳ созам, то ба ин восита бо истеъдоди як гӯяндаи моҳир ошно бишавем.

То ба ҳол дар илми фолклоршиносии тоҷик дар бораи афсонагӯёни моҳир китоби алоҳидае ба вуҷуд наомадааст. Дар фолклоршиносии халқҳои дигар бошад зиндагӣ ва шахсияти афсонагӯён мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Масалан, афсонашиносони бузург В.Я. Пропп, Э.В. Померансева ва дигар гӯяндагони афсонаҳои русро мавриди омӯзиши ҷиддӣ қарор додаанд [ниг.: Пропп 1984, с.328-333; Померансева 1988, с.128-358].

Ман дар курси дуюм бо супориши роҳбари илмии худ профессор Равшан Раҳмонов ба гирдоварӣ ва таҳқиқи афсона ва саргузаштҳои модаркалонам шуруъ кардам. Дар аввал ман равиши коркуниро намедонистам. Тавассути мутолиаи дастури таълимии “Кори майдонӣ” ман оҳиста-оҳиста равиши гирдовариро омӯхтам. Дар “Кори майдонӣ” тарзи суҳбат ва гирдоварӣ кардани матнҳои фолклориро ба гирдоваранда меомӯзонад: “Албатта, мардуми тоҷик дар ҳама ҷо хушбархӯрд ҳастанд ва зуд ба суҳбат шарик мешаванд. Вале гоҳо барқарор кардани мулоқоти аввал андаке мушкил аст. Баъзеҳо вақт надоранд, баъзеҳо намехоҳанд чизҳои медонистаашонро бигӯянд, баъзеҳо бо шубҳа менигаранд, шарм медоранд ва баъзеҳо зуд ҳамсуҳбат мешаванд. Ба ҳар касе, ки барои гирд овардани мавод суҳбат мекунед якбора ба асли мақсади худ наздик нашавед. Пас аз аҳволпурсӣ, ошноии комил оҳиста-оҳиста ба мавзуи кор наздик шавед, ки дар раванди гуфтугӯ риштаи суҳбат ба нақл, саргузашт, афсона, суруд, зарбулмасал пайваст шавад. Ҳар чизеро, ки гӯянда мегӯяд бо хушӣ қабул кардан лозим аст. Гирдоваранда бояд зирак бошад. Агар он чизе ки гӯянда гуфт гирдоваранда онро донад: “ман инро медонам, ин лозим нест” набояд бигӯяд. Ҳатто гуфтори баъзеҳо дурӯғ намояд ҳам, гӯш дода бо саволҳои кунҷковона ҷавоб бояд гирифт” [Р.Раҳмонӣ 2018, с. 17].

Баъд ман дар асоси “Кори майдонӣ” ба гирдоварии матн, қисса ва афсонаю саргузаштҳои модаркалонам шуруъ кардам. Аз модаркалонам бо усулҳои омӯхтаи худ мавод ҷамъ меовардам. Мавзуи суҳбатро аз дур оғоз карда, ба ҳадафи худ мерасидам ва аз бибиям нақлу афсонаҳои зиёде мешунидам. Одатан суҳбат бо модаркалонам тариқи саволу ҷавоб мегузарад то расидан ба мавзуъ.

Аз хурдиям модаркалонам ба ман ва бародаронам афсона ва саргузаштҳои худро нақл мекард, ки то ба ҳол дар ёд дорам. Онҳоро пеш аз хоб шабона ба мо нақл мекард. Ёд дорам вақте ки шабона чароғ намешуд ман ва бародаронам беодобӣ карда, модаркалонамро дилтанг мекардем. Модаркалонам барои он, ки мо қарор нишинем ба мо ҳар гуна нақл ва афсонаҳо мегуфт ва мо диққат карда гӯш мекардем.

Афсонаҳои тоҷикӣ дар миёни мардум маҳбубияти бештар доранд. Афсона барои шунидан аст. Ҳаводорон ва мухлисони он на танҳо наврасон, балки калонсолон низ ба ҳисоб мераванд. Онҳо бо вуҷуди он, ки аз насл ба насл мегузаранд, ҳамчунин бетағйир боқӣ мемонанд. Афсона дорои тартиби ба худ хос аст, ки маҳз ана ҳамин чиз онро аз жанрҳои дигари насри шифоҳӣ монанди устура, қисса, нақл, ривоят, латифа ва монанди ин ҷудо мекунад. То ба ҳол дар илми фолклоршиносӣ доир ба афсона, қисса, ривоят, рубоӣ, зарбулмасал ва дигар жанрҳои шифоҳӣ фолклоршиносон тадқиқотҳои зиёди илмӣ гузаронидаанд, фикру андешаҳои худро доир ба онҳо низ гуфтаанд. Як катор олимон, донишмандон ва фолклоршиносони тоҷик вобаста ба гирдоварӣ ва пажуҳиши матнҳои фолклорӣ хизматҳои шоёне кардаанд, аз ҷумла: Н. Маъсумӣ, Р. Амонов, В. Асрорӣ, М. Салимӣ, С. Норматов, Р. Раҳмонӣ, Д. Раҳимӣ, М. Абдулҳай ва дигарон.

Ман аз хурдӣ шунидани афсонаҳоро зиёд дӯст медоштам. Одатан бароям бештар модаркалонам афсонаҳо мегуфтанд ва то ба ҳол низ мегӯянд. Афсонаҳои модаркалонам сода, равон ва оммафаҳм аст. Модаркалонам бештар бароям шабона ҳангоми хоб кардан афсона мегӯянд. Аз ӯ боре пурсидам, ки чаро маҳз шаб ?

Модаркалонам гуфт:

- Барои он маҳз шаб, ки бо орзуҳои ширин ва ниятҳои наку хоб равӣ ва субҳ бо табъи хуш ва руҳияи баланд бархезӣ!

Афсона дар хонаводаи мо бо шарофати модаркалонам ба ман ва бародаронам ошногӣ пайдо намуд ва ба таъсири руҳияи мо созгор гашт. Маҳз афсонаҳои модаркалонам моро вориди илм ва адабиёт намуд. Тавассути забони афсонаҳои модаркалонам мо қувваи некиро аз бадӣ фарқ карда метавонистем ва мефаҳмидем, ки инсони бад ҳеҷ гоҳ ба мақсади худ намерасад ва инсони нек ҳамеша дар зиндагӣ бурд мекунад, соҳибиззат ва соҳибикром мешавад миёни дӯстон.

Падарам мегӯяд, ки дар хурдиям модаркалонат ба ман ва бародаронам низ афсонаҳо мегуфт ва моро мехобонид. Мо дар шароите зиндагӣ доштем, ки ба афсона шунидан ниёз доштем, зеро аввалан китобчаҳои афсона надоштем то аз он худамон ёфта хонем, мегӯяд падарам ва дуюм телевизор надоштем.

Мо азбаски дар деҳот зиндагӣ мекардем имкониятҳои фаровон надоштем, танҳо модаркалонам ба аҳли оила- падарам ва дигар аъзоёни оила ҳар гуна нақл ва афсонаҳои дилнишине гуфта, онҳоро саргарми худ мекардааст то ба кӯча камтар бароянд.

Агар аз рӯйи инсоф пеш аз садаи бистум ва ё пештар аз онро як назар андозем ва гуфтаҳои калонсолонро мавриди таҳлили илмӣ қарор диҳем ин ҳақиқатро тасаввур карда метавонем, ки нақши афсона барои тарбияи кӯдакон ва наврасон созгор будааст. Дар ин бора профессор В. Асрорӣ дар китоби худ менависад: “Ҷавонони он давра, махсусан ҷавонони деҳот, ки аксар бесавод буданд, ба хондани китоб имконият надоштанд ва ҳамчун асари адабӣ, аз ин гуна афсонаҳои халқӣ таассуроте ҳосил мекарданд ва ин асарҳо то ба андозае шуури онҳоро бедор карда, тарбияи эстетикӣ мебахшиданд” [Асрорӣ 1982, с. 14].

Ман ҳангоме, ки 7- сола шуда ба мактаб рафтам, аллакай афсона медонистам ва онҳоро ба ҳамсинфони худ нақл мекардам. Афсона зеҳн ва нутқамро кушода буд. Ҳатто одате карда будам, ки то модаркалонам бароям афсона намегуфт хоб намекардам. Модаркалонам, ки зани бисёр оқилаву доно буд ба ман шарте гузошта буд, ки баъди анҷоми афсона ман хоб мекардам ва пагоҳ шунидаамро, яъне афсонаи дишабаро ба модаркалонам бояд нақл карда медодам. Танҳо ба ҳамин восита ман зирак ва ҳозирҷавоб шуда будам дар мактаб. Модаркалонам ба ман афсонаи “Бузаки ҷингалапо”- ро борҳо нақл кардааст. Ёд дорам, ки ман фақат аз модаркалонам хоҳиш мекардам, ки бароям маҳз ана ҳамин афсонаро нақл кунад, зеро бароям шунидани номи бачаҳои бузак, Алулак ва Булулак хеле аҷиб буд. Модаркалонам бо забони ширини худ ин номҳоро борҳо бароям такрор мекард. Ман тавассути матни афсонаҳои модаркалонам далерӣ ва шуҷоатро омӯхтам. Мехостам ба қаҳрамонони афсона, ба мисли Бузаки ҷингалапо монандӣ дошта бошам, ки гурги хунхорро шикаст медиҳад ва пирӯз мегардад.

Гуфтани афсона миёни хонавода бачаҳои беҷуръаттаринро ба гап даровабарда, фикри бачаҳои сусттаринро бедор мекунад. Пас аз шунидани ҳар як афсонаи модаркалонам, ман

фикр мекардам ва ба андеша мерафтам. Андешаю фаҳмиши худро ба модаркалонам иброз мекардам ва ҷавоби саволҳоямро мегирифтам. Ба модаркалонам доир ба мавзуи афсона суолҳои зиёде медодам. Модаркалонам бошад бо нармӣ ба ман ҷавобҳои қаноатбахш медод ва ба воситаи як афсона беҳтарин хислатҳои ҳамидаи инсонӣ, аз ҷумла ҷавонмардӣ, ростгӯӣ, сабру таҳаммул, меҳнатдӯстӣ, ватандӯстӣ ва накукорию инсонгароиро ба ман меомӯзонид.

Нақл ва афсонаҳои мегуфтаи худро модаркалонам ба мо бо маҳорати баланд ва истеъдоди хуби доштаи худ нақл мекунад. Бо ҳаракат ва мимика афсонаро нақл мекунад. Мисол вақте ман хурд будам афсонаи "Бузаки ҷингалапоро" бароям нақл мекард. Дар вақти нақл кардан ӯ ҳаракатҳои бузакро мекард, ки вақте мефаҳмад, ки бузичаҳояшро гург хурдааст. Гиря ва хурсандии бузаки ҷингалапоро тақлид карда ба ман нишон медод.

Модаркалонам мегӯяд, ки вақти хурд буданашон модари угаяшон шабҳои дарози зимистон ба онҳо афсонаҳо ва ҳар гуна ривоятҳо нақл мекард ва бо ҳамин восита азоби гуруснагӣ ва хунукиро ҳис намекарданд. Рӯзона бошад дар сари замин вақти фориғ шудан аз кор барои рафъи хастагӣ афсонагӯйӣ мекарданд.

Нақл ва афсонаҳои модаркалонамро дар телефони дастии худ сабт мекардам. Як афсонаро чанд маротиба сабт мекардам. Мисол, афсонаи "Муш ва пишак"- ро аз курси аввал то чорум 10 маротиба дар диктафон сабт кардам. Дар ҳар дафъаи нақл кардан вай боз дигаргуниҳо ба афсона дохил мекард. Ӯ ривоят, нақл, саргузашт ва афсонаҳои зиёде медонистааст, вале бо сабаби пирӣ нисфи зиёде аз онҳо фаромӯш шудааст. Мисол, афсонаи "Лак ва Пак"-ро медонистааст, вале имрӯзҳо ба гушаи фаромушӣ рафтааст. Ҳамчунин, афсонаи "Гурбаи думбурида"- ро низ фаромӯш кардааст. Вақте аз он кас пурсидам, ки ин ҳама нақлҳоро аз куҷо ва кӣ шунидааст, он кас гуфт, ки зани падарам-моиндарам ба ман ин ҳамаро нақл мекард.

То ба ҳол дар илми фолклоршиносии тоҷик дар бораи афсонагӯёни моҳир китоби алоҳидае ба вуҷуд наомадааст. Дар фолклоршиносии халқҳои дигар бошад зиндагӣ ва шахсияти афсонагӯён мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Масалан, афсонашиносони бузург В.Я.Пропп, Э.В.Померансева ва дигар гӯяндагони афсонаҳои русро мавриди омӯзиши ҷиддӣ қарор додаанд [ниг.: Пропп 1984, с.328-333; Померансева 1988, с.128-358].

Аҳаммияти кори ман дар он аст, ки дар тули 4- сол аз модаркалонам афсонаҳо, саргузаштҳо, ривоятҳо, рубоӣ, зарбулмасалҳо ва нақлҳои зиёде ҷаъоварӣ намудам. Ҳамаи онҳоро ман тариқи суҳбат аз модаркалонам гирдоварӣ ва сабт намудам. Афсонаҳои ҷамъовардаам бошад миқдораш 8- то буда, ҳар кадомаш ҳатто вариантнокӣ дорад. Аз модаркалонам "Афсонаҳо"-и " Муш ва Гурба, "Будастмагарон", "Бузаки ҷингалапо", "Саг ва гурба", "Достак ва занбур", "Кулчача", "Афсонаи сесона" "Сағерадухтар"- ро гирдоварӣ намудам.

Дар мавзуи кори илмии ман бисёр устодон низ таҳқиқоти илмӣ гузаронидаанд, маводҳо ҷамъ овардаанд. Фолклоршинос Р. Раҳмонӣ дар китоби худ "Насри гуфтории тоҷикони Бухоро" роҷеъ ба афсона ва нақлҳои гӯяндаҳои гуногун маълумот додааст. Устод Маҳамммадаминов Абдулҳай низ китобе дорад бо номи "Маликаи зебоҳусн", ки роҷеъ ба 4-афсонаҳои як гӯяндаи беназире нақл мекунад. Устод дар бораи шахсияти гӯяндаи он афсонаҳо дар саҳифаи аввали китоби худ мухтасар маълумот медиҳад ва хонандаро бо зиндагӣ ва фаъолияти ин гӯяндаи мумтоз шинос мекунад:

"Сайиди Маҳмадӣ яке аз донишмандон ва гӯяндагони мумтози осори шифоҳии мардумӣ мебошад. Ӯ 1 январи соли 1927 дар деҳаи Муллоконии собиқ ноҳияи Сари Хосор дар оилаи деҳқони фозилу ҳунарманд ба дунё омадааст. Падараш Маҳмадии Мурод ва модараш Ҳилолбӣ ва инчунин хешу акрабояш ҳама афсонагӯю қиссадонҳои номӣ буданд. Ҳамин муҳити хуби фарҳангии оила ба Сайиди хурдсол таъсири пурфайз мерасонад ва ӯ, ки фитратан закӣ буда, ба адабиёти шифоҳӣ шавқи беандоза дошт, тадриҷан ҳамчун гӯяндаи маъруфи асарҳои халқӣ ба камол расид"[ниг.: Маҳмадаминов 2016, с.3-10].

Дар натиҷаи сабт ва гирдоварии матнҳои фолклории модаркалонам маълум шуд, ки аз ҳар як пирамард ва пиразане, ки ҳастанд матнҳои гуногун навиштан мумкин будааст. Баъди оне, ки техника ва технологияи иттилоотӣ босуръат тараққӣ кард ва радиё,

телевизион, телефон ва шабакаҳои интернетӣ ба вуҷуд омад, калонсолон низ ба онҳо таваҷҷуҳ зоҳир карданд ва ба кӯдакон матнҳоро такрор накарданд, завқи нақлкарданашон гум шуд ва дар натиҷа бисёре аз он матнҳо фаромӯш шуд.

Модаркалонам айни ҳол дар қайди ҳаёт нестанд 28.02.2023 дар синни 88 солагӣ аз олам чашм пӯшиданд. Хуб шуд, ки ман бо супориши устод нақлҳои модаркалонамро сабт кардам. Агар ман ин корҳоро намекардам шояд модаркалонам ин ҳамаро ба олами гур мебурд. Хайрият, ки ман инҳоро аз нестшавӣ ва нобудӣ халос кардам.

### АДАБИЁТ


1. Айнӣ С. Куллиёт. Ёддоштҳо. Ҷилди 6. / С.Айнӣ. – Душанбе: Нашрдавтоҷикистон, 1962. – 414 с.
2. Амонов Р. Очерки эҷодиёти даҳанакии Кӯлоб (Дар асоси материалҳои фолклори Сари Хосор) / Р.Амонов. – Душанбе: Нашриёти АФ РСС Тоҷикистон, 1963. – 346с.
3. Афсонаҳои мардуми тоҷик. Қисми I. Афсонаҳои тамсилӣ / Бозгӯи Р.Амонов бо иловаҳо ва вирстории Р.Раҳмонӣ. – Душанбе: Эр-граф, 2013. – 128 с.
4. Афсонаҳои мардуми тоҷик. Қисми II. Афсонаҳои сеҳромез / Бозгӯи Р.Амонов бо иловаҳо ва вирстории Р.Раҳмонӣ. – Душанбе: Эр-граф, 2013. – 180 с.
5. Афсонаҳои мардуми тоҷик. Қисми III. Афсонаҳои маишӣ / Бозгӯи Р.Амонов бо иловаҳо ва вирстории Р.Раҳмонӣ. – Душанбе: Эр-граф, 2013. – 220 с.
6. Афсонаҳои Самарқанд / Ба чоп тайёркунанда: Б.Шермуҳаммедов. – Душанбе: Дониш, 1965. – 275 с.
7. Афсонаҳои халқи тоҷик / Р.Амонов, К.Улуғзода. – Сталинобод: Нашрдавтоҷик, 1957. – 511 с.
8. Афсонаҳои халқи тоҷик. Бозгӯи Р.Амонов / Муҳаррир Р.Раҳмонов. – Душанбе: Институти "Ҷомеаи кушода". Бунёди мадад - Тоҷикистон, 2001. – 358 с.
9. Афсонаҳои халқи тоҷик. Бозгӯянда Р.Амонов бо иловаҳои Р.Раҳмонӣ. Душанбе: Маориф, 2017. – 460 с.
10. Афсонаҳои Ӯротеппа / Ҷ.Рабиев. Душанбе, 1992. – 350 с.
11. Ёдномаи академик Р. Амонов / Мураттибон Р. Аҳмадов ва Ш. Мирзоева. – Душанбе: Бухоро, 2013. – 346 с.


### РЕПЕРТУАРИ ГӮЯНДАГИИ ЯК РОВӢ


Муаллиф дар мақолаи зерин мавзуи репертуари гӯяндагии як ровиро мавриди баррасӣ қарор додааст. Муаллиф қайд кардааст, ки репертуари гӯяндагии як ровӣ дар илми фолклоршиносӣ муҳим аст ва аҳаммияти калон дорад. Устод Айнӣ дар "Ёддоштҳо"- и худ симои як афсонагӯи замони худ Тӯтапошшоро ёд кардааст ва аз нақлҳои ӯ дар китобаш ҷой додааст.



**КАЛИДВОЖАҲО:** фолклор, афсона, замон, ровӣ, афсонагӯ.


### РЕЧЕВОЙ РЕПЕРТУАР РАССКАЗЧИКА


В данной статье автор рассматривает тему речевого репертуара рассказчика. Автор отметил, что речевой репертуар рассказчика важен и имеет большое значение в фольклористике. В своих «Воспоминаниях» Айни упомянул Тутапошо, сказочника своего времени, и включил некоторые его рассказы в свою книгу.



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА**: фольклор, легенда, время, рассказчик, сказитель.


### SPEECH REPERTOIRE OF THE STORYTELLER


In this article, the author examines the topic of the narrator's speech repertoire. The author noted that the narrator's speech repertoire is important and has great significance in folklore. In his Memoirs, Aini mentioned Tutaposho, a storyteller of his time, and included some of his stories in his book.



**KEYWORDS:** folklore, legend, time, narrator, storyteller.



**Маълумот дар бораи муаллиф**: ***Амиршозода Зуҳро*** **–** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти курси дуюми факултети филологияи тоҷик. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рудакӣ, 17. Телефон: **900717010.**

**Сведения об авторе:** ***Амиршозода Зухро*** – Таджикский национальный университет, магистрант 2 курса факультета таджикской филологии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17. Телефон: **900717010.**

**Information about the author**: ***Amirshozoda Zuhro*** – Tajik National University, second-year master`s student of the Faculty of Tajik Philology. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phone: **900717010.**

# БАЪЗЕ ВИЖАГИҲОИ СОХТОРИИ ШЕВАҲОИ ЗАБОНИ АНГЛИСИИ АМРИКОӢ

***Сангова Т.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Забони англисӣ, ки айни замон дар ҷаҳон дар самтҳои гуногуни ҳаёти инсоният истифода мешавад, забони муошрати мамлакатҳои гуногуни ҷаҳон ба шумор меравад. Амрико низ яке аз давлатҳои мебошад, ки дар он забони англисӣ - забони давлатӣ ба шумор меравад.

Зикр кардан бо маврид аст, ки бо тақозои замон ва талаботи ҷомеаи имрӯза асосан он забонҳое мавриди омӯзиш қарор мегиранд, ки нуфузи ҷаҳонӣ доранд, дар тамоми ҷаҳон забони муошрати байни миллатҳои гуногун эътироф гардидаанд ва тараққиёти илму техника ва технология маҳз тавассути истифода аз ин забонҳо ба роҳ монда шудаанд. Дар баробари дигар забонҳо, забони англисӣ низ яке аз забонҳои байналхалқӣ ба шумор меравад.

Халқиятҳои зиёди рӯйи замин дар самтҳои гуногуни фаъолияташон забони англисиро васеъ истифода мебаранд, бо вуҷиди ин садҳо миллион одамони милатҳои гуногун ҳамарӯза бо ин забон менависанд (мисол, танҳо дар Ҳиндустон бо забони англисӣ то се ҳазор газета чоп мешавад). Дар замони муосир ин забон забони тиҷорат, илм, технологияи информатсионӣ ва албатта забони гуфтугӯӣ ба шумор меравад.

Қобили қайд аст, ки тули солҳои гузашта ва даврахои гуногуни таърихӣ забони англисие, ки дар ИМА айни ҳол истифода мешавад, аз забони англисии Британия Кабир, ки ватани забони англисӣ ба шумор мешавад, фарқитҳои зиёде дорад.

Ҳама гуна забон, новобаста ба минтақаи ҷойгиршавиаш дорои шеваю лаҳҷаҳои худ мебошад. Агар ба забони англисии бритониёгиро мавридa баррасӣ қарор диҳем, шоҳиди он мешавем, ки минтақаҳои гуногуни ин мамлакат шеваҳои хоси худро дорад. Агар дар маркази ин мамлакат - Лондон шаҳрвандон бо забони адабии англисӣ сухан гӯянд, каме дуртар аз ин макон, яъне дар Оксфорд ва Кембридж забони гуфтугӯӣ фарқиятҳои худро дорад.

Дар аввалҳои асри XIX як қатор калимаҳо пайдо шуданд, ки асоси нутқи гуфтугӯии амрикоиро ташкил медоданд. Зарфи «right» дар ифодаҳои гуногун дар нутқи амрикоӣ мавқеи хосаеро касб намуд (мисол, ***rightalong –ҳамеша, бе танафус, rightup,rightoff,rightaway – фавран, right smart – бисёр, в. г***).

Вебстер забоншинос, демократ ва журналист буд. Вай шакли навишти бисёр калимаҳоро барои осон шудани навишташон тағйир дод. Ӯ чунин ақида дошт, ки бояд калима тавре навишта шавад, ки шунида мешавад. Дар калимаи «music» англисҳо дар охир «ck» менавиштанд ва Вебстер бошад онро танҳо бо «c» навишт. Дар бисёри калимаҳо (colour, flavour, honour, neighbour, rumour) вай омезиши овозҳои «our»-ро дар охири калима аз байн бурда дар ҷояш танҳо «or» гузошт: (color, flevor, honor, neighbor, rumor).

Дар гурӯҳи махсуси исмҳо, ки бо пасванди «– ce» навишта мешуданд, бо гузашти вақт Вебстер онро ба шакли соддаи «–s» табдил дод:

***defence - defense; offence - offense; licence - license; practice - practise; pretence - pretense.***

Дар орфографияи забони англисӣ омадааст, ки ҳангоми калимасозӣ пеш аз пасвандҳои калимасози «***-ed, -ing, -er, -ery, -or, -ist***» бояд ҳарфи «-l» ду то навишта шавад, вале Ной Вебстер ин калимаҳоро тағйир дода, ба ҷойи ду «–l» танҳо яктоашро гузошт:

***apparelled - appareled; councillor - councilor; levelled - leveled; woollen -woolen; travelling - traveling.***

Бояд қайд намуд, ки калимаҳои ҳиҷои охирашон бо ҳарфи «- re» тамом мешуданд, бо ташаббуси Ной ба «- er» табдил ёфтанд: ***centre- center; fibre - fiber; lustre - luster; metre - meter; sabre - saber.***

Боз дар шеваи амрикоии забони англисӣ пасвандҳои «-me ва –ue» вуҷуд надорад:

***catalogue - catalog; cheque - check; gramme - gram; pragramme - program.***

Хулосабарориҳои мо дар заминаи таҳлили муқоисавии қисмати овозии забон, луғат ва сохтори грамматикии вариантҳои бритониёгӣ ва амрикоии забони англисӣ сурат гирифт. Одатан фарқият байни калимаҳо бо сабаби сермаъноӣ ва дар ифодаҳои гуногун истифодаашон дар ҳарду шеваи забон ба амал меояд. Ин гуфтаҳо маънии онро доранд, ки ҳам амрикоӣ ва ҳам англис якдигарро бе ягон монеъа мефаҳманд.


**АДАБИЁТ**

1. Антрушина Г.Б. Лексикология английского языка: Учебное пособие / Г.Б. Антрушина. - М.: Высшая школа, 2001.
2. Аракин В.Д. История английского языка: Учебное пособие / В.Д. Аракин. - М., 1985
3. Арбекова Т.И. Лексикология английского языка: Учебное пособие / Т.И. Арбекова. - М., 1977
4. Большой англо-русский словарь: 2-е издание, исправленное и дополненное. - Минск: Современный литератор, 2008, - 1167 с.
5. Заботкина В.И. Новая лексика современного английского языка: Учебное пособие. - М.: Высшая школа, 2000, - 124 с.
6. Иванов В.В. Школьный словарь иностранных языков / В.В. Иванов. - Москва, «Просвещение»,1990, стр.30



**БАЪЗЕ ВИЖАГИҲОИ СОХТОРИИ ШЕВАҲОИ ЗАБОНИ АНГЛИСИИ АМРИКОӢ**

Дар мақолаи мазкур мавзуи баъзе вижагиҳои сохтории шеваҳои забони англисии амрикоӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Муаллиф бо овардани мисолҳои назаррас мавзуъро ба пуррагӣ тафсил кардааст. Муаллиф қайд кардааст, ки забони англисӣ, ки айни замон дар ҷаҳон дар самтҳои гуногуни ҳаёти инсоният истифода мешавад, забони муошироти мамлакатҳои гуногуни ҷаҳон ба шумор меравад.



**КАЛИДВОЖАҲО:** сохтор, мамлакат, орфография, калима, шева.



**НЕКОТОРЫЕ СТРУКТУРНЫЕ ОСОБЕННОСТИ АМЕРИКАНСКИХ АНГЛИЙСКИХ ДИАЛЕКТОВ**

В данной статье рассматривается тема некоторых структурных особенностей стилей американского английского языка. Автор подробно изложил тему, приведя показательные примеры. Автор отметил, что английский язык, который в настоящее время используется в различных сферах жизни человека, является языком общения в разных странах мира.



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА**: структура, страна, орфография, слово, стиль.



**SOME STRUCTURAL FEATURES OF AMERICAN ENGLISH DIALECTS**

This article examines the topic of some structural features of American English styles. The author presented the topic in detail, giving illustrative examples. The author noted that English, which is currently used in various spheres of human life, is the language of communication in different countries of the world.



**KEYWORDS:** structure, country, spelling, word, style**.**



**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Сангова Тахмина –*** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти факултети забонҳои Осиё ва Аврупо. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.

**Сведения об авторе:** ***Сангова Тахмина –*** Таджикский национальный университет, магистр факультета языков Азии и Европы. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17.

**Information about the author:** ***Sangova Takhmina –*** Tajik National University, master`s student of the Faculty of Asian and European Languages. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17.


# О ПРИСТАВОЧНЫХ ГЛАГОЛАХ ВОСПРИЯТИЯ В СОВРЕМЕННОМ РУССКОМ ЯЗЫКЕ


***Ахророва З.***

**Таджикский национальный университет**


Особую группу глагольных конструкций представляют, наравне с глаголами состояния, глаголы восприятия, которые позволяют сделать предикативную основу более эмоционально наполненной и переводят фокус активного движения в предложении в фокус экзистенционального осмысления субъектом окружающего мира, о котором идёт речь в

предложении. Глаголы восприятия могут быть первообразными и приставочными. Приставочные глаголы — это глаголы, к которым добавляется приставка, изменяющая значение слова. Например, "при-" в слове "приготовить" или "по-" в слове "повторить". Они могут изменять значение глагола, добавлять оттенок или указывать на направление действия. Приставочные глаголы восприятия отличаются от глаголов первой группы использованием различных словообразовательных префиксальных моделей, которые за счёт семантического наполнения каждой приставки окрашивают глагольную конструкцию своими уникальными оттенками. Например, у глагола «соображать» приставка со- в данном случае несёт в себе смысловой оттенок некоего совместного действия, с одной стороны, а с другой стороны, - глубокого размышления или аналитики чего-либо. Приставка по- в глаголе «понимать» связана также с глубоким аналитическим процессом осознания себя или окружающих людей в этом мире. Например, у глагола «всматривался» приставка вс- или вз- означает некое усилие над собой, над волевыми чертами, которые использует человек для получения чего-то желаемого и т. д.

О роли префикса и префиксации как одного из морфологических способов словообразования писали многие российские лингвисты. «Префиксы, сочетаясь с глаголами, вносят новые оттенки в основное значение глагола, т. е. раскрывают его новое содержание, обогащая сокровищницу языка новыми элементами лексики. Префиксация глаголов, кроме того, в известных случаях, давая слова с новыми значениями или оттенками значений, наделяет их особой выразительной силой...». Как отмечает Земская Е. А., с одной стороны, префиксация — одно из основных средств расширения глагольной лексики в русском языке, с другой стороны, соединение с приставкой изменяет лексическое и видовое значение глагола, «привнося в него дополнительные характеризующие пространственные и количественно-временные обстоятельства действия выражаемого глагола».

Приставки занимают важнейшее место в русской глагольной системе. Они являются обязательным и регулирующим элементом русской видовременной и предложно-падежной систем. Они определяют полисемантическую функцию русских глаголов. Приставка является активным компонентом создания неологизмов и участвует во всех способах адаптации заимствованной лексики в русском языке. Для иностранных учащихся знакомство с префиксальным многообразием русского языка имеет еще большее значение, чем для носителей языка, так как при помощи префиксов создается новая лексика и разнообразие ее грамматических форм.

Основные особенности приставки заключаются в следующем:

1. Приставка занимает в производном слове определенную позицию (позицию перед корнем).

2. Приставка наиболее характерна для словообразовательной системы глагола, в других частях речи она встречается реже.

3. Префикс не меняет части речи производящего слова, производное всегда относится к той же части речи, что и производящее. Связано это с позицией, которую занимает префикс, он находится перед основой, благодаря этому не влияет на конец слова.

4. Приставка присоединяется не к основе, а ко всему слову.

Остановимся на освещении классификационных групп глагольных приставок:

Классификация глагольных приставок в зависимости от значения:

в- движение внутрь; вверх; углубление действия*: войти, влезть, вдуматься…*

вз- движение вверх; доведение действия до результата; интенсивное начало процесса*: взбежать, вскипятить, взвыть…*

вы- движение изнутри; исчерпанность действия*: выбежать, выучить, выговориться…*

до- доведение действия до конца, до определенной границы; достижение результата, несмотря на трудности; дополнительное действие*: дописать, дозвониться, долить…*

за- движение за предмет или вглубь; попутное действие, распространение действие на всю поверхность; чрезмерность действия (часто во вред); совершить действие заранее,

заблаговременно; доведение действия до результата; начало действия др.: *заплыть, забежать, забрызгать, зачитаться, запланировать, закончить…*

из- направленность действия изнутри, удаление; распространение движения по всем направлениям, на всю поверхность; исчерпанность действия*: исключить, изъездить, исчертить, израсходовать…*

на- действие, направленное на поверхность; исчерпанность действия (удовлетворенность); проявление действия в незначительной степени; большое накопление объектов в результате действия*: напудрить, наигрывать, накупить…*

над- увеличение размера предмета, добавление, распространение действия на часть поверхности*: надстроить, надписать, надкусить…*

недо- недоведения действия до нормы*: недоплатить…*

о- движение вокруг, мимо предмета; охват действием всего предмета; всестороннее, подробное действие *: обойти, объехать, обдумать…*

*обез- обес- обезо- лишить(ся) чего-либо: освободиться, обезоружить, обессмертить, обессилить…*

от- удаление на небольшое расстояние; отделение части от целого; отделение одного предмета от другого; аннулирование результата; ответное действие, конец действия и др.*: отъехать, отрезать, отсоединить, отговорить, откликнуться, отработать…*

пере- направление действия через предмет; перемещение; повторность действия; превышение нормы; взаимное действие; неполнота действия и др.*: перейти, переставить, переписать, пересолить, переговаривать…*

по- начало; конец; однократность; ограниченность действия по времени*: подумать, построить, позвонить, погулять…*

под- приближение, направление движения под предмет; снизу вверх, дополнительное действие; совершение действия скрытно и др.*: подползти, подбросить, подогреть, подсмотреть…*

подо- вместо «под» перед «й» и перед некоторыми сочетаниями согласных*: подойти, подорвать, подогнать…*

про- движение через, сквозь предмет; мимо; ограниченность действия во времени, в расстоянии; ошибочное действие, приносящие ущерб; полная законченность действия, однократность действия: *пройти через, проехать мимо, прожить 5 лет, пробежать, просчитаться, продумать, прозвенеть…*

раз- разделение на части; направленность движения в разные стороны; аннулирование результата предшествующего действия и др.*: разделить, развесить, разлететься…*

с- удаление чего-либо с поверхности, откуда-либо; движение сверху вниз; соединение; движение с разных сторон в одно место; воспроизведение оригинала; взаимное действие*: стереть, скрепить, съехаться, скопировать, созвониться…*

у- удаление; распространение действия на всю поверхность; совершение действия несмотря на трудности; изменение состояния, качества и др.*: удалиться, увешать, уберечь, усложнить.*

Таким образом, приставочные глаголы играют очень немаловажную роль в системе грамматики современного русского языка. Исследование приставочных глаголов в русском языке может охватывать их семантические и синтаксические особенности, а также влияние на восприятие смысла предложения.

**ЛИТЕРАТУРА**

1. Земская Е.А. *Современный русский язык. Словообразование / Е.А. Земская.* - М.: Русский язык, 1979.
2. Обнорский С.П., Культура русского языка – Москва; Ленинград: Издательство Академии Наук СССР , 1948 . – 31 с. – На рус. яз.: 1.50
3. Значение приставок в русском языке.// - Режим доступа:https://grammatika-rus.ru/glavnaya/morfemnyjrazbor/slovoobrazovatelnyj-analiz/1667-2/

**ДАР БОРАИ ФЕЪЛҲОИ ПРЕФИКСДОРИ ДАРКӢ ДАР ЗАБОНИ МУОСИРИ РУС**

Дар ин мақола феълҳои префиксдори даркӣ аз нуқтаи назари морфологӣ, инчунин маънои пешояндҳои хоси ин навъи феъл мавриди баррасӣ қарор мегиранд. Феълҳои префиксдор дар системаи грамматикаи забони русӣ нақши муҳим доранд.

**КАЛИДВОЖАҲО**: феъл, феълҳои даркӣ, феълҳои префиксдор, пешояндҳо, амал.

**О ПРИСТАВОЧНЫХ ГЛАГОЛАХ ВОСПРИЯТИЯ В СОВРЕМЕННОМ РУССКОМ ЯЗЫКЕ**

В данной статье рассматриваются приставочные глаголы восприятия с морфологической точки зрения, а также значения приставок, присущие этому виду глаголов. Приставочные глаголы играют очень немаловажную роль в системе грамматики современного русского языка.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА**: глагол, глаголы восприятия, приставочные глаголы, приставки, действие.

**ABOUT PREFIXED VERBS OF PERCEPTION IN MODERN RUSSIAN LANGUAGE**

This article examines prefixed verbs of perception from a morphological point of view, as well as the meanings of prefixes inherent in this type of verb. Prefixed verbs play a very important role in the grammar system of the modern Russian language.

**KEYWORDS:** verb, verbs of perception, prefixed verbs, prefixes, action.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Ахророва Земфира*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти факултети филологияи рус. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **917-23-54-72.**

**Сведения об авторе:** ***Ахророва Земфира*** – Таджикский национальный университет, магистрант факультета русской филологии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **917-23-54-72.**

**Information about the author:** ***Akhrorova Zemfira*** – Tajik National University, master's student of the Faculty of Russian Philology. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phone: **917-23-54-72.**

# ВИЖАГИҲОИ МУНДАРИҶАВИИ "ШЕЪРИ НАВ"

***Сафарзода М.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Адабиёт инъикоси рӯзгори башар аст. Аз он ҷо ки ҷаҳони ҳастӣ худ маҷмуи таҳаввулот аст, пас таҳаввул дар адабиёт ҳам ба ҳар навъу шакле, ки сурат пазирад, ҳамчун як амри шуданӣ ва ногузир бояд пазируфта шавад.

Дар ибтидои асри XX адабиёти тоҷик аз ҷиҳати мундариҷа, лафз ва услуби нигориш ба дигаргуниҳо ва тағйироти ҷиддӣ мувоҷеҳ шуд. Шоирон дар мавзуъ ва масъалаҳои рӯзмарраи мактабу маориф, омӯхтани забон, ватандорӣ ва хештаншиносию ифтихори миллӣ ва муносибатҳои нави иҷтимоӣ бо забони содаю мафҳум ва баёни шево афкори худро ифода мекарданд. Шеър аз ҷиҳати мазмуну мундариҷа тағйир меёфт ва ин мазмунҳои нав ба худ шакли навро қабул кардаанд, ки ин марҳалаи пайдоиши шеъри нав дар адабиёти тоҷик буд.

Чи тавре ки мо медонем шеъри нав давоми мантиқии шеъри классик аст, аммо бо тағйироти шакл ва мазмунҳои нав. Шеъри нав якбора ҳам аз таҳаввули дарунии худи адабиёти форсии тоҷикӣ, ҳам аз таҳаввули адабиёти Эрон, ҳам аз таҳаввули адабиёти ҷаҳон бархӯрдор гардида, дар он тағйироти ғоявию мундариҷавӣ ба амал омад.

Шеъри нав ба шоирон имконияти фарохи баёни фикрро дод. Зеро дар ин навъи шеър шоирон пойбанди қофия ва вазн нашуда дар мадди аввал мундариҷа ва ғояро мегузоранд. Нимо Юшиҷ, ки аввалин иттилооти илмӣ - назарии шеъри навро дар адабиёти форсӣ тарҳрезӣ кардааст, ба ин мазмун чунин мегӯяд: "Ин сохтмон, ки "Афсона"–и ман дар он ҷо гирифтааст ва як тарзи муколамаи табиӣ ва озодро нишон медиҳад, шояд барои дафъаи аввал писандидаи ту набошад ва шояд ту онро ба андозаи ман написандӣ. Агар баъзе сохтмонҳо, масалан маснавӣ ба воситаи вусъати худ дар шарҳи як саргузашт ва ё васфи як мавзуъ ба ту каме озодӣ ва раҳоӣ медиҳад, то битавонад қалби ту ва фикри ту бо ҳар зарбати худ ҳаракате кунад, ин сохтмон чандин баробари он воҷиди ин навъ мазият аст" [2, 101].

Дар ҳақиқат, шеъри нав ба шоирон имконияти васеи баёни андешаро дод. Агар дар гузашта шоир тобеи шакл мешуд, имрӯза шакл аз шоир табаият мекунад.

Масъалаи аввалине, ки дар шеъри нав ба вуҷуд омад содда шудани забони шеър буд, яъне, шеър барои омма гуфта мешуд, забон, таркиби луғавӣ ва ҳатто қофиябандии он шакли осонтар ва содатарро гирифт. Барои ибрози фикри озод муҳити озод ба вуҷуд омад, яъне, шеър на барои дарбор, балки барои халқ гуфта мешуд. Дар шеъри нав мундариҷа аз муҳити иҷтимоӣ оварда мешуд. Яъне, шеър аз ҳаёти мардум барои мардум гуфта мешуд, шеъри заминӣ гуфта мешуд. Шеър дар ин давра дар марҳалаи оғози бедории андеша ва худогоҳии миллӣ хусусияти иҷтимоӣ ва маорифпарварӣ касб карда, шоирон дар ифодаи мавзуъҳои доғи рӯз саҳм гирифтанд.

Яке аз мазмунҳое, ки дар шеъри нав қувват гирифт худшиносӣ аст. Дуруст аст, ки мавзуи худшиносӣ адабиёти имрӯзаи тоҷикро бо анъанаҳои шеъри фалсафии классикон, бо ҷустуҷуҳои маънавию фалсафии гузаштагон, аз ҷумла бо баъзе ҷиҳатҳои тасаввуф мепайвандад. Худшиносии инсон - дарки моҳияти инсонии худ, феълу атвор ва табиату мизоҷи худ, ҳастии иҷтимоӣ, миллӣ, маънавию ахлоқӣ, таърихии худ ва ғайра як умр давом мекунад.

Давраи ҳозираи инкишофи ҷамъияти мо давраи бағоят суръат гирифтани раванди худшиносии таърихии шахс буда, тафаккури таърихӣ хеле фаъол шуд ва мундариҷаи ҳофизаи таърихӣ хеле такмил ёфт. Адабиёт яке аз омилҳои асосии ин ҷараёну раванди муҳим мебошад.

Фаъол шудани тафаккури таърихӣ ҳодисаи тасодуфӣ набуд. Устувор шудани шахсияти инсон ва амиқ рафтани ҷустуҷӯйҳои маънавии шахс шавқу ҳавасро нисбат ба таърих зиёд кард. Хусусан ки халқи тоҷик як таърихи қадимии шукуҳманд, таърихи дорои арзишҳои маънавии фаровон ва сазовори ифтихору сарбаландӣ дорад, табиист, ки ин таърих бо қувваи азиме диққати аҳли саводро ба сӯйи худ мекашад.

Дар ин раванд мавзуи ватан қувват гирифт, ки имрӯз дар даврони истиқлолият дар шеъри муосир мақоми аввалиндараҷаро касб мекунад.

Дар ҳақиқат, чизи тозае, ки дар сатҳи фикрии шеъри замони Истиқлол мушоҳида мешавад, густардагии бесобиқаи мавзуи ватандорӣ аст, ки дар ҳеҷ давраи таърихие Ватан ва ватандорӣ дар шеър ончунон аҳаммият надоштааст, ки имрӯз дорад.

*Тоҷикистон, Тоҷикистон,*
*Ҳар куҷое рафтам аз оғӯши ту*
*Доманамро ман такидам раҳ ба раҳ дар ҳар қадам,*
*Пойи худро раҳ ба раҳ афшонда рафтам,*
*Аз заминат*
*Сарзамини камзаминам,*
*Гарди хоке кам накардам…*

*Бозор Собир (3;217; )*

Дар шеъри нав ғояҳои ватанпарастиро бо мазмунҳои нави иҷтимоӣ во мехӯрем масалан, Озар аз як ҳодисаи муқаррарии бо рехтани барг урён шудани шохи дарахтон маънии баланди иҷтимоӣ бардоштааст. Марги забони модарӣ бузургтарин фоҷиаи ҳар миллат аст. Ин аст, ки барои пойдорӣ ва рушду нумуи он ҳамвора кӯшиш кардани қишрҳои гуногуни ҷомеа зарур аст.

*Боғ агар мегиряд,*
*На аз оне, ки дигар нест ҷавон,*
*На зи ҳиҷрони насим,*
*На зи бемеҳрии хуршед,*
*На зи борони хазон мегиряд.*
*Баргҳояш, ки забонаш буданд,*

*уфтоданд,*
*Бог бар марги забон мегиряд! (1; 178)*

Як мавзуи умумӣ дар ин солҳо НБО-и Роғун аст. Дар ашъори шоирон мавзуъҳои худшиносии тоҷикон, созадагии халқу давлати навбунёди миллӣ, сохтмони неругоҳҳои Роғун, Нақбҳои Анзоб, Шаршар, Шаҳристон, Чормағзак мазмунҳои бузургу тозаи шоирона ворид карданд. Бо ин гуна ашъори баланду ноб аҳаммият ва ҷойгоҳи иншоотҳои азими кишварро барои наслҳои имрӯзу оянда воқеӣ, самимона ва ҳақиқатнигорона тасвир сохтанд.

*Дигар баҳор дер намеояд,*
*Аз тегаҳо намегузарад,*
*Аз сахраҳо намегузарад,*
*ост меояд*
*Ба нақби Шаршар,*
*Ба нақби Анзоб,*
*Ба нақби Шаҳристон,*
*Бо чормагзак рост рост меояд ...*
Бозор Собир. (3; 180)

Шоири имрӯз мубориза, талош барои расидан ба қуллаи мақсудро талқин мекунад: шоир тавоноии руҳи одамро зоҳир менамояд. Дар шеъри нав яке аз нишонаҳои бузурги инсон қувваю иқтидори бениҳояти фикрии ӯ нишонаи асосӣ шудааст:

*Шоиро гиря макун*
*Шоиро гиря маёмӯз дигар мардонро*
*Ба гиристан ҳама одат кардем...*
*Нафасе дар шикани руҳ*
*Нафасе дар гами тан,*
*Нафасе баҳри Ватан бигристам.*
*Оқибат донистам,*
*Гиря тадбир набудаст*
*Гиря занҷир будаст,*
*Гиря занҷир ба пои амал аст*
*Нагиристан ҳунари бебадал аст.*
*Ашки мо исмати мост*
*Боядо дар ҳарами чашм ниҳонаш дорем....*

*Рустами Ваҳҳоб* (4; 181)

****

*Барои одами ин асри заҳмату роҳат*
*Бубояд аз камари кӯҳсор наъра кашидан,*
*Ба наъраҳо ҷигари санги хораро бидаридан,*
*Ба зарри холис аз ин сӯ в-аз он ҷониб*
*Ба лаъли ноб расидан.*

*Барои одами ин асри донишу ҳикмат,*
*Қасам ба ҳиммати олӣ, ки мушкилӣ накунад*
*Ба фатҳи боб расидан,*
*Ба офтоб расидан.*

*Низомиддин Давлатзода (7; 91;)*

Шеъри нав оҳанги хитобавӣ дошта, дарбаргирандаи шиорҳост.

*Мард бояд қулла бошад –*
*Рӯ ба Хуршед,*
*Абр дар каф,*
*Барф дар дӯш,*
*Чашма дар дил,*
*Реша дар хоки таҳаммул*
*Ҳамчу шаҳтири Замин истода бошад!*

*Бузургмеҳри Баходур (4;52;)*

Шеъри нав воситаи аллагӯӣ ба ҳиссиёт не, балки ошубоварии ҳиссиёт аст.

*Гоҳо*
*Аз минбарҳо*
*Дар китобу дафтарҳо*
*Рӯзномаву маҷаллаҳо*
*Нотиқи булфузуле,*
*Қаламкаши гӯле*
*Бо бонги баланд*
*Мегӯяд,*
*Ё менависад:*
*Халқи тоҷик*
*Дар гузашта*
*Бесавод буд*
*Саросар…*
*Қаҳ! Қаҳ! Қаҳ!*
*Эй кавдан!*
*Эй сагдаҳан!*
*Ту бесаводӣ*
*Ё Фирдавсӣ*
*Ту бесаводӣ*
*Ё Сино*
*Ё Хайём....”*

Лоиқ Шералӣ (3;94)

Шеъри нав, оҳанги мутантан ва декламатсия дошта, мувофиқи оханги гуфтор мисраъҳо пасту баланд, дарозу кӯтоҳ мешаванд ва фикр таъсирноктар ифода мегардад. Шеъри нав, шеъри тасвирист:

*Дар навдаи тути модар овезон*
*Чун халтаи чакка халтаи маҳтоб,*
*Дар кундаи тути модар овезон*
*Чун халтаи моҳ халтаи ҷургот.*

Бозор Собир (3; 180)

Нукоти беҳуда, ки бо тақозои қофия ва гоҳе зарурати вазни арузӣ, ки дар шеъри қадим ҳаст, дар шеъри нав мулоҳиза намешавад ва ё камтар аст.

Бояд қайд намуд, ки таҳаввулот дар шеъри нав нисбати ғоя бештар дар мундарича ба вуҷуд омадааст. Шоирони муосир дар баробари эҷоди ғояҳои нав дар шеър ғояҳои шеъри гузаштаро бо мазмунҳои наву иҷтимоӣ тасвир мекунанд. Як хусусияти асосии шеъри нав дар мазмун наздик шудан ба зиндагонии иҷтимоӣ дониста мешавад. Шоири имрӯз саъй дорад ҳодисаву манозирро аз даричаи чашми хеш ва ҳолатҳои худ васф кунад, на он тавр ки аз дигарон шунида ё дар китобҳо хонда аст.

Шеъри Доро Наҷот бо номи «Маъшуқаи фаннӣ» чунин аст:

*Шигифто,*
*Мебоядам тохт*
*аз паси рафтори мошинворат,*
*мебоядам бохт*
*бозиҳои электроникии ишқатро.*

*Бояд акнун*
*сими гесувонатро*
*ба ҷараёни барқ бипайвандам,*

*то лампи чашмонат*
*даргирад*
*ва рӯшание ба дилам резад… (1; 180)*

Тасвири ишқ дар ин давра ранги дигар гирифт. Ба қавли муҳаққиқи эронӣ А. Дастғайб дар мақолаи хеш «Таҳлиле аз шеъри нави форсӣ» чунин овардааст: «Ошноии мо бо урупоиён, агарчи хеле чизҳо ба мо омӯхт, хеле чизҳоро ҳам аз дасти мо гирифт. Ишқ дар ин давра ҳамонанди давраҳои пешин, ранги андуҳу дурӣ дорад, вале дар тасвири ишқ бештар кому шӯру шаҳват аст. Ишқ дар ин давра аз осмони пурҷалолу азамат ва тақаддуси худ аз сурати латифаи илоҳӣ будан (ба қавли Ҳофизу Мавлавӣ) берун омада ва дар кӯчаю бозор роҳ афтода аст. Аммо наметавон бар ин ҳақиқат парда пӯшид, ки ин таҳаввул барои шеъри форсӣ лозим будааст. Ишқҳои китобӣ ҷойи худро ба ишқи ҳақиқӣ дод”.{2; 89 } Дар ҳақиқат тасвири ишқ дар ин давра ранги дигар гирифт. Дар шеъри нав ҳолату вазъият, хислату сиришти дилдодагон ба шаклу услуб ва фикру ақидаҳои тоза ифода меёбад. Қаҳрамони лирикӣ мехоҳад орзуяшро ба ҳақиқат табдил диҳад.

*Магурезон нигаҳи шайдоят,*
*Ки дар он олами роз аст ҳанӯз.*
*Қиссаи пуралами дуру дароз аст ҳанӯз.*
*Ҳасрати доги ҷудоиву гудоз аст ҳанӯз.*

*Магурезон нигаҳи шайдоят,*
*Мон, ки аз чашмаи чашмони кабудат нафасе*
*Нигаҳам об хӯрад.*
*Ҳамчунон кирмаки шабтоб ба сад ташналабӣ*
*Шуълаи хандаи маҳтоб хӯрад.*
*Магурезон нигаҳи шайдоят,*
*Ҳар куҷое, ки равӣ, боз кунам пайдоят.*

*Сафар Амирхон(8;66)*

****

*Ба ёди мӯи шабранги ту*
*Шабро то саҳар бурдам,*
*Нанолидам*
*Агарчи умри булбулро ба сар бурдам.*
*Сарам дар бистари қу,*
*Гӯӣ дар гирдоб мегӯтид,*
*Нигоҳам то саҳар,*
*Дар шуълаи маҳтоб мегутид.*
*Ки шояд дар лаби дарё*
*Туро ёбам тани танҳо*
*Бигӯям бо лаби хомӯш дар гӯшат*
*Диламро, достонамро,*
*Супорам дар таҳи боли ту ҷонамро…*
*Бирафтӣ, монд афсона*
*Ҳамон болин, ҳамон хона*
*Туву шабҳои маҳтобӣ,*
*Ману шабҳои бехобӣ* (3; 114).

Сохтор, банду басти маънӣ, унсури хаёл ва тасвир дар ин шеър чунон бо ҳам созгор афтодаанд, ки ҳазфи як байти он ба маънии фурӯ рехтани як сохтмон аст. Корбурди мувофиқ ва муносиби "масолеҳ"- и ҳунарӣ монанди мантиқ, забон, муҳтаво ва шакл дар ин шеър ҳусни онро дучандон афзудааст.

Гоҳе низ муроди шоир аз ишқ ишқе поку беолойиш, «ишқ ба идеал ва ё мардум ва ё ояндаи беҳтар» аст. Ва аз ин рӯ шоири навпардоз ба тарзи тафаккуру эҳсоси ирфонӣ наздик мешавад. Дар шеърҳои дар шакли шеъри нав гуфтаи Фарзона мо инро мушоҳида намудем:

*Эй азизе, ки нигоҳат аз сафарҳои осмонӣ бармегардад...*
*Эй паёмат паёми офтоби тобистон!*
*Ба горҳои дили мо ба ҳамла ворид шав,*
*Эй аз фарози дарки башар дур,*
*Эй гулувви нур!* (1, 112)

Фарзона шоирест сахт ошиқ, ошиқ ба зиндагӣ, ба одамон, ба офаридаҳо ва худи Офаридгор. Вай аз ҳама роҳ ба сӯйи ишқ, сӯйи равшанӣ меравад ва ҳамеша толиби он аст. Зеро наҷоти аҳли башарро дар меҳрпарварӣ ва равшанихоҳӣ медонад. Воруди занон дар майдонҳои мутафовити иҷтимоӣ ба онон фурсат додааст, ки битавонанд эҳсосоти худро баён кунанд. Рушди андешандагии бештари занон ва озодиҳои бештаре, ки касб кардаанд, дар болоравии тарзи фикру эҳсосашон аён мегардад. Занон низ аз даричаи эҳсосу андешаи худ эҳсосоти ишқии худро баён мекунанд ва нишонаҳое, ки аз маъшуқ медиҳанд, бо воқеъият мутобиқ аст. Дар шеъри онҳо отифаҳои занонаро дучор мешавем.

Бояд қайд намуд, ки таҳаввули мундариҷавӣ ва ғоявӣ на танҳо дар шеъри нав ба вуҷуд омад, балки ҳарчанд ҳамаи анвои классикии мо аз ҷиҳати шакл тағйир наёфтанд, вале дар онҳо низ таҳаввулоти ғоявӣ ва мундариҷавӣ ба вуҷуд омад. Шеъри нав давоми мантиқии шеъри классикӣ аст. Дар эҷодиёти шоирони бакамоли мо Мирзо Турсунзод, Мирсаид Миршакар, Боқӣ Раҳимзода, Аминҷон Шукуҳӣ, ки бештар ба жанрҳои анъанавӣ менависанд намунаи ин гуна шеърҳои олиҷаноб бисёранд. Аммо фикр мекунам яке аз сабабҳои васеъ паҳн шудани шеъри нав он аст, ки дар он тамоми мавзуъ ва ғояро дарҷ кардан метавон.

Дар шеъри суннатӣ ҳар жанр мавзуи хосеро дар бар мегирад, масалан, ғазал бештар мавзуъҳои ишқӣ, қасида, мадҳ, қитъа, панду ахлоқро дар шеъри нав мебинем.

Фард – чунон жанри хурди лирикист, ки ҳамагӣ аз як байт иборат буда, мисраъҳояш гоҳе ҳамқофия ва гоҳе аз қофия озод мешавад. Муфрадот аз рӯи мазмун ахлоқӣ, ишқӣ,

шиквоӣ ва ҳаҷвӣ мешавад. Дар шеъри нав низ ингуна баён яъне ибрози фикр дар як мисраъ ё ду се байт хулоса шавад, мавҷуд аст.

*Чу попӯшӣ*
*Ба пои ҳар ки сар монӣ,*
*Чу бар манзил расад ту пушти дар монӣ.*
*А. Муродӣ* (3; 188)

***

*Гули фасли зимистонам*
*Табассум дар лабам ях баста мемирад.*
*Дилором Чориева* (3; 160)

Қитъа – чунон жанри лирикиест, ки дар бораи масъалаҳои гуногуни зиндагӣ, бештар аз ҳама панду ахлоқ эҷод мешавад ва як хусусияти асосии он доштани микросужа аст..

*Гунҷишк қаҳр карда зи Парвардигор буд,*
*Зеро ки лонааш*
*Вайрон зи дасти ҳодисаи рӯзгор буд.*

*Омад фариштае*
*Пурсидаш: – Аз чи рӯ*
*Қаҳр аз Худой кардаиву гиря мекунӣ,*
*Оё Худо ба ҳоли ту бе эътибор буд?*

*– Оре, - ҷавоб дод*
*Гунҷишки бехабар,-*
*Тӯфони ӯ балои сарам шуд, ки нест кард*
*Он лонаро, ки ҳосилам аз гирудор буд.*

*Пас гуфт он фаришта, ки: – Ноҷо ту кардаӣ*
*Қаҳр аз Худои хеш,*
*Зеро ба қасди куштани ту дар таҳи дарахт*
*Бедор мор буд.*
*Море, ки аз шарофати тӯфон туро нахӯрд,*
*Вақте ба коми гушнаи селоб рафту мурд.*

*Гунҷишк қаҳр карда зи Парвардигор буд,*
*Дар чашми огаҳони Худо шармсор буд.*

Файзи Ашур (9; 125)

Маснавӣ – шакли шеъриест, ки ҳар ду мисрааш дорои як қофия мебошад. Шеъри маснавӣ метавонад як асари хурди лирикӣ бошад, ки ба ин маънӣ истилоҳи мазкур жанрро мефаҳмонад. Ҳамчунин, маснавӣ хеле калон буда, аз чандин ҳазор байт иборат буда метавонад, ки дар ин сурат жанри ин достон аст. Мо достонҳои зиёдеро ҳам дар шакли шеъри нимоӣ ва ҳам чаҳорпора во мехурем. Достони "Суруши Сталинград" яке аз пурмазмунтарин достони адабиёти муосир аст, ки дар шакли шеъри нимоӣ суруда шудааст:

*Суханро вазну тамкини замин бояд,*

*Суханро қудрати ҷонофарин бояд,*
*Дили сарбозу мисли ту камин бояд,*
*Замини ман,*
*Ки дастони туро хонад.*

*Суханро сеҳри мурдан, зинда гардидан,*
*Хазон дидан, баҳорон боз сабзидан,*
*Чу дарё дар муҳити хеш гунҷидан*
*Ҳамебояд, ки авсофи туро гӯяд.*

*Суханро талхии ашки дили модар*
*Ва ширинии ёди бӯсаи дилбар*
*Барои навкамону навҷавон аскар –*
*Ҳамебояд, ки асрори туро хонад.*

*Сухан бояд раҳи тақдирро гирад,*
*Дуои модарони пирро гирад,*
*Ки бо ҳикмат дами шамшерро гирад,*
*Ба нимовоз эъҷози туро гӯяд...*

*Зимистон тухми гул бар хок мерезад,*
*Баҳорон мавҷи гул аз хок мехезад,*
*Чу тухми одамӣ резад, намехезад,*
*Намерӯяд, ки рози хешро гӯяд.*

Муъмин Қаноат (6; 3)

Ғазал –жанри мустақили лирикие мебошад, ки аксаран дар мавзуи ишқ дар ҳаҷми 7-12 байт (ва аз ин ҳам зиёд ё кам) навишта мешавад. Ғазал бештар дар мавзуҳои ишқӣ навишта мешавад, аммо шеъри нав пур аз мавзуъҳои ишқист.

*Ту меоӣ, ки аз бӯйи хуши нилуфари ваҳшӣ*
*кунам эҳсос*
*ҳузури нозанини ишқ- дунёро?*
*Ту меоӣ, ки андар партави хуршед мебинам*
*ҷамоли ҳақтаолоро?*
*Ту инҷоӣ, ки дар боли патун номае рақсида бинмояд*
*Таҷалии таманноро?*
*Ту инҷоӣ, ки хоҳам афв бинмудан*
*Ба ҷуз иблису иблисзодагони дӯзахиаъмол*
*Тамоми муҷримони рӯйи дунёро?!*
*Ту меоӣ?*
*Ту инҷоӣ?*

( 6;6 ) Гулрухсор

Баъзе муҳаққиқон чаҳорпораро барои навиштани достон шеъри сафедро барои мавзуҳои фалсафӣ мувофиқ медонанд, аммо мо беҳтарин чаҳорпора ва шеърҳои сафеди дар мавзуъҳои ишқӣ, панду ахлоқӣ ё ин ки беҳтарин достонро дар шеъри нимоӣ вомехурем. Яъне, тамоми мавзуъ, мазмун ва ғояро новобаста аз навъи шеър дар шеъри нав гунчонидан мумкин аст.

Баҳор дар мақолаи «Шеъри хуб» аз шоир кори душвор ва талоши мудовим талаб мекунад ва мегӯяд, нависанда бояд, факат он асареро бинависад, ки ба мардум хизмат кунад

ва аз рӯи садоқат ва самимият навишта шуда бошад. «Ҳар шеъре, ми моро нахандонад ё ба гиря наандозад онро ба дур партоед. Ҳар назме ки ба шумо ё якчанд чизи хуб тақдим нанамояд ба он эътино накунед. То шуморо як ҳаяҷон ҳиссе ҳаракат надиҳад, беҳуда шеър нагӯед».

Вазифаи шеъри нав ин аст, ки зиндагии замони бузурги моро ба дилҳо наздик намояд. Ин, албатта, аз аз вусъати доираи мавзуъ ва ғоянокии он вобаста аст. Ғоянокӣ ва васеъ шудани доираи маънӣ ва мавзуъ дар шеър шоиронро ба роҳи фарохи дурахшони шеър оварда расондааст. Ин роҳ роҳест, ки аз созандагӣ, навҷӯӣ ва андешамандӣ иборат мебошад. Албатта созандагӣ ва андешамандӣ пеш аз ҳама ба донишу биниш, ба вусъати хаёл ва эҳсоси дили пурсӯзи шоир вобастагӣ дорад. Ҳар як асари шоирона, ки маҳсули эҳсос ва идроки шоирӣ мебошад, ба сарнавишт ва такомулоти инсон ёрӣ медиҳад.

## АДАБИЁТ


1.Аламхон Кӯчарзода. Шеъри нав дар замони истиқлол/ Садои Шарқ, №9 соли 2021. - 123 саҳ.
2. Абдулалии Дастғайб. Таҳлиле аз шеъри нави форсӣ/ Садои Шарқ № 11 соли 2007.
3 .Беҳрӯзи Забеҳулло. Таҳаввули шеър дар адабиёти тоҷики замони Шуравӣ / Беҳрӯзи Забеҳулло. - Душанбе, 2019.
*4.* Бузургмеҳри Баҳодур. Ашъор/ Садои Шарқ**, №**5 соли 2020.-123саҳ.
5. Қосимзода Солеҳ . Масоили шинохти сабки шеър дар замони истиқлол / Қосимзода Солеҳ. - Душанбе . – 2022
6. Муъмин Қаноат. Сухан. Ашъор/ Садои Шарқ, №5 соли 2022.-123 саҳ.
7.Низомиддин Давлатзода . Ашъор/ Садои Шарқ, №12 соли 2016.- саҳ.
8. Сафар Амирхон. Ашъор / Садои Шарқ, №1 соли 2018.-123 саҳ саҳ.
9. Файзи Ашӯр. Ашъор / Садои Шарқ, №;1 соли 2021.-123 саҳ.


## ВИЖАГИҲОИ МУНДАРИҶАВИИ “ШЕЪРИ НАВ”


Мақолаи мазкур масоили мундариҷавии шеъри навро дар бар мегирад. Муаллиф кӯшиш намудааст, то таҳаввулоти мундариҷавӣ ва ғоявии шеъри навро мавриди баррасӣ қарор диҳад. Ғоянокӣ ва васеъ шудани доираи маънӣ ва мавзуъ дар шеър шоиронро ба роҳи фарохи дурахшони шеър оварда мерасонад. Ин роҳ роҳест, ки аз созандагӣ, навҷӯӣ ва андешамандӣ иборат мебошад. Албатта созандагӣ ва андешамандӣ пеш аз ҳама ба донишу биниш, ба вусъати хаёл ва эҳсоси дили пурсӯзи шоир вобастагӣ дорад. Ҳар як асари шоирона, ки маҳсули эҳсос ва идроки шоирӣ мебошад, ба сарнавишт ва такомулоти инсон ёрӣ медиҳад.


**КАЛИДВОЖАҲО**: адабиёт, мундариҷа, ғоя, шеъри нав, таҳаввулот, классик, муосир, чаҳорпора, нимоӣ.


## ОСОБЕННОСТИ СОДЕРЖАНИЯ «НОВОЙ ПОЭМЫ»


В данной статье рассмотрены особенности содержания нового стихотворения. Автор попытался обсудить содержание и развитие идеи нового стихотворения. Творчество и расширение диапазона смыслов и тем в стихотворении выводят поэтов на светлый и широкий путь поэмы. Этот путь — путь творчества, инноваций и вдумчивости. Конечно, творчество и вдумчивость зависят прежде всего от знаний и видения, расширения воображения и чувств страстного сердца поэта. Каждое поэтическое произведение, являющееся продуктом поэтического чувства и восприятия, помогает судьбе и развитию человека.


**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА**: литература, содержание, идея, новая поэзия, эволюция, классика, модерн.


## FEATURES OF THE CONTENT OF THE "NEW POEM"


This article contains issues of the new poem. The author tried to discuss the content and idea development of the new poem. The creativity and expansion of the range of meanings and themes in the poem leads the poets to the bright and wide path of the poem. This path is a path of creativity, innovation and thoughtfulness. Of course, creativity and thoughtfulness depend first of all on knowledge and vision, expansion of imagination and feelings of the poet's passionate heart. Every poetic work, which is a product of poetic feeling and perception, helps the destiny and development of a person.


**KEYWORDS**: literature, c4ontent, idea, new poetry, evolution, classic, modern.



**Маълумот дар бораи муаллиф**: ***Сафарзода Моҳпочо –*** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти курси дуюми факултети филологияи тоҷик. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рудакӣ, 17.

**Сведения об авторе:** ***Сафарзода Мохпочо*** – Таджикский национальный университет, магистрант 2 курса факультета таджикской филологии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17.

**Information about the author**: ***Safarzoda Mohpocho*** – Tajik National University, second-year master`s student of the Faculty of Tajik Philology. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17.

# ОМИЛҲОИ ПАЙДОИШ ВА ТАШАККУЛИ МЕДИА-ҲОЛДИНГИ “ОИЛА”

***Қутбиддинзода У.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Пайдоиши Медиа-ҳолдинг дар кишвари мо падидаи нав аст. Пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ ва соҳибистиқлол шудани Тоҷикистон имкон фароҳам овард, ки ВАО ҳамчун ниҳоди мустақил ташаккул ёбад. Рушди ВАО имкон дод, ки дар Тоҷикистон низ Медиа-ҳолдингҳо ба вуҷуд оянд. Медиа-ҳолдинги “Оила” яке аз аввалин ҳолдингҳои кишвар аст, ки қариб 30 сол аст дар роҳи пурпечутоб ва заҳматталаби ВАО - и кишвар самарнок ва муваффақона фаъолият мекунад. Роҳи тайкардаи ин Медиа-ҳолдинг барои рушди минбаъдаи ВАО ва медиа-ҳолдингҳои кишвар хеле муҳим ва назарас аст.

“Баъди пош хӯрдани Иттиҳоди Шуравӣ ва гузаштан ба иқтисоди бозаргонӣ васоити ахбори омма ба талаботи бозор мутобиқ гардид ва бозор муайянкунандаи мавҷудият ва нумуи расонаҳои хабарӣ гашт. Таърихи инкишоф ва таҳаввули васоити ахбори омма, ҳамчунин, рӯзноманигорӣ нишон медиҳад, ки ҷанбаи пурқуввати таъсиррасон ба он омили иқтисодӣ аст. Истиқлолият ба даст овардани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рушду нумуи расонаҳои хабарии кишвар роҳи васеъ кушод. Мамлакат бо роҳи тараққиёти иқтисоди бозаргонӣ пеш меравад. Ин замон илму техника босуръат тараққӣ мекунад ва пешрафти ҷомеа ниёз ба донишҳои иқтисодӣ дорад. Аз ин нигоҳ ҳам, васоити ахбори омма, ки дар замони иқтисоди бозаргонӣ фаъолият мекунад, бояд аз рӯйи низом, қонун ва талаботи бозор фаъолият намояд. [1,с.3].

Пас аз Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон дар низоми матбуоти тоҷик навгониҳои зиёде дар нашр, тип ва намудҳои нашрияҳо ворид гардиданд. Пайдоиши Медиа-ҳолдинги “Оила” дар низоми матбуоти даврии тоҷик падидаи нав аст, ки бунёдгузори он менеҷери моҳир, публитсист ва сармуҳаррири нашрияи “Тоҷикистон” Шариф Ҳамдампур мебошад, ки нашрияҳои маъруфе чун “Тоҷикистон” (1996), “Оила” (2000), Рекламная газета (2001), аз соли 1996 сомонаи “pressa.tj” ва соли 2019 бошад сомонаи “oila.tj”- ро бунёд гузоштааст. Ин нашрияҳои даврӣ дар фазои иттилоотии кишвар нақши бориз доранд. Дар замони истиқлол аксари рӯзномаҳо шакли электронии худро роҳандозӣ намудаанд, аз ҷумла рӯзномаҳои Медиа- ҳолдинги “Оила” бо версияи электронӣ низ дар сомонаҳои иҷтимоӣ фаъол ҳастанд.

Шариф Ҳамдампур дар фазои касбии рӯзноманигори тоҷик аз шахсиятҳои шинохта ба ҳисоб меравад ва ҳамчунин аз созмондиҳандагони типи нави матбуоти даврӣ - нашрияҳои хусусӣ дар Тоҷикистон аст. Дар таърихи матбуоти даврии тоҷик бори аввал соли 2005 матбааи рангаи “Oila - print”- ро таъсис дод, ки аксари рӯзномаву маҷаллаҳои кишвар, ҳамчунин китобу рисолаҳо дар он ба табъ мерасанд. Тавре ки муҳаққиқ Бозоров Н. қайд кардааст: “Аксари нашрияҳои ҷумҳурӣ дар ин муассисаҳо ба табъ мерасонанд. Дар ин росто нашрияҳое, ҳастанд, ки матбааи пурқувати худро доранд. Аз ҷумла, ҶДММ “Чархи гардун”, “Оила-принт”, “ҶДММ Мушфиқӣ” ва ғайра” [2, с.13].

Ҳафтаномаи “Тоҷикистон”, ки равияи ҷамъиятиву сиёсӣ, фарҳангӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ дорад, 21- уми марти соли 1992 ба майдони матбуоти даврии кишвар дохил шуда, бо андаке танаффус имрӯз ҳам фаъолияти худро давом медиҳад. Имрӯз “Тоҷикистон” маҳз бо ташаббуси муассиси худ Шариф Ҳамдампур рӯйи чоп меояд.

Таъсис ва ташкили ин рӯзнома асосан ба фаъолияти ду нафар – яке Насруллоҳ Асадуллоев ва дигаре Шариф Ҳамдампур тавъам аст. Аслан пойагузори ин нашрия Насруллоҳ Асадуллоев будааст, ки пас аз фавти ӯ Шариф Ҳамдампур масъулияти нашри ин ҳафтаномаро ба дӯш гирифтааст. Чуноне ки муаллифони китоби “Таърихи журналистикаи тоҷик” И. Усмонов ва Н. Усмонова навиштаанд: “Пас аз сари Насруллоҳ Асадуллоев муддате рӯзнома нашр нагардид, он гоҳ рӯзноманигор, менеҷери моҳири соҳаи журналистика Шарифҷон Ҳамдамов, ки собиқаи кори эҷодӣ дар рӯзномаи “Маориф ва маданият” ва “Садои мардум” дорад, эҳё ва нашри баъдии ин ҳафтаномаро ба дӯш гирифт

ва онро аз зумраи нашрияҳои ҳам аз нигоҳи муҳтаво, ҳам аз нуқтаи назари шаклу сифати чопӣ муосир қарор дод” [ 5, с. 96].

Ҳафтаномаи “Тоҷикистон” имрӯз бо шаклу ороиш, сабку услуб ва мундариҷа аз дигар нашрияҳои даврӣ фарқ мекунад. Рубрикаҳои асосии онро “Нигоҳи дигар”, “Иқтисод”, “Ҳафтае, ки гузашт”, “Мавзуи рӯз”, “Мушкилот”, “Адабиёт”, “Дунёи варзиш”, “Канзи шифо”, “Ҷиноят ва ҷазо”, “Пойтахт” ташкил медиҳанд, ки маводҳое зери ин рубрикаҳо нашр гардида, ҳамчунин дар сомона низ гузошта мешаванд. Дар замони соҳибистиқлолии мамлакат “Тоҷикистон” ягона нашрияест, ки аввалин маротиба ҳамаи саҳифаҳои он ранга ба нашр расидаанд, ки ин дар матбуоти тоҷик бесобиқа мебошад.

Дар замони Истиқлолият ба вуҷуд омадани техникаи муосир имкони хуб фароҳам овард, ки сомонаи нашрияҳои даврӣ фаъолияти худро пурсамар ба роҳ монанд. Бо ҳамин мақсад соли 1996 Шариф Ҳамдапур сомонаи “pressa” tj.- ро таъсис дод. Ин сомона тули мавҷудият ду маротиба номашро иваз намуд. Аз оғози фаъолият то соли 1998 сомона “pressa” tj ном дошта, баъд то охирҳои соли 2019 бо суроғаи “tajikistantimes” фаъол буд. Айни ҳол боз бо номи пештара “pressa” tj аудиторияи хешро бо иттилооти саривақтӣ таъмин месозад. Сомона бо се забон тоҷикӣ, русӣ ва форсӣ нашр мешавад ва дар тарғиби дастовардҳои Тоҷикистон, расонидани иттилои муътамад нақши бориз доранд. Хонандагони ин сомона дар як моҳ ҳудуди 500 ҳазор нафарро ташкил медиҳад. Тавре аз нишондоди маводи сомона бармеояд “Аудиторияи сомонаро, асосан, хонандагон аз Тоҷикистон, Русия, ИМА, Олмон, Қазоқистон, Фаронса, Нидерландия ва Ӯзбекистон ташкил медиҳанд” [8].

Нашрияи даврии “Оила” аз моҳи январи соли 2000-ум инҷониб ҳар ҳафта мунтазам чоп мешавад. Дар Вазорати Фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №507 ба қайд гирифта шуда, таҳти сарпарастии Шариф Ҳамдампур чоп мешавад. Аз оғози нашр то соли 2003 сармуҳаррири ин нашрияро Муҳаммадалии Мақсадулло ба уҳда дошта, аз соли 2004 то 2019 сармуҳарририи рӯзномаро Фирӯза Сатторӣ ба уҳда гирифт. Аз соли 2019 Нодира Раҷабова муҳарририи нашрияро ба дӯш дорад.

Рӯзнома асосан маводҳои фарҳангӣ, иҷтимоӣ ва масъалаҳои вобаста ба хушунати оилавиро ба табъ мерасонад. Нашрия асосан зери рубрикаҳои “Рангоранг”, “Чунин ҳам мешавад”, “Дин ва ҷомеа”, “Чархи гардун”, “Аз рӯзгори ситораҳо”, “Сарнавишт” мавод интишор менамояд. То соли 2019 ин нашрия асосан дар шакли чопӣ интишор мегардид. Аз соли 2019 сомонаи нашрия бо номи “Oila.tj” ба фаъолият оғоз кард. Ҳамчунин, ин сомона саҳифаи худро дар шабакаҳои иҷтимоӣ фаъол кард. Ҳоло дар як моҳ аз ин сомона 300 ҳазор нафар истифода мебаранд. Тиражи ҳафтаинаи рӯзнома 28 ҳазор ададро ташкил медиҳад.

Дар шароити кунунӣ, ки технология рушд кардааст, рӯзномаҳо бо истифода аз имконоти шабакаи интернет фаъолияташонро густурда намудаанд. Аз ҷумла, расонаҳое, ки зери роҳбарии Шариф Ҳамдампур фаъолият мекунанд дар ин самт хеле муваффақ ҳастанд. Шариф Ҳамдампур дар мусоҳибае, ки бахшида ба 30-солагии нашрияи “Садои мардум” чоп шудааст, чунин нигоштааст: “Дар баробари принт ба роҳ мондани версияи электронӣ, роҳандозии саҳифаҳои махсус дар шабакаҳои иҷтимоӣ, таргет, истифода аз видео хеле муҳим аст. Технологияи интернетӣ ҳар рӯз нав шуда такмил меёбад. Такя ба журналистикаи классикӣ маънии ҳамқадами замон набуданро дорад. Такя ба рӯзноманигороне бояд кард, ки ҳам хуб менависанду ҳам аз технологияи иттилоотии муосир бохабаранд” [1].

Ташкили нашрияи “Рекламная газета”, асосан қисмати тиҷоратии Медиа ҳолдинги “Оила”- ро дар бар мегирад, ки он аз соли 2001 инҷониб рӯйи чоп меояд. Нашрияи “Рекламная газета” бо забони русӣ чоп мешавад ва бо роҳҳои гуногун барои ҷалби хонандагон ва таблиғ намудани молу хизматрасонӣ хизмат мерасонад. Нашрияи “Рекламная газета” аз соли нашр инҷониб бо сифати баланд ва ҳамчунин мунтазам 24 саҳифа ҳар ҳафта ранга чоп мешавад.

Баъд аз 10 соли нашри мунтазами “Рекламная газета” соли 2011 Шариф Ҳамдампур сомонаи “RG.TJ”- ро бунёд гузошт, ки дар фазои иттилоотии кишвар ягона нашрияи рекламавӣ маҳсуб меёбад.

Умуман, дар замони Истиқлолият дар тамоми соҳаҳо дигаргунӣ ба амал омад. Аз ҷумла, дар низоми матбуоти даврӣ нашрияҳои зиёде аз рӯйи тип ва таъиноти гуногун шомил гардиданд, ки нашрияҳои Медиа-ҳолдинги "Оила" истисно нестанд. Дар таъсис, нашр ва пахши нашрияву сомонаҳои ин ҳолдинг саҳми Шариф Ҳамдампур зиёд аст. Маҳз бо талошҳои ӯ Медиа – ҳолдинги "Оила" бунёд гашт, ки дар таърихи матбуоти даврии тоҷик иқдоми нав аст. Таҷрибаи ин ҳолдинг аз ҳар ҷиҳат барои омӯзиш ва пажуҳиш аҳамиятнок аст.


**АДАБИЁТ**

1. Атовуллоев Ш. Аз шеваи роҳбарии Муродуллоҳ Шерализода то муваффақияти "Садои мардум"// Садои мардум. – 2021. - 5 январ.
2. Бозорзода Н. Иқтисод ва менеҷменти васоити ахбори омма / Н. Бозорзода. – Душанбе: Ашӯриён, 2022. – 238с.
3. Муродов, М. Б. Истиқлолият ва рушди матбуоти даврӣ / М.Б. Муродов. – Душанбе: Аржанг, 2017. – 224с.
4. Муродӣ М. Публитсистикаи тоҷик / М. Муродӣ. – Душанбе: Аржанг, 2022. – 576с.
5. Усмонов И. К., Усмонова Н. К. Таърихи журналистикаи тоҷик (курси лексияҳо) / И.К. Усмонов, Н.К. Усмонова. – Душанбе: Олами дониш, 2020. – 249с.
6. Шарифзода Қ. Газета (рӯзнома) – (қисми 1) / Қ. Шарифзода. – Душанбе: Ирфон, 2016. – 102с.
7. Шарифзода Қ. Дар ҷустуҷӯи шахсият / Қ. Шарифзода. – Душанбе: Ирфон, 2017. – 192с.
8. Tajikistantimes. tj аз хонандагонаш узр мепурсад // Тоҷикистон, 2018.- 17 январ.


**ОМИЛҲОИ ПАЙДОИШ ВА ТАШАККУЛИ МЕДИА- ҲОЛДИНГИ "ОИЛА"**


Дар мақолаи мазкур омилҳои пайдоиши Медиа ҳолдинги " Оила" мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Пас аз Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон дар низоми матбуоти тоҷик навгониҳои зиёде дар нашр ва типи нашрияҳо ворид гардиданд. Пайдоиши Медиа-ҳолдинги "Оила" дар низоми матбуоти даврии тоҷик падидаи нав аст, ки бунёдгузори он менеҷери моҳир, публитсист ва сармуҳаррири нашрияи "Тоҷикистон" Шариф Ҳамдампур мебошад. Маҳз бо талошҳои Шариф Ҳамдампур Медиа-ҳолдинги " Оила" бунёд гашт. Таҷрибаи ин ҳолдинг аз ҳар ҷиҳат барои омӯзиш ва пажуҳиш муҳим аст.



**КАЛИДВОЖАҲО:** рӯзнома, матбуоти тоҷик, публитсист, медиа, менеҷер, сармуҳаррир, рӯзноманигор, нашрия.


**ФАКТОРЫ ВОЗНИКНОВЕНИЯ И ФОРМИРОВАНИЯ МЕДИА- ХОЛДИНГА «ОИЛА»**


В данной статье рассматриваются факторы возникновения медиа холдинга «Оила». После обретения Таджикистаном независимости в системе прессы Таджикистана было внедрено множество нововведений в издательском деле и видах изданий. Появлении Медиа-холдинга «Оила» новое явление в системе периодической печати Таджикистана, основателем которого является опытный менеджер, публицист и главный редактор издания «Таджикистан» - Шариф Хамдампур. Именно усилиями Шарифа Хамдампура был создан медиа холдинг «Оила». Опыт этого холдинга важен во всех отношениях для обучения и исследований.



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** газета, таджикская пресса, публицист, менеджер, главный редактор, журналист, издание.


**FACTOR OF EMERGENCE AND FORMATION OF MEDIA HOLDING "OILA"**


This article discusses the factors behind the emergence of media holding. "Oila" After Tajikistan gained its Independence many innovations were introduced mass media of Tajikistan in publishing and types of publications. The advent of the Media Holding «Oila» is a new experience in the periodical press system of Tajikistan, the founder of which is Sharif Hamdampur who is an experienced manager, publicist, and chief editor of the Tajikistan publication, It was through the efforts of Sharif Hamdampur that media holding «Oila» was created. The experience of this holding is important in all respect for research and investigation.



**KEYWORDS:** newspaper, tajik press, publicist manager, editor- in chief, journalist, publication.



**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Кутбиддинзода Угулой*** **–** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистрантии курси дуюми факултети журналистика. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **904-31-10-99.** E-mail: **ukutbiddinzoda@mail.ru.**

**Сведения об авторе:** ***Кутбиддинзода Угулой*** **–** Таджикский национальный университет, магистрант второго курса факультета журналистики. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **904-31-10-99.** E-mail: **ukutbiddinzoda@mail.ru.**

**Informaion about the author** ***Kutbiddinzoda Uguloy*** **-** Tajik National University second- year master's student of Faculty of Journalism**. Adress**: 734025 Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki 12 Phone: **904-31-10-99.** E-mail: **ukutbiddinzoda@mail.ru.**

# ТРУДНОСТИ ПРИ ИЗУЧЕНИИ ПРЕДЛОЖНО-ПАДЕЖНОЙ СИСТЕМЫ РУССКОГО ЯЗЫКА

*Алиев Х.*
**Таджикский национальный университет**

Русский язык, как известно, характеризуется развитой флективностью, и наряду с этим для выражения связи между словами в нем используется значительное количество различных предлогов. При этом:

одна и та же падежная форма выражается разными флексиями, например: Д. п.: отцУ, матерИ, сестрЕ, преподавателЮ;

одно общее значение может выражаться различными формами, например: значение времени: в апреле, в понедельник, 5 декабря;

одна и та же падежная форма может выражать разные значения, например, Вин. п.: читаю книгу, читаю неделю;

один и тот же падеж может употребляться с разными предлогами, например: Вин. п.: в школу, на урок, про школу, с неделю, на неделю, за неделю;

один и тот же предлог может употребляться с разными падежами, например: брат с сестрой, ростом с сестру, пример с сестры.

Для наших студентов трудности в усвоении этих форм усиливаются в связи с расхождением форм и значений в сопоставлении с родным языком. Все это обилие форм и значений требует от преподавателя РКИ большого умения в организации работы по изучению предложно-падежной системы.

Для ответа на вопрос о том, какими путями целесообразно вводить предложно-падежные сочетания в речевую практику студентов, следует вспомнить некоторые общие закономерности, по которым формируются типичные для русского языка предложно-падежные сочетания.

Известно, что предложно-падежные словосочетания (далее - СС) различаются по составу (или структуре) и значению. Характерным признаком структуры СС является наличие главного и зависимого слова, например: учить студентов, желание учить, учеба студентов.

СС могут быть глагольным, глагольно-именными, именными. Наиболее трудны для усвоения глагольно-именные СС.

Связь между компонентами СС может быть строго обязательной: работать в университете, на заводе - работать над дипломом, хорошо работать.

Студенты должны научиться практически определять различные связи слов внутри СС.

Согласование - это такой вид связи, при котором зависимое слово (полные прилагательные, причастия, порядковые числительные, некоторые местоимения) употребляется в тех же формах рода, числа и падежа, что и главное (существительное) (интересный урок, интересные уроки, интересным уроком). При изменении формы главного слова соответственно изменяется и форма зависимого слова.

Управление - это такой вид связи, при котором зависимое слово (как правило, существительное) находится при главном (глагол) в форме определенного косвенного падежа: приехать на учебу. При изменении главного слова зависимое слово не изменяется: пригласить друзей, приглашу друзей, пригласили друзей и т.д.

Для ознакомления с теорией по данному вопросу мы обратились к учебным пособиям и словарям. За основу исследования мы взяли Русскую грамматику 1980 г., где зафиксировано, что «ряд существительных мужского рода I склонения отступает от закономерности «нулевая флексия в именительном падеже единственном числе – ненулевая флексия в родительном падеже множественном числе» и образует форму родительного падежа множественного числа с нулевой флексией».

Это названия таких парных предметов, как *ботинки, валенки, глаза* (и *глазки*), *краги, манжеты, мокасины, погоны, рожки, рога* (в старой пословице: *бодливой корове бог рог не дает*), *сапоги* (и *сапожки*), *чулки, шаровары, штиблеты, эполеты,* а также *волосы* (*волос*), *зубки* (*зубок*).

Слово *рейтузы* отнесено в Русской грамматике 1980 г. к группе слов pluralia tantum, в частности, к предметам, обычно состоящим из двух или нескольких частей, а также содержащим две или более одинаковые части (сложные предметы).

«Pluralia tantum – это такие существительные, у которых противопоставленность по числу морфологически не выражена, которые имеют падежные формы только мн. ч. По своим значениям существительные pluralia tantum противостоят одновременно как существительным, называющим единичные конкретные предметы, так и существительным singularia tantum».

Также в Русской грамматике 1980 г. сообщается, что от «слов pluralia tantum, называющих сложные предметы, а также вещества, действия, отрезки времени, представленные как неделимые множества или совокупности, следует отличать слова, преимущественно употребляющиеся во множественном числе (потенциальные pluralia tantum), но имеющие также формы единственного числа: *близнецы, букли, гренки, инициалы, кавычки, кегли, медикаменты, мириады, распри, ставни, стропила, поручни, ходули, шпалы*; *сапоги, чулки, боты, бутсы, гетры, краги, тапочки, чувяки*» [14, с. 623 ].

Слова, обозначающие парные предметы, следует не путать со словами группы pluralia tantum. К группе существительных pluralia tantum наряду со словом *рейтузы* можно также отнести слово *джинсы*, появившееся сравнительно недавно, поэтому и не упоминающееся в Русской грамматике 1980 г.

Но в ряде пособий понятия совмещаются. Например, К.С. Горбачевич относит слово *рейтузы* к словам, обозначающим парные предметы.

Поэтому мы будем рассматривать данные слова, как парные предметы, так как они состоят из двух одинаковых частей.

Нормы употребления существительных, обозначающих парные предметы, зафиксированные в справочниках и пособиях по русскому языку, мы соотнесли с полученными результатами проведенной выборки и устного опроса.

К каждому слову было найдено по 100 контекстов из разной литературы XX – XI вв., классической и массовой, как русской, так и переводной. Некоторые контексты были взяты из литературы начала XX века, чтобы выяснить, в какой форме в тот период употреблялись исследуемые слова, и выявить устаревшие варианты употребления.

Слова кеды и рейтузы являются малоупотребительными, поэтому для наличия материала, на основе которого проводится работа, был проведен поиск на Интернет-сайтах.

В ходе устного опроса было опрошено 50 человек, в основном студенты. Большую часть респондентов составили студенты факультета технической кибернетики. Также были опрошены студенты кафедры русского языка. Ряд студентов отметил варианты без флексии для всех исследуемых нами слов. Этот факт иллюстрирует закон экономии в русском языке.

Чтобы разобраться в результатах выборки и опроса, а также в существующих нормах в написании слов, рассмотрим каждое слово в частности, начиная с форм *сапог – сапогов*.

Нормативным вариантом употребления слова *сапоги* в Р.п. мн. ч., является форма без флексии (Русская Грамматика 1980 г.) По результатам исследования можно сделать вывод, что данное слово на 36% употребляется в произведениях с флексией – *ов.* В основном, это произведения военной и политической тематики, а также некоторые произведения начала XX века.

*Болван! Ты не умеешь* ***сапогов*** *шить! Я тебе всю харю побью! (Антон Павлович Чехов. Сапожник и нечистая сила)*

В устной речи употребление формы с флексией составляет 16%. То есть 64% и 84% соответствуют норме. В Русской Грамматике 1980 г. указано, что «у слов, называющих парные

предметы, в употреблении отмечаются ненормативные формы на – *ов* в тех случаях, когда указание на парность несущественно: *сапогов многое множество* (Асеев)» [15, с. 624].

*«Неизвестно, сколько вас тут с летающими черепами, **сапогов** не напасешься»). (Юрий Коваль. Самая легкая лодка в мире).*

У К.С. Горбачевича написано, что «у многих из указанных слов форма на – *ов* сравнительно недавно считалась нормативной. Например, *сапогов* в качестве допустимого варианта. Форма *сапогов* зафиксирована у Гоголя, Лермонтова, Некрасова, Тургенева, Достоевского, А.К, Толстого, Л. Толстого, Чехова».

А также у Короленко и Помяловского.

*Это были силачи тогдашнего времени и обыкновенно занимались шитьем **сапогов**. (Николай Помяловский. Очерки бурсы)*

*– **Сапогов** еще не сшил. Вот сошью, тогда и подумаю. (В.Г. Короленко. Судный день («Иом-кипур»))*

Следует отметить, что в Грамматике русского языка 1960 г. содержится информация о колебаниях, которые наблюдаются в употреблении формы р.п. мн. ч. мужского рода. Сообщается, что в подобных случаях формы на – *ов* являются более книжными, а формы с нулевым окончанием более свойственными разговорной речи.

В Словаре трудностей современного русского языка К.С. Горбачевича указана форма *сапогов* с пометой устарелое. Также, что вариант *сапогов* был широко употребительным в 19 веке.

Устный опрос показал, что некоторые опрошенные сомневались в абсолютной правильности варианта *сапогов*, поэтому выбирали оба варианта, обосновывая выбор тем, что можно это слово употреблять и с флексией, и без флексии.

В Словаре трудностей русского языка Д.Э. Розенталя и М.А. Теленковой отмечен только один вариант *сапог*, а вариант *сапогов* неправильный, но если это устоявшееся выражение *сапогов-скороходов*, то правильно *сапогов*.

Из всего выше сказанного можно сделать следующий вывод: несмотря на то, что нормативной формой употребления слова *сапоги* в р.п. мн. ч. является форма без флексии, колебания в данном случае пока неизбежны, так как форма с флексией некоторыми писателями признается более книжной, в связи с употреблением таковой известными писателями классической русской литературы начала XX века, которые давали наглядный пример правильности русской речи.

В употреблении слова *носки* в р.п. мн. ч. так же наблюдаются колебания.

В Русской грамматике 1980 г., так же, как и в других учебниках и пособиях по русскому языку, рекомендуется форма *носков*, форма *носок* считается нелитературной.

Результаты опроса показали, что форму без флексии употребляют сейчас 24% опрошенных, и такое же количество употребления данной формы можно наблюдать в произведениях нашего времени, так же 24%.

Некоторые опрошенные утверждали, что слово *носки* в р.п. мн. ч. имеет две формы употребления. Можно говорить и *носков* и *носок*.

При существующей тенденции к усечению флексии – *ов* у слов данной группы, общелитературной нормой употребления слова *носки* в р.п. мн. ч. остается форма *носков*, и вариант *носок* считается неправильным.

«Естественно то, что по аналогии с нулевыми формами родительного падежа множественного числа *чулок, валенок, ботинок, бот, пьекс, кед* широко распространилась форма *носок*» [6, с. 139].

*Навязанное знакомство – это как налоговая инспекция (по проверке состояния твоих **носок**). (Александр Березиков. Самаркандские рассказ)*

Следовательно, 12 человек из 50 говорят неправильно. Было бы справедливо к нормативному употреблению формы *носков* добавить конкурирующую с ней форму *носок* в

качестве допустимого варианта, и тем самым избежать четкого разграничения между правильным и неправильным употреблением данного слова.

«Учитывая, что количественный рост нулевой формы выражает внутренние языковые устремления, будет разумно наряду с формой носков дать права и форме *носок*, пока что изгоняемой из разряда литературных форм в современных грамматиках и пособиях по культуре речи»[6, с. 146]

Следующие слово, которое мы рассмотрели, – *чулки* (в родительном падеже множественном числе *чулок – чулков*).

Данное слово имеет общелитературную норму употребления без флексии (*чулок*), о чем сообщается в Русской Грамматике 1980 г. Случаи употребления формы *чулков* наряду с формой *сапогов*, в художественной литературе относятся в основном к XIX – нач. XX вв.; отмечены они также у писателей старшего поколения в XX в. (Чехов, Короленко, Серафимович и т.д.) А также у А. Солженицына.

*– Я – чулки выменивала, – хвастала в соседней комнате тётя Фрося, пару* ***чулков*** *шёлковых брала у их за пяток картофельных лепёшек.* ***Чулков*** *теперь, может, до конца войны не будет. (Александр Солженицын. Случай на станции Кочетовка)*

В современной литературной речи форма с – *ов* считается неупотребительной. Но результаты опроса показали, что 28% студентов выбирают именно эту форму. В произведениях данная форма употребления зафиксирована в 25 произведениях из 100. Нужно обратить внимание на то, что студенты, которые выбрали форму с флексией (*чулков*), слово *носков* всегда выбирали также с флексией. Студенты, посчитавшие более предпочтительным вариант без флексии, слово *носок* выбирали без флексии. Это говорит о взаимном влиянии форм употребления исследуемых слов друг на друга, так как если обратиться к семантике слова *чулки*, то получится, что это то же самое, что и *носки*, но *носки*, имеющие большую длину. Поэтому написание и произношение существительных *носки* и *чулки* должно быть одинаковым, так как мало кто задумывается и знает, что правила устанавливают различные формы употребления этих слов: одно с флексией, другое без нее.

Стоит задуматься, в чем причина правильности употребления формы *чулок*, а не *чулков*. С.П. Обнорский образование формы *чулок* объясняет постоянным употреблением этого слова в составе количественно – именных сочетаний. Однако скорее его можно объяснить близостью к pluralia tantum; слово *чулок* выступало обычно в формах множественного числа, так как называло парные предметы (*чулки*).

Следующее слово, которое мы исследовали, из группы существительных, обозначающих парные предметы – *погоны*.

Слово *погоны* в р.п. мн. ч. так же по правилам Русской Грамматики 1980 г. употребляется без флексии – *ов*. Но в примечании обращается внимание на то, что у этого слова в употреблении отмечается ненормативная форма на – *ов* в тех случаях, когда указание на парность несущественно: Вы быстро нас с Зиночкой догоняли и не только в смысле *погонов*, но и как врач! (Герман).

В Словаре трудностей русского языка К.С. Горбачевича форма *погонов* является устаревающей. Если обратиться к более старым словарям и пособиям, то, например, в Грамматике русского языка 1960 г. форма на – *ов* является более книжной, а форма с нулевым окончанием более свойственной разговорной речи.

*Стадо черное этих зэков, и в таком же бушлате – Щ-311 – человек, кому без золотых* ***погонов*** *и жизни было не знато, с адмиралом английским якшался, а теперь с Фетюковым носилки таскает. (Александр Солженицын. Один день Ивана Денисовича)*

Следовательно, не существует четкого правила, устанавливающего правильность употребления той или иной формы данного слова. Предпочтительней является форма без флексии, но это не значит, что она правильная.

Исходя из результатов опроса и выборки, форма *погонов* в устной речи встречается не так часто, как в произведениях (только 26% опрошенных считают правильной форму с флексией). В

35 произведениях из 100 использовалась форма с флексией, и по большей части из-за того, что это слово имеет узкую сферу употребления. Это произведения, описывавшие военные события первой половины XX в., либо первой, либо второй мировых войн. Возможно, считая этот вариант более старым, писатели стремятся передать обстановку и атмосферу того времени данным употреблением. Но и в наши дни вариант *погонов* еще часто используется вместо варианта *погон*.

*Матросы шутили, что из пары* ***погонов*** *старшего лейтенанта Шубина можно свободно выкроить погоны для десяти гонгов. (Леонид Платов. Секретный фарватер)*

**ЛИТЕРАТУРА**


1. Горбачевич К.С. Словарь трудностей современного русского языка / К.С. Горбачевич. - СПб.: Норинт, 2003. 512 с.
2. Грамматика русского языка: в 2 т. М.: Академия наук, 2007, Т I.
3. Граудина Л.К. О нулевой форме родительного множественного у существительных мужского рода // Развитие грамматики и лексики современного русского языка. М., 2012. С. 167–172.
4. Граудина Л.К. Носков или носок? (Об одном приеме исследования) // Вопросы культуры речи. 1965. №6. С. 137–147.
5. Ефремова Т.Ф., Костомаров В.Г. Словарь грамматических трудностей русского языка / Т.Ф. Ефремова, В.Г. Костомаров. - М.: Рус.яз., 2009. 345 с.
6. Журавлѐва Е. Ф., Журавлева Т.Б. Трудные случаи фонетики и морфологии современного русского языка в сопоставлении с новогреческим (из опыта преподавания славянских языков в грекоязычной аудитории) // Русский язык: исторические судьбы и современность: II Международный конгресс исследователей русского языка: труды и мат-лы / сост. М.Л. Ремнѐва и др. М.: Изд-во Московского ун-та, 2004. С. 507-508.
7. Иванова Т.Ф., Черкасова Т.А. Русская речь в эфире: Комплексный справочник. 5-е изд., стереотип / Т.Ф. Иванова, Т.А. Черкасова. - М.: Медиа, 2005. 352 с.
8. Любимова Н.А. Обучение русскому произношению: артикуляция. Постановка и коррекция русских звуков / Н.А. Любимова. - М.: Русский язык, 1982. 192 с.
9. Новиков Л.А. Семантика текста / Л.А. Новиков. - М., 1983.
10. Ожегов С.И. Словарь русского языка / С.И. Ожегов. - М., 2009; 10 изд., М., 1973.
11. Окунцова Е.А. Трудности устной речи: Словарь-справочник / Е.А. Окунцов. - М.: изд-во Московского ун-та, 2004.


## ДУШВОРИҲОИ ОМӮЗИШИ ПАДЕЖИ ПЕШОЯНДДОР ДАР СИСТЕМАИ ЗАБОНИ РУСӢ


Дар мақолаи зерин мавзуи душвориҳои омӯзиши падежи пешояндюдор дар забони русӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Муаллиф оид ба мавзуъ маълумоти муфассал дода, онро бо мисолҳои марбута шарҳ додааст. Муаллиф қайд кардааст, ки барои хонандагони мо мушкили азхудкунии ин шаклҳо аз сабаби тафовути шаклу маъно нисбат ба забони модариашон зиёд мешавад.



**КАЛИДВОЖАҲО:** забони русӣ, навъи пайванди тобеъ, мувофиқа, шакли пешванд, шумораи танҳо, шумораи ҷамъ.


## ТРУДНОСТИ ПРИ ИЗУЧЕНИИ ПРЕДЛОЖНО-ПАДЕЖНОЙ СИСТЕМЫ РУССКОГО ЯЗЫКА


В данной статье рассматривается тема трудностей в изучении предложной фразы в русском языке. Автор дал подробную информацию по теме и объяснил ее соответствующими примерами. Автор отмечает, что для наших студентов трудности в усвоении этих форм усиливаются в связи с расхождением форм и значений в сопоставлении с родным языком.



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** русский язык, вид подчинительной связи, согласование, предложно-падежная форма, единственное число, множественное число.


## DIFFICULTIES IN STUDYING THE PREPOSITIONAL-CASE SYSTEM OF THE RUSSIAN LANGUAGE


This article examines the topic of difficulties in learning prepositional phrases in Russian. The author has given detailed information on the topic and explained it with relevant examples. The author notes that for our students, difficulties in mastering these forms increase due to the divergence of forms and meanings in comparison with their native language.



**KEYWORDS:** Russian language, type of subordinating connection, agreement, prepositional case form, singular, plural.



**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Алиев Хасан*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти факултети филологияи рус. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.

**Сведения об авторе:** ***Алиев Хасан*** – Таджикский национальный университет, магистрант факультета русской филологии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17.

**Information about the author:** ***Aliev Hasan –*** Tajik National University, master's student of the Faculty of Russian Philology. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17.

# ХУСУСИЯТҲОИ УМУМИИ ФЕЪЛҲОИ МОДАЛӢ ДАР ЗАБОНИ АНГЛИСӢ

***Маҳинабонуи С.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Ба гурӯҳи феълҳои модалӣ шумораи ками феълҳо дохил мешаванд, ки дар байни ҳамаи феълҳо бо як қатор хусусиятҳои характернок аз ҷиҳати маъно, истифода ва сохтори грамматикӣ фарқ мекунанд. Ин навъ феълҳо ягон категорияҳои грамматикии феълиро доро нестанд (навъ, замон); онҳо танҳо шаклхои сиға ва замон дошта метавонанд, ки нишондиҳандаҳои хабар мебошанд. Дар баробари ин ва бинобар надоштани шаклҳои ғайрипредикативӣ (масдар, герундия, ҳиссачаҳо) феълҳои модалӣ ба системаи феълии забони англисӣ дохил мешаванд.

Феълҳои модалӣ аз рӯйи нақшу вазифаи худ дар ҷумла ба гурӯҳи феълҳои ёридиҳанда шомил мебошанд. Ба воситаи онҳо маънои имконият, қобилият, эҳтимолият, зарурияти иҷрои амалеро, ки бо феъли маъноӣ мефаҳмонад, ифода мешавад. Азбаски онҳо на амал, балки танҳо муносибати модалиятро ифода мекунанд, онҳо ҳеҷ гоҳ ҳамчун узви ҷудогонаи ҷумла истифода намешаванд. Феълҳои модалӣ ҳамеша танҳо бо масдар омада, бо он таркибу ибораро ташкил мекунанд, ки дар ҷумла ба вазифи хабари мураккаби модалӣ истифода мешавад.

Вобаста ба этимологияи худ, аксари феълҳои модалӣ пеш аз ҳама феълҳое мебошанд, ки қисми зиёди махсусиятҳои феълро соҳиб нестанд. Феълхои модалӣ ба гурӯҳи феълҳои ноқис шомил буда (Defective Verbs), махсусиятҳои пурраи грамматикие, ки феълҳои дигар доранд, ифода намекунанд. Яке аз ин вижагиҳо, набудани пасванди -s, дар шахси 3-уми шумораи танҳои феъли асосӣ (сиғаи амрӣ) ба шумор меравад, таърихан чунин шарҳ дода мешавад: шаклҳои феълии забони муосири англисӣ як вақтҳо шаклҳои замони гузашта буданд ва шахси 3-уми замони гузашта пасванди шахсӣ надоштанд.

Феълҳои модалии must, should - ought, will-would, can-could, may-might, need тобишҳои гуногуни тахминиро ифода карда метавонанд. Муҳаққиқон чунин пешниҳод мекунанд, ки феълҳои модалӣ воқеияти объективиро ифода мекунанд, калимаҳои туфайлӣ бошад, воқеияти субъективиро ифода мекунанд.

Фарз кардан мумкин аст, ки феълҳои модалии can ва may дар ифодаи амалҳои имконпазир, тавоноӣ, қобилият, махсусгардонида шуда бошанд ва феълҳо модалии must, should, might илова бар маънои ҳатмият, зарурат, амалҳои пешниҳодшуда, эҳтимолиятро низ ифода карда метавонад, ки ба маънои калимаҳои ташбеҳии perhaps, possibly, probably, certainly зич алоқамананданд. Вақте ки калимаҳои модалӣ ва калимаҳои ташбеҳӣ ҳамзамон истифода мешаванд, дар чунин мавридҳо мо бо моделҳои синонимӣ сару кор дорем.

Дар ҷумла феълҳои модалӣ ҳамеша бо масдар (комил ва ғайрикомил) якҷоя шуда, таркибҳоеро ташкил мекунанд, ки хабари мураккаби модалӣ меноманд. Феълҳои модалӣ ҳамчун ҷузъхои алоҳидаи ҷумла истифода намешаванд.

 *феъли must*

Феъли must тахминеро ифода мекунад, ки одатан ба далелҳо, ба дониш асос ёфтааст ва ба ҳақиқат наздик аст. Таркиби феъли must бо мафҳуми ғайримутлақ маънои онро дорад, ки амал ё ҳолати пешбинишуда, ҳамзамон бо фарзия дода шудааст ва худи фарз метавонад ҳам ба замони ҳозира ва ҳам ба замони гузашта иртибот дошта бошад.

 He must concentrate on what he had to say, and do, and on nothing else. - Ӯ бояд ба он чизе, ки бояд гуфт ва амалӣ мекард, тамаркуз кунад, на ба чизи дигар.

Феъли must ба маънои ҳатман, яъне бо боварии том гӯянда, ин тахминро комилан асоснок мешуморад. Дар ин маънӣ феъл бояд ба калимахои модалӣ тақрибан мувофиқ бошад: evidently, apparently, certainly, most likely, probably - аз афташ, аз афташ, бешубха, эхтимол. Барои ифодаи тахмин феъли must истифода мешавад:

Якҷоя бо мафҳуми Indefinite Infinitive барои ифодаи пешниҳоди марбут ба ҳозира. Феъли модалии must дар ин маврид ба забони тоҷикӣ бояд, ҳатман, зарур ва масдар бошад, бо феъли замони ҳозира тарҷума мешавад. Таркиби must бо масдар ба забони тоҷикӣ низ метавон ба воситаи комбинатсияи must бо масдар тарчума кард:

It must be almost ten years.- Он бояд кариб дах сол бошад.

Инчунин, феъли модалии must дар маънои эҳтимолият бо шакли соддаи масдарии феълҳо, ки одатан дар шакли давомдор истифода намешаванд (to be, to think) истифода мешавад.

Дар ҳамбастагӣ бо Perfect Infinitive барои ифодаи тахмин, ки ба замони гузаштаи феълӣ дахл дорад. Таркиби феъли must бо инфинитиви мутлақ (Perfect Infinitive) маънои онро дорад, ки амали пешбинишуда пеш аз изҳороти фарз аст, дар ҳоле ки худи фарз метавонад ба замони ҳозира ё замони гузашта ишора кунад. Дар чунин мавридҳо бояд ба забони тоҷикӣ ҳатман ва масдар бо феъли замони гузашта тарҷума шавад.

He must have worn rubber-soled shoes for his feet made no sound [Fleming, Ian, c.221]. - Эҳтимол вай кафшҳои резинӣ пӯшида буд, ки пояш садо намедод.

Муҳақиқи К. Н. Качалова қайд мекунад, ки бояд барои ифодаи тахминҳои марбут ба оянда истифода намешавад. Тарҷумаи ҷумлаҳои англисии ба забони тоҷикӣ аз қабили

The weather will probably change (is likely to change) tomorrow. - Тахмин аст, ки ҳаво фардо тағйир ёбад (эҳтимол аст).

 The lecture will probably be interesting (is likely to be interesting) - Матни лексия шояд ҷолиб бошад (эҳтимол ҷолиб бошад).

Бояд қайд кард, ки феъли must ба маънои тахмин тақрибан танҳо дар ҷумлаҳои тасдиққунанда истифода мешавад.

### АДАБИЁТ


1. Ахманова, О.С. Словарь лингвистических терминов:словарь/ О.С. Ахманова.-М.:Стереотип, 2013. -45с.
2. Бархударов, Л.С. Грамматика английского языка.: учеб. для вузов/ Л.С. Бархударов, Д.А. Штелинг. - М.: Книжный дом "Либроком". - 2012. - 234с.
3. Ионина, А.А. Англ.грамматика. Теория и практика: уч. для вузов/ А.А. Ионина, А.С. Саакян. - М.: Проспект. - 2008. - 77с.
4. Качалова, К.Н. Практическая грамматика английского языка: уч. для вузов/ К.Н. Качалова, Е.Е. Израилевич. - М.: Ладком. - 2012. - 36с.
5. Крысин, Л.П. Толковый словарь иностранных слов: словарь/ Л.П. Крысин. - М.: Эксмо, 2008. - 35-36 с.
6. Смирницкий, А.И. Лексикология английского языка: уч. для вузов/ А.И. Смирницкий. - М.: Высш.образование, 2000. - 88с.
7. Убина А.И. Проблема передачи модальности на уровне текста художественной литературе (на материале перевода с английского языка на русский отрывка из книги А.Дж. А. Саймонса "В поисках Корво"):. - М.: МГЛУ, 2004. - 24с. - URL: http://www.bestreferat.ru/referat-163250.html
8. Fleming, Ian.The man with the Golden Gun/ Ian Fleming: Penguin Books LTD, 2006. - 220-223 p.


### ХУСУСИЯТҲОИ УМУМИИ ФЕЪЛҲОИ МОДАЛӢ ДАР ЗАБОНИ АНГЛИСӢ


Мақолаи мазкур ба зарурати баррасии ҳамаҷонибаи назариявии категорияи модалият, воситаҳои ифодаи он, ба низом даровардани калимаҳои модалӣ ва муайян кардани мақоми онҳо бахшида шудааст. Дар илми забоншиносӣ калимаву ибораҳои модалӣ яке аз баҳсбарангезтарин категорияҳои лексикӣ ва грамматикии калимаҳо ба ҳисоб рафта, аз нимаи дуюми асри 20 таваҷҷуҳи олимонро ба худ ҷалб кардааст. Вале вожаҳои модалӣ аз ҷиҳати гуногунранг, хусусияти ифодаи забонӣ ва хусусиятҳои функсионалии худ то ҳол шарҳи пурра нагирифтаанд.



**КАЛИДВОЖАҲО:** мукаммал, назариявӣ, барраси, категорияҳои модалӣ, тадқиқоти муқоисавии типологӣ, калимаву ибораҳои модалӣ.


### ОБЩАЯ ХАРАКТЕРИСТИКА МОДАЛЬНЫХ ГЛАГОЛОВ В АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКЕ


Эта статья посвящена необходимостью всестороннего теоретического рассмотрения категории модальности, средств ее выражения, систематизации модальных слов, определения их статуса. В лингвистической науке модальные слова и словосочетания считаются одним из самых противоречивых лексико-грамматических разрядов

слов и привлекают внимание ученых со второй половины XX столетия. Однако модальные слова до сих пор не получили полного объяснения в связи с их многоплановостью, специфичностью языкового выражения и функциональными особенностями.
**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** всестороннего, теоретический, рассмотрения, категории модальности, сравнительно-типологическое исследование, модальные слова и словосочетания.

**GENERAL CHARACTERISTICS OF MODAL VERBS IN THE ENGLISH LANGUAGE**

This article is devoted to the need for a comprehensive theoretical consideration of the category of modality, means of its expression, systematization of modal words, and determination of their status. In linguistic science, modal words and phrases are considered one of the most controversial lexical and grammatical categories of words and attract the attention of scientists since the second half of the 20th century. However, modal words have not yet received a full explanation due to their versatility, specificity of linguistic expression and functional features.
**KEYWORDS:** comprehensive, theoretical, consideration, categories of modality, comparative typological research, modal words and phrases.

**Маълумот дар бораи муаллиф**: ***Маҳинабонуи Садриддин*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти факултети забонҳои Осиё ва Аврупо. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **905400034.**

**Сведения об авторе:** ***Махинабонуи Садриддин*** - Таджикский национальный университет, магистрант факультета языков Азиии и Европы. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан г. Душанбе проспект Рудаки 17. Телефон: **905400034.**

**Information about the author**: ***Mahinabonui Sadriddin*** - Tajik National University, master`s student of Faculty of Asian and European languages. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan Dushanbe Rudaki Avenue 17. Phone **905400034.**

## ДЕВОНИ АБУЛҚОСИМИ ЗАМАХШАРӢ ВА АҲАММИЯТИ АДАБИИ ОН

***Нуралиева Б.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дар қаламрави хилофати араб қарор гирифтани марзҳои Осиёи Миёна ва паҳн шудани дини ислом дар ин сарзаминҳо дар таҳаввули андеша ва фарҳанги ҷамъият нақши бузург бозидааст. Ба ақидаи олимону муҳаққиқон ба туфайли сиёсати арабҳо дар мамолики тобеи худ забони арабӣ забони умумӣ ва ягонаи хилофат ва инчунин забони илм гардид. Академик Бобоҷон Ғафуров дар ин бора изҳори назар намуда, навишта буд: «Забони арабӣ ҳамон мавқееро, ки забони лотинӣ дар Европаи Ғарбии асримиёнагӣ дошт, дар дохили хилофат соҳиб гардида, дар байни халқҳои гуногун эътибори забони умумии илмиро пайдо мекунад.

Дар асрҳоиVIII-X забони арабӣ дар байни шоиронy нависандагони Хуросону Мовароуннаҳр, Хоразму Форс низ роиҷ гашт ва чунонки арабшиноси машҳур Умеда Ғаффорова таъин менамояд: «...дар ин давра адабиёти арабизабони форс-тоҷик ба вуҷуд омад ва сурудани шеър ба забони арабӣ оғоз гардид. Адади шоироне, ки ба забони арабӣ шеър мегуфтанд, ё ҳам ба арабӣ ва ҳам ба форсии дарӣ эҷод мекарданд, кам набуд. Масалан, қисми чаҳоруми «Ятимат-уд-даҳр» фақат дар бораи 124 нафар шоири арабизабони форсу тоҷикзоди Хуросону Мовароуннаҳр маълумот медиҳад» [2, с.25].

Аммо осори адабии дар ин давра ба забони арабӣ, дар сарзамини Осиёи Миёна бавуҷудомада ба фикри пажӯҳишгарон Е.Э. Бертелс, Н. Зоҳидов, Т.Мардонов бинобар мавзуъ ва услуб ҷузъи адабиёти классикии форсу тоҷик ба шумор меравад.

Абулқосим Замахшарӣ яке аз бузургтарин донишмандони олами арабу ислом аст, ки дар рушди илмҳои забоншиносӣ, адабиёт, шеър ва аз ҳама бузург тафсир нақши бориз дорад. Аз ӯ то замони мо ду девон “Девони тамсил” ва “Девони шеър” боқӣ мондааст, ки мавзуи рисолаи мо омӯзиши “Девони шеър”-и ӯст. Пеш аз пардохтан ба аҳаммияти адабии ин девон лозим шуморидем, то дар бораи он дастхатҳое, ки аз ин девон то замони мо боқӣ мондаанд, маълумот диҳем.

**Нусхаҳои хаттӣ Ню-Хейвен.**

Нусхаи хаттии аслии девони Замахшарӣ дар китобхонаи донишгоҳи Биссели Ню-Хейвени Иёлоти Муттаҳидаи Амрико таҳти рақами 705 нигаҳдорӣ мешавад. Девоне, ки мо дар даст дорем, бо талошҳои зиёди донишманди бузурги Алӣ Абдуллоҳ Абдуамр нусхабардорӣ ва чоп шудааст. Худи таҳиягари Девон чунин менависад: Бо дархости ман аз ин китобхона як "микрофилми хурд" аз ин дастхат фирситоданд, ки дарбаргирандаи 238 варақа дар ҳаҷми хурд буд ва дар ҳар саҳфа 12 сатр мавҷуд буд, ки дар он қасидаҳо ва қитъаҳои зиёде пайдо шудаанд, ки дар дигар нусхаҳои девон мо пайдо накардем. Аз ин рӯ, ин нусхаро нусхаи асл меҳисобам".

Дар натиҷаи омӯзиш маълум гаштааст, ки ин нусха баъд аз 115 соли вафоти Замахшарӣ, ки ӯ соли 538-и вафот кардааст, рост меояд, китобат шудааст, яъне ин нусха соли 653-и ҳиҷрӣ навишта шудааст. Нусхабардории ин дастхат дар охири қасида доир ба хатти Замахшарӣ мегӯяд: "он чизеро ки имом Ҷоруллоҳ Фахр ал-Хоразм дар девони манзума бо хатти дасти худ собит кардаанд, бандаи фақир Муҳаммад ибни Муҳаммад ибни Ҳасани Саффорӣ дар моҳи ҷимодулохари соли ... нусхабардорӣ кардам. Ҳар ки ба ин нусха назар мекунад, Худованд махфираташ кунад".

Аз тарафи дигар ин аст, ки дастхат бо хатти возеҳ навишта шудааст ва он чи дар лавҳаҳои аввал аз шароити суратгир мавҷуд аст, ки дар варақаи сеюм баъд "Девони Замахшарӣ" навишта шудааст.

Нусхаи зерин аз ҷониби Шариф Имом Абилҳасан ибни Ваҳос, ки соли 557-ҳиҷрӣ вафот кардааст, нусхабардорӣ шудааст.

Носих дар аввали ин нусха чунин навиштааст: "Аллома Ҷоруллоҳ "разияллоҳу анҳу ва арзоҳ, ин девони манзумро ба тартиби баҳрҳои доираи масруфа дар шеър ба тартиб даровардааст. Ва дар кулли баҳр, суханро аз мадҳи паёмбар Муҳаммад (с) ё мадҳи Шариф Имом Фозил Абилҳасан ибни Ваҳҳос ал-Ҳусно Фотимӣ ар-Роидӣ шуруъ мекунад. Беҳтарин баҳрҳо дар девон ин он чи бар баҳри тавил, сипас баҳри мадид, сипас қасида, баъдан баҳри басит, баъдан баҳри вовир, сипас, баҳри комил, баҳри раҷаз, баҳри рамл, баҳри сареъ, мунсариҷ, баҳри хафиф, баҳри музореъ, бар он ба ҷуз 4 байт дигар зиёд ё кам нест, баҳри муҷтас, баъд аз ин боз қасида, баъдан баҳри мутақориб. Дар умум, девон дорои 16 баҳри шеърӣ аст".

**Нусхаи Дору-л-кутуби мисрия.**

Ин нусха дар Китобхонаи дастхатҳои Донишгоҳи давлатҳои арабӣ нигаҳдорӣ мешавад. Нусха дар асри 8-и ҳиҷрӣ навишта шудааст. Ин нусха аз 119 варақ, 238 саҳфа ва дар тамоми сафҳа 22 сатр буда, дар китобхона таҳти рақами 519 нигаҳдорӣ мешавад. Хатташ бисёр возеҳ буда, мисли нусхаи пештара ҳеч шарҳ ва ҳошия надорад.

Бо муқаддимаи бисёр олӣ шуруъ шуда, шеърҳо ба тарзи алифбоӣ навишта шудааст. Ва дар охири девон чунин навишта шудааст: "Девон бо ҳамди Худо ва тавфиқи ӯ ба итмом расид ва сипос Худойро барои пурра шуданд. Ҳеч қудра ва тавоноии, магар қудрату тавоноии Худои тавоно ва бузург нест".

**Нусхаи Дору-л-кутуби Зоҳирия.**

Ин нусха дар Дорулкутуби Зоҳирияи Димашқ нигаҳдорӣ мешавад ва он як нусхаи оддӣ муосир бо хатти мумтод аст. Аммо дар аввалҳои девон носих бо хатти ҳумра навиштааст.

Ин нусхаро Маҳмуд Шукрӣ дар мадрасаи Ҳаким Ҳалабӣ дар Ақсаройи Туркия соли 1311-ҳиҷрӣ китобат кардааст. Ин дастхат аз 130 варақ, 259 сафҳа ва ҳар як саҳфа дорои 21 сатр буда, дастхат таҳти рақами 4163 нигаҳдорӣ мешавад. Ин нусха бо дигар нусхаҳо бо хусусиятҳои зерин фарқ мекунад:

- Дастхат бо хатоҳо ва таҳрифот ба итмом мерасад;
- Шеър дар он бо ҳарфҳои муъҷам ба тартиб дароварда шудааст;
- Дар сеяки аввали девон муқоранаҳо бо нусхаи дигар ҷдида мешавад, аммо наздикӣ бо дигар нусха дида намешавад.
- Дар он варақҳои гуногуннавъ ва гуногунҳаҷм ва гуногуншакл ва ҳатто бо хатҳои гуногун илова шудаанд. Дар саҳифаи аввали дастхат зиндагиномаи Замахшарӣ аз китоби "Нузҳату-л-албоъ фи табақоти-л-удабо" оварда шудааст.

- Аммо ду вараќи байни саҳфа дуюм ва сеюми дастхат аз аввали фақра китобат шудааст ва дар зери он шарҳи калимаҳои душвор дида мешавад. Аммо дар саҳфаи дигар, шарҳи пештара гузошта шудааст.

- Инчунин, дар варақаҳои байни саҳифаҳои 40-41 аз дохил навишта шудааст ва дар он шарҳи калимаҳо дида мешавад.

- Ҳатто дар ғилофи ин дастхат навиштаҷот аст;

- Ин тартибест, ки мо аз девони Аллома, имоми муфассирин, Фахри Хоразм, мавлоно Ҷоруллоҳи Замахшарӣ дарёфт кардем, ки онро Маҳмуд ибни Амр (Худованд раҳматаш кунад) китобат кардааст, бисёр аҷиб аст.

Инунин Муштарӣ гуфтани шоир дар мавриди ин дастхат чор мисра шеър гуфтааст:

قف على ديوان محمود الذي
حمدت ألفاظه بين الورى
عص على ما فيه من معنى تجد
زاخرا في العلم يبدى دررا

Тарҷума:
Ист бар девони Маҳмуде, ки
Лафзҳояш байни варо
Ва он чи дар он аз маъно мебинед
Аз илме захира шудаст, ки дар он дурҳо дида мешаванд.

**Нусхаи раису-л-котиб дар Туркия.** Ин нусха дар асоси ду нусхаи пеш – нусхаи китобхонаи Зоҳирия ва Дору-л-кутуби Мисрӣ нусхабардорӣ шудааст. Нусха бо хатти возеҳи насх навишта шудааст. Ва он аз 209 варақа дар ҳаҷми хурд ибора аст, ки ҳар саҳфаи он дорои 12 сатр аст. Ва дар ҷойи нигаҳдории дастхатҳо таҳти рақами 330 ҷойгир аст. Мутаассифона, ин нусха каме рутубат гирифтааст, хоссатан қисмати поёнии он ва бисёре аз нуқтаҳо аз байн рафтаанд, онро бояд бо нусхаҳои дигар муқоиса кард.

Дар умум, нусхаҳои девонҳоро ба таври мухтасар дар намунаи зерин меоварем:

| № | Макони дастхат | Таърихи нусхабардории дастхат | Рақами нигаҳдории дастхат |
|---|---|---|---|
| 1 | Донишгоҳи Биссели Амрико | Қарни 7-уми ҳиҷрӣ | 705 |
| 2 | Дору-л-кутуби Миср | Қарни ҳаштум | 519 |
| 3 | Китобхонаи Зоҳирияи Димашқ | Қарни чаҳордаҳуми ҳиҷрӣ | 4163 |
| 4 | Раису-л-куттоби Туркия | Асри ҳаштуми ҳиҷрӣ | 330 |

Девоне, ки дар дасти мо аст, бо чанд сабаб аз дастхати Биссели Ню-Хейвен омода шудааст:

- Ӯ аз нигоҳи замони бо замони худи шоир – Абулқосим Замахшарӣ наздиктар аст, зеро он баъд аз 115 соли вафоти Ҷоруллоҳ Замахшарӣ нусхабардорӣ шудааст ва худи хатти Замахшарӣ дар он мушоҳида мегардад;

- Хатташ возеҳ буда, саҳифабандӣ ва таҳрифи кам дорад;

- Дар он шеърҳо аз ҷиҳати баҳрҳо ба тартиб дароварда шудаанд, чигунае, ки соҳиби девон ба тартиб даровардааст. Аммо дар нусхаҳои дигар девон аз нигоҳи ҳарфҳои алифбоӣ ба тартиб дароварда шудааст;

Бояд ёдовар шуд, ки баъзе ашъори Абулқосим Замахшарӣ дар китобҳои адабиёт ва тарҷумаҳолӣ ҷой дода шудаанд. Аммо ҳангоми муқоиса муҳаққиқи девони Замахшарӣ – Алӣ Абдуллоҳ Абдуамр, ӯ ин навъ ашъорро ба ду қисм тақсим кардааст:

1. Ашъоре, ки ҳам дар осори адабӣ ва тарҷумаҳолӣ мавҷуданд ва ҳам дар девон;
2. Аъшоре, ки ба Абулқосим Замахшарӣ нисбат медиҳанд, аммо он ашъор дар ягон нусхаҳои Девон мавҷуд нестанд;

Ин навъ шеърҳо дар қисмати замимаи Девон ҷойгир шуда, муҳаққиқи девон сарчашмаҳои онҳоро зикр кардааст. Дар умум девони Абулқосим Замахшарӣ аз 5200 байт иборат аст дар зер ҷадвали сарчашмаҳоеро мебиёрем, ки чи миқдор қитъаҳо ва байтҳо дар онҳо аз Абулқосим Замахшарӣ ривоят шудаанд:

| № | Сарчашма | Қитъаҳо | Байтҳо |
|---|---|---|---|
| 1 | Азҳору-р-риёз | 10 | 26 |
| 2 | Анбоу-р-рувот | 2 | 6 |
| 3 | Ал-Ансоб | 1 | 2 |
| 4 | Шузуроту-з-Заҳаб | 1 | 3 |
| 5 | Ал-Кашшоф | 1 | 3 |
| 6 | Канзу-л-аҷдод | 2 | 10 |
| 7 | Миръоту-л-ҷинон | 2 | 5 |
| 8 | Муъҷаму-л-удабо | 3 | 7 |
| 9 | Мифтоҳу-с-саъода | 1 | 2 |
| 10 | Ан-Нуыуму-з-зоҳира | 1 | 2 |
| 11 | Ваффиёту-л-аъён | 2 | 6 |

Мураттиби девон баъзе хатоҳои қитъаҳоро дар бисёре аз ҷойҳои сарчашмаҳо ёдовар шудааст. Ва ҳар шеъре, ки ба Абулқосим Замахшарӣ нисбат медиҳанд, аммо аз ӯ нест, ҷудо намудааст.

**АДАБИЁТ**


1 Замахшарӣ, Маҳмуд ибни Умар. Дивон. Бейрут. 2011. – 619 саҳ.
2 Броккелман, К. Таърих-ул-адаб-ил-арабӣ [Матн] / К.Броккелман. Тарҷумаи Рамазон Абдуттаввоб. Ба кӯшиши Яъқуби Бакр. Ҷ.5. – Қоҳира, 1975. – 392 с.
3 Замахшарӣ, Маҳмуд ибни Умар. Муқаддимат-ул-адаб [Матн] / Маҳмуд ибни Умари Замахшарӣ. – Нусхаи хаттии № PPN1687677832 маҳфуз дар Китобхонаи давлатии Берлин. – Соли китобат: 682/1283. – 196 б.
4 Деҳхудо, Алиакбар. Муқаддимаи Луғатнома. Ба қалами гурӯҳе аз нависандагон. – Теҳрон: Муассисаи интишорот ва чопи Донишгоҳи Теҳрон, 1377. – 573 с.
5 Замахшарӣ, Маҳмуд ибни Умар. ал-Муфассал [Матн] / Маҳмуд ибни Умари Замахшарӣ. – Уммон: Дору Аммор, 2003. – 565 с.
6 Ибни Имод, Шиҳобуддин Абулфаллоҳи Димишқӣ. Шазарот-уз-заҳаб. Ба кӯшиши Абдулқодир ал-Арноут. Ҷ.6. –Байрут, бидуни соли нашр. – 600 с.
7 Исмонов К.Б. Замахшарӣ-муҷаддиде дар илми наҳв. Маводи Конференсияи Ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзуи “Заминаҳои ривоҷу ташаккули филологияи араб дар ҷаҳони муосир”. Душанбе-2021
8 Баранов Х.К. Арабско-русский словарь.
9 Назруллоҳи Назар. Луғати арабӣ-тоҷикӣ –Душанбе, 2002.
10 Сулаймонов С. Фарҳанги арабӣ – тоҷикӣ: иборат аз ду ҷилд / С. Сулаймонов. - Душанбе, 2004.
11 Фарҳанги нави русӣ-тоҷикӣ. –Душанбе, 2007.



**ДЕВОНИ АБУЛҚОСИМИ ЗАМАХШАРӢ ВА АҲАММИЯТИ АДАБИИ ОН**

Дар мақолаи мазкур мавзуи девони Абулқосим Замахшарӣ ва аҳаммияти адабии он мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Муаллиф қайд кардааст, ки Абулқосим Замахшарӣ яке аз бузургтарин донишмандони олами арабу ислом аст, ки дар рушди илмҳои забоншиносӣ, адабиёт, шеър ва аз ҳама бузург тафсир нақши бориз дорад. Аз ӯ то замони мо ду девон “Девони тамсил” ва “Девони шеър” боқӣ мондааст.



**КАЛИДВОЖАҲО:** шеър, девон, илм, забоншиносӣ, аҳаммият, адабиёт.

**ДИВАН АБУЛКАСИМ ЗАМАХШАРИ И ЕГО ЛИТЕРАТУРНОЕ ЗНАЧЕНИЕ**

В этой статье обсуждается тема дивана Абулкасима Замахшари и его литературное значение. Автор отметил, что Абулкасим Замахшари является одним из величайших учёных арабского и исламского мира, сыгравший значительную роль в развитии языкознания, литературы, поэзии и, самое главное, устного перевода. От него до нашего времени сохранились два сборника стихов «Диван тамсил» и «Диван поэзии».

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** поэзия, религия, наука, языкознание, значение, литература.

**DIVAN ABULQASIM ZAMAKHSHARI AND ITS LITERARY SIGNIFICANCE**

Дар асоси таҳлили қонунгузории муфлисшавӣ чунин аломатҳои муфлисшавии субъектҳои фаъолияти соҳибкориро ҷудо намудан мумкин аст:

- вуҷуд доштани ухдадориҳои хусусияти пулидоштаи қарздор;
- қодир набудани шаҳрванд ё шахси ҳуқуқӣ ҷиҳати қонеъ намудани талаботҳои кредиторҳо аз рӯйи ухдадориҳои пулӣ ё ин ки иҷро накардани ухдадориҳои пардохтҳои ҳатмӣ дар муҳлати се моҳ аз лаҳзаи фаро расидани вақти иҷрои онҳо;
- вуҷуд доштани қарзи субъектҳои соҳибкорӣ дар ҳаҷми муқаррарнамудаи қонунгузории муфлисшавӣ;
- аз ҷониби суди иқтисодӣ расман эътироф намудани муфлисшавӣ.

## АДАБИЁТ


1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи муфлисшавӣ" аз 08 декабри соли 2003, №46 [Нусхаи электронӣ] // Адлия: Махзани муттамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Нусхаи 7.0/ М-адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2016. 1 электронӣ.
2. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01 январи соли 2022 [Нусхаи электронӣ] // Адлия: Махзани муттамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Нусхаи 7.0/ М-адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2016. 1 электронӣ.
3. Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 декабри соли 2022 [Нусхаи электронӣ] // Адлия: Махзани муттамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Нусхаи 7.0/ М-адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2016. 1 электронӣ.
4. Сангинов Д.Ш. Ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати Ҷумҳурии Тоҷикистон (матни лексия): Воситаи таълимӣ. / Д.Ш. Сангинов. -Душанбе: «ЭР-граф», 2014.
5. Предпринимательское право РФ. М.: 2006.
6. Шонасридинов Н., Нодиров Ф.М. Ҳуқуқи соҳибкорӣ. Васоити таълимӣ. Қисми 1 / Н. Шонасридинов, Ф.М. Нодиров. - Душанбе: Прогресс, 2009.


## МУФЛИСШАВИИ СОҲИБКОРОНИ ИНФИРОДӢ


Дар мақолаи мазкур масъалаи муфлисшавии соҳибкорони инфиродӣ мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Муаллиф бо истифода аз қонунгузорӣ ва адабиёти ҳуқуқӣ масъалаи мазкурро мавриди таҳлил қарор додааст. Масъалаи баррасии муфлисшавии соҳибкорони инфиродӣ дар назария ва амалияи ҳуқуқи маданӣ ва соҳибкорӣ масъалаи мубрам маҳсуб меёбад.



**КАЛИДВОЖАҲО:** муфлисшавӣ, соҳибкори инфиродӣ, шахси ҳуқуқӣ, қонунгузорӣ, қарздор, қонунгузории маданӣ, фаъолияти соҳибкорӣ, расмиёти муфлисшавӣ.


## БАНКРОТСТВО ИНДИВИДУАЛЬНЫХ ПРЕДПРИНИМАТЕЛЕЙ


В данной статье анализируется вопрос банкротства индивидуальных предпринимателей. Автор проанализировал данный вопрос, используя законодательство и юридическую литературу. Вопрос рассмотрения банкротства индивидуальных предпринимателей считается важнейшим вопросом в теории и практике культурного и предпринимательского права.



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** банкротство, индивидуальный предприниматель, юридическое лицо, законодательство, должник, культурное законодательство, деловая активность, процедура банкротства.


## BANKRUPTCY OF INDIVIDUAL ENTREPRENEURS


This article analyzes the issue of bankruptcy of individual entrepreneurs. The author analyzed this issue using legislation and legal literature. The issue of considering bankruptcy of individual entrepreneurs is considered the most important issue in the theory and practice of cultural and business law.

**KEYWORDS:** bankruptcy, individual entrepreneur, entity, legislation, debtor, cultural legislation, Business activity, bankruptcy procedure.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Абдураҳимзода Аминҷон*** **–** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти факултети ҳуқуқшиносӣ. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.

**Сведения об авторе:** ***Абдурахимзода Аминджон*** **–** Таджикский национальный университет, магистрант юридического факультета. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17.

**Information about the author:** ***Abdurahimzoda Aminjon*** **–** Tajik National University, master`s student of Faculty of Law. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17.

## ДАЪВАТИ ОММАВӢ ДАР БА АМАЛ БАРОВАРДАНИ ФАЪОЛИЯТИ ЭКСТРЕМИСТӢ

***Абдуқодирзода М.***
**Донишгоҳи милии Тоҷикистон**

Дар илмҳои сиёсӣ мафҳуми «экстремизм» таърихи дуру дарозро доро намебошад, новобаста ба он, ки решаҳои экстремизм ҳамчун зуҳуроти иҷтимоӣ – сиёсӣ ба қарни таърихи инсоният рафта мерасанд. Дар ҷомеаи муосир падидаи мазкур ҳамчун зуҳуроти ҷамъиятии мураккаб ва бисёрҷанба, соҳаҳои мухталифи ҳаёти ҷамъиятиро дарбар мегирад. Баъзе аз ангезаҳои он (сиёсӣ, нажодпарастӣ, миллатчигӣ, динӣ ва ғайра) чун зуҳуроти хавфноки ҷамъиятӣ на танҳо дар интиҳои асри гузашта, инчунин дар ибтидои асри нав низ аз мавҷудияти худ дарак медиҳанд. Вазъи бамиёномада зарурати муайян намудани аломатҳои таркиби ин ҷиноятро ҳамчун кирдори даҳшатангези иҷтимоӣ пеш мегузорад.

Экстремизм аз калимаи лотинии «extremus» манша гирифта, мазмуни қатъан, ҳадди охирин, тарафдори тадбиру чораҳо ва ақидаҳои қатъӣ будан (бештар дар сиёсат) – ро дорад.

Ҳамин гуна фаҳмиши ибораи экстримизмро дигар муалифон низ иброз медоранд. Аммо сиёсат – соҳаи ягонаи зуҳурёбии экстремизм ба ҳисоб намеравад.

Оид ба проблемаи мазкур профессор В.В. Лунеев қайд менамояд, ки «экстремизм ҳамчун ин ва ё он зиёдаравӣ дар ҳама гуна соҳаҳои фаъолият мушоҳида карда мешавад ва вобаста аз вазъияти дар ҷомеа баамаломада метавонад баҳои мусбӣ ё манфиро соҳиб шавад. Экстремизм дар илм, адабиёт, варзиш, муд, ҳайкалтарошӣ, дигар намудҳои санъат метавонад ба дигаргуниҳо, навигариҳо, чараёнҳои нав, мактабҳои нав оварда расонад.

Муҳаққиқони замони шуравӣ И.И. Бражник ва Э.Г. Филимонов оид ба проблемаи мазкур қайд намуданд, ки «пайравӣ ба ин ақоид ва амалҳои зиёдаравӣ дар ҳама гуна соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ ҷой доранд ва дар асоси назарияҳои тундрави гуногун мехоҳанд ин ва ё он проблемаро ҳал намоянд», вале на ҳамеша ақидаи «зиёдаравӣ, тундравӣ» - ро ба ҳайси экстремизм бояд эътироф кард.

Дар асоси гуфтаҳои боло ҳаминро қайд бояд намуд, ки моддаи 307[1]-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон имконияти ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахсро барои "даъвати оммавӣ дар амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ)" нишон медиҳад. Хатари ҷамъиятии ин ҷиноят дар он аст, ки ин амал метавонад қобилияти ба эътидол овардани вазъи иҷтимоию сиёсии кишвар, халалдор кардани оромии ҷомеа ва таҳдид ба амнияти миллӣ ва давлатро дошта бошад.

Аз ҷиҳати этимологӣ даъват – ин шиори сиёсӣ, мурочиатест, ки дар шакли мухтасар ифодакунандаи ғояи сиёсии роҳбарикунанда - талабот аст. Ин мафҳумро ҳамчун асоси хусусияти ҳуқуқӣ - ҷиноятӣ доштаи аломати баррасишаванда қабул кардан душвор аст. Мо чунин мешуморем, ки даъват таъсир ба шуур, ирода ва рафтори одамон мебошад, то онҳоро барои содир кардани амалҳои мувофиқ водор созад ё аз иҷрои амалҳои муайян боздорад. Бояд қайд кард, ки даъвати эълоншуда ба содир намудани амалҳои экстремистӣ (ифротгароӣ) на ҳамеша дар шакли мухтасар ифода карда мешаванд. Аксар вақт дар

ҷараёни даъват дар амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) як барномаи пурраи амалиётҳои неруҳо, ҳизбҳо ва ҳаракатҳои муайян эълон карда мешавад.

Даъвати дар моддаи 307[1] Кодекси ҷиноятӣ зикргардида набояд абстрактӣ, балки комилан конкретӣ бошад ва бояд маҳз ба амалҳои экстремистӣ (ифротгароӣ) даъват намояд, на ба бетартибиҳои оммавӣ. Шахсоне, ки ба таври оммавӣ ба амалисозии шаклҳои дигари фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) даъват мекунанд, масалан, сафедкунии оммавии терроризмро содир мекунанд, бояд мутобиқи м. 179[3] Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шаванд. Агар даъват ҷиҳати фаъолона итоат накардан аз иҷрои талаботи қонунии намояндагони ҳокимият ё ба бетартибиҳои оммавӣ, ҳамчунин даъват бо зӯроварӣ нисбат ба шаҳрвандон содир гардад, он мутобиқи қисми 2 м. 188 КҶ ҶТ банду баст карда мешавад.

Даъвати оммавӣ на танҳо дар ҳолатҳое зоҳир мешавад, ки шахси ҷинояткор якчанд маротиба ғояҳои худро дар бораи амалҳои экстремистӣ (ифротгароӣ) баён мекунад, балки инчунин дар сурати таъсири доимии дарозмуддат ба шуури одамон дар бораи фоида ва зарурати ин амалҳо содир мегардад. Муроҷиатҳои оммавӣ бояд ҳамчун мулоҳизакорӣ дарк карда шаванд, зеро таҳияи ғояҳо дар бораи амалисозии фаъолияти экстремистӣ, дар ҳоле ки пешниҳоди иттилоот, изҳорот, коркарди шуури одамон, пешниҳоди мавқеи онҳо, ташаккули самти устувор дар иҷрои амалҳои алоҳида метавонад хусусияти тамоман дигар дошта бошад. Муроҷиат як навъ паёмест, ки ошкоро сурат мегирад, аз ин рӯ, барои оғози ҷавобгарии ҷиноятӣ, муҳим нест, ки оё ин муроҷиат аз ҷониби шахси (шахсони) сеюм қабул карда мешавад ё не, оё амалан ифротгароӣ иҷро шудааст ё не.

Ҷавобгарии ҷиноятӣ танҳо дар ҳолате ба миён меояд, ки амалҳои зикршуда ба тарзи муайян - дар байни омма ё истифодаи воситаҳои ахбори омма содир шуда бошанд. Дар мавриди усулҳои содир кардани ин амал, мо чунин мешуморем, ки даъватҳо ва изҳоротҳо метавонанд ба таври шифоҳӣ (дар намоишҳо, ҷамъомадҳо ва ғ.) ва инчунин тавассути нашр ва паҳн кардани маводи чопӣ, аз ҷумла тавассути Интернет пешниҳод карда мешаванд. Дар зери мафҳуми амал дар заминаи ин меъёр бояд ҳама гуна амали мақсадноки фаъолияти ошкоро, аз ҷумла изҳори шифоҳии фикр ва дигар шаклҳои интиқоли иттилоот тавассути воситаҳои лингвистӣ, аз ҷумла истифодаи воситаҳои техникӣ бошад, ки дар онҳо хоҳиши таъсир расонидан ба шуур, ирода ва рафтори одамон бо мақсади ба вуҷуд овардани хоҳиши иҷрои амалҳои муайян ё худдорӣ аз ин амалҳо ифода ёфтааст. Ин амал истифодаи изҳороти оммавӣ, нашрияҳои чопӣ, дигар воситаҳои ахбори омма (радио, телевизион) барои интиқоли паёмҳои шифоҳӣ, хаттӣ, аудиовизуалӣ мебошад, ки ба даъват оид ба амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) равона карда шудаанд. Ҳамин тариқ, шаклҳои даъват метавонанд гуногун бошанд (шифоҳӣ ва хаттӣ, бо истифодаи воситаҳои техникӣ ва истифодаи васоити ахбори омма ва ғ.).

Даъват – ин зоҳиршавии фаъолияти мақсаднок мебошад, ки бояд аз ифодаи расмии шабеҳи фикри шахсӣ дар оила, дӯстӣ ва дигар муносибатҳо фарқ карда шавад. Даъвати ягон изҳорот дар бораи зарурати гузаронидани амалҳои экстремистӣ (ифротгароӣ) нестанд, балки танҳо як ақидае мебошанд, ки шахс барои бартараф кардани шубҳаҳои худ, ҷустуҷӯи посухҳо ва ташаккули мавқеи шахсӣ бо дигарон мубодила мекунад. Суҳбатҳои оилавӣ ва дӯстона, ҳимояи эътиқоди худ дар баҳс, гуфтугӯҳо дар ҳолати мастӣ набояд ҳамчун даъват арзёбӣ карда шаванд.

Мо чунин мешуморем, ки ба даъватҳои бо қонуни ҷиноятӣ манъшуда хусусияти мақсаднок, таъсири фаъол ба шуур, ирода ва рафтори одамон, боркунии ақидаҳои муайян ба дигарон бо нишондиҳии тарзҳои ба амал баровардани онҳо бояд хос бошанд. Ҳамзамон, маънои чунин даъватҳоро бояд қобилият ва хоҳиши ба шаҳрвандон расонидани таъсири муттаҳидсозӣ барои баамалбарории амалҳои оммавӣ, ки ғасби зӯроваронаи ҳокимият ё ивази зӯроварии институтҳои сиёсиро, ки асоси давлат ва системаи иҷтимоиро ташкил медиҳанд, таъмин кунанд. Қонунгузор мафҳуми "даъват"-ро бо аломати ошкорбаёнӣ маҳдуд мекунад, ки маънои “ошкоро будан дар ҳузури ҷамъият” - ро дорад, ки хусусити даъватҳоро доро мебошад. Мо боварӣ дорем, ки аломати ошкорбаёнӣ дар ҳолати даъват нисбати ду ва ё зиёда нафар сурат мегирад. Албатта, чун қоида, аудиторияи шунавандагон

ё тамошобинон аз ду нафар хеле зиёдтар аст, аммо аз нуқтаи назари расмӣ барои анҷоми амал кифоя аст, ки ҳадди аққал ду нафар чунин даъватро бишнаванд, бубинанд ё хонанд. Агар яке аз ҳозирон маънои даъватро нафаҳманд, пас ошкорбаёниро бо назардошти нияти ҷинояткор муайян кардан лозим аст. Агар ҷинояткор аз он огоҳ бошад, ки шунаванда бо сабаби ноболиғӣ, иллати руҳӣ ё бо сабабҳои дигар қобилияти дуруст дарк кардани иттилоотро надорад, пас дар ин ҳолат даъватҳоро дуруст эътироф кардан мумкин нест, зеро амалҳои чунин шахс объективан кӯшиши иҷрои даъвати оммавӣ мебошанд ва онҳо бояд бо қисми 3-и моддаи 32 КҶ ҶТ бандубаст шаванд, зеро ҷинояткор баамалбарории даъватро дар ҳузури ду ва ё зиёда шахсон ба нақша гирифтааст ва имконнопазирии то ба охир расонидани ҷиноят фаъолияти ҷиноятии нотамомро тавсиф медиҳад.

Ошкорбаёнӣ ҳамчун асоси ба вуҷуд омадани ҷавобгарии ҷиноятӣ тибқи м. 307[1] КҶ ҶТ маънои онро дорад, ки даъватҳо ошкоро, фаҳмо ва бевосита ба доираи васеи одамон, ба доираи номуайяни одамон равона карда шудаанд. Ҳамин тавр, ошкорбаёнӣ маънои онро дорад, ки шахси ҷиноятсодиркарда ошкоро, намоишкорона ба шахси воқеӣ бо маълумоти муайяне муроҷиат мекунад, ки адоват, бадбиниро нисбат ба намояндагони миллати дигар, бартарии ӯ ва пастии дигар миллат, нажод, мазҳабро тасдиқ мекунад. Дар ин ҳолат, аҳаммият надорад, ки мавқеи пешниҳодшударо чӣ қадар ва ё кадом як қисми ин аудитория ҳамчун як шунавандаи воқеӣ дарк мекунад ё мубодила мекунад. Дар ҳар як ҳолати мушаххас, масъала бо назардошти тамоми ҳолатҳои кор ҳал карда мешавад: ҷой, вақт, вазъият, чӣ гуна шунавандагон дар як вақт даъватҳоро қабул карданд.


### АДАБИЁТ

1. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон 21 майи соли 1998 – Душанбе, “Сифат - Офсет”, 2019.
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи муқовимат ба экстремизм” аз 2 январи соли 2020, № 1655.
3. Афанасьев Н.Н. Идеология терроризма // Социально-гуманитарные знания. 2002. № 1.
4. Басалай А. Опасность: национальный экстремизм // Диалог.1999. №10.
5. Бражник И.И. Религиозный экстремизм: попрание прав верующих // Наука и религия. 1981. №1.
6. Воҳид Шарипов. Луғати тафсирии калимаҳои русӣ интернационалӣ / Воҳид Шарипов. –. Душанбе, 1984.
7. Воронов И.В. Основы политико-правового ограничения социально-политического экстремизма как угрозы национальной безопасности Российской Федерации: Автореф. дис.. канд. полит. наук. М., 2003. -С.13.
8. Лунеев В.В. Проблемы криминализации и противодействия экстремизму // Государство и право. 2009. №9.
9. Сатторов Г.С., Мирзоахмедов Ф.А. Анализ организации и виды экстремистского сообщества // Законодательство. 2019. № 1(33).
10. Умланд А. Правый экстремизм в постсоветской России // Общественные науки и современность. 2001. № 4.
11. Филимонов Э.Г. Христианское сектантство и проблемы атеистической работы / Э.Г. Филимонов. – Киев, 1981.


### ДАЪВАТИ ОММАВӢ ДАР БА АМАЛ БАРОВАРДАНИ ФАЪОЛИЯТИ ЭКСТРЕМИСТӢ


Дар мақолаи мазкур даъвати оммавӣ дар ба амал баровардани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ): хусусияти ҳуқуқӣ-ҷиноӣ ва масоили бандубасти он мавриди таҳлил қарор гирифта, дар асоси он сабабҳои содир шудани даъвати оммавӣ дар ба амал баровардани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ), намудҳои даъвати оммавӣ, аломатҳои объективӣ ва субъективии даъвати оммавӣ дар ба амал баровардани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва фикру ақидаҳои олимон доир ба масоили мазкур дида баромада шудааст.



**КАЛИДВОЖАҲО:** қонуни ҷиноятӣ, даъвати оммавӣ, ба амал баровардани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ), аломатҳои объективӣ, аломатҳои субъективӣ.


## ПУБЛИЧНЫЕ ПРИЗЫВЫ К ОСУЩЕСТВЛЕНИЮ ЭКСТРЕМИСТСКОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ


В данной статье анализируется публичные призывы к осуществлению экстремистской деятельности: уголовно-правовая характеристика и вопросы квалификации, а также на его основе рассмотрены причины публичных призывов к осуществлению экстремистской деятельности, виды публичных призывов, объективные и субъективные признаки публичных призывов к осуществлению экстремистской деятельности и взгляды ученых по этим проблемам.



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** уголовный закон, публичные призывы, осуществление экстремистской деятельности, объективные признаки, субъективные признаки.


### PUBLIC APPEALS TO CARRY OUT EXTREMIST ACTIVITIES

This article analyzes public appeals to carry out extremist activities: criminal-legal characteristics and qualification issues, as well as, on its basis, the reasons for public calls for extremist activities, types of public appeals, objective and subjective signs of public calls for extremist activities and the views of scientists are considered on these issues.
**KEYWORDS:** criminal law, public appeals, carrying out extremist activities, objective signs, subjective signs.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Абдуқодирзода Майрамбӣ*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти курси дуюми факултети ҳуқуқшиносӣ. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **000078899**.

**Сведения об авторе:** ***Абдукодирзода Майрамби*** – Таджикский национальный университет, магистрант второго курса юридического факультета. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **000078899.**

**Information about the author:** ***Abdukodirzoda Mairambi*** – Tajik National University, second-year master`s student of Faculty of Law. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phone: **000078899.**

# МАФҲУМИ ТЕРРОРИЗМ МУТОБИҚИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶИНОЯТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

***Ватанов С.Ш.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Терроризм – ҳамсафари доимии инсоният аст, ки ба шумораи падидаҳои хавфнок ва душворпешгӯикунандаи замони муосир тааллуқ дошта, шаклҳои бештар гуногуни таҳдидкунандаро доро мебошад. Актҳои террористӣ сабабгори қурбонии бештари инсоният гашта, ба бештари одамон фишори баланди психологӣ расонида, боиси вайрон гаштани арзишҳои моддӣ ва маънавӣ мегарданд, ки барқарор кардани онҳо ғайриимкон буда, хусумати байни давлатҳоро ба вуҷуд оварда, нобоварӣ ва бадбиниро байни гурӯҳҳои иҷтимоӣ ва ғайриичтимоӣ ба вуҷуд меоварад.

Терроризм ҳамчун падидаи мазмуни оммавӣ ва сиёсӣ дошта натиҷаи “деидеологизатсия”-и оламгир, яъне, вақте ки гурӯҳҳои алоҳида дар ҷомеа қонуният ва ҳуқуқи давлатро зери шубҳа гузошта ва бо ин гузариши худро ба террор барои расидан ба мақсадҳои худ дуруст мешуморанд, мебошад. Гурӯҳҳои мухталифи ҷинояткорӣ актҳои террористиро бо мақсади тарсонидани аҳолӣ ва инчунин нобуд сохтани рақиби худ, бо мақсади таъсир расонидан ба ҳокимияти давлатӣ барои фароҳам овардани шароит ҷиҳати анҷом додани фаъолияти ҷинояткорӣ содир менамоянд. Қурбонии акти террористӣ метавонад ҳар кас бошад – ҳатто шахсе, ки ба ин моҷаро ягон муносибат надошта бошад.

Сатҳи терроризм ва шаклҳои бевоситаи зоҳирёбии он, дар худ нишондодҳо, аз як тараф, ахлоқи ҷамъиятӣ, аз тарафи дигар, саъйу кӯшиши самараноки ҷомеа ва давлат оид ба ҳалли масъалаҳои бештар душвор, хусусан, пешгирӣ ва қатъ кардани худи терроризм ва ҷавобгарии ҷиноятӣ барои терроризмро доро мебошад.

Мутаассифона, терроризм бештар воситаи тарсонидан ва нобуд кардан дар баҳси азалӣ ва оштинопазири ҷаҳони гуногун ба шумор меравад. Солҳои охир дар тамоми ҷаҳон масъалаи терроризм дар миқёси ҷаҳонӣ ҷойгир шуда ва дар тамоюли афзоиши устувор қарор дорад

Актҳои террористӣ сол то сол бештар ҷиддӣ ва дурушт, бо истифодаи техникаи муосир, силоҳ, воситаҳои алоқа ташкил шуда истодааст. Маълум аст, ки ба ин падидаи хеле хавфнок мубориза якҷояи давлатҳо дар ташкили алоқа бо ташкилотҳои байналхалқӣ зарур аст. Барои амалигардонии ҳаракатҳои самараноки мубориза бо терроризм, коркарди мафҳуми ягонаи ҳуқуқӣ-байналмилалии он, ки хусусияти дақиқи ҳуқуқии ин намуди ҷиноятро инъикос мекунад, зарур аст.

Оид ба ин масъала Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, махсусан қайд намуда буданд, ки «Дар соле, ки сипарӣ шуда

истодааст, мо шоҳиди содир шудани амалҳои мудҳиши террористӣ дар Осиёву Африқо ва Аврупову Америко гардидем ва қариб рӯзе нест, ки сокинони ин ё он гӯшаи ҷаҳон қурбони ҷиноятҳои террористӣ нагарданд. Бо вуҷуди чунин вазъ, дар арсаи байналмилалӣ то ҳол таърифи ягонаи мафҳумҳои «терроризм» ва «террорист» вуҷуд надорад, ки ин ҳолат ба истифодаи меъёрҳои дугона ва духӯрагиву гуногунфаҳмиҳо мусоидат карда истодааст. Мо бояд ҳамеша дар назар дошта бошем, ки терроризм ва террористро ба худӣ ва бегона, ашаддӣ ва ислоҳгаро ё хубу бад ҷудо кардан мумкин нест. Баръакс, тавре ки ман борҳо таъкид намуда будам, террорист ватан, дин, мазҳаб ва миллат надорад».

Бинобар ин, ҳаракатҳои зидди террористӣ бояд дар ҳамаи давлатҳои мутараққӣ ба сифати яке аз масъалаҳои аввалиндараҷаи умумидавлатӣ дида баромада шавад. Фаъолияти асосии дар ин самт равонашуда: такмили базаи ҳуқуқӣ, пурқувват кардани ҳамкории байни мақомотҳо, нишон додани фишори максималӣ дар давлат барои пешгирӣ намудани терроризм, баланд бардоштани шумораи кормандони сохторҳои бо терроризм мубориза баранда ва бо техника таҷҳизонидани онҳо мебошад.

Мафҳуми аниқи терроризмро муайян кардан душвор аст, чунки ин мафҳум дар худ маъноҳои гуногунро ҷой доданаш мумкин аст. Ҷомеи муосир бо намудҳои бисёри терроризм дучор шудааст ва ин истилоҳ аз мафҳуми мураттаби худ маҳрум гаштааст. Зери мафҳуми терроризм ҳам ҷинояти дуздии одам бо мақсади фурӯш, ҳам куштор, ҳам усулҳои дағали бурдани ҷанг, ҳам ҳай карда бурдани нақлиёти ҳавоӣ, ҳам иръоб (шантаж), яъне акти таҷовузкории бар муқобили моликият ва манфиатҳои шаҳрвандон равонашуда фаҳмида мешавад. Беш аз дусад мафҳуми террор ва терроризм вуҷуд дошта, аммо ягонтои он барои муайян кардани он кифоягӣ намекунад. Калимаи “террор” калимаи лотинии “terror” буда, маънояш “тарс, ваҳм” мебошад. Дар луғати тафсирии забони русии Ожегов С.И. ва Шведов Н.Ю. “террор” чун “тарсонидани душманони сиёсии худ, дар таҷовузи ҷисмонӣ ифодаёфта, то ба худи несткунӣ”, “терроризм” бошад чун “сиёсат ва таҷрибаи терор” муайян гардида буд. В.И. Дал бошад чунин муайян карда буд, ки терроризм ин тарсонидан бо ҳукми қатл, куштор ва хашмгинии бад мебошад.

Дар ҳақиқат, ҳар як ҳаракати террористӣ ҳамавақт таҷовуз, маҷбуркунӣ, таҳдидро доро мебошад. Воситаи асосии ба мақсад расидан барои ҳар як террорист – ин тарсонидан, ташкил кардани муҳити ваҳм ва нобоварӣ ба шумор меравад. Ҳангоми диққат додан ба хавфнокии қатъии ҷамъиятӣ ва дағалии актҳои террористӣ ва зиддиҷамъиятӣ будани онҳо, терроризмро метавон чун феномени ҷамъиятӣ, ки дар зиддиҳуқуқӣ истифода намудани шаклҳои таҷовуз ё таҳдид таҷовуз барои тарсонидани душман бо мақсади расидан ба мақсадҳои худ, муайян кард.

Дар замони ҳозира шаклҳои зиёди терроризм вуҷуд дорад, ки онро аз рӯйи субъекти фаъолияти террористӣ ва аз рӯйи расидан ба ин ё он натиҷа равонагашта таснифбандӣ кардан мумкин аст.

Терроризми дохилидавлатӣ дар худ фаъолияти ташкили гурӯҳҳои террористии иҷтимоӣ ё террористии яккадастиро пешбинӣ менамояд, ки саҳми онҳо барои расидан ба мақсадҳои гуногуни сиёсӣ дар ҳудуди як давлат равона гаштааст. Зери мафҳуми террор таҷовузи қасдонаи ба муносабатҳои давлатӣ равонагашта метавон фаҳмид.

Таҷовуз дар ду шакл амалӣ мегардад: 1) таҷовузи бевосита, ки дар татбиқи қувваи бевосита ифода меёбад (ҷанг, шуриши мусаллаҳона, репрессияи сиёсӣ, террорӣ) ва 2) таҷовузи бавосита (махфӣ), ки татбиқи қувваи бевоситаро пешбиниӣ намекунад (шаклҳои гуногуни фишори маънавӣ, сиёсӣ, дахолати сиёсӣ, муҳосираи иқтисодӣ), вале маънии танҳо таҳдид истифодаи қувваро доро мебошад (фишори сиёсӣ, талаби қатии дипломатӣ).

Чи тавре ки қайд гардид, дар адабиёти ҳуқуқӣ ба террори давлатӣ бештар вақт низоми ноустуворро бо сатҳи пасти ҳокимияти қонунӣ, ки усули устувории системаи иқтисодӣ ва сиёсиро нигоҳ дошта наметавонад, алоқаманд менамоянд. Террори сиёсиро Русия ҳоло дар вақти “Иродаи халқ”, ки иштирокчиён ба таври васеъ усулҳои террористиро барои мубориза бо ҳокимитяи нафратангез истифода намуда буданд, эътироф карда буд (ин ташкилот 7 суиқасд ба ҳаёти Александри 11-ро тайёр карда буд).

Аммо агар дар вақтҳои пешин террористҳо ба сифати қурбонӣ ходими муайяни давалатӣ ё ҷамъиятиро интихоб намояд, дар замони муосир бошад террористони сиёсӣ аз куштори оммавӣ худдорӣ намекунанд. Воҳима – ба он террористон умед мебанданд. Онҳо ҳеҷ чиз талаб намекунанд, ба ҳеҷ чиз майл надоранд. Танҳо хонаҳоро метарконанд, то ки ба тарс ва ваҳм гирифтор намоянд. Тарс – мақсади ягонаи онҳо нест. Тарс – танҳо воситаи расидан ба мақсадҳои муайяни сиёсӣ ба шумор меравад.

Ҳамин тавр, терроризми сиёсӣ – ин истифодаи террор дар мақсадҳои сиёсӣ мебошад. Маҳз барои ҳамин ба сифати объекти асосии ҳаракатҳои террористӣ аксарияти одамони бепаноҳ баромад мекунанд. Ҳар қадаре ки актҳои террористӣ бераҳмона ва хунин гарданд, ҳамон қадар барои террористҳо хубтар мешавад. Ии чунин маънӣ дорад, ки ҳокимият, қувваҳои сиёсӣ, аҳолӣ ҳар чи қадар тезтар он чи ки аз онҳо талаб карда мешавад, иҷро намоянд. Дар ин муносибатҳо беморхонаҳо, таваллудхонаҳо, боғчаҳои бачагона, мактабҳо, хонаҳои истиқоматӣ – объектҳои бисёр хуб барои террорисҳои сиёсӣ ба шумор меравад. Яъне, объекти асосии таъсири террори сиёсӣ на худи одамон, балки вазъи сиёсие, ки ба воситаи террор дар муносибат бо сокинони осуда кӯшиш менамояд роҳи барои террористҳо зарурироро тағйир диҳад, ба шумор меравад.

Террористҳои “оддӣ” барои мақсадҳои худ расидан аввал бо таҷовуз таҳдид намуда ва танҳо ҳангоми саркашӣ таҳдиди худро амалӣ мегардонад, террори сиёсӣ бошад аз аввал қурбонии одамони зиёд мегардад. Дар кадом шакле, ки набошад, терроризм новобаста аз сабаб, мақсад ва ҳадафи онҳо чун кирдори ҷиноятӣ бандубаст карда мешавад. Терроризми муосири сиёсӣ бо муҳити ҷинояткорӣ як шуда, онҳо якҷоя амал ва якдигарро дастгирӣ менамоянд. Мақсад ва ҳадафи онҳо метавонад гуногун бошад, вале шакл ва усули онҳо монанд аст.

Якчанд мисолҳо: ташкилоти террористии колумбиягӣ бо наркомафия якҷоя амал мекунад, мафияи корсиканӣ бо ситсиликӣ ва ғ. Бештар вақт гурӯҳҳои террористии сиёсӣ барои ба даст овардани маблағҳои кофии молиявӣ барои фаъолияти худ аз усулҳои ҷиноятӣ ба монанди – қочоқчигӣ, хариду фурӯши ғайриқонунии силоҳ истифода менамоянд. Ба ғайр аз ин, на ҳама вақт фаҳмида мешавад, ки бо кадом мақсад чунин актҳоро, чун ба гаравгон гирифтан, куштори рӯзноманигорони машҳур, ғасби самалёт содир менамоянд. Чӣ гуна характерро онҳо соҳиб ҳастанд – ҷиноятӣ ё сиёсӣ?

Вақте ки терроризми давлатӣ ба ҳудуди давлати дигар мегузарад, он хусусияти байналмилалиро соҳиб мегардад. Дар вақтҳои охир ин намуди терроризм хусусияти умумиҷаҳониро ба даст овардааст. Терроризми байналмилалӣ пояи давлат ва сиёсатро ба ларза медарорад, ёдгориҳои фарҳангиро несту нобуд мекунад, муносибатҳои байналмилалиро вайрон месозад. Чун дигар ҳар як шакли террор, терроризми байналмилалӣ дар таҷовузи бетартибона ифода мегардад, ки одатан бар муқобили одамон, бе муҳокима барои ташкили ғояҳои оммавӣ, ки чунин мақсадро дуруст мешуморанд: ҳар қадар ҷиноят даҳшатнок бошад, ҳамон қадар аз нуқтаи назари террористҳо хубтар аст.

Намудҳои гуногуни терроризми байналмилалӣ ин терроризми транснатсионалӣ ва терроризми байналмилалии криминалӣ ба шумор меравад.

Намуди аввал дар худ актҳои гуногуни ғайридавлатии ташкилоти террористӣ дар дигар давлатҳоро муаррифӣ менамояд. Аммо онҳо мустақилона амал карда ва мақсади тағйир додани муносибати байналмилалиро надоранд.

Намуди дуюм дар ҳаракатҳои ташкилоти байналмилалии ҷинояткорӣ зоҳир мегардад, ки иштирокчиёни он метавонанд аз ягон намуди мақсадҳои сиёсӣ дур бошанд, актҳои онҳо бошад, мумкин аст бар муқобили ташкилотҳои ҷиноятии рақиб дар дигар давлат равона гардад.

Аз рӯйи хусусияти терроризм метавон чунин таснифбандӣ намуд: иҷтимоӣ, ки мақсади пурра ё қисман тағйир додани сохтори сиёсӣ ё иқтисодии давлати худ пеша карда; миллатчигӣ - дар таҷрибаи ташкилотҳои сепаратистӣ ва ташкилотҳое, ки мақсади онҳо мубориза бар зидди ҳукмфармои миллатҳои давлатҳои бегона мебошад, истифодашаванда; динӣ, ки ё бо муборизаи тарафдорони як дин бо тарафдорони дигар дин дар доираи давлат,

ё бо кӯшиши сарнагун кардани ҳокимияти ғайридинӣ ва пойдор намудани ҳокимияти динӣ алоқаманд мебошад.

Терроризме, ки хавфнокиро дар масштаби глобалӣ доро мебошад, дар шароити муосир, дар асл, ба таҳдиди институти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоии давлат, ҳуқуқ ва озодиҳои асосии инсон табдил ёфтааст. Ба мо аллакай терроризми ядроӣ, терроризм бо истифодаи моддаҳои заҳролудкунанда, терроризми ахборотӣ таҳдид карда истодааст.

### АДАБИЁТ


1. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон 21 майи соли 1998. Душанбе, 2022.
2. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 декабри соли 2017 [Манбаи электронӣ] //URL: http://www.president.tj (санаи муроҷиат: 01.04.2019).
3. Видяпина В.И. Бакалавр экономики / В.И. Видяпина. – М., 2002. – С. 44.
4. Назаркин М.В. Криминологическая характеристика и предупреждение терроризма. Дисс. Канд. Юрид. наук. – М., академия управления МВД России, 1998. – С. 27.; Имомов А.Х. Терроризм – форма организованной преступности. – Душанбе, 2003.
5. Ожегов С.И., Шведова Н.Ю. Толковый словарь русского языка / С.И. Ожегов, Н.Ю. Шведова. – М., 1994.


### МАФҲУМИ ТЕРРОРИЗМ МУТОБИҚИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶИНОЯТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН


Мақолаи мазкур ба яке аз масъалаҳои муҳим - мафҳуми терооризм мутобиқи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Дар асоси омӯзиши адабиётҳои илмии соҳа ва қонунгузории амалкунандаи ҷиноятӣ масоили мафҳуми тероризм зери таҳлил ва баррасӣ қарор дода шудаанд.



**КАЛИДВОЖАҲО:** қонуни ҷиноятӣ, ҷиноят, ҷавобгарии ҷиноятӣ, ҷиноятҳо муқобили амнияти ҷамъиятӣ, мафҳуми терроризм.


### ПОНЯТИЕ ТЕРРОРИЗМА ПО УГОЛОВНОМУ ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВУ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН


Данная статья посвящена одному из важных вопросов - понятия терроризма по уголовному законодательству Республики Таджикистан. На основе изучения научной литературы отрасли и действующего уголовного законодательства проанализированы и обсуждены вопросы понятия терроризма.



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** уголовное закон, преступление, уголовная ответственность, преступления против общественной безопасности, понятие терроризма.


### THE CONCEPT OF TERRORISM UNDER THE CRIMINAL LEGISLATION OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN


This article is devoted to one of the important issues - the concept of terrorism under the criminal legislation of the Republic of Tajikistan. Based on the study of the scientific literature of the industry and the current criminal legislation, the issues of the concept of terrorism are analyzed and discussed.



**Keywords:** criminal law, crime, criminal liability, crimes against public safety, the concept of terrorism.



**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Ватанов Саидшоҳ Шарофович*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти факултети ҳуқуқшиносӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ,17. Телефон: **111-17-61-11.**

**Сведения об авторе:** ***Ватанов Саидшох Шарофович*** – Таджикский национальный унивеситет, магистрант юридического факультета. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17. Телефон: **111-17-61-11.**

**Information about the author:** ***Vatanov Saidshoh Sharofovich*** – Tajik National University, master`s student of the Faculty of Law. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phone: **111-17-61-11.**

# ФАЪОЛИЯТИ ИННОВАТСИОНӢ ВА ТАТБИҚИ ОН ДАР ФАЪОЛИЯТИ СОҲИБКОРӢ

*Раҷабова М.Ш.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон рушди фаъолияти соҳибкорӣ зарурияти замони муосир мебошад. Соҳибкорӣ шакли пешбаришавандаи муносибатҳои ҷамъиятӣ буда, бахри баланд бардоштани қудрати моддӣ ва маънавии ҷамъият мусоидат менамояд, заминаи асосии амалигардонии маҳорат ва лаёқати ҳар шахсро ташаккул медиҳад, бахри муттаҳидсозии миллат, нигаҳдошти руҳия ва шарофати миллӣ ҳидоят менамояд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ- Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид мекунанд: "Рушди соҳибкорӣ яке аз самтҳои асосии иқтисодӣ мебошад"

Дар замони пешрафти илму техника истифода бурдани техникаву технологияи муосир дар фаъолияти соҳибкорӣ яке аз падидаҳои матлуби замони ҳозира ба ҳисоб рафта, бе истифодаи инноватсия пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ амри маҳол аст.

Пеш аз ҳама, қайд кардан ҷоиз аст, ки дар ҷаҳони муосир давлатҳое ба иқтисодиёти устувор ва ба сатҳи баланди зиндагии аҳолӣ ноил мегарданд, ки ба рушди инноватсионӣ шароит фароҳам овардаанд. Таҳлилҳои илмӣ нишон медиҳанд, ки дар мамлкакатҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ мутараққӣ ҳиссаи афзоиши маҷмуи маҳсулоти дохилӣ аз ҳисоби истифодаи инноватсияҳо 70-80 фоизро ташкил медиҳад. Андешаи зикршуда водор мекунад, ки атрофи мафҳуми инноватсия чанд нуктаи назар иброз намоем. Истилоҳи " инноватсия" вожаи лотинӣ буда, аз ду реша "novatio" ва пешоянди "in" иборат аст, ки маънои таҳтуллафзиаш дар забони тоҷикӣ "азнавкунӣ ё тағйирдиҳӣ ва самт" мебошад.

Мафҳуми инноватсия ба маънои навоварӣ, навҷӯӣ ва кашфиёту ихтироот дар соҳаҳои техникиву технологӣ, иттилоотиву коммуникатсионӣ, хизматрасонӣ ва ё идоракунӣ бо роҳҳои муосир буда, бо истифодаи тафаккури ташаккулёфта ва дастовардҳои илмии ба технологияҳои замонавӣ асосёфта, ки самаранокии баланди истеҳсолӣ ва ҷамъиятӣ доранд, амалӣ гардонида мешавад.

Тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти инноватсионӣ" аз 16 апрели соли 2012, №822 фаъолияти инноватсионӣ - фаъолияте мебошад, ки ба таҳия ва ҷорӣ намудани натиҷаҳои такмилдодашудаи таҳқиқоти илмӣ ва корҳои таҷрибавию конструкторӣ ва дигар дастовардҳои илмию техникӣ алоқаманд буда, барои расонидани он то бозор дар шакли нав ё такмилдодашудаи маҳсулот, хизматрасонӣ, усули истеҳсолот ё дигар натиҷаи самараноки ҷамъиятӣ равона карда шудааст, муайян гардидааст.

Фаъолияти инноватсионӣ дар соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт ва иҷтимоиёти миллӣ бо ворид намудани навоварию навҷӯиҳо, ҷустуҷӯҳо, кашфиёту ихтироот, натиҷаи таҳқиқоти илмӣ ва ё дастовардҳои илмиву техникӣ татбиқ мегардад.

Асри XXI - асри рушди бемайлони илму техника, асри ташаккули техникаву технологияи муосири замонавӣ, асри рушди технологияи иттилоотию коммуникатсионӣ буда, ҳар фарди бедордилу худогоҳро водор месозад, ки огоҳ ва ҳамқадами замон бошад. Пӯшида нест, ки кишварҳои абарқудрат маҳз тавассути ташаккули техникаву технологияҳои замонавӣ дар соҳаҳои гуногуни техникиву технологӣ, электронӣ, металлургӣ, энергетикӣ, тиббӣ, табиӣ-риёзӣ ва амсоли инҳо ба комёбиву пешрафтҳои назаррас ноил гардидаанд.

Зеро, замони мо замони дастовардҳои бузурги илмиву техникӣ ва кашфиёти нав ба нави тафаккури инсонӣ ва ташаккули моликияти зеҳнӣ мебошад.

Дар шароити иқтисодиёти бозаргонӣ дар самти инноватсионӣ рушди фаъолияти соҳибкории бидуни тағйир додан, азнавсозии он имконнопазир аст. Якум, бо назардошти вазъияти техникӣ-технологии корхонаҳо азнавсозии ҷиддии онҳоро бо истифодаи

инноватсияҳои заминавӣ ба роҳ мондан зарур аст, зеро дар иқтисодиёти ватанӣ то замони муосир тарзи корбарии механиконидани ҷузъи равандҳои истеҳсолӣ, истифодаи меҳнати дастӣ ҳангоми истеҳсоли аксарияти намудҳои маҳсулоти кишоварзӣ, истифодаи экстенсивии иқтидори табиӣ-иқлимӣ бидуни иттилоотонӣ ва таъминоти неруи барқ мавриди истифода қарор гирифтааст. Дар шароити мазкур барои фаъолгардонии раванди истеҳсолот дар иқтисодиёт инноватсияҳои такмилдиҳанда нокифоя аст. Таҷдид дар доираи тарзҳои корбарии мавҷуда ба рафъи қафомонии техникӣ-технологӣ, бадшавии мавқеи рақобатпазирии корхонаҳои ватанӣ дар бозорҳои дохилӣ ва беруна мусоидат мекунад.

Дуюм, арзёбиии объективии соҳаи илмӣ-инноватсионии иқтисодиёт аз он шаҳодат медиҳад, ки сифат ва маҳсулнокии техника аз техникаи хориҷӣ қафо мемонад ва ба таври пурра рушди технологии соҳаҳои соҳибкории саноатиро таъмин карда наметавонад. Бинобар ин, дар марҳилаи якуми таҷдиди инноватсионӣ фаъолона ҷалб кардани инноватсияҳои технологии хориҷӣ зарур аст. Сеюм, соҳибкории инноватсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ кардани тарзи маҷмуавии фаъолиятро мутобиқ ба шаҳру ноҳияҳо бо назардошти хусусият ва шароитҳои табиӣ-иқлимии онҳо пешбинӣ мекунад. Чорум, дар марҳилаи муосир ташаккули сохторҳои гуногуни муттаҳида бо ҷалби сармояи бонкӣ ва саноатӣ яке аз самтҳои пешбари рушди соҳибкорӣ мебошад. Панҷум, татбиқи стратегияҳои заминавии пешқадами рушди инноватсионии соҳибкорӣ бо бунёди ҳаҷмҳои калони захираҳои инвеститсионии давлат ва сохторҳои соҳибкорӣ вобастагӣ дорад.

Ба андешаи мо, истифодаи инноватсияҳои заминавии соҳибкории дар кишвар бояд ду ҳолати асосиро ба назар гирад: Якум, раванди инноватсионии рушди соҳибкорӣ дорои ихтилофҳои зиёд мебошад. Манфиатҳои субъектҳои хоҷагидорӣ, ки қарорҳои инноватсиониро таҳия мекунанд ва хоҷагиҳои оилавие, ки натиҷаҳои истеҳсолоти мазкурро истеъмол мекунанд, самтҳои мухолиф доранд. Ҳамзамон истеъмолкунандагон дар шароити зиёд шудани даромади воқеӣ ба баланд бардоштани сифати зиндагӣ тавассути истеъмоли шумораи зиёди маводи аз ҷиҳати экологӣ тоза кӯшиш мекунанд. Кам шудани сатҳи ихтилоф байни истеҳсолкунандагон ва истеъмолкунандагони маҳсулот пурқувват шудани мавқеи давлатро дар ташаккул ва танзими бозори хӯрока, таъмини шаффофияти он (тамғагузорӣ, маводҳои трансгенӣ, нишон додани таркиби маҳсулот, маълумоти пурра оид ба истеҳсолкунандагон ва ғ.) пешбинӣ мекунад. Давлат ба сифати кафили риояи манфиатҳои иҷтимоӣ-иқтисодии шаҳрвандон баромад карда, муҳити ниҳодиро ташкил медиҳад ва назорати мунтазамро аз болои бозори истеъмолӣ таъмин менамояд. Дуюм, қайд кардан зарур аст, ки рушди соҳибкории инноватсионӣ дар кишвар дар айни замон қисми муҳимми механизми хоҷагидорӣ дар кишварҳои тараққикарда мебошад. Барои ташаккули фаъолнокии давлатӣ дар интихоби консепсия ва навъи рушди инноватсионӣ қувваҳои самтҳояшон муқобил таъсир мерасонанд, ки дар хотима шаклҳои мушаххаси ҳамкории давлат ва иштирокчиёни дигарро муайян мекунанд, ивазшавии принсипҳои сиёсати макроиқтисодӣ ва саноатӣ ба вуҷуд меояд.

Дар айни замон рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон моҳияти саноатӣ-ашёӣ дорад. Вобаста ба ин дар сохтори содироти маҳсулоти кишвар маҳсулоти хоҷагии қишлоқ ва ашёи хом бартарӣ дорад. Қайд кардан зарур аст, ки иқтисодиёти дар заминаи савдои ашёи хом ташкилшуда ягон кишвари ҷаҳонро ба кишвари аз ҷиҳати технологӣ мутараққӣ табдил надодааст. Албатта, рӯ овардан ба рушди босуръати инноватсионии иқтисодиёт бо сиёсати дарозмуддати нигоҳдории нақши фаъоли унсурҳои ашёвӣ-содиротии он мумкин аст. Аммо таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки дар иқтисодиёти ҷаҳонии муосир кишвари соҳиби технологияҳои пешқадам ва пешрафта, яъне соҳиби соҳаҳои аз ҷиҳати илмӣ ва технотронӣ муҷаҳҳаз, дар мавқеи якум қарор мегирад ва вазъиятро идора менамояд. Бинобар ин барои баромадан аз вазъияти мазкур ва таҳия намудани сиёсати саноатӣ дар самти коркарди пурраи ашё ва гирифтани маҳсулоти тайёри хотимавӣ чораҳо андешидан зарур аст . Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки илм умуман бе маблағгузории ботадриҷ ва мунтазам зиёдшаванда ба таври муътадил ва самарабахш фаъолият карда наметавонад.

Ҳамин тариқ, бе татбиқи фаъолияти инноватсионӣ дар соҳаи соҳибкорӣ пешбурди соҳа ғайриимкон аст. Моро зарур аст,ки ба мисли давлатҳои пешрафтаи татбиққунандаи

инноватсия дар фаъолияти соҳибкорию тиҷоратӣ фаъолияти соҳибкориро дар ҷумҳурӣ пурра ба тариқи инноватсия ба роҳ монем.


**АДАБИЁТ**

1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6.11.1994 бо тағйиру иловаҳо аз 26.09.1999, 22.06.2003, 22.05.2016 бо тариқи райпурсии умумихалқӣ қабул шудааст;
2. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23.12.2021
3. Қонуни ҶТ "Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ" аз 26.07.2014, №1107, Ахбори Маҷлиси Олии ҶТ,с.2014.№7
4. Қонуни ҶТ " Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ " аз 19.05.2009 №508, Ахбори Маҷлиси Олии ҶТ,с.2009, №5
5. Қонуни ҶТ "Дар бораи фаъолияти инноватсионӣ" аз 16 апрели соли 2012, №822.



**ФАЪОЛИЯТИ ИННОВАТСИОНӢ ВА ТАТБИҚИ ОН ДАР ФАЪОЛИЯТИ СОҲИБКОРӢ**

Мақолаи мазкур ба яке аз мавзуъҳои мубрами ҳуқуқи соҳибкорӣ аз қабили фаъолияти инноватсионӣ ҳамчун объекти фаъолияти соҳибкорӣ бахшида шудааст. Дар асоси омӯзиши адабиётҳои илмии соҳа ва қонунгузории амалкунанда масоили татбиқи фаъолияти инноватсионӣ дар фаъолияти соҳибкорӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифт.



**КАЛИДВОЖАҲО:** фаъолияти соҳибкорӣ, соҳибкории хурд, инноватсия, технология, истеҳсолоти молӣ, қувваи корӣ, иқтисодиёти бозор, шаклҳои моликият.



**ИННОВАЦИОННАЯ ДЕЯТЕЛЬНОСТЬ И ЕЕ ПРИМЕНЕНИЕ В ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСКОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ**

Данная статья посвящена одной из важных тем предпринимательского права, такой как инновационная деятельность как объект предпринимательской деятельности. На основе изучения научной литературы отрасли и действующего законодательства проанализированы и обсуждены вопросы внедрения инновационной деятельности в предпринимательскую деятельность.



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** предпринимательская деятельность, малый бизнес, инновации, технологии, товарное производство, рабочая сила, рыночная экономика, формы собственности.



**INNOVATION ACTIVITY AND ITS APPLICATION IN ENTREPRENEURIAL ACTIVITY**

This article is devoted to one of the important topics of entrepreneurial law, such as innovative activity as an object of entrepreneurial activity. Based on a study of the scientific literature of the industry and current legislation, the issues of introducing innovative activities into business activities were analyzed and discussed.



**KEYWORDS:** entrepreneurial activity, small business, innovation, technology, commodity production, labor, market economy, forms of ownership.



**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Раҷабова Меҳрона*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти факултети ҳуқуқшиносӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ,17. Телефон: **987071166.**

**Сведения об авторе:** ***Раджабова Мехрона*** – Таджикский национальный унивеситет, магистрант юридического факультета. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17. Телефон: **987071166.**

**Information about the author:** ***Rajabova Mehrona*** – Tajik National University, master`s student of the Faculty of Law. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phone: **987071166.**


# ТАНЗИМИ КОНСТИТУТСИОНИИ МАСЪАЛАҲОИ ШАҲРВАНДӢ ДАР МАМЛАКАТҲОИ ХОРИҶӢ


***Қудратзода Г.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**


Шаҳрвандӣ робитаи байни шахс ва давлатро дар назар дорад, яъне шаҳрванд шахсе мебошад, ки ҳуқуқ ва ухдадорӣ дорад то дар татбиқи ҳокимияти давлатӣ фаъолона иштирок намояд. Принсипҳои асосии шаҳрвандӣ одатан дар конститутсия муқаррар карда мешаванд ва танзими пурраи он тавассути қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ амалӣ карда мешаванд.

Конститутсияҳое ҳастанд, ки дар бораи шаҳрвандӣ моддаҳои махсуси танзинамоӣ надоранд. Масалан, Конститутсияи Италия, ки шаҳрвандии ин кишварро Қонуни шаҳрвандии соли 1912, мувофиқиислоҳот ва Қоидаҳои шаҳрвандӣ дар соли 1983 танзим мекунад. Конститутсияи ИМА дар соли 1789 аввалин конститутсияе мебошад, ки то ҳоло ҳам амал мекунад. Контитутсияи ин кишвар аз се ҷузъ иборат аст: муқаддима, ҳафт модда ва бисту шашислоҳот. Дар Конститутсияи ИМА дар аввал дар бораи ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандон тақрибан ягон муқаррарот мавҷуд набуд, ҳарчанд дар матни конститутсия як қатор меъёрҳои муҳимро дидан мумкин аст. Ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон дар даҳ ислоҳи аввал, аниқтараш - иловаҳо, ки онро Билл дар бораи ҳуқуқҳо меноманд, ки онро Конгресси якуми соли 1789 қабул карда буд, ифода ёфтааст. Дар хусуси характери ҳуқуқу озодиҳои муқарраршуда бошад, танҳо ба масъалаҳои сиёсӣ ва шахсӣ ва дар байни онҳо қариб тамоман меъёрҳои иҷтимоӣ дида намешавад. Конститутсияи ҳозираи Фаронса бошад дар соли 1958 тавассути раъйпурсӣ қабул карда шуд. Мувофиқи муқаддимаи қонуни асосии давлатӣ соли 1958, қисмҳои таркибии он Эъломияи ҳуқуқҳои инсон ва шаҳрвандӣ соли 1789 ва муқаддимаи Конститутсияи соли 1946 мебошанд, ки асосан ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандонро эълон мекунанд. Хусусияти қонуни асосии ҳозираи Фаронса сохтор ва тартиби таъмини ҳуқуқу озодиҳои эълоншудаи шаҳрвандон мебошад. Конститутсияи Италия аз 1-уми январи соли 1948 эътибор пайдо кард, ки дар он мустаҳкам намудани доираи васеи ҳуқуқу озодиҳои демократӣ ифода ёфтаанд. Тақрибан сеяки конститутсия моддаҳоеро дар бар мегирад, ки аз номгӯйи классикии ҳуқуқу озодиҳо фарқ мекунад, ҳуқуқу озодиҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ бештар танзим шудаанд. Аммо то кунун баъзе муқарраротӣ конститутсия декларативӣ, матлуб ва на ҳамеша амалӣ мекунанд, бахусус дар мавриди моддаҳои танзимкунандаи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон, ки ба таври бояду шояд амалӣ карда мешаванд. Дар асоси таҳлили конситутсияҳои давлатҳои мутараққӣ метавон хулоса намуд, ки ҳуқуқҳои конститутсиониро метавон ба инфиродӣ ва дастаҷамъӣ, асосӣ ва иловагӣ ҷудо кард, вале муҳимтар аз ҳама таснифи ҳуқуқҳо аз рӯйи мазмун дар конститутсияҳои мазкур яксон мебошад: шахсӣ (шаҳрвандӣ), иҷтимоӣ (иқтисодӣ ва фарҳангӣ), сиёсӣ.

Падидаи шаҳрвандӣ қисми таркибии вазъи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд буда, (аз рӯйи таваллуд) мансубияти ҳуқуқии шахс ба давлати муайянро дорад. Ҳамзамон, шаҳрванд ҳуқуқу уҳдадориҳоро нисбат ба амалҳо ва мавқеи худро дар ҳайати давлате пайдо мекунад, ки уҳдадор аст ҳифзи ҳуқуқҳои шаҳрвандонро аз тарафи худ таъмин намояд. Ба ибораи дигар, шаҳрвандӣ робитаи устувории ҳуқуқии инсон бо давлат буда, ин робита дар маҷмуи вазифа ва масъулияти байниҳамдигарии онҳо ифода ёфта, дар асоси эътирофу эҳтироми қадру қимат, ҳуқуқу озодиҳои инсон қарор гирифтааст. Умуман, шаҳрвандӣ муайянкунандаи вазъи ҳуқуқии инсон дар дохил ва хориҷи кишвар мебошад. Чунин тарзҳои ба даст овардани шаҳрвандӣ мавҷуд аст:

-аз рӯйи таваллуд;

-бо роҳи натурализатсия;

-дар натиҷаи барқарор шудан ба шаҳрвандӣ;

-бо роҳи интихоби шаҳрвандӣ (оптатсия) дар сурати тағйир ёфтани мансубияти қаламрав;

-дар асоси шартномаҳои байналхалқӣ.

Институти шаҳрвандӣ меъёрҳоеро дар бар мегирад, ки вазъи ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд танзим мекунанд. Масъалаҳои додани паноҳгоҳи сиёсӣ, супоридани шахс ба давлати дигар (экстрадиция) ва имкони ихроҷ аз кишвар бо таъсиси шаҳрвандӣ алоқамандии зич доранд. Дар давлатҳое, ки шакли ягонаи идоракунӣ доранд, шаҳрвандии ягона вуҷуд дорад ва дар бисёр давлатҳои федеративӣ дар баробари шаҳрвандии умумифедеративӣ, инчунин, шаҳрвандии субъектҳо (давлатҳо, заминҳо ва ғайра) вуҷуд дорад. Дар чунин ҳолат ҳар як шахс шаҳрвандии иттифоқ ва дар айни замон шаҳрванди федератсия ҳисоб карда мешавад. Аҳаммияти амалии ин муқаррарот аз он иборат аст, ки дар давлатҳои федеративӣ тақсимоти салоҳият дар байни иттиҳодия ва

субъектҳои федератсия вуҷуд дорад, ки дар натиҷаи ин дар байни субъектҳои як федератсия дар меъёрҳои ҳуқуқӣ баъзе тафовутҳо ба вуҷуд меоянд.

Институти шаҳрвандӣ пайваста инкишоф меёбад. Яке аз навовариҳои навтарин муқаррар кардани шаҳрвандии иттиҳоди Аврупо мебошад, ки ба ҳамаи шаҳрвандони кишварҳои узви Иттиҳоди Аврупо мебошад, ки ба ҳамаи шаҳрвандони кишварҳои узви Иттиҳоди Аврупо дахл дорад ва ба тавсеаи назарраси ҳуқуқу озодиҳои онҳо мусоидат мекунад. Якчанд роҳҳо барои гирифтани шаҳрвандӣ вуҷуд доранд. Аксарияти одамон шаҳрвандиро бо таваллуд мегиранд, ки ин усул филиатсия ном дошта, дар асоси принсипи "ҳуқуқи хун" ва "ҳуқуқи хок" ба даст меояд.

Дар ҳолати аввал кӯдак новобаста аз ҷойи таваллуд шаҳрвандии падару модарро мегирад ва дар дуюм-кӯдак сарфи назар аз тобеияти падару модар, шаҳрванди давлате мешавад, ки дар ҳудуди он таваллуд шудааст. Дар аксари қонунгузорӣ ҳар ду асосро барои ба даст овардани шаҳрвандӣ аз тариқи таваллуд пешбинӣ мекунад: ҳуқуқи хунӣ ва ҳуқуқи хокӣ.

Усули дуюми ба даст овардани шаҳрвандӣ натурализатсия аст. Натурализатсия ин додани шаҳрвандӣ ба шаҳрванди хориҷӣ дар асоси муроҷиати ӯ мебошад. Одатан, натурализатсия метавонад пас аз як давраи муайяни истиқомати шаҳрванди хориҷӣ дар қаламрави ин ё он давлат сурат гирад (масалан, барои гирифтани шаҳрвандии Маҷористон, шумо бояд дар ин қаламрав 3 сол зиндагӣ намоед, Алҷазоир - 7 сол, Ҷумҳурии Чад - 15 сол ва ғайра). Ба ғайр аз истиқомат дар қаламрави ин ё он давлат, ба шахс дигар талабот низ гузошта мешавад. Яке аз ин талабот донистани забони кишваре мебошад, ки шахс шаҳрвандии онро гирифтан мехоҳад. Дар баробари ин ду усули густурдаи дарёфти шаҳрвандӣ, усулҳои камтар маъмул низ ҳастанд. Шаҳрвандиро бо ихтиёри худ гирифтан мумкин аст, яъне интихоби шаҳрвандии ду давлат ҳангоми тағйири сарҳад, ки дар илми ҳуқуқи конститутсионӣ оптатсия ном дорад. Дар баробари ин дар кишварҳои хориҷӣ тартиби соддакардашудаи қабули шаҳрвандӣ пешбинӣ шудааст. Ҳолати махсуси вариант ин интиқол мебошад, ки ҳангоми тағйир додани сарҳади ду давлат ҳатмии шаҳрвандиро дар бар мегирад. Шаҳрвандиро бо роҳи бозгашт ба ватан гирифтан мумкин аст, яъне барқарор намудани шаҳрвандии пештар гумшуда, ки қаблан шаҳрвандии худро аз даст дода буд.

Шаҳрвандии кӯдакони ноболиғ, тибқи қонунгузории як қатор кишварҳо, ба шаҳрвандии волидон мувофиқат мекунад ва дар баробари шаҳрвандии волидон низ тағйир меёбад. Аммо баъди расидан ба синни муайян (масалан дар Булғория аз 14-солагӣ, дар Полша аз 16-солагӣ) тағйир додани тобеияти падару модар боиси на ба таври автоматӣ, балки танҳо бо розигии хаттии худи фарзанд сурат мегирад. Дар баъзе кишварҳо доираи ҳуқуққои шаҳрвандон вобаста ба тарзи ба даст овардани онҳо фарқ мекунад. Ҳамин тариқ, дар Иёлоти Муттаҳида танҳо шахсе, ки аз рӯйи таваллуд шаҳрвандии ҳамин давлат аст, метавонад президенти кишвар интихоб шавад. Шаҳрвандӣ бо сабабҳо, аз қабили даст кашидан аз шаҳрвандӣ (баромадан аз шаҳрвандӣ), гум кардани шаҳрвандӣ, маҳрум шудан аз шаҳрвандӣ, интихоби шаҳрвандии дигар, инчунин, бо баъзе сабабҳо қатъ карда мешавад. Даст кашидан аз шаҳрвандӣ ё хориҷ шудан аз он дар асоси ариза сурат мегирад. Аз даст додани шаҳрвандӣ ҳамчун ҳолати махсуси қатъи шаҳрвандӣ ба таври худкор бо сабаби содир намудани баъзе амалҳои мамнуъ аз ҷониби шахс, масалан шомил шудан ба хизмати давлатии хориҷӣ, бо истифода аз ҳуҷҷатҳои қалбакӣ ҳангоми қабули шаҳрвандӣ, ихтиёран қабул намудани шаҳрвандии давлати дигар сурат мегирад. Масалан, дар Иёлоти Муттаҳида ба таври худкор (яъне, бидуни амали ҳатмии ифодаи иродаи шахс) шаҳрвандиро шахсе аз даст медиҳад, ки ба таври махсус ба давлати хориҷӣ ё ба давлати сиёсӣ-ҳудудии он дар хизмати ҳарбӣ фаъолият менамояд. Ҳамин тариқ, маҳрум кардан аз шаҳрвандӣ чораи махсуси давлат нисбати шахсе мебошад, ки рафтори ғайриқонунӣ содир мекунад, ки дар кишварҳои хориҷӣ васеъ истифода мешавад.

**АДАБИЁТ**

1. Алабастрова И. А Ҳуқуқи конститутсионии мамлакатҳои хориҷӣ / И.А. Алабастрова. - М: Проспект, 2009- 624с
2. Борискова И.В Низоъҳои ҳуқуқӣ // Ҳуduди илм . 2014 №3. 97-99с
3. Борискова И. В Танзими ҳуқуқии вазъи кӯдак: ҷанбаҳои ҳуқуқии таърихӣ ва байналмиллалӣ // Ҳудуди илм. 2013. №1. 111-115с.

**ТАНЗИМИ КОНСТИТУТСИОНИИ ШАҲРВАНДӢ ДАР МАМЛАКАТҲОИ ХОРИҶӢ**

Мақола бо усулҳои дарёфти шаҳрвандӣ дар кишварҳои хориҷа бахшида шудааст: аз рӯйи таваллуд дар асоси шаҳрвандии падару модар аз рӯйи "принсипи хун" ва "принсипи хок"; дар натиҷаи натурализатсия - қабул ба шаҳрвандӣ бо хоҳиши шаҳрванди хориҷӣ; вариантҳо, тағйирот дар шаҳрвандӣ ҳангоми сарҳади ду давлатҳо, усулҳои аз даст додани шаҳрвандӣ дар мамлакатҳои хориҷӣ.

**КАЛИДВОЖАҲО:** шаҳрвандӣ, оптатсия, натурализатсия, шартҳо, аз даст додан, амалҳои ғайриқонунӣ, таваллуд, конститутсия.

**КОНСТИТЦИОННОЕ РЕГУЛИРОВАНИЕ ГРАЖДАНСТВА В ЗАРУБЕЖНЫХ СТРАНАХ**

Статья посвящена способам приобретения гражданства в зарубежных странах: по рождению на основании гражданства родителей по "принципу кровы" и "принципу почвы"; в результате натурализации - приёма в гражданство по заявлению иностранца; оптации- изменении границ двух государств, способы утраты гражданства в зарубежных странах.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** гражданство, выбор, натурализация, условия, противоправные действия, рождение, конституция, утрата.

**CONSTITUTIONAL REGULATION OF CITIZENSHIP IN FOREIGN COUNTRIES**

The article is devoted to the methods of acquiring citizenship in foreign countries; by birth on the basis of citizenship of parents on the "principle of blood" and "principle of the soil" by naturalization – admission to citizenship upon application of a foreigner; option- change the nationality of a change of borders between the two states, the loss of citizenship in foreign countries.

**KEYWORDS:** Citizenship, choice, naturalization, conditions, confiscation, wrongful acts, birth, constitution.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Қудратзода Гулбаҳор*** **–** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти факултети ҳуқуқшиносӣ. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **918-48-28-22.**

**Сведения об авторе:** ***Кудратзода Гулбахор*** **–** Таджикский национальный университет, магистрант юридического факультета. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **918-48-28-22.**

**Information about the author:** ***Qudratzoda Gulbahor*** **–** Tajik National University, master`s student of Faculty of Law. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phone: **918-48-28-22.**

# ОЗОД КАРДАН АЗ ҶАВОБГАРИИ ҶИНОЯТӢ БО САБАБИ ПУШАЙМОНӢ АЗ КИРДОР

***Носирзода Г.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Имрӯзҳо дар ҳудуди кишвар ҷиноятҳое содир шуда истодаанд, ки ин ҷиноятҳои вазнин, начандон вазнин, дараҷаи миёна мебошанд. Ва бояд гуфт, ки шахси ҷиноят содирнамуда лоиқи ҷазо мебошад ва мақсади ҷазо ҳам ҳамон натиҷаҳои воқеӣ мебошад, ки ин давлат ҳангоми маҳкум кардани гунаҳкор ва нисбати ӯ татбиқ кардани ин ё он чораи ҷазо барои ба ин натиҷаҳо ноил гардидан мекушанд. Қонуни ҷиноятӣ қисми **2 – и моддаи 46 ҚҶ ҶТ** муқарар менамоянд, ки ҷазо бо мақсади барқарор намудани адолати иҷтимоӣ, ислоҳи маҳкумшуда ва пешгирии содир кардани ҷиноятҳои нав татбиқ мешавад. Мақсади барқарор кардани адолати иҷтимоӣ аз ин иборат аст, ки гунаҳкор бо дарназардошти дараҷа, хусусият ва вазнинии ҷинояти содирнамуда гуноҳ ва хислатҳои дигари инфиродии шахсияти худ аз номи давлат ҷазои сазовор бинад. Мақсади ислоҳи маҳкумшуда дар он аст, ки шахсе, ки адои ҷазо мекунад, бояд узви росткори ҷомеаи худ гардад, нисбати кору меҳнат муносибати поквиҷдонона дошта бошад, қонунҳо ва қоидаҳои ҳамзистиро эҳтиром кунад. Мазмуни мақсади ислоҳи маҳкумшуда аз чунин тағйирёбии шахсияти ӯ иборат аст, ки

зимни он маҳкумшуда ба ҷамъият зарар намеорад ва ба ин ҷомеа ҳамчун як шаҳрванде боз гардад, ки қонунро вайрон намекунад ва қоидаҳои ҳамзистии ҷомеаи инсониро эҳтиром мегузорад. [1, с.25]

Пешгирии содир гардидани ҷиноятҳои нав низ яке аз мақсадҳои ҷазо мебошад. Пешгирии махсус ба пешгирии содир намудани ҷиноятҳо аз ҷониби шахсони аллакай ҷиноят содирнамуда, яъне маҳкумшудагон равона шудааст, ҳам дар рафти адои ҷазо ва ҳам пас аз адои он.

Бояд гуфт, ки дар баробари ин давлат низ барои шахсоне, ки бори аввал ҷинояти начандон вазнин ё дараҷаи миёна содир намудан ва ба гуноҳи худ иқрор шудан метавонад, озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ бошад. Яъне, озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ ин даст кашидани давлат дар шахси мақомоти ваколатдор аз чораҳои таъсири ҳуқуқии ҷиноятӣ нисбати шахси ҷиноят содирнамуда мебошад. Озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ бо сабаби пушаймонӣ аз кирдор ин яке аз намудҳои озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ мебошад. Яке аз намудҳои озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ бо сабаби пушаймонӣ аз кирдор, ки нисбати шахси бори аввал ҷинояти начандон вазнин ё дараҷаи миёна содир намудан ва пас аз содир намудани ҷиноят омада, ба гуноҳи худ иқрор шуда, барои ошкор намудани ҷиноят мусоидат намудааст, зарари расонидашуда талофӣ намуда, ба тариқи дигар зиёни овардаашро ислоҳ намудааст, татбиқ мегардад, мебошад [3, с.5].

Аз ин ҷо маълум мегардад, ки шахс ба гуноҳи худ иқрор шуда ва зарари овардаашро ислоҳ карда, метавонад аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод карда шавад.

Пушаймонӣ аз кирдор танҳо пас аз хотима ёфтани ҷиноят, аз вақти содиршавии он ба вуқуъ омаданааш мумкин аст. Бояд гуфт, ки пушаймон шудан боиси истиснои ҷавобгарии ҷиноятӣ набуда, балки ҳолати сабуккунандаи ҷазо дониста шудааст. Озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ ин бо қарори мақомоти салоҳиятдор озод намудани шахси ҷиноят содирнамуда аз иҷрои уҳдадориҳо ва чораҳои маҷбуркунии давлат мебошад. Озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ баъд аз баромадани қарор оид ба даст кашидан аз ҷиноят бошад, шахс пурра аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод карда мешавад. Вобаста ба ин қонунгузор ҳангоми озод кардани ҷавобгарии ҷиноятӣ бо сабаби пушаймонӣ аз кирдор, ҳолатҳои муайянеро пешбинӣ мекунад, ки танҳо дар вақти ҷой доштани онҳо шахс аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод карда мешавад [4, с.21].

Меъёри зикргардида танҳо нисбати шахсоне татбиқ мешавад, ки бори аввал ҷиноят содир кардаанд. Ин меъёрҳо бо шахсоне, ки пеш аз содир намудани ин ҷиноят суд шудаанд ва ё аз тафтишот ва ё суд пинҳон шудаанд, паҳн мегардад. Асоси озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ тибқи моддаи 72 ҚҶ ҶТ ин рафтори шахси ҷиноят содирнамуда мебошад, яъне ӯ баъди содир намудани ҷинояти начандон вазнин ва ё дараҷаи миёна бо рафтори худ пушаймонӣ аз кирдори содирнамудаашро баён карда, ба ҷамъият хавфнокии онро бартараф мекунад. Озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ бо сабаби пушаймонӣ аз кирдор аз ихтиёри даст кашидан аз ҷиноят, ки шахс дар он ҷиноятро ба охир нарасонида, ба ихтиёри худ ва бо таври хаттӣ аз он даст кашида бошад, бо он фарқ мекунад, ки ҳангоми пушаймонӣ аз кирдор шахс мумкин аст аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод карда шавад, дар вақти ихтёран аз оғози парвандаи ҷиноятӣ ва ё қарор оид ба қатъ намудани парвандаи ҷиноятӣ амалӣ мегардад, ки он аз боварии судя, прокурор, муфаттиш ва шахси таҳқиқбаранда ба мақсад мувофиқ намудани дар амал ҷорӣ гардидани ҷавобгарии ҷиноятӣ ва розигии ин шахс ба чунин озодкунӣ иборат мебошад [5, с.12].

Ҳаминро бояд гуфт, ки озод намудан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ бо сабаби пушаймонӣ аз кирдораш бо сафедкунии шахс, бегуноҳ эътироф намудани ӯ дар ҷинояти содирнамуда ҳаммаъно набуда, баръакс қонун далели содиршавии ҷиноятро пешбинӣ мекунад, бинобар ин асосҳои дар қонун пешбинигардидаи озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ асосҳои ба сафеднамоӣ алоқаманднабуда эътироф мешавад. Пушаймонӣ аз кирдор дар рафторҳои фаъолонаи шахси гунаҳкор ифода меёбад.

Ба ин пеш аз ҳама, ихтиёран ба гуноҳи худ иқрор шудан дохил мешавад, ки тибқи он шахсе, ки ҷиноят содир намудааст, бо иродаи худ ба мақомоти таҳқиқ, тафтиш, прокуратура ва ё суд ба ариза оид ба ҷинояти содирнамудааш муроҷиат менамояд, ки он

дар протокол бо имзои аризадиҳанда ва имзои шахси салоҳиятдоре, ки аризаро қабул намудааст, ба қайд гирифта мешаванд.

Аҳаммияти ихтиёран ба гуноҳи худ иқрор шудан ҳамчун асоси озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ дар он ифода меёбад, ки аризадиҳанда бо иродаи худ бе ягон маҷбуркунӣ дар бораи ҷинояти содирнамудааш, ки дар бораи он мақомоти давлатӣ ҳанӯз хабардор набудаанд ва намедонистанд, ки ҷиноят аз тарафи кӣ содир шудааст, вале гунаҳкор худаш омада бо ихтиёри худ ба гуноҳи кардааш иқрор мешавад.

Пушаймонӣ аз кирдор метавонад аз тарафи шахси гунаҳкор дар шакли ба мақомотҳои дахлдор супоридани олот ва воситаи содиршавии ҷиноят, ошкор кардани ҷойи содиршавии ҷиноят ва ё он ҷое, ки молу мулки тасарруфшуда нигоҳ дошта мешавад ва ошкор кардани дигар иштирокчиёни ҷиноят зоҳир мегардад.

Пушаймонӣ аз кирдор ҳангоми талофӣ намудани зарар низ вуҷуд дошта метавонад. Масалан, дар вақти содиршавии ҷиноят ба ҷабрдида зарари молу мулки расонида шуда бошад, гунаҳкор онро дар шакли пулӣ ё дигар воситаҳои талофӣ мекунад.


**АДАБИЁТ**

1.Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон 21 майи соли 1998 – Душанбе, “Сифат – Офсет. 2019.
2.Уголовное право: Особенная часть: Учебник / Под ред. М. П. Журавлёва., Норма, 2007.
3.Кудрявцев В. Н. Уголовное право. Под ред. В. Н. Кудрявцева А. В. Наумова // М.: Юрист 2006.
4.Бриллиантов А. В. Комментарий к уголовному кодексу Российской Федерации / А.В. Бриллиантов. – 2011.
5.Муллаев М. Комментарий к Уголовному кодексу Таджикской ССР / М.Муллаев. – Душанбе: Ирфон, 1998.



**ОЗОД КАРДАН АЗ ҶАВОБГАРИИ ҶИНОЯТӢ БО САБАБИ ПУШАЙМОНӢ АЗ КИРДОР**

Дар мақолаи мазкур мавзуи озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ бо сабаби пушаймонӣ аз кирдор таҳлил гардидааст. Дар асоси омӯзиши адабиётҳои илмӣ ва инчунин сохти моддаи 72 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон муаллиф ба хулосае омадааст, ки мақсади асосии озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ барои содир намудани ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнин на танҳо мусоидат намудан ба кори мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар ошкор кардани ҷинояти содиршуда, инчунин пешгирӣ намудани эҳтимолияти аз он бештари оқибати вазнинро аз ҷойи қаблан содиркардаи шахс низ дар дорад.



**КАЛИДВОЖАҲО:** ҷавобгарии ҷиноятӣ, ҷиноят, пушаймонӣ аз кирдор, тавсифи умумӣ.



**ОСВОБОЖДЕНИЕ ОТ УГОЛОВНОЙ ОТВЕТСТВЕННОСТИ ПО ПРИЧИНЕ РАСКАЯНИЯ В СОДЕЯННОМ**

В данной статье анализируется тема освобождения от уголовной ответственности по причине раскаяния в содеянном. На основании изучения научной литературы, а также структуры статьи 72 Уголовного кодекса Республики Таджикистан, автор пришел к выводу, что основная цель освобождения от уголовной ответственности за совершение тяжких и особо тяжких преступлений заключается не только в содействии работе правоохранительных органов по выявлению совершенного преступления, но и в предотвращении вероятности его более тяжких последствий, чем ранее совершенное лицом.



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** уголовная ответственность, преступление, раскаяние в содеянном, общее описание.



**EXEMPTION FROM CRIMINAL LIABILITY DUE TO REPENTANCE FOR THE CRIME.**

This article analyzes the exemption from criminal liability due to repentance for the crime. Based on the study of scientific literature, as well as the structure of article 72 of the Criminal Code of the Republic of Tajikistan, the author came to the conclusion that the main purpose of exemption from criminal liability for serious and especially serious crimes is not only to facilitate the work of law enforcement agencies to identify the committed crime, but also to prevent the likelihood of its more serious consequences than before perfect face.



**KEYWORDS**: criminal liability, crime, remorse, general description.



**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Носирзода Гулшан*** **–** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти факултети ҳуқуқшиносӣ. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **924404169.**

**Сведения об авторе:** ***Носирзода Гулшан*** **–** Таджикский национальный университет, магистрант юридического факультета. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **924404169.**

**Information about the author:** ***Nosirzoda Gulshan*** **–** Tajik National University, master`s student of Faculty of Law. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phone: **924404169.**

# ТАРТИБИ БААМАЛБАРОРИИ ОЗОД НАМУДАН АЗ АДОИ ҶАЗО БИНОБАР САБАБИ БЕМОРӢ

***Сафарзода А.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дар қонунгузории ҷиноятӣ муқаррар шудан ва дар ин фаъолияти мақомоти дахлдор амалӣ гардидани асосҳои озод кардан аз ҷазо ҷанбаи муҳимми сиёсати ҷиноятиро ташкил медиҳад, зеро дифференсиатсияи ҷазои ҷиноятиро на танҳо бо мурури зиёд шудани кирдори барои ҷамъият хавфнок - пенализатсия, инчунин сабук кардан ва ё пурра озод кардан аз ҷазоро вобаста аз ба даст овардани мақсади ҷазо, ки дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд КҶ ҶТ) пешбинӣ шудааст, дар назар дорад.

Дар иртибот бо ҳолати сабук кардани ҷазо ё пурра аз он озод намудан, на танҳо татбиқи чораҳои ҷазо нисбати маҳкумшудагон воқеан хеле муҳим ва зарур дониста мешавад, балки аз доираи умумии маҳкумшудагон нафаронеро бояд ҷудо намуд, ки татбиқи чунин чораи маҷбуркунии давлатӣ нисбати онҳо самараи хуб ба бор орад. Илова бар он, дар баъзе мавридҳо ҳақиқатан татбиқи чунин чораи сангини маҷбуркунии давлатӣ манбаи ҷиддии таҳдид ба ҳаёт ва саломатии онҳо гашта метавонад.

Қонунгузории ҷиноятии ҷорӣ дар муносибат бо мукофоти амали шахсе, ки дар содир кардани ҷиноят гунаҳкор дониста шудааст, дар худ ду ҳолатро муттаҳид месозад: ҷазои сахт нисбати шахсоне, ки барои ҷамъият хавфнокии зиёд доранд ва дар айни замон пешбинӣ намудани чораҳои гуногуни сабуккунандаи ҷазо, озод кардан аз ҷазо, озод кардан аз адои ҷазо ё озод кардан аз адои минбаъдаи ҷазо, агар хусусият ва дараҷаи барои ҷамъият хавфнокии шахси ҷиноятсодиркарда қисман ё пурра аз байн равад

Ба ҳайси чораҳои қаблан зикршуда ҷойи ба худ хосро меъёри қонунгузории ҷиноятӣ, ки озод кардан аз ҷазоро бо сабаби беморӣ (м. 79 КҶ ҶТ) пешбинӣ намудааст ва он инъикоскунандаи принсипи инсондӯстӣ ва таъминкунандаи принсипи сарфаи ҷазои ҷиноятист, мегирад.

Ҳаминро бояд ёдрас намуд, ки то қабули КҶ ҶТ соли 1998 танзими ҳуқуқии озод кардан аз адои ҷазо, бо сабаби беморӣ муҳлати тулонӣ тариқи Кодекси мурофиаи ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон соли 1961 ба амал бароварда мешуд.

Муқаррароти м. 79 КҶ ҶТ, ки аз ҷазо озод карданро бо сабаби беморӣ пешбинӣ намудааст, бо номи «Бо сабаби беморӣ аз ҷазо озод кардан» сабт гардидааст. Ба андешаи муҳаққиқон номи чунин чораи ҳуқуқи ҷиноятӣ ба мазмуни он мувофиқ нест. Дар ин хусус, андешаҳои гуногун баён шудаанд.

Ю.М. Ткачевский, Н.Б. Крылова ва дигарон бар он ақидаанд, ки мазмуни ин модда (аз номи он васеътар аст), зеро он на танҳо бо сабаби беморӣ аз ҷазо озод кардан, инчунин озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ ва бо ҷазои дигари нисбатан сабуктар ивазкардаро, ки ҳар ду намуди онро як асос ба беморӣ мубтало шудани шахси ҷиноятсодиркарда ташкил медиҳад, муқаррар намудааст.

Мафҳуми «аз ҷазо озод кардан»-ро А.И.Коробеев дар иртибот, бо м. 81 КҶ ҶТ (м. 79 КҶ ҶТ) дастгирӣ намуда, қайд менамояд, ки намуди «депенализатсия»-ро шаклҳои гуногун озод кардан ташкил медиҳанд:

а) озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ;

б) озод кардан аз ҷазо;

в) озод кардан аз адои ҷазо.

Е.В. Благов ба дуруст истифода намудани терминология ишора намуда, қайд менамояд, ки дар м. 81 КҶ ФР (м. 79 КҶ ҶТ) сухан оид ба «озод кардан аз ҷазо, озод кардан аз адои ҷазо ва озод кардан аз адои минбаъдаи ҷазо» меравад.

Ба гуфтаи О.В. Жданова меъёри м. 81 КҶ ФР (м. 79 КҶ ҶТ) аз озод кардан аз адои ҷазоро аз озод кардан аз ҷазо ҷудо менамояд. Илова бар он, меъёри мазкур озод кардан аз

ҷавобгарии ҷиноятиро низ пешбинӣ менамояд, зеро ки муқаррароти қ. 4 моддаи мазкур (ашхоси дар қисмҳои якум ва дуюми ҳамин модда зикргардида дар холати шифо ёфтанашон мумкин аст ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шаванд) ва сохтори дигар моддаҳои Кодекси ҷиноятӣ (м. 21- 23 КҶ ФР), ки имконият намедиҳанд шахсеро, ки то баровардани ҳукм ва ба қувваи қонунӣ даромадани он (то лаҳзаи адои ҷазо) дар ҳолати бемории руҳӣ ҷиноят содир кардааст, аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод кунанд, аз ин гувоҳӣ медиҳад.

Муқоисаи меъёрҳои КҶ ҶТ ва КҶ ФР, инчунин муқаррароти моддаҳои 24 ва 79 КҶ ҶТ аз он шаҳодат медиҳанд, ки қонунгузории ҷиноятии ҶТ масъалаи шахсеро, ки дар ҳолати мукаллафӣ ҷиноят содир намуда, вале то баровардани ҳукми суд мубталои бемории руҳие шудааст, ки барои дарки хавфи кирдори худ ё идора кардани он имконият намедиҳад, ҳамчунин ҷазо намедиҳад. Дар чунин маврид суд метавонад нисбати чунин шахс чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббиро раво бинад ва пас аз шифо ёфтан ин шахсро ҷазо додан мумкин аст, агар мухлатҳои дар м. 75 КҶ ҶТ муқарраршуда нагузашта бошад (қ. 3 м. 24 КҶ ҶТ). Муқаррароти қ. 1 м. 79 КҶ ҶТ танҳо нисбати шахсоне тааллуқ дорад, ки пас аз баровардани ҳукм ба бемории руҳӣ гирифтор шудаанд ва онҳо дар натиҷаи чунин беморӣ имконияти дарки воқеии амалҳои худ ва идора кардани онҳоро аз даст додаанд. Дар чунин маврид онҳо аз ҷазо ё адои минбаъдаи ҷазо озод карда шуда, тавассути суд нисбати чунин ашхос чораи маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ таъин карда мешавад.

Мувофиқи муқаррароти қ. 2 м. 79 КҶ ҶТ шахсеро, ки пас аз баровардани ҳукм мубталои бемории дигари вазнин гардидааст, ки монеаи адои ҷазо мебошад, суд метавонад онро аз адои ҷазо озод кунад ё ин ҷазоро бо ҷазои нисбатан сабуктар иваз намояд.

Таҳлили ин ду қисми пешниҳодшудаи м. 79 КҶ ҶТ аз он шаҳодат медиҳад, ки агар шахс пас аз баровардани ҳукм ба бемории руҳӣ ё мубталои бемории дигари вазнин гардад, суд дар мавриди аввал аз ҷазо ё адои минбаъдаи он озод мекунад, дар мавриди дуюм метавонад аз адо намудани ҷазо озод кунад ё ин ҷазоро бо ҷазои нисбатан сабуктар иваз намояд.

Барои бо сабаби бемории руҳӣ аз ҷазо озод кардан мавҷуд будани ду меъёр зарур аст: тиббӣ ва ҳуқуқӣ.

Меъёри тиббӣ дар рух додани бемории руҳӣ ифода меёбад. Мавҷудияти чунин бемориро комиссияи тиббӣ бо ба роҳбарӣ гирифтани номгӯйи бемориҳое, ки ба сифати асос барои пешниҳод намудани маҳкумшудагон ба имконияти озод кардан аз адои ҷазо истифода кардан мумкин аст, инчунин, тартиби муайяни тиббӣ шахсони ба маҳрум сохтан аз озодӣ маҳкумшуда ва пешниҳод намудани онҳо ба озод кардан аз адои ҷазо бо сабаби бемории вазнин, ки бо фармони якҷояи Вазорати тандурустии ҶТ ва Вазорати адлияи ҶТ аз 11.08.2003 № 335/10 тасдиқи худро ёфтаанд, муайян мекунад.

Меъёри ҳуқуқӣ аломати интеллектуалӣ (ақлӣ) ва иродавиро дар бар мегирад. Аломати интеллектуалӣ дар он ифода меёбад, ки шахс аз имконияти дарки воқеии хусусият ва ба ҷамъият хавфнокии ҳаракатҳои (беҳаракат) худ маҳрум аст, яъне шахс тарафи воқеии кирдори хеш мазмуни иҷтимоии онро намефаҳмад, ӯ наметавонад хавфнокии чунин ҳаракатҳоро ва зараре, ки метавонад дар натиҷаи содиршавии онҳо ба ҷомеа расонида шавад, дарк намояд.

Аломати иродавӣ аз ҷониби шахс дар ба роҳбарӣ гирифта натавонистани ҳаракатҳои худ инъикос меёбад. Дар бештар мавридҳо ҳар ду аломат дар кирдори шахси бемор ҷой дошта метавонад. Вале набояд ҳолатеро истисно намуд, ки шахс тарафи воқеии ҳаракати худро фаҳмида, вале бо сабаби беморӣ наметавонад худро аз содир кардани ҳаракати барои ҷамъият хавфнок нигоҳ дорад. Барои гузориши масъалаи бо сабаби беморӣ аз адои ҷазо озод кардан мавҷудияти ҳатто яке аз аломатҳои меъёри ҳуқуқӣ дар якҷоягӣ бо меъёри тиббӣ басанда мебошад.

Ҳангоми озод намудан шахс аз адои ҷазо бо сабаби бемории руҳӣ чораи маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ дошта таъин шуданаш мумкин аст. Чунин тарзи муносибат танҳо дар сурате зарур аст, ки агар бемори руҳӣ бо имконияти расонидани зарар ба ин шахс ё бо хавфнокии ин шахс барои худ ё барои атрофиёнаш алоқаманд бошад.

Вобаста ба ҳолати шахс мувофиқан бо хулосаи тиббӣ нисбати ӯ назорати маҷбурии амбулаторӣ ва табобат дар назди духтури бемориҳои руҳӣ (психиатр) ё табобати маҷбурӣ дар шифохонаи умумии бемориҳои руҳӣ, шифохонаи махсус гардонидашудаи бемориҳои руҳӣ ё шифохонаи махсусгардонидашудаи бемориҳои руҳӣ таҳти назорати пуршиддат таъин карда мешавад.

Агар шахси озодшуда аз рӯйи ҳолати руҳии худ хавфнок набошад, мақомоти тандурустӣ бо пешниҳоди суд метавонад чунин шахсро барои ҳалли масъалаи давом додани табобат ӯро ба табобати амбулаторӣ ё доимӣ (стансионарӣ) ё ба муассисаи таъминоти иҷтимоӣ фиристодан ё ин ки ӯро бо шарти назорати ҳатмии духтурон ба парастории хешовандон ё васиён диҳанд.

Аз ҷазо озод кардани шахси мубталои бемории руҳӣ ба хусусияти ҷинояти содиршуда, намуди ҷазо, мӯҳлати таъиншуда ва адошуда, рафтори ӯ ҳангоми адои ҷазо ва дигар ҳолатҳо вобастагӣ надорад. Танҳо ҳолати саломатии ӯ ба инобат гирифта мешавад.

Агар шахс пас аз содир кардани ҷиноят мубталои бемории дигари вазнин, ки ба бемории руҳӣ алоқаманд намебошад, гардад, суд дар чунин ҳолат хусусияти беморӣ (чунин беморӣ бояд ҳатман дар номгӯйи бемориҳое, ки ба сифати асос барои пешниҳод намудани маҳкумшудагон ба имконияти озод кардан аз адои ҷазо, ки бо фармони якҷояи ВТ ҶТ ва ВА ҶТ аз 11.08.2003 № 335/10 тасдиқ шудааст, пешбинӣ шуда бошад), инчунин дигар ҳолатҳое, ки ба шахсияти маҳкумшуда тааллуқдошта, ҷинояти содиркардаи ӯ, рафтори шахс ҳангоми адои ҷазо, давомияти мӯҳлати адошуда ё адо нашудаи ҷазо бояд ба назар гирад. Дараҷаи ислоҳшудаи шахс, ифодаёбии беморӣ, имконияти ҷисмонии шахс, ки оё ӯ метавонад ҷинояти нав содир кунад ва ғайра ба ҳисоб гирифта мешавад. Мавҷудияти беморӣ дар номгӯйи дахлдор пешбинӣ шуда, судро уҳдадор намесозад, ки маҳкумшударо аз ҷазо озод намояд. Чунин ҳолат танҳо ҳуқуқи суд мебошад. Масъала танҳо дар асос ба ҳисоб гирифтани ҳолатҳои қаблан зикршуда дар маҷмуъ ҳал карда мешавад.

Бо сабаби беморӣ аз адои ҷазо озод кардани хизматчиёни ҳарбие, ки ба ҷазои маҳдуд кардан дар хизмати ҳарбӣ ё нигоҳ доштан дар қисми ҳарбии интизомӣ маҳкум шудаанд, хислати хосро доро мебошанд.

Чи хеле ки маълум аст дар ҳолати ба беморӣ мубтало шудани хизматчии ҳарбӣ, ки ӯро барои хизмати ҳарбӣ ношоям мегардонад, бояд ӯ аз хизмати аскарӣ ҷавоб дода шавад. Аз ин рӯ, онҳо наметавонанд ҷазоеро, ки бо давом додани хизмат дар қисмҳои ҳарбӣ алоқаманд аст, адо кунад ва бояд аз адои чунин ҷазо озод карда шаванд. Қонун чӣ пурра озод кардан ва чӣ ба намуди ҷазои дараҷаи нисбатан сабук иваз карданро иҷозат медиҳад. Агар хизматчии ҳарбӣ дар давраи адои ҷазо мусбӣ худро нишон диҳад, чун қоида нисбати ӯ бояд пеш аз мӯҳлат озод кардан ва нисбати нафаре, ки манфӣ худро нишон дода, ба ҷазои нисбатан сабуктар иваз кардани ҷазо истифода бурда шавад.

Шахси бо сабаби бемории руҳӣ ё бемории дигари вазнин озодшаванда дар ҳолати шифо ёфтанаш таҳти ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазо қарор мегирад, агар мӯҳлати ҷазо ва мӯҳлати иҷрои ҳукми айбдоркунӣ (м. 81 КҶ ҶТ) нагузашта бошад. Агар нисбати онҳо табобати маҷбурӣ дар беморхонаи руҳӣ татбиқ шуда бошад, пас ин вақт ба мӯҳлати адои ҷазо ба ҳисоби як рӯзи дар шифохонаи бемориҳои руҳӣ баробар ба як рӯзи маҳрум сохтан аз озодӣ ҳисоб карда мешавад.

## АДАБИЁТ


1. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 2008.
2. Кодекси ислоҳи меҳнатии РСС Тоҷикистон. Душанбе, «Ирфон», 1998.
3. Кодекси мурофиаи ҷиноятии Республикаи Советии Сотсиалистии Тоҷикистон. - Душанбе, 1984.
4. Курс уголовного права. Общая Часть. В 5 т. Т. 2. - М., 2002.
5. Коробеев А.И. Советское уголовно- правовая политика / А.И. Коробеев. - Владивосток, 1987. - С. 141.
6. Благов Е.В. Применение уголовного права / Е.В. Благов. - СПб, 2004.
7. Жданова О.В. Уголовно- правовые и уголовно- исполнительные аспекты освобождения от наказания, в связи с болезнью / О.В. Жданова. - Ставрополь, 2008.


## ТАРТИБИ БААМАЛБАРОРИИ ОЗОД НАМУДАН АЗ АДОИ ҶАЗО БИНОБАР САБАБИ БЕМОРӢ

Дар мақолаи мазкур сухан дар бораи тартиби баамалбарории озод намудан аз адои ҷазо бинобар сабаби беморӣ меравад. Дар асоси таҳлили қонунгузории ҷории ҷиноятӣ, санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ва омӯзиши адабиётҳои илмӣ, муаллиф ақидаҳои олимонро баррасӣ намуда, асосҳои озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ бо сабаби бемориро баррасӣ менамояд.
**КАЛИДВОЖАҲО**: қонуни ҷиноятӣ, ҷиноят, озод кардан аз ҷазо, асосҳои озод кардан, бо сабаби бемори озод кардан.

**ПОРЯДОК ОСУЩЕСТВЛЕНИЯ ОСВОБОЖДЕНИЯ ОТ ОТБЫВАНИЯ НАКАЗАНИЯ ПО БОЛЕЗНИ**

В данной статье говорится о порядок осуществления освобождения от отбывания наказания по болезни. На основе анализа действующего уголовного законодательства, международно-правовых документов и изучения научной литературы автор рассматривает мнения ученых и основания освобождения от уголовной ответственности в связи с болезнью.
**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** уголовное закон, преступление, освобождение от наказания, основания освобождения, освобождение по болезни.

**THE PROCEDURE FOR EXEMPTION FROM SERVING A SENTENCE DUE TO ILLNESS**

This article deals with the concept of the procedure for exemption from serving a sentence due to illness. Based on the analysis of the current criminal legislation, international legal documents and the study of scientific literature, the author considers the opinions of scientists and the grounds for exemption from criminal liability in connection with the disease.
**KEYWORDS:** criminal law, crime, exemption from punishment, grounds for release, release due to illness.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Сафарзода Адиба*** **–** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти факултети ҳуқуқшиносӣ. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **902-04-12-20.**

**Сведения об авторе:** ***Сафарзода Адиба*** **–** Таджикский национальный университет, магистрант юридического факультета. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **902-04-12-20.**

**Information about the author:** ***Safarzoda Adiba*** **–** Tajik National University, master`s student of Faculty of Law. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phone: **902-04-12-20.**

# ТАБИАТИ ҲУҚУҚӢ - ҶИНОЯТИИ БА ХУДКУШӢ РАСОНИДАН

***Исоева Ш.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Аввалин маротиба истилои «худкушӣ» -ро духтур ва файласуфи асри XVII Томас Браун истифода кардааст ва худи истилоҳи «худкушӣ» аз калимаи лотинии (sui – худро ва caedere – куштан) гирифта шудааст. Худкушӣ - ин қасдона ё дидаю дониста маҳрум кардани худ аз ҳаёт мебошад. Дар замони муосир оид ба фаҳмиши истилоҳи худкушӣ фикру ақидаҳои гуногун мавҷуд мебошад, як гурӯҳ олимон ин падидаро ба бемориҳои руҳӣ мансуб медонанд, гурӯҳи дигар бошад, онро ҳамчун падидаи номатлуб ва сеюмин ба ҳаракати номатлуб мансуб медонанд.

Эмил Дюркгейм ин падидаро чунин шарҳ додааст: «Худкушӣ ин ҳамагуна марг, ки бевосита ё бавосита маҳз аз ҷониби ҷабрдида, ки ӯ хоҳони ин оқибат буд ва ё оқибати амали худро медонист, содир карда мешавад, ба ҳисоб меравад». Маҳз маҳаки асосии худкушӣ ин дарки ҳаракатҳои худ ва қасди худкушӣ аз ҷониби ҷабрдида мебошад. Олим Ю. Р. Вагина муҳлати ба худкушӣ даст задани одамро ба ду намуд ҷудо менамояд: ба худкушии тез ва дер. Ба худкушии тез олим муҳлатнокии якчанд дақиқа ё соатро дар назар дорад, ки шояд дар ҳолати ҷанг бо хешу табор ё аз даст додани молу мулк ё ягон наздики худ аз ҷониби ҷабрдида содир карда мешавад. Худкушии дер бошад, олим мегӯяд, ки аз якчанд ҳафта метавонад то солҳо давом кунад, ба ин дохил мешавад, мунтазам таҳқир кардани шахс, азобу уқубат, паст задани шаъну шарафи шахс ё паст будани сатҳи зиндагонии шахс, ки дар натиҷа шахс сабр накарда, даст ба худкушӣ мезанад. Ба ақидаи олим ба ҳаракатҳои худкушӣ дохил мешавад: қасд, мақсад, таҳдид, кӯшишҳо, суиқасди ҷабрдида ва даст задани ӯ ба худкушӣ. Дар навбати худ олим кӯшиши ба худкушӣ даст задани ҷабрдидаро ба 2 намуд ҷудо мекунад:

Якум, худкушии баргарданда. Яъне, шахс мехост даст ба худкушӣ занад, вале бо дигар омилҳои аз ӯ вобастанабуда бо ёрии хешу табор рафиқон ва шахсони наздик аз худкушӣ даст мекашад ё ӯро сари вақт дарёфт намуда, муоличa менамоянд.

Дуюмаш бошад, ин барнагарданда мебошад. Дар ин ҳолат ба шахс кумак дода наметавонанд ва ӯ ба ҳалокат мерасад.

Якчанд нишонае мавҷуд аст, ки инсон метавонад шахсеро, ки мехоҳад даст ба худкушӣ занад, мушоҳида ё пешгирӣ намояд:

- шахс ҳама корҳояшро ҷо ба ҷо мекунад ва молу мулки қиматбаҳояшро ба ёру рафиқон тақсим менамояд;
- шахс дар ҳар кораш аз атрофиён изҳори миннатдорӣ мекунад ва ҳатто корҳои пешинаро ба ёд оварда, аз онҳо низ миннатдории худро баён мекунад;
- шахс дар дафтарчаи шахсӣ, сомонаҳои интеренетт, телефон, хабарҳо ва дигар ҳолатҳо рӯз ё тарзи даст задан ба худкушии худро қайд мекунад;
- бехобии дароз;
- шахс қаҳру ғазаби худро рӯйи рост ба шахсоне, ки ранҷидааст ё ягон кина дорад мегӯяд;
- беҳуда ҷанҷол мекунад;
- аз ягон шахси наздики худ маҳрум мешавад.

Аз рӯйи нишондодҳо ҳар панҷум инсон дар ҷаҳон фикри даст задан ба худкуширо мекунад. Ҳар сол синну соли шахсоне, ки даст ба худкушӣ мезананд ҷавон шуда истодааст. Аз ҷумла, худкушӣ дар байни ноболиғони 10 сола то 18 сола зиёд ба назар мерасад.

Сабаб ва омилҳои аз ҷониби ноболиғон даст задан ба худкушӣ хеле гуногун ва сершумор мебошанд. Натиҷаи таҳлилҳои мазкур нишон медиҳанд, ки аввалан техника ва технологияи муосир мебошад. Чунки вақте ноболиғе, ки аз падару модарашон хоҳиш мекунад, ки ба ӯ телефон ё компютери нав харанд аз сабабе, ки оилаи ҳамон ноболиғ шояд илоҷи дастрас кардани чунин техникаро надоранд ё ба онҳо чизи гуфтаашро харида наметавонанд, ноболиғ аз шарм дар назди рафиқон ё аз қаҳр нисбати волидайн, даст ба дуздӣ ё дигар ҳаракатҳои ғайриқонунӣ мезананд, оқибат чунин мешавад, ки ноболиғ аз тарси оне, ки аз ҷониби волидайн танбеҳ ё ҷазо дода мешавад, яъне аз тарси ҷавобгарӣ дар назди волидайн ва ҷомеа даст ба худкушӣ мезанад. Як омили дигари даст ба худкушӣ задани ҷавонон дар он аст, ки онҳо ба қавле мухлис “кумир”-и ягон ҳофиз ё актёр мебошанд ва аз кадом раванди мусбате низ даст ба худкушӣ мезананд. Ба дигар намуди чунин омил дохил карда метавонем ҷавононро ба қавле ошиқро, вақте ки ҷавон писар ё духтар аз тарафи волидайн маҷбуран ба дигар шахс никоҳ ё тӯй карда мешаванд, онҳо даст ба худкушӣ мезананд ё ҷангу ҷанҷоли байни духтару писари ошиқ низ сабаб шуда метавонанд, ки онҳо аз сустиродагӣ ва қаҳру ғазаб даст ба худкушӣ зананд.

Ба андешаи А.В. Бриллиантов худкушӣ ва ё суиқасд ба худкушӣ, яке аз ҷиноятҳои алтернативии дар қонунгузории ҷиноятӣ пешбинишуда мебошад. Худкушӣ таҷассумкунандаи андешаи қасдонаи шахс дар бораи даст задан ба худкушӣ мебошад. Дар фарқият аз одамкушӣ сабаби марг, пеш аз ҳама амалҳои худи ҷабрдида мебошад. Муҳим он аст, ки амалҳои мазкур, махсусан, ба маҳрум кардани худ аз ҳаёт аз ҷониби ҷабрдида равона карда шуда бошад. Бинобар ҳамин ҳам, банду баст кардани амали ба худкушӣ оварда расондан аз одамкушӣ фарқияти ҷиддиро ба миён меорад. Суиқасд ба худкушӣ ин амали ҳақиқии ба анҷом нарасидаи шахс оид ба маҳрум кардани худ аз ҳаёт мебошад, ки ҳангоми анҷом додан аз шахс вобаста нест. Ба худкушӣ оварда расондан, бевосита сабаби алоқамандии ду факт – худкушӣ ё суиқасд ба онро пешбинӣ менамояд. Аломатҳои асосии таркиби ҷинояти мазкурро тарзҳои содиршавии он ташкил медиҳад. Қонун якчанд тарзҳои ҷинояти ба худкушӣ оварда расонданро муқаррар мекунад: таҳдидҳо; муносибати бераҳмона; мунтазам паст задани шаъну шарафи инсонӣ.

Ба худкушӣ овардани шахс ҷинояти муҳим мебошад, ки ҷинояткор аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод шуда наметавонад. Дар шароити муосир ба ғайр аз тарзҳои дигаре, ки мо дар боло номбар намудем, тарзи дигари маъмулӣ ва муосири содир намудани ҷинояти мазкур

ин интернет ё сомонаҳои интеренетӣ мебошанд, ки ошкор кардани тафтиши ҷинояти мазкурро мурраккаб мегардонад. Дар сомонаҳои гуногуни интернетӣ саҳифаҳои махсусе ҷой дорад, ки ба шахс барои даст задан ба худкушӣ тавсияҳо медиҳанд, аз тарафи дигар бошад муаллифон шахсро барои даст назадан ба ҷинояти худкушӣ дастгирӣ мекунанд. Новобаста аз зиёдшавии худкушӣ дар замони муосир дар Русия парвандаҳои ҷиноятӣ вобаста ба ҷинояти ба худкушӣ оварда расонидан, кам вомехӯранд.

Аввалин маротиба дар илми ҳуқуқшиносии ватанӣ худкушӣ яке аз ҷиноятҳои асосӣ ба муқобили ҳаёт ва саломатӣ дар моддаи 141 Кодекси ҷиноятии соли 1935 – и Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон муқаррар карда шуда буд, ки дар чунин намудҳо тафсир мешавад:

«Ба худкушӣ расонидан, аз ҷиҳати моддӣ ё аз ҷиҳати дигар тобеи шахси дигар мебошад, муомилаи бераҳмона ё дигар ҳаракатҳо, ки дар натиҷа шахс даст ба худкушӣ ё суиқасди худкушӣмезанад.

Ташвиқ ё ёрӣ додан ба худкушии шахсони ноболиғ, шахсоне, ки ҳаракати худро дарк карда наметавонанд, роҳнамоӣ кардан барои худкушӣ ё суиқасди худкушӣ».

Дар моддаи 110 Кодекси ҷиноятии соли 1961 – и Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон мафҳуми ба худкушӣ овардани шахс чунин муқаррар карда шуда буд:

“Ба худкушӣ расондан – ин аз ҷиҳати моддӣ ва ҳолатҳои дигар тобеи гунаҳкор мебошад, ба худкушӣ ё суиқасди худкушӣ расонад бо роҳи таҳдид, муомилаи бераҳмона ё пастзании мунтазами шаъну эътибори шахсӣ.

Ҳамин ҳаракат нисбати занҳо ва ноболиғон дар асоси одатҳои аз замони феодалӣ боқимонда».

Дар Тафсири Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон чунин тарзҳои ба худкушӣ расонидан мавҷуд буд:

1. Яке аз тарзҳои ба худкушӣ оварда расонидани шахс ин муомилаи бераҳмона бо ҷабрдида ба ҳисоб мерафт. Тарзи дигараш мунтазам паст задании шаъну шарафи ҷабрдида, расонидани ҷароҳатҳои ҷисмонӣ, азобу укубат ва ғайра ба шумор меравад. Шиканҷа ва дигар ҳаракатҳо аз ҷумлаи тарзҳои маъмули ба худкушӣ расонидани шахс мебошанд. Дигар тарзи ба худкушӣ расонидани ҷабрдида метавонад таҳқир, тuҳмат ё дигар ҳаракатҳои ғайриқонунӣ, ки шаъну шарафи ҷабрдидаро паст мезанад, ба ҳисоб мераванд.
2. Зери истилоҳи шахси аз ҷиҳати моддӣ тобеъбуда шахсоне фаҳмида мешаванд, ки зери таъминоти гунаҳгор қарор доранд ё аз ӯ ёрии моддӣ мегиранд, ки ягона роҳи таъминоти ҷабрдида мебошад. Ба инҳо дохил мешавад: волидайн, кӯдакон, бародарон, хоҳарон, зану шавҳар ва дигарон.
3. Шахсоне, ки аз ҷиҳати дигар тобеи гунаҳгор мебошанд, шуда метавонанд коргари тобеъ, ҳамкор, инчунин шахсе, ки зери тобеияти гунаҳгор (ронанда, боғбон, ва ғайра) кор мекунад.
4. Дар асоси қонун ҷудо шудани мард аз зан ё қатъ шудани муносибатҳо байни дӯстдоштаҳо, дӯстон, шахсоне, ки якҷоя истиқомат мекунанд, ҳангоми ба худкушӣ расонидани яке аз тарафҳо, дигар тараф гунаҳгор ҳисобида намешавад.
5. Ҷиноят аз лаҳзаи марги ҷабрдида ё суиқасди ба худкушӣ расонидан хотимаёфта ҳисоб меёбад. Агар ҳангоми азобу укубат ё паст задани шаъну шарафи ҷабрдида, ҷабрдида даст ба худкушӣ ё суиқасди худкушӣ накунад, пас ин кирдор ба расонидани зарар ба саломатӣ банду баст мешавад.

Дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон моддаи мазкур дар чунин шакл омадааст:

1) Бо роҳи таҳдид, муомилаи бераҳмона ё пастзании мунтазами шаъну эътибори шахсӣ ҷабрдида ба худкушӣ ё суиқасди худкушӣ расонидани шахс;

2) Ҳамин кирдор нисбати шахсе, ки аз ҷиҳати моддӣ ё аз ҷиҳати дигар тобеи гунаҳгор мебошад ё ин ки дар ҳаққи ноболиғ содир шудааст.

Дар муқоиса моддаи 110 Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон аз моддаи 109 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба муҳлати санксия ва кисмҳои модда фарқ карда мешавад.

**АДАБИЁТ**

1. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон 21 майи соли 1998 – Душанбе, “Сифат - Офсет”, 2019.
2. Бриллиантов А.В. Комментарий к уголовному кодексу Российской Федерации / А.В. Бриллиантов. - 2011 год.
3. Кудрявцев В.Н. Уголовное право. Под ред. В.Н.Кудрявцева, А.В. Наумова // М.: Юристъ 2006.
4. Муллаев М. Комментарий к Уголовному кодексу Таджикской ССР. / М. Муллаев. - Душанбе, Ирфон. 1988.
5. Уголовное право: Особенная часть: Учебник / Под ред. М.П. Журавлёва., Норма, 2007.
6. Уголовное право: Особенная часть: Учебник / Под ред. М.П. Журавлёва., Норма, 2007.



**ТАБИАТИ ҲУҚУҚӢ - ҶИНОЯТИИ БА ХУДКУШӢ РАСОНИДАН**

Дар мақолаи мазкур табиати ҳуқуқӣ-ҷиноятии ба худкушӣ расонидан таҳлил гардидааст. Дар асоси омӯзиши адабиётҳои илмӣ, ки ба масоили таҳқиқшаванда бахшида шудааст, ки қонунгузор ҳангоми тарҳрезии мафҳуми ба худкушӣ расонидан, баъзе норасоиро ба вуҷуд меовард, ки метавонад дар татбиқи ин меъёр мушкилоти зиёд ба бор орад. Вобаста ба ин, мафҳуми мазкур, аз нуқтаи назари муаллиф, ба таҳқиқу такмил ниёз дорад.



**КАЛИДВОЖАҲО**: қонуни ҷиноятӣ, ҷиноят, ҷиноятҳо ба муқобили ҳаёт, тавсифи умумӣ, ба худкуши расонидан.



**СУДЕБНО-УГОЛОВНАЯ ПРИРОДА ДОВЕДЕНИЯ ДО САМОУБИЙСТВА**

В данной статье анализируются судебно-уголовная природа доведения до самоубийства. На основе изучения научных трудов посвященных исследуемой проблеме, автор приходит к выводу, что законодатель при конструировании понятие самоубийство допустил некоторые неточности, которые могут вызывать немалые проблемы при реализации данной нормы. В связи с этим, данный понятие самоубийство, по мнению автора, нуждается в дальнейшем исследовании и усовершенствовании.



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** уголовный закон, преступление, преступления против жизн, общая характеристика, доведение до самоубийства.



**FORENIC - CRIMINAL NATURE OF INDICATION TO SUICIDE**

This article analyzes the forensic-criminal nature of incitement to suicide. Based on the study of scientific works devoted to the problem under study, the author comes to the conclusion that the legislator, when constructing the concept of suicide, made some inaccuracies that can cause considerable problems in the implementation of this norm. In this regard, this concept of suicide, according to the author, needs further research and improvement.



**KEYWORDS:** criminal law, crime, crimes against health, general characteristics, intentional infliction of grievous bodily harm.



**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Исоева Шамсоро –*** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти факултети ҳуқуқшиносӣ. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **907-58-68-18.**

**Сведения об авторе:** ***Исоева Шамсоро –*** Таджикский национальный университет, магистрант юридического факультета. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **907-58-68-18.**

**Information about the author:** ***Isoeva Shamsoro –*** Tajik National University, master`s student of Faculty of Law. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phone: **907-58-68-18.**


# МАФҲУМИ ҶИНОЯТИ БАРОМАДАН АЗ ҲАДДИ ВАКОЛАТҲОИ МАНСАБӢ


*Муминзода Ш.*

**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**


Дар намуди маҷмуавиашон ин ҷиноятҳо ба муқобили ҳокимияти давлатӣ ва манфиатҳои хизмати давлатӣ кирдори ба ҷамъият хавфноке мебошанд, ки дар натиҷаи он аз ҷониби намояндагони ҳокимияти давлатӣ ва шахсони мансабдор бо сабаби вазъи хизматӣ ба фаъолияти муътадили мақомотҳои ҳокимияти давлатӣ, манфиати давлатӣ зарари ҷиддӣ расонида мешавад.

Аксарияти ҷиноятҳои таҳлилшаванда бо роҳи ҳаракат ва маҳз баъзе аз онҳо (сӯиистифода аз ваколати мансабӣ, хунукназарӣ) бо беҳаракатӣ содир мешаванд. Аз ин рӯ, чунин нишонаҳо барои ин ҷиноятҳо хос мебошанд:

- кирдори хавфноки ҷамъиятӣ ба фаъолияти муътадили мақомотҳои давлатӣ, ки онро қонун ба тартиб даровардааст, таҷовуз мекунанд;

- кирдори хавфноки ҷамъиятиро шахсони мансабдори мақомотҳои давлатӣ содир мекунанд;

- кирдори хавфноки ҷамъиятиро шахсони мансабдор бо истифода аз ваколатҳои хизматӣ ва ё бо қувваи мавқеи мансабии худ содир мекунанд.

Баромадан аз ҳадди ваколатҳои мансабӣ ин яке аз намудҳои ҷиноятҳо ба муқобили ҳокимияти давлатӣ ва манфиатҳои хизмати давалатӣ мебошад, ки дар моддаи 316 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудааст ва нисбати ин намуди ҷиноят ҷавобгарии ҷиноятӣ пешбинӣ шудааст.

Чуноне қисми 1 моддаи зикршуда пешбинӣ мекунад:

Аз ҷониби шахси мансабдор анҷом додани ҳаракате, ки аз ҳадди ваколатҳои ӯ баръало берун мебароянд ва боиси ба таври ҷиддӣ поймол гардидани ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандон ё ташкилот ё манфиатҳои қонунан ҳифзшудаи ҷамъият ё давлат гаштааст.

Дар қисми дуюми ҳамин модда пешбинӣ шудааст, ки ҳамин ҳаракатро агар шахсе содир карда бошад, ки вазифаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ё сардори мақомоти худидораи маҳалиро ишғол мекунад.

Мувофиқи қисми 3 ҳамин модда ҳаракатҳои пешбининамудаи қисмҳои якум ё дуюми ҳамин модда агар:

а) бо истифодаи зӯроварӣ ё таҳдиди истифодаи он;

б) бо истифодаи ярок ё воситаҳои махсус;

в) бо расонидани оқибатҳои вазнин содир шуда бошад

бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз панҷ то даҳ сол бо маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан ба фаъолияти муайян ба муҳлати то панҷ сол ҷазо дода мешавад.

Объекти бевоситаи ҷиноят фаъолияти мақомоти мушаххаси давлатӣ, муассисаҳо сохтори худидораи маҳаллӣ, қисми ҳарбӣ мебошад.

Объекти иловагии он шахсият (ҳаёт, саломатӣ, дахлнопазирии ҷинсӣ) ба ҳисоб меравад.

Тарафи объективии ҷиноят бо содир кардани ҳаракати фаъолона муайян карда мешавад. Андеша ва ақида дар бораи баланд бардоштани ваколатҳои хизматӣ дар доктринаи ҳуқуқӣ-ҷиноятии Русия дастгирӣ наёфтааст. Дар ин ҳолат метавон дар бораи бехатарии ҳокимият аз тарафи шахси мансабдор иҷро накардани ваколати хизматии худ ба миён омад.

Табиист, ки қонунгузорӣ сӯиистифодаи ваколатҳои хизматиро муайян карда, дар бораи истифодаи он аз ҷониби шахсони мансабдор сухан мегӯяд, аммо вақти муайян намудани баромадан аз ҳадди ваколатҳои мансабӣ содир намудани ҳаракатеро дар назар дорад, ки ба пуррагӣ аз сарҳади ваколатҳои шахсони мансабдор берун мебароянд.

Барои он ки амали содиркардаи шахси мансабдор ин баромадан аз ҳадди ваколатҳои хизматӣ эътироф карда шавад, бояд муайян кард, ки ин ҳаракатҳо аниқ аз ваколатҳои ӯ берунанд. Ин ҳаракатҳо мумкин аст ба ваколатҳои хизматии шахси мансабдори дигар дохил шаванд, ё ин ки ҳамин ҳаракатҳо танҳо дар ҳолатҳое, ки бевосита дар ягон қонуни алоҳида ё санади зериқонунӣ дар ҳолатҳои махсус пешбинӣ шудаанд, содир шуданашон мумкин бошад, ё ин ки ӯ ҳаракатеро содир кардааст, ки ба ҳеҷ кас дар ягон ҳолат мумкин нест.

Масалан, ҳаракатҳое, ки аз ҳадди ваколатҳои хизматӣ берун мераванд аз рӯйи характери худ дар чунин кирдорҳо мумкин аст ифода ёбанд:

а) кирдорҳое, ки ба салоҳияти шахси мансабдори болоии идора ё муассиса марбут аст (масалан, сардори Раёсати ягон Вазорат ҳуҷҷатеро имзо мекунад, ки онро муовини вазир метавонад имзо кунад).

б) кирдоре содир мекунад, ки он салоҳияти шахси мансабдори идораи дигар мебошад (коммендант хобгоҳ бо мақсади ёфтани шахсе, ки дуздӣ кардааст, хонаҳои дар хобгоҳ

бударо кофтуков мекунад ва ӯ чунин амал мекунад, ки танҳо кормандони ҳифзи ҳуқуқ ҳуқуқи чунин амал карданро доранд).

в) кирдоре содир мекунанд, ки ба салоҳияти ҳайати мушовара марбут аст (судя дар танҳоӣ қарор мебарорад дар ҳолате, ки аз рӯйи қонун қарор танҳо дар ҳайати суд қабул карда мешавад.

г) кирдоре содир мекунанд, ки дар ҳолати набудани шароит қонун ё дигар санади меъёрӣ содир намудани чунин амалро истисно намекунад (корманди милиса ба вайрон кардани тартиби қонунгузории муқарраркарда).

д) кирдоре содир меукунад, ки ҳеҷ кас ҳуқуқи содир кардани онро надорад (сардор корманди тобеи худро лату куб мекунад).

Қонун муайян мекунад, ки дар ҳолати берун баромадан аз ҳадди ваколатҳои хизматӣ ҳаракат ба таври ошкоро аз ҳадди муқарраршуда берун меравад.

Мафҳуми «ошкоро» бе шубҳа будани амалро нишон дода, он ҳам дарк карда мешавад.

Таркиби ҷиноят моддӣ буда, фаро расидани оқибат ҳатмист.

Оқибатҳои дар қисми 1 моддаи 316 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба назар гирифта шуда ба таври қатъӣ халалдор шудани манфиатҳои қонунии шаҳрвандон ё ташкилот ё ки манфиатҳои аз тарафи қонун ҳифзшудаи ҷамъият ё давлат ба монанди сӯиистифодаи ваколатҳои хизматӣ фаҳмида мешавад.

А.В. Галакова дуруст таъкид намудааст, ки мафҳуми зарари калон ҳангоми аз ҳад гузаронидани ваколатҳои ҳокимиятӣ метавонад ба тарафҳои миқдорӣ (андозаи) зарар ва сифатӣ (баҳодиҳии манфиатҳои поймолшуда) ҷудо шавад.

Бояд байни далели баромадан аз ҳадди ваколатҳои хизматӣ ва оқибатҳои фарорасида алоқаи сабабӣ муқаррар карда шавад. Агар берун баромадан аз ҳадди ваколатҳои хизматӣ боиси оқибати нишондодашуда нагардад, он ҷиноят набуда, кирдори ҳуқуқвайронкунии мансабиро ташкил медиҳад.

Субъекти ҷиноят дилхоҳ шахси мансабдор мебошад.

Тарафи субъективии ҷиноят гуноҳ дар намуди қасди бевосита ва бавосита.

Сӯиистифода аз ваколатҳои хизматӣ ва баромадан аз ҳадди ваколатҳои хизматӣ ба он фарқ мекунад, ки дар ҳолати аввал шахси мансабдор дар доираи салоҳиятҳои худ хилофи манфиатҳои хизматӣ амал мекунад, дар ҳолати дуюм бошад, ӯ аз доираи ваколатҳои худ берун меравад.

Баромадан аз ҳадди ваколатҳои хизматӣ аз ҷониби шахси мансабдор ё сарвари мақомоти худидораи маҳаллӣ дар қисми дуюми моддаи 316 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба назар гирифта шудааст.

**АДАБИЁТ**


1. Кодекси ҷингоятии Ҷумҳурии Тоҷикистон 21 майи соли 1998. Душанбе, 2022.
2. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э.Раҳмон ба Маҷлиси Олии ҶТ аз 22.12.2017.
3. Конвенсия СММ дар бораи мубориза бар зидди корупсия моддаи 19
4. Тафсири Кодекси Ҷиноятии Ҷумҳрии Точикистон “Глобус”соли 2006 моддаи 314
5. Комментарий к Уголовному кодексу Российской Федерации. Под ред. В.М. Лебедев. М: “Юрайт-Издат” 2004. С. 283-284.
6. Қонуни ҶТ дар бораи хизмати давлатӣ аз 5. 03.2007 .
7. Уголовное право России. Общая часть. Под ред. В. П. Ревина. М.: "Юстицинформ" 2010.
8. Таганцев Н. С. Русское уголовное право: Лекции. Часть общ.: В 2 т. / Сост. и отв. ред. Загородников Н. И. - М.: Наука, 1994.
9. Львович Е. В. Должностное злоупотребление: проблемы криминализации, квалификации и отграничения от правонарушений, не являющихся преступлениями: автореф. дис. … канд. юрид. наук. Саратов, 2004. С. 19.
10. Ковалёва Н.М. Должностное лицо и должностное преступление в уголовном праве России: автореф. дис. … канд. юрид. наук. Ростов-на-Дону. 2004.
11. Галахова А. В. Должностные преступления / А.В. Галахова. – М.: ВИНИТИ, 1998.


## МАФҲУМИ ҶИНОЯТИ БАРОМАДАН АЗ ҲАДДИ ВАКОЛАТҲОИ МАНСАБӢ


Дар мақолаи мазкур сухан дар бораи мафҳуми ҷинояти баромадан аз ҳадди ваколатҳои мансабӣ меравад. Дар асоси таҳлили қонунгузории ҷории ҷиноятӣ, санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ва омӯзиши

адабиётҳои илмӣ, муаллиф ақидаҳои олимонро таҳлил намуда, мафҳуми ҷинояти баромадан аз ҳадди ваколатҳои мансабиро барраси менамояд.
**КАЛИДВОЖАҲО**: қонуни ҷиноятӣ, ҷиноят, ҷазо, баромадан аз ҳадди, ваколатҳои мансабӣ.

**ПОНИЯТИЕ ПРЕСТУПЛЕНИЯ ПРЕВЫШЕНИЯ ПРЕДЕЛОВ ДОЛЖНОСТНЫХ ПОЛНОМОЧИЙ**

В статье речь идет об уголовной ответственности за понятие преступления превышения пределов должностных полномочий. На основе анализа действующего уголовного законодательства, международно-правовых документов и изучения научной литературы автор рассматривает мнения ученых и рассматривает случаи понятие преступления превышения пределов должностных полномочий.
**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** уголовное право, преступление, наказание, превышения пределов, должностных полномочий.

**THE CONCEPT OF THE CRIME OF EXCEEDING THE LIMITS OF OFFICIAL AUTHORITY**

The article deals with criminal liability for the concept of the crime of exceeding the limits of official authority. Based on an analysis of the current criminal legislation, international legal documents and the study of scientific literature, the author considers the opinions of scientists and considers cases of the concept of the crime of exceeding the limits of official authority.
**KEYWORDS:** criminal law, crime, punishment, exceeding limits, official powers.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Муминзода Шарофат–*** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти факултети ҳуқуқшиносӣ. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **905-08-44-43.**

**Сведения об авторе:** ***Муминзода Шарофат–*** Таджикский национальный университет, магистрант юридического факультета. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **905-08-44-43.**

**Information about the author:** ***Muminzoda Sharofat –*** Tajik National University, master`s student of Faculty of Law. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phone: **905-08-44-43.**

# НИШОНАҲОИ АСОСИИ КОНСТИТУТСИЯ ҲАМЧУН ҚОНУНИ АСОСӢ

***Алиева Ж.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дар низоми қонунгузории ҶТ қонунҳои конститутсионӣ баъди Конститутсия мавқеи баланди ҳуқуқӣ доранд ва дар таносуби муайян бо конститутсия амал мекунанд. Оид ба хусусиятҳои ҳуқуқии қонунҳои конститутсионӣ, алоқамандии онҳо бо конститутсия ва ё тафовути онҳо олимон андешаҳои гуногуни худро баён кардаанд. Масалан, С.А. Авакян аз самтҳои гуногун ба ин масъала дахл кардааст. Дар хусуси мавзуи ба танзимандозӣ қайд кардааст, ки афкори васеъ аз он иборат аст, ки ба қонунҳои конститутсионӣ он санадҳое дахл доранд, ки агар ба ҳалли яке аз масъалаҳои зерин таъин шуда бошанд:

- ба матни конститутсия тағйиру иловаҳо ворид менамоянд;
- баъзе ҳолатҳоро аз конститутсия хориҷ мекунанд;
- илова ба конститутсия мебошанд ва якҷоя бо он амал мекунанд (ҳамчун санади мустақим, ба конститутсия мудохила накарда);
- ягон ҳолати конститутсияро иваз мекунанд, яъне ба ҷойи онҳо амал мекунанд;
- конститутсияи нав қабулшударо эълон мекунанд ва ё онро ба амал медароранд;
- тибқи нишондоди бевоситаи конститутсия қабул мегарданд ва муносибатҳои ҷамъиятии дар он номбаршударо танзим мекунанд;
- барои рушди меъёрҳои конститутсия қабул мешаванд, агар дар онҳо бевосита дар хусуси зарурияти чунин санад гуфта нашуда бошад ҳам, аммо онҳо ҳокимиятдории халқ, падидаҳои иҷтимоӣ-иқтисодиро устувор, вазъи мақомоти давлатӣ, робитаи байни субъектҳои давлатдорӣ ва ғайраҳо, пеш аз ҳама дар ин ҷо санадҳо дар бораи падидаҳои демократия, асосҳои қонунгузорӣ, қонунҳои статутӣ (яъне, санадҳо дар бораи ин ё он мақомот) муайян менамоянд.

Ҳамзамон, ӯ чунин мешуморад, ки муҳим нест, ки расман (яъне, расмии ҳуқуқӣ) қонуни конститутсионӣ ба сифати навъи махсуси санади ҳуқуқӣ пешбинӣ шудааст ё не. Муҳим аст, ки мавзуи танзими чунин қонунҳо мавҷуд бошад. Ба назари мо, албатта ин мавқеъ баҳснок аст. Зеро ки фақат дар асоси мавзуъҳои номбаршуда, бе ишора дар худи конститутсия ба қабули чунин санад, ё ки бе нишон додани ҷойи расмии он дар низоми санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ингуна «иқдом» гумон аст, ки асоснок дониста шавад. Аммо мавқеи муаллиф дар ин хусус муҷаррад буда, ба кадом давлат ё низоми ҳуқуқӣ нисбат доштани он кушод аст. Ҳамзамон, оид ба қонунҳои конститутсионии Федератсияи Русия ба назар гирифтани ҳолатҳои зеринро пешниҳод мекунад.

Ғайр аз ин, андешаи муаллиф дар хусуси он ки қонунҳои конститутсионӣ «ягон ҳолати конститутсияро иваз мекунанд, яъне ба ҷойи онҳо амал мекунанд», ба назари ман хилофи усули волоияти конститутсия, ҷойи он дар низоми қонунгузории мамлакат мебошад.

**Якум**, дар бораи қонунҳои конститутсионӣ фақат дар ҳолате гуфтан мумкин аст, ки онҳо бевосита дар конститутсия пешбинӣ шуда бошанд. Агар дар мамлакат чунин санадҳо расман эълон нашуда бошанд, худсарона баъзе санадҳоро то сатҳи конститутсия боло бардоштан, ба онҳо хусусият, аҳаммияти махсус додан мумкин нест, ҳатто барои ягон санад номи қонуни конститутсиониро раво донистан манъ аст.

**Дуюм**, агар қонунҳои конститутсионӣ расман пешбинӣ шуда бошанд ҳам, ин ҳанӯз чизе нест. Ҳама бо таъинот ва мавзуи танзимнамоии санади мушаххас алоқа дошта, қувваи ҳуқуқии онро муайян мекунад. Айнан, агар ҷойи чунин санадҳо ҳамчун илова ба конститутсия муайян шуда бошанд, онҳоро дар якҷоягӣ ҳамчун конститутсияи навишташуда донистан лозим аст. Инчунин, дар ҳолате, ки қонуни конститутсионӣ як қисми меъёрҳои конститутсияро иваз мекунад, ки амали онҳо қатъ ёфтааст, аҳвол чунин аст. Яъне, дар ин мамлакат чунин навъи қонунҳои конститутсионӣ то ҳадди конститутсия бардошта шудааст. Дар Федератсияи Русия қонунҳои федералии конститутсионӣ чунин таъинот надоранд.

Аз самти назариявӣ қайд кардан мумкин аст, ки ба сатҳи қонунҳои конститутсионӣ қонунҳои ба конститутсия тағйиру иловаҳо дохилкунанда, дар бораи аз конститутсия хориҷ намудани баъзе ҳолату меъёрҳо боло бардоштан мумкин аст. Чунин қонунҳо баъди ба иҷро расидани вазифаи таъинотии худ аз амал мемонанд. Ҳамчунин, қайд кардан лозим аст, ки эъломияҳо ва қонунҳо дар бораи эълони конститутсия, дар бораи ба амал даровардани он санадҳое мебошанд, ки ба худи конститутсия наздиканд. Ингуна эъломия қонунҳоро қисми матни конститутсия, ё ба қонунҳои конститутсионии ба он наздик донистан, ба он вобаста аст, ки дар лаҳзаи қабули конститутсия чигуна қарор шудааст. Масалан, Эъломия дар бораи таъсиси ИҶШС аз 30 декабри соли 1922 бо баъзе ислоҳҳо ба Конститутсияи ИҶШС соли 1924 ворид карда шуда буд, яъне дар аввал он санади аҳаммияти конститутсионӣ буд, минбаъд қисми конститутсия гардид. 7 октябри соли 1977 на фақат Конститутсияи ИҶШС, инчунин Эъломияи Шурои Олии ИҶШС дар бораи қабул ва эълони ин конститутсия, Қонун дар бораи ба амал даровардани Конститутсияи мазкур қабул карда шуд. Аммо онҳо қисми конститутсия эълон нашуданд, зеро ки минбаъд дар таркиби конститутсия ҷойи махсус пайдо накарданд.

Дар расмӣ гардонидан ва муайян кардани тартиби қабул ва ба амал даровардани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1994 Қонуни ҶТ «Дар бораи ислоҳоти конститутсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, тартиби қабул ва ба амал даровардани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 20 июли соли 1994 нақши калон дошт. Гарчи он чанд моҳ қаблан аз қабули Конститутсияи соли 1994 пайдо гардида буд, аммо дар таҳияи лоиҳаи конститутсия ҳолатҳои он ба эътибор гирифта шуданд ва дар моддаи охирини 15-уми қонуни мазкур эълон ёфта буд, ки Қонуни мазкур қувваи қонуни конститутсиониро дорад.

Бояд қайд кард, ки дар Конститутсияи Тоҷикистон соли 1978, ки он вақт ҳанӯз дар амал буд, қабули чунин қонун – қонуни конститутсиониро пешбинӣ накарда буд. Инчунин, дар раъйпурсии соли 2003 оид ба ворид кардани тағйиру иловаҳо ба Конститутсияи ҶТ,

баъди боби даҳум қисми «Муқаррароти интиқолӣ» пайдо шуд, аммо он бевосита қисми таркибии конститутсия эълон нагардид.

Дар масъалаи таносуби конститутсия ва қонунҳои конститутсионӣ ду равияи асосӣ маҷуд аст:

- баъзе муаллифон чунин мешуморанд, ки қонунҳои конститутсионӣ санадҳои зерконститутсионӣ мебошанд, яъне онҳо бояд бо конститутсия мувофиқат намоянд ва хилофи конститутсия набошанд;

- муаллифони дигар фарз мекунанд, ки қонунҳои конститутсионӣ – азбаски муносибатҳои ҷамъиятиро дар илова ба конститутсия ва бештар бо «иҷозати» он танзим мекунанд, аз ин рӯ онҳо то ҳадди конститутсия бардошта мешаванд ва якҷоя бо он ба ном макроконститутсияро ташкил менамоянд.

Хавфи то ҳадди конститутсия боло бардоштани баъзе санадҳоро проф. С. А. Авакян дар инҳо мебинад: якум, мавзуи танзимнамоии конститутсионӣ шуста (гум) мешавад; дуюм, имкони «ислоҳ кардан» - и меъёрҳои конститутсия ва бо майли худ беқурб гардонидани амали онҳо тавассути дигар санадҳо пайдо мешавад. Конститутсияи ҶТ ба монанди конститутсияи чанде давлатҳои дигар, қонунҳои конститутсиониро пешбинӣ карда, асоси чунин тафсир додан ба онҳоро пешбинӣ накардааст.

Қайд кардан лозим аст, ки Конститутсияи ҶТ боз як ҳолати қабули қонунҳои конститутсиониро пешбинӣ кардааст. Мувофиқи қисми сеюми моддаи 61 тафсири конститутсияро Маҷлиси намояндагон дар шакли қонуни конститутсионӣ қабул менамояд. Аммо дар таҷрибаи қонунгузории ҷумҳурӣ тафсири меъёр ва ҳолатҳои Конститутсияи соли 1994 то ҳол ҷой надорад.

Қонунҳои конститутсионӣ фақат дар доираи он масъалаҳое қабул мегарданд, ки дар худи конститутсия муайян шудаанд. Онҳо санадҳои зерконститутсионианд ва наметавонанд ба конститутсия ислоҳ дароранд. Дар заминаи чунин ҳолатҳо дар бораи ба конститутсия мувофиқат доштан ё надоштани онҳо баҳо додан мумкин аст.

Оид ба номгӯйи қонунҳои конститутсионие, ки қабули онҳо дар Конститутсияи ҶТ пешбинӣ шудааст, дар хусуси доираи фарогирии мавзуъҳое, ки танзими онҳо маҳз дар ҳадди қонунҳои конститутсионӣ қарор гирифтаанд, таҳлили меъёрҳои дахлдори конститутсионӣ шаҳодат медиҳанд. Ҳеҷ гуна дигар масъалаҳо набояд доираи танзими қонунҳои конститутсионӣ бошанд. Аммо таҷрибаи конститутсионии мамлакатҳо ин мусалламаро (аксиома) на дар ҳама ҳолат риоя мекунад. Реҷаи сиёсии онҳо дар ҳолати ба мақсад мувофиқ донистан аз эҷоди қонунҳои конститутсионии дар конститутсия қабули онҳо пешбинӣ нашуда, на ҳама вақт худдорӣ мекунанд.

Нишона ва ё аломатҳои Конститутсия ҳамчун ҳуҷҷати ҳуқуқӣ ва сиёсӣ робитаи онро бо суръати инкишофи ҷомеа, манбаҳои он, хусусияти таъсири конститутсияро бо ҳаёти мамлакат ифода мекунад. Нишонаҳои конститутсия **умумӣ ва махсус** шуда метавонанд. Нишонаҳои умумии конститутсия хислати асосгузорӣ, халқӣ, воқеӣ ва устувории он мебошанд. То кадом ҳад дар конститутсия ифода ёфтани ин нишонаҳо ба мазмун ва моҳияти конститутсия таъсир мерасонад.

1. Хислати асосгузории конститутсияи ҶТ дар он аст, ки муносибатҳои муҳимтарини ҷамъиятиро танзим намуда, барои рушди минбаъдаи онҳо замина мегузорад. Дар конститутсияи аксари давлатҳо меъёрҳои асосгузорандаи сохтори ҷамъиятӣ, сохтори давлатӣ, низоми иқтисодӣ ва иҷтимоӣ бо шаклу мазмуни гуногун муқаррар карда шудаанд. Масалан, фасли аввали конститутсияҳои чандин мамлакатҳо «ҳолатҳои умумӣ» (конститутсияҳои давлатҳои Қазоқистон, Ливан, Украина, Хорватия, Эфиопия), «усулҳои асосӣ» (Италия, Молдова, Португалия, Руминия, Тунис, Туркия, Ӯзбекистон), «асосҳои сохтори конститутсионӣ» (Арманистон, Белоруссия, ФР, Қирғизстон, Туркманистон) ном доранд. Фақат дар баъзеи онҳо фасли аввал ба танзими ҳуқуқҳои асосии инсон ва шаҳрванд бахшида шудааст (нигаред, ба боби 1 Конститутсияи ҶФО соли 1949). Дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон боби якум «Асосҳои сохтори конститутсионӣ» номида шудааст. Меъёрҳои асосгузорандаи конститутсия бо тарзи гуногун ифода ёфта, хислати умумии ҷамъбастӣ дорад ва ба тафсилоти тасвир эҳтиёҷ надорад. Зеро ки ҳолатҳои дар меъёрҳои

асосгузор дарбар гирифташуда, аксаран дар қонунҳои мамлакат батафсил танзим мегарданд.

2. Ба нишонаҳои конститутсияи давлатҳои демократӣ хислати халқӣ хос дониста мешавад. Онҳо бо назардошти воқеияти худи зиндагӣ, эҳтиёҷоти мардум таҳия гардида, аз тарафи тамоми халқ қабул мегарданд. Тартиби тағйиру иловаҳо дохил кардан низ аз тарафи халқ сурат мегирад. Аммо воқеан ҳамин ҳолатҳо оё барои халқӣ донистани конститутсия кифоя мебошанд? Масъала баҳснок аст, зеро ки конститутсия ҳуҷҷати таркибан ва мазмунан мураккабест, ки дарки моҳияти он барои ҳар кас дастрас нест. Барои ин донишу таҷрибаи кору зиндагӣ зарур аст. Ҳамчунин, ҳолату меъёрҳои конститутсия бештар вақт бо тарзе ифода меёбанд, ки хеле пурпечутобанд. Онҳо дар робита бо меъёрҳои дигари конститутсия ва меъёрҳои қонунҳои сатҳи гуногун амал мекунанд. Роҳу равиши татбиқи онҳо фақат ба шахсони ихтисосманд фаҳмо ва дастрас аст. Бо истифода аз чунин «нозукиҳо» - и конститутсия мардумро ба иштибоҳ андохтан низ душворӣ надорад. Пешгирии эътимодноки чунин хатарҳо бунёди ҷомеаи устувори шаҳрвандӣ ва ниҳодҳои воқеии пешгирии вайронкунии конститутсия ва хусусан ҳуқуқҳои инсон мебошад.

3. Конститутсияҳо бояд ҳақиқӣ (яъне, реалӣ) бошанд ва муносибатҳои воқеан амалкунандаи ҷамъиятиро муқаррар ва танзим намоянд. Ҳақиқӣ будани онҳо бо роҳу воситаҳои гуногун, ба эҳтиёҷи ҷомеа ва манфиати мардум мувофиқат доштани онҳо таъмин карда мешаванд. Бисёр ҳолат ва меъёрҳои конститутсия бевосита амалан татбиқ мегарданд, вале барои татбиқи қисме аз онҳо бояд кори ташкилию амалисозии онҳо ба роҳ монда шавад. Дар шароити имрӯзаи ҶТ чунин кор бештар тавассути Президент ва сохторҳои назди он ба роҳ монда шудааст. Тарбияи шаҳрвандон ва шахсони мансабдор дар руҳияи эҳтироми конститутсия, риояи меъёрҳои он яке аз самтҳои муҳимми фаъолияти мақомоти давлатӣ ва сохторҳои ҷамъиятӣ мебошад. Ва умуман, хислати ҳақиқии конститутсия аз ҳама бештар ба он вобаста аст, ки кафолатҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ, фарҳангӣ ва ташкилӣ чи тавр ривоҷ меёбанд. Дар ҳадди конститутсионӣ муайян кардани роҳу воситаҳои иштироки шаҳрвандон дар ҳаёти ҷамъиятӣ-сиёсӣ, ҳусусан, дар кори идоракунии давлатӣ ва шаклҳои татбиқи онҳо яке аз нишонаҳои ҳақиқӣ будани конститутсия мебошад.

4. Хислати дигари конститутсия устувории он мебошад. Мафҳуми устуворӣ ва таъмини бардавомии амали конститутсия, берун аз тағйиротҳои ҷиддӣ амал кардани онро ифода мекунад. Пеш аз ҳама устувории конститутсия ба пойдории сохти давлатӣ ва мустаҳкамии муносибатҳои ҷамъиятии конститутсионӣ робита дорад. Музаффариятҳои давраи соҳибихтиёрии Тоҷикистонро муқаррар намуда, бо ҳамин худи конститутсия ба кафолати ҳуқуқии устувории давлат табдил меёбад. Тавассути меъёрҳои он муқаррароти муҳимми доираи ҳаёти иҷтимоӣ ва сиёсӣ хислати умумиҳатмӣ пайдо мекунанд. Устувории конститутсия яке аз кафолати пойдории сохтори давлатӣ, реҷаи сиёсӣ, қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ дар мамлакат мебошад. Таъмини роҳу воситаҳои устувории конститутсия, пешгирии беасоси тағйиру иловаҳои он, пеш аз ҳама ғамхорӣ дар бораи пойдории сохти конститутсионии давлат ва рушди бемайлони он дониста шудааст. Ҳамаи ин ҳолатҳо ба конститутсияҳои навишташуда робита доранд.

Конститутсияи ҳар як давлат тавассути хусусияти шакли давлат, реҷаи идораи он, усулҳои ташкил ва фаъолияти дастгоҳи давлатӣ, эътироф, риоя ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд аз тарафи давлат, сатҳи таъсисёбӣ ва устувории ҷомеи шаҳрвандӣ, низоми худидораи маҳаллӣ ва чанде омилҳои дигар нишонаҳои ба худ хос доранд, ки ба эътибор гирифтани онҳо барои таҳқиқии илмии онҳо заруранд. Пеш аз ҳама дар кадом марҳилаи инкишоф қарор доштани ҷомеа ва давраҳои рушди давлат ба мазмун, таркиб ва таъиноти конститутсия таъсир мерасонанд. Албатта, бо роҳи ҳуқуқӣ манъ кардани иқдоми тағйир додани ин ё он ҳолатҳои конститутсия кафолати пурраи риоя шудани арзишҳои дахлдори конститутсиониро ифода намекунад. Дахлнопазирии воқеии меъёр ва ҳолатҳои дахлдори конститутсия тавассути таъмини устувории сохтори ҷамъиятӣ ва давлатӣ, риояи усулҳои демократии идораи давлатӣ, рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ ва кафолати ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мазмуни амалӣ пайдо мекунад.

**АДАБИЁТ**

1. Авакьян С.А. Конституционное право России. Учебный курс. 2-ое изд. В 2 т. Т. 1. / С.А. Авакьян. – М.: - 2007
2. Имомов А. Нақши Конститутсия дар бунёди давлатдории миллии тоҷикон / А. Имомов. – Душанбе, 2011.
3. Баглай М.В. Конституционное право Российской Федерации. Учебник для вузов. 7-ое издание / М.В. Баглай. – М.: Норма. - 2008.
4. Современные зарубежные конституции // Сб. документов по конституционному праву зарубужных стран. –М.: 1996.
5. Имомов А. Конституционно-правовая природа переходных положений Конституции // Давлат ва ҳуқуқ. Государство и право. 2005. №3.
6. Конституционное право. Учебник /Под ред. В.В.Лазарева. –М.: 1998. –С. 45; Сравнительное конституционное право. –М.: 1996.
7. Конституция Российской Федерации: Научно-практической комментарий /Под ред. акад. Б.Н.Топорнина. –М.:. 1997.



**НИШОНАҲОИ АСОСИИ КОНСТИТУТСИЯ ҲАМЧУН ҚОНУНИ АСОСӢ**

Дар мақолаи мазкур конститутсия ҳамчун ҳуҷҷати асосии давлатӣ ва сиёсӣ мавриди баррасӣ қарор дода шуда, хусусиятҳои фарққунандаи он мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Муаллиф кӯшиш намудааст, ки дар мавриди аломатҳои асосиву иловагии қонуни асосии давлат мавриди таҳқиқ қарор диҳад. Аломатҳои Конститутсия ҳамчун ҳуҷҷати ҳуқуқӣ ва сиёсӣ робитаи онро бо суръати инкишофи ҷомеа, манбаҳои он, хусусияти таъсири конститутсияро бо ҳаёти мамлакат ифода мекунад.



**КАЛИДВОЖАҲО:** Конститутсия, нишонаҳо, усул, давлат, сохтори давлатӣ, реҷаи сиёсӣ, қонуният, тартиботи ҳуқуқӣ, сохтори давлатӣ, низоми иқтисодӣ.



**ОСНОВНЫЕ ПРИЗНАКИ КОНСТИТУЦИИ КАК ОСНОВНОГО ЗАКОНА**

В данной статье рассматривается конституция как основной государственный и политический документ, а также рассматриваются ее отличительные особенности. Автор попытался исследовать основные и дополнительные особенности основного закона государства. Знаки Конституции как правового и политического документа выражают ее связь со скоростью развития общества, его источниками, характером влияния конституции на жизнь страны.



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** Конституция, символы, метод, государство, государственное устройство, политический режим, законность, правопорядок, государственное устройство, экономическая система.



**MAIN FEATURES OF THE CONSTITUTION AS THE FUNDAMENTAL LAW ANNOTATION**

This article examines the constitution as the main state and political document, and also examines its distinctive features. The author tried to explore the main and additional features of the basic law of the state. The signs of the Constitution as a legal and political document express its connection with the speed of development of society, its sources, and the nature of the influence of the constitution on the life of the country.



**KEYWORDS:** Constitution, symbols, method, state, government structure, political regime, legality, law and order, government structure, economic system.



**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Алиева Жасмина*** **–** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти факултети ҳуқуқшиносӣ. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **900099602.**

**Сведения об авторе:** ***Алиева Жасмина*** **–** Таджикский национальный университет, магистрант юридического факультета. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **900099602.**

**Information about the author:** ***Alieva Zhasmina*** **–** Tajik National University, master`s student of Faculty of Law. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phone: **900099602.**


# ҶАВОБГАРИИ ҶИНОЯТӢ БАРОИ МУОМИЛОТИ ҒАЙРИҚОНУНИИ ПРЕКУРСОРҲО


***Азизов С.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**


Айни замон ҳамчун механизми мубориза дар ин самт муайян кардани намудҳои нави моддаҳои нашъадор, аз он ҷумла прекурсорҳо ва ба Рӯйхати миллии воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ва прекурсорҳои онҳо, пайваста ҳамроҳ кардани онҳо мебошад. Дар

баробари ин, агар моддаи химиявӣ бавосита ва ё бевосита бо мақсади тайёр кардани маводи нашъадор истифода нашавад, он наметавонад дар Рӯйхати миллӣ дохил карда шавад.

Барои дуруст бандубаст кардани муомилоти ғайриқонунии прекурсорҳо, дақиқ муайян кардани предмети ҷиноят аҳаммияти калони илмӣ ва амалӣ дорад. Дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ предмети ҷиноят ба сифати аломати иловагии объекти ҷиноят баромад мекунад, аммо дар ин ҷиноят прекурсорҳо аломати ҳатмии объекти ҷиноят эътироф мешаванд.

Муқаррар намудани предмети ҷиноят имкон медиҳад, ки мансубияти намуд ва номгӯйи прекурсорҳо муайян карда шуда, ҳангоми муайян кардани таркиби таҳқиқшаванда аз таркибҳои ба ҳам монанд ва ҳамрадиф, инчунин дар вақти бандубаст ва таъини ҷазои одилона, ба хатогӣ роҳ дода нашавад.

Дар заминаи омӯзиши масъалаи муомилоти ғайриқонунии прекурсорҳо бояд қайд намуд, ки таҳлили истилоҳи «прекурсор» аҳаммияти махсуси илмӣ–амалӣ дорад. Зеро, дар назарияи муосири ҳуқуқи ҷиноятӣ ба масъалаи вобаста бо муқаррар намудани табиати ҳуқуқии истилоҳи «прекурсор» диққати кофӣ дода нашудааст.

Мо чунин меҳисобем, ки ин ҳолат пеш аз ҳама мутаносибан бо мустаҳкам шудани истилоҳи «прекурсор» дар қонуни ҷиноятӣ алоқаманд мебошад. Дақиқ муқаррар намудани мафҳуми «прекурсор» имкон медиҳад, ки тафсири духӯраи он аз ҷониби кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ пешгирӣ карда шавад. Инчунин, ба раванди дар як шакл даровардани меъёрҳои қонуни ҷиноятии ватанӣ бо меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ таъсири мусбат мерасонад, зеро бо дарназардошти нақши фаъоли Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муқовимат бо муомилоти ғайриқонунии маводи нашъадор дар арсаи байналмилалӣ, ҳамчун ҷинояти хусусияти байналмилалидошта, аҳаммияти калони амалӣ дорад.

Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ва прекурсорҳо» омадааст, ки «прекурсорҳо – маводе, ки дар Конвенсияи байналмилалии дахлдор ва Рӯйхати миллӣ ҳамчун асос ё ёрирасон барои истеҳсол, тайёр кардан ва коркарди воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ гурӯҳбандӣ шудаанд». Дар ин қонун мафҳуми прекурсор ба таври мухтасар, бе нишон додани сохт ва хусусиятҳои химиявии он баён шудааст. Ҳоло он ки прекурсорҳое ҳастанд, ки таъиноташон дигар буда, барои истифодабарӣ дар дигар самтҳо пешбинӣ шудаанд. Масалан, маълумотҳо дар бораи пайдоиши истилоҳи «прекурсор» нишон медиҳад, ки он бо коркардҳои аввалини силоҳи химиявии бинарӣ зич алоқаманд мебошад, ки дар он зери истилоҳи таҳқиқшаванда бояд моддаи химиявие фаҳмида шавад, ки унсури силоҳи химиявӣ мебошад. Бинобар ин, дар бештари санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ва прекурсорҳои онҳо гуфта мешавад, яъне дар назар доранд он прекурсорҳоеро, ки аз онҳо (ангидриди кислотаи атсетат, эфедрин ва ғайра) ё бо ёрии онҳо (кислотаи сулфат, толуол ва ғайра) воситаҳои нашъаовар ва моддаҳои психотропӣ истеҳсол ва ё тайёр карда мешавад.

Тавре маълум аст, дар Конвенсияи СММ оид ба мубориза бар зидди муомилоти ғайриқонунии маводи нашъадор ва моддаҳои психотропии соли 1988 барои ифодаи истилоҳи «прекурсор» мафҳуми «моддаҳое, ки бештар дар истеҳсоли ғайриқонунии маводи нашъадор ё моддаҳои психотропӣ истифода мешаванд» ба кор бурда шудааст.

Ҳамзамон, дар ҳисоботи КБНМН дар соли 1997 ҷиҳати иҷрои моддаи 12 Конвенсияи СММ оид ба мубориза бар зидди муомилоти ғайриқонунии маводи нашъадор ва моддаҳои психотропии соли 1988, прекурсорҳо ва моддаҳои химиявӣ, ки бештар ҳангоми истеҳсоли ғайриқонунии воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ лозим мешаванд, мафҳуми «прекурсор» истифода мешавад, лекин тавзеҳ ба мазмуни зерин ифода ёфтааст: «Истилоҳи прекурсор барои истифодаи ҳамагуна моддаҳои ба Ҷадвалҳои I ва II-и Конвенсияи СММ оид ба мубориза бар зидди муомилоти ғайриқонунии маводи нашъадор ва моддаҳои психотропии соли 1988 воридгардида, ба истисноӣ ҳолатҳое, ки агар мувофиқи матн ифодаи дигар талаб карда шавад».

Ба ақидаи В.Н. Курченко, «хусусияти прекурсорҳо дар он зоҳир мегардад, ки аз онҳо моддаи химиявӣ бо роҳи синтез ҳосил карда мешаванд, ки дар таркиби худ воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ доранд. Лекин, дар таркиби худи прекурсорҳо, воситаи

нашъадор ё моддаҳои психотропӣ дар шакли холис вуҷуд надоранд. Барои аз прекурсорҳо ба даст овардани воситаи нашъадор ё моддаи психотропӣ, синтези моддаҳои гуногуни химиявӣ зарур мебошад. Маҳз барои ҳамин, прекурсорҳо тибқи қонунгузории миллӣ ва байналмилалӣ ба предмети мустақили назорат ворид карда мешаванд».

Таҳлили адабиёти ҳуқуқи ҷиноятӣ нишон медиҳанд, ки вобаста ба мафҳуми «прекурсор» дар назарияи ҳуқуқии ҷиноятӣ аксари муаллифон ҷонибдори он ҳастанд, ки ин модда бештар ҳангоми истеҳсол, тайёр кардан, коркарди воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропии назоратшаванда истифода мешавад, боз ҳам нуктаҳои назари гуногун мавҷуд мебошанд. Ҳамин тариқ, ба гуфтаи А.В. Наумов, «прекурсор ин ҳама гуна реагентҳои химиявӣ мебошанд, ки дар ҳамаи марҳилаҳои истеҳсоли моддаҳои химиявии заҳрнок истифода мешавад». Мо чунин меҳисобем, ки нуқтаи назари А.В. Наумов бо чанд сабаб илман асоснок мебошад.

Якум, прекурсор – пеш аз ҳама, реагенти химиявие мебошад, ки унсури ҳатмии моддаҳои химиявии заҳрнок ба ҳисоб меравад.

Дуюм, хусусияти хоси прекурсор дар он аст, ки он дар ҳар марҳилаи истеҳсоли моддаҳои химиявии заҳролуд истифода мешавад, ки гуногунҷанба будани онро таъкид мекунад.

Нуқтаи назари Г.В. Зазулин дар бораи он ки истилоҳи «прекурсор» на дар ҳама намуди истеҳсоли маводи нашъадор, балки танҳо ҳангоми маводи синтезшуда ва стандартӣ истифода бурда шавад, боиси таваҷҷуҳ аст. Вобаста ба ин, ӯ менависад: «… кадом навъи прекурсорҳо метавонанд дар таркиби чунин маводи нашъаовари ҷамъоваришуда (ҷудошуда) бошанд, ба монанди марихуана ё пояи кӯкнор? Танҳо дар вақти муомилоти ғайриқонунии маводи нашъаовари синтезшуда, мафҳуми прекурсор сифати иловагии моли ғайриқонуниро касб мекунад, ки дар навбати аввал, дар байни химикҳои ҷинояткор талабот дорад».

Ба андешаи В.Н. Курченко «прекурсорҳо ин моддаҳое мебошанд, ки ҳатман худи онҳо маводи нашъадор набуда, ҳангоми коркард ё истеҳсоли воситаҳои нашъадор ё моддаҳои психотропӣ бо роҳҳои гуногун истифода мешаванд. Вобаста аз хосиятҳои асосии химиявии худ, прекурсорҳо метавонанд ба реаксияи химиявӣ бо дигар моддаҳо дохил шуда, намуди маводи нашъаовар (ё ягон шакли мобайнӣ)-ро ташкил кунанд, ё танҳо ба сифати ҳалкунанда (масалан, дар коркарди маводи нашъадор) ё кислотаҳо (дар ташаккули намаки маводи мухаддир) амал кунанд».

Бо дарназардошти ақидаи олимон мо, инчунин, ба илми химия ва таҷрибаи мутахассисони ин соҳа такя намуда, фарқи прекурсорро аз реагент ба таври мухтасар иброз менамоем. Прекурсор – мафҳуми махсуси моддаи химиявӣ мебошад, ки аз он дигар модда тайёр ё истеҳсол карда мешавад. Реагент – мафҳуми васеъ дошта, дар вақти анализи ҳама намудҳои моддаи химиявӣ, инчунин он дар илм ва реаксияҳои химиявӣ истифода мешавад. Моддае, ки дар вақти реаксияи химиявӣ истифода мешавад, онро реактиви химиявӣ ё реагент низ меноманд. Мафҳуми ин моддаҳо дар луғатҳо низ инъикос ёфтааст. Лекин мутаассифона калимаи прекурсор дар луғатҳои тоҷикӣ муодили худро наёфтааст.

Дар мафҳуми прекурсорҳо ҷой дошани маълумот дар бораи аломатҳои моддии маводи мазкур, муайян будани сохтор ва хусусиятҳои химиявии онро мувофиқи мақсад мешуморем. Донистани мафҳуми ҳуқуқии прекурсорҳо, ки тавсифи физикӣ-химиявии моддаи истифодашавандаро доранд, дар амалия барои тафтишот, суд ва экспертиза муҳим арзёбӣ мегардад.

Истилоҳи «прекурсор» дар сархати 7 моддаи 2 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ва прекурсорҳо» чунин маънидод шудааст: «прекурсорҳо – маводе, ки дар Конвенсияи байналмилалии дахлдор ва Рӯйхати миллии воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ва прекурсорҳои онҳо ҳамчун асосӣ ё ёрирасон барои истеҳсол, тайёр кардан ва коркарди воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ гурӯҳбандӣ шудаанд». Дар қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҷрибаи судӣ оид ба баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ марбут ба муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ё прекурсорҳо» бошад мафҳуми

муомилоти ғайриқонунии прекурсорҳо ба таври зарурӣ инъикоси худро наёфтааст, ки вобаста ба ин дар кори илмӣ пешниҳодҳо манзур шудаанд.

Ҳамзамон, бояд тазаккур дод, ки дар назария олимони соҳаи ҳуқуқ дар доираи мафҳумҳои ғайриқонунӣ истеҳсол, тайёр кардан, коркард, соҳиб шудан, нигоҳ доштан, ба соҳибияти каси дигар додан, интиқол ё фиристонидани прекурсорҳо фикру ақидаҳои худро то андозае баён намудаанд. Мутаассифона, дар қонунгузорӣ ба мисли Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ва прекурсорҳо» ва дар қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҷрибаи судӣ оид ба баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ марбут ба муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ё прекурсорҳо», мафҳумҳои ғайриқонунӣ истеҳсол, тайёр кардан, коркард, нигоҳ доштани прекурсорҳо, ки ин зарурати объективии равшан кардани моҳияти ҳуқуқии онҳоро талаб мекунад, мавриди таваҷҷуҳ қарор дода нашудааст. Пас дар амалия дар сурати содир шудани чунин кирдорҳои ғайриқонунӣ қонунгузор чӣ гуна метавонад онҳоро баҳогузорӣ намояд. Аз ин рӯ, дар қарори Пленуми болозикр илова намудани мафҳумҳои «ғайриқонунӣ истеҳсол, тайёр кардан, коркард, нигоҳ доштани прекурсорҳо»-ро мувофиқи мақсад мешуморем. Чунки истифода аз таҷрибаи дигар давлатҳо маълум мешавад, ки дар амалия ғайриқонунӣ истеҳсол, тайёр кардан ва коркарду нигоҳ доштани прекурсорҳо мавқеи худро ёфтааст. Тибқи маълумоти Раёсати СММ оид ба маводи нашъаовар ва ҷинояткорӣ барои истеҳсоли героини афғонӣ ҳамасола 475 тонна ангидриди кислотаи атсетат лозим аст. Яъне, дар натиҷаи коркард аз як воситаи нашъадор намуди дигари он истеҳсол ё тайёр карда мешавад.

Бояд тазаккур дод, ки вақте истеҳсоли ғайриқонунии прекурсор мегӯем истеҳсоли ин ё он модда дар ҳаҷми зиёд бо истифода аз технологияҳои заводӣ ё фабрикавӣ фаҳмида мешавад ва фарқияти он аз ғайриқонунӣ тайёр кардан низ дар ҳамин зоҳир мегардад, ки тайёр кардан дар ҳаҷми на он қадар калон ва метавонад аз рӯйи фармоиш низ иҷро шавад. Мисол, дар лабораторияҳои пинҳонӣ бо истифода аз кислотаи лизергин маводи нашъаовари синтетикӣ гурӯҳи лизергинҳо (ЛСД) тайёр мекунанд. Вобаста ба ин, ҷиноят аз вақти ба ҳам омехтани реагентҳои гуногуни моддаҳои химиявӣ хотимаёфта ба ҳисоб меравад.

**АДАБИЁТ**


1. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 ферали соли 2020, таҳти №121. (тағйиру иловаҳо аз 25.11.2021, таҳти № 507). / Рӯйхати миллии воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ва прекурсорҳои онҳо / Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj (санаи муроҷиат: 10.07. 2021).
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ва прекурсорҳо». 10 декабри соли 1999, таҳти №873 / Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ВА ҶТ «Адлия» [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http: //mmk.tj (санаи муроҷиат: 12.12.2020).
3. Доклад Международного комитета по контролю над наркотиками за 1997 год о выполнении статьи 12 Конвенция Организация Объединенных Наций о борьбе против незаконного оборота наркотических средств и психотропных веществ 1988 года [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: // https://www.unodc/orj>convention_1988_ru (санаи муроҷиат: 12.01.2019).
4. Журнал «Глабальная торговля афганскими опиатами». УНП ООН по наркотикам и преступности [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: // URL:https // www.unodc.org/ documents/ data-analysis/ Studies / Global_Afghan_Opium_Trade_JUL11_Russian. pdf (санаи муроҷиат: 10.04.2019).
5. Зазулин Г.В. Противодействие незаконному обороту синтезированных наркотиков: дис. ... канд. юрид. наук. – СПб, 2000. – С. 101.
6. Комментарий к Уголовному кодексу Российской Федерации / Под ред. А.В. Наумова. –М., 1998. – С. 312.
7. Конвенция ООН о борьбе против незаконного оборота наркотических средств и психотропных веществ 1988 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: // https://www.unodc/orj>convention_1988_ru (санаи муроҷиат: 12.12.2020).
8. Курченко В.Н. Противодействие незаконному обороту наркотических средств и психотропных веществ: уголовно-правовой и уголовно-процессуальные аспекты. – СПб: Издательство «Юридический центр Пресс», 2003. – С. 160.
9. Курченко В.Н. Противодействие незаконному обороту наркотических средств и психотропных веществ: уголовно-правовой и уголовно-процессуальные аспекты. – СПб: Издательство «Юридический центр Пресс», 2003. – С. 178.

10. Ожегов С.И. Толковый словарь русского языка: Ок. 100 000 слов, терминов и фразеологических выражений. – М.: АСТ Мир и Образование, 2016. – С. 214.
11. Организация борьбы с контрабандой прекурсоров учебно–методическое пособие. – М.: – СИП РИА, 2001. – С. 14.
12. Тағоев А. Новый русско-таджикский словарь: Ок. 6000 коренных слов таджикского языка. Выпуск 2. – Зафарабад. 2013. – 175 с.
13. Уголовное право России. Части Общая и Особенная: учебник / Под ред. А.В. Бриллиантова.–2-е изд., перераб. и доп. – Москва: Проспект, 2016. – С. 759; Российское уголовное право. Особенная часть / Под ред. проф. А.И. Чучаева. – М., 2016. – С. 226.

**ҶАВОБГАРИИ ҶИНОЯТӢ БАРОИ МУОМИЛОТИ ҒАЙРИҚОНУНИИ ПРЕКУРСОРҲО**

Дар мақолаи мазкур ҷавобгарии ҷиноятӣ барои муомилоти ғайриқонунии прекурсорҳо таҳлил гардидааст. Дар асоси омӯзиши адабиётҳои илмӣ, ки ба масоили таҳқиқшаванда бахшида шудааст, инчунин сохти моддаи 202[1] Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, муаллиф ба хулосае омадааст, ки қонунгузор ҳангоми тарҳрезии ҷавобгарии ҷиноятӣ барои муомилоти ғайриқонунии прекурсорҳо, баъзе норасоиро ба вуҷуд меоварад, ки метавонад дар татбиқи ин меъёр мушкилоти зиёд ба бор орад.

**КАЛИДВОЖАҲО**: Кодекси ҷиноятӣ, ҷиноят, ҷиноятҳо ба муқобили саломатии аҳолӣ, ҷавобгарии ҷиноятӣ, муомилоти ғайриқонунии прекурсорҳо.

**УГОЛОВНАЯ ОТВЕТСТВЕННОСТЬ ЗА НЕЗАКОННЫЙ ОБОРОТ ПРЕКУРСОРОВ**

В данной статье анализируется уголовная ответственность за незаконный оборот прекурсоров. На основе изучения научных трудов посвященных исследуемой проблеме, а также законодательной конструкции статьи 202[1] Уголовного кодекса Республики Таджикистан автор приходит к выводу, что законодатель при конструировании уголовной ответственности за незаконный оборот прекурсоров допустил некоторые неточности, которые могут вызывать немалые проблемы при реализации данной нормы.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** уголовный Кодекс, преступление, преступления против здоровя насиления, уголовная ответственность, незаконный оборот прекурсоров.

**CRIMINAL LIABILITY FOR ILLICIT TRAFFICKING OF PRECURSORS**

This article analyzes criminal liability for illicit trafficking of precursors. Based on the study of scientific works devoted to the problem under study, as well as the legislative structure of Article 2021 of the Criminal Code of the Republic of Tajikistan, the author comes to the conclusion that the legislator, when constructing criminal liability for the illicit trafficking of precursors, made some inaccuracies that can cause considerable problems in the implementation of this norm.

**KEYWORDS:** Criminal Code, crime, crimes against health and violence, criminal liability, illegal trafficking of precursors.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Азизов Саидаброр –*** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти факултети ҳуқуқшиносӣ. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **904-30-33-34.**

**Сведения об авторе:** ***Азизов Саидаброр –*** Таджикский национальный университет, магистрант юридического факультета. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **904-30-33-34.**

**Information about the author:** ***Azizov Saidabror –*** Tajik National University, master`s student of Faculty of Law. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phone: **904-30-33-34.**

# ХУДМУҲОФИЗАТКУНӢ ДАР ҲУҚУҚИ МАДАНӢ

***Умедҷони Ҷ.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Имрӯз бо рушди ҳуқуқи хусусӣ метавон гуфт, ки масъалаи худмуҳофизаткунӣ дар ҳуқуқҳои маданӣ аҳаммияти хосса пайдо мекунад. Худи муносибатҳои шахс ва давлат бо қонунҳои кишвар танзим карда шудаанд. Масъалаҳои ҳифзи ҳуқуқҳои маданӣ бевосита бо Кодекси мадании ҶТ танзим шудааст. Аз ҷумла, дар моддаи 13 Кодекси мадании ҶТ вобаста ба мафҳуми худмуҳофизатии ҳуқуқҳои маданӣ гуфта шудааст.

Меъёри мазкур инчунин бо қонунгузории Федератсияи Россия ва Конститутсияи Федератсияи Россия танзими худро ёфтааст. Дар моддаи 14 Кодекси граждании Федератсияи Россия гуфта мешавад: "Роҳҳои худмуҳофизатӣ бояд ба қонуншиканӣ

мутаносиб бошанд ва аз доираи амалҳои зарурӣ барои пешгирии он берун нараванд". Худмуҳофизатии ҳуқуқҳои маданӣ амали мустақили шахсест, ки ба вайрон кардани ҳуқуқҳои мадании ӯ ё кам кардани оқибатҳои онҳо равона карда шудааст. Бояд қайд кард, ки худмуҳофизатии ҳуқуқҳо бояд бидуни муроҷиат ба мақомоти ваколатдор анҷом дода шавад.

Ҳар гуна рафтори шахси манфиатдор бояд роҳи ҳимояи мустақилонаи ҳуқуқҳои маданӣ ҳисобида шавад, ки:

А) ба ҳимояи ҳуқуқҳои субъективӣ равона карда шудааст;

Б) ба ғайр аз иродаи вайронкунандаи ҳуқуқ иҷро карда мешавад;

В) охирин, бе муроҷиат ба мақомоти ваколатдор гузаронида мешавад.

Ду шакли ҳимояи ҳуқуқҳо ҷудо карда мешаванд: ҳуқуқҳои юрисдиксионӣ (вақте ки ҳуқуқҳои шахс аз ҷониби давлат ё мақомоти салоҳиятдор, масалан, судҳо ҳимоя карда мешаванд) ва ғайриюрисдиксионӣ (вақте ки шахс ҳуқуқҳои вайроншудаи худро мустақилона ҳимоя мекунад).

Чунин ба назар мерасад, ки дар ҳама сатҳҳои рушди ҷомеа, новобаста аз он, ҳуқуқвайронкуниҳои гуногун ба амал меоянд ва аз ин рӯ, масъалаи чи гуна ва чи гуна беҳтар муҳофизат кардани ҳуқуқҳои вайроншудаи онҳо аз ҳарвақта дида муҳимтар хоҳад буд. Шояд чунин шавад, ки тамоми арзиши ҳуқуқи эълоншуда ва татбиқшуда метавонад дар ягон лаҳза ба сифр бирасад. Шукуфоии ҷомеаи муосир ва худи шаҳрванд метавонад аз он вобаста бошад, ки оё ин шаҳрванд ҳуқуқҳои вайроншудаи худро ҳифз ва барқарор карда метавонад. Ва аз ин рӯ, ба андешаи мо, ҳимояи ҳуқуқҳои вайроншуда зарур аст.

Аз он чизе, ки дар моддаи 13 Кодекси мадании ҶТ навишта шудааст, метавон хулоса кард, ки:

1) Шахсе, ки ҳуқуқи худро ҳимоя мекунад, бояд соҳиби бешубҳа бошад.

2) Шахс бояд роҳи дифоъро интихоб кунад мутаносиб ба вайронкунии ҳуқуқ.

3) Худи усули муҳофизат набояд аз доираи амалҳое, ки барои татбиқи он заруранд, берун равад.

Бояд қайд кард, ки ба ҳамаи шартҳои дар боло зикршуда яке аз усулҳои таъмини уҳдадориҳои бо Кодекси маданӣ ҷудошуда, ки "нигоҳдорӣ" номида мешавад, ҷавобгӯ аст. Худи маънои нигоҳдорӣ аз он иборат аст, ки қарздиҳанда, ки ашёе дорад, ки бояд ба қарздор ё шахси муайяне, ки қарздор нишон додааст, дода шавад, дар ҳолатҳое ҳуқуқ дорад, ки қарздор уҳдадории худро оид ба пардохти ин ашё иҷро накарда бошад ё ба қарздиҳанда хароҷот ва зарари ба он алоқамандро ҷуброн накарда бошад, ин ашёро нигоҳ дорад. Мисол, агар нигаҳбони ашё онро то он даме, ки барои нигоҳ доштани он мукофоти пешакӣ мувофиқашуда мегирад, нигоҳ дорад.

Баъзе муаллифони адабиёти ҳуқуқӣ дар бораи соҳаи татбиқи ҳуқуқи худмуҳофизат изҳори назар карданд. Масалан, Грибанов В.П. ва Рясенсев В.А. изҳор медоранд, ки худмуҳофизат дар муносибатҳои берун аз шартнома иҷозат дода мешавад. М.И. Бриганский ва Н.И. Клейн қайд мекунанд, ки худмуҳофизатӣ на танҳо дар муносибатҳои ғайритиҷоратӣ, балки дар ҳаҷми муайян дар муносибатҳои шартномавӣ низ имконпазир аст. Мавқеи Ю.Г.Басин ба ақидаи М.И. Бриганский ва Н.И. Клейн монанд аст, ки худмуҳофизатӣ ҳам дар муносибатҳои берун аз шартнома ва ҳам дар муносибатҳои шартномавӣ имконпазир аст.

Одатан намудҳои зерини худмуҳофизатии ҳуқуқҳоро ҷудо мекунанд:

1) Мудофиаи зарурӣ;

2) Зарурати шадид;

3) Нигоҳ доштани молу мулки худ ё молу мулки ҷинояткор;

4) Боздошти худи ҷинояткор дар ҳолати бевосита таҷовузи ҷисмонӣ ба ҳаёт, саломатӣ ва (ё) молу мулки муҳофизаткунанда, шахсони дигар;

Мудофиаи зарурӣ тадбирҳое, ки ба муқовимат ба ҳамла равона карда шудаанд. Амалҳое, ки дар доираи мудофиаи зарурӣ анҷом дода мешаванд, ҷиноят эътироф карда намешаванд ва аз ин рӯ, ба ҷавобгарии ҳуқуқӣ кашида намешаванд ва аз ин рӯ, тибқи моддаи 1066 Кодекси граждании Федератсияи Россия, барои зарари ба вайронкунанда

расонидашуда ҷуброн карда намешаванд. Аммо, бояд қайд кард, ки ҳудуди мудофиаи зарурӣ набояд вайрон карда шавад, зеро агар ин рӯй диҳад, он ҳамчун ҷиноят ҳисобида мешавад. ИнчунинЮ бояд қайд кард, ки ҳимояи зарурӣ дар сурати содир кардани ҳуқуқвайронкунӣ, ки нишонаҳои кирдори ҷиноятӣ надорад, ғайри қобили қабул аст. Ба ибораи дигар, агар дараҷаи хатар ба воситаҳои муҳофизатӣ мувофиқат накунад, пас чунин мудофиа зарур дониста намешавад.

Заруратн шадид тадбирҳое мебошанд, ки барои рафъи хатаре, ки шахсан ба шахсе, ки зарар мерасонад ё ба дигарон, аз ҷумла манфиатҳои давлат таҳдид мекунад, андешида мешаванд, дар ҳоле ки бояд ба назар гирифт, ки чунин хатар бартараф карда намешавад. Хусусияти ин усул истифодаи воситаҳое мебошад, ки метавонанд зарар расонанд. Ба сифати мисол офати табиӣ (сӯхтори ҷангал, обхезӣ ва ғайра) оварда мешавад. Мисли мудофиаи зарурӣ, чунин амалҳо қонунӣ эътироф карда мешаванд ва зарари расонидашуда ҷуброн карда намешавад, ба шарте ки ҳадди зарурати шадид аз ҳад зиёд набошад.

Нигоҳ доштани ашёи вайронкунандаи ҳуқуқ бо мақсади ҳимояи манфиатҳои молумулкӣ ва ғайримолумулкии худ зарур аст. Одатан, ин намуди худмуҳофизат асосан аз ҷониби қарздиҳандагон, комиссионерҳо дар ҳолатҳое истифода мешавад, ки қарз пардохт карда намешавад ё мукофоти комиссионӣ пардохт карда намешавад. Тавре ки дар боло зикр шуд, нигаҳбони он метавонад ашёро то пардохти мукофоти пурраи нигоҳдории он нигоҳ дорад.

Моҳияти боздошт дар он аст, ки ҷинояткорро маҳз дар лаҳзаи вайрон кардани ҳаёт, саломатӣ ё амволи муҳофизаткунанда ё шахсони дигар дастгир мекунанд.

Свердлик Г.А. ва Страунинг Э.Л. аломатҳои зерини худмудофиаро ҷудо мекунанд:

1) худмуҳофизаткунӣ дар сурати вайрон кардани ҳуқуқ ё таҳдиди воқеии он амалӣ карда мешавад;

2) худмуҳофизаткунӣ яктарафа, яъне бе муроҷиат ба мақомоти салоҳиятдор амалӣ карда мешавад;

3) имконияти татбиқи яке аз усулҳо бояд дар қонун ё шартнома пешбинӣ карда шавад;

4) самти амалҳо ҳангоми худмуҳофизатӣ ба таъмини дахлнопазирии ҳуқуқ, пешгирии вайронкунӣ, бартараф кардани оқибатҳои он;

5) имкони шикояти минбаъдаи амали шахсе мебошад, ки ҳуқуқҳои худро мустақилона ба мақомоти дахлдори юрисдиксия ҳимоя мекунад.

*Ҳифз ва ҳимояи ҳуқуқҳои маданӣ.* Ҳифз ва ҳимояи ҳуқуқҳои маданӣ мафҳумҳои гуногуни ҳуқуқӣ мебошанд. Одатан, ҳуқуқшиносон мафҳуми "ҳимоя" - ро нисбат ба ҳуқуқи вайроншуда истифода мебаранд ва "ҳифз" маънои васеътар дорад. Аммо, ҳолатҳое ҳастанд, ки қонун мафҳумҳои ҳифзи ҳуқуқ ва ҳимояи манфиатҳои қонуниро ба як воҳид нисбат медиҳад, гӯё онҳоро якхела кунад.

Ҳифзи ҳуқуқҳо маҷмуи чораҳоеро дар назар дорад, ки ба татбиқи муқаррарии ҳуқуқҳоро имкон медиҳанд. Ба ҳифзи ҳуқуқҳо чораҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва сиёсиро дохил кардан мумкин аст, ки барои фароҳам овардани шароити муқаррарӣ барои татбиқи ҳуқуқҳо пешбинӣ шудаанд. Барқарорсозии ҳуқуқҳои вайроншуда ва ғайра метавонад ҳамчун чораҳои ҳуқуқӣ оварда шавад.

Барои ҷамъбасти гуфтаҳои боло, бояд гуфт, ки ҳифзи ҳуқуқҳо дар маънои маҳдуди калима метавонад ҳимояи ҳуқуқҳои маданӣ номида шавад.

**АДАБИЁТ**


1. Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 июли соли 2023 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 13.02.2024).
2. Басин Ю.Г. Основы гражданского законодательства о защите субъективных гражданских прав. Изд-во Сарат. юрид. ин-та. Саратов. Стр. 32-37, 1971.
3. Брагинский М.И. Возникновение гражданских прав и обязанностей, осуществление и защита гражданских прав // Комментарий части первой Гражданского кодекса Российской Федерации для предпринимателей. М.: Фонд «Правовая культура», 1995.
4. Грибанов В.П. Пределы осуществления и защиты гражданских прав / В.П. Грибанов. - М.: Статут, 2000.
5. Свердлык Г.А., Страунинг Э.Л. Понятие и юридическая природа самозащиты гражданских прав / Г.А.

Свердлык, Э.Л. Страунинг. - М. Государство и право, 2002.
6. Стоякин Г.Я. Меры защиты в советском гражданском праве: Дисс.: канд. юрид. наук. Свердловск, 1973.

**ХУДМУҲОФИЗАТКУНӢ ДАР ҲУҚУҚИ МАДАНӢ**

Дар мақола мафҳуми "худмуҳофизати ҳуқуқҳои маданӣ" васеътар буда, намудҳо, аломатҳои худмуҳофизатӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст, ки дар ин замина олимони рус ба монанди Г.А. Свердлик ва Э.Л. Страунинг ақидаҳои худро баён намудаанд. Мо баъзе асарҳои илмиро омӯхтем, мақолаҳои дигарро дар ин мавзуъ хондем ва ақидаҳоро дар бораи ин ё он нуқта ҷамъбаст карда, аҳаммияти ҳимояи ҳуқуқҳои вайроншударо таъкид кардем. Инчунин, дар мақола фарқияти мафҳумҳои "ҳифз" ва "ҳимояи" ҳуқуқҳои маданӣ оварда шудааст.

**КАЛИДВОЖАҲО**: худмуҳофизатии ҳуқуқҳо, ҳимояи ҳуқуқҳои маданӣ, роҳҳои ҳимояи ҳуқуқҳои маданӣ.

**САМОЗАЩИТА В ГРАЖДАНСКОМ ПРАВЕ**

В статье рассматривается понятие «самозащиты гражданских прав» более широко, даются виды, признаки самозащиты, которые выделяют Свердлык Г.А. и Страунинг Э.Л. Мы изучили некоторые научные произведения, прочитали статьи по данной теме и мнения разных ученых по тем или иным пунктам, и подчеркнули значение защиты нарушенных прав. Также в статье дается разницы понятий «охраны» и «защиты» гражданских прав.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** самозащита прав, защита гражданских прав, способы защиты гражданских прав.

**SELF-DEFENSE IN CIVIL RIGHTS**

The article examines the concept of "self-defense of civil rights" more broadly, gives the types and signs of self-defense that are highlighted by G. A. Sverdlyk. and Strauning E.L. We have studied some scientific works, read other articles on this topic and generalized opinions on certain points, emphasizing the importance of protecting violated rights. The article also provides a distinction between the concepts of «protection» and «defense» of civil rights.

**KEYWORDS:** self-defense of rights, protection of civil rights, methods of protection of civil rights.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Умедҷони Ҷамолиддин*** **–** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти факултети ҳуқуқшиносӣ. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон**: 902161717**. E-mail: **umedjon@gmail.com**

**Сведения об авторе:** ***Умеджони Джамолиддин*** **–** Таджикский национальный университет, магистрант юридического факультета. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон**: 902161717**. E-mail: **umedjon@gmail.com**

**Information about the author:** ***Umedjoni Jamoliddin*** **–** Tajik National University, master`s student of Faculty of Law. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phone**: 902161717**. E-mail: **umedjon@gmail.com**

# ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН — САРДОРИ ҲОКИМИЯТИ ИҶРОИЯ

***Дустова М.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Мавқеи Президенти ҷумҳурӣ дар низоми тақсимоти ҳокимият ва нақши ӯ дар татбиқи ҳокимияти иҷроия аз ҷумлаҳои муҳимтарини ҳаёти давлатию ҳуқуқии Тоҷикистони муосир ба ҳисоб меравад.

Дар ниҳоят, рушди босамари низоми сиёсӣ ва иҷтимоию иқтисодии кишвар, фаъолияти муътадили шохаҳои ҳокимияти давлатӣ ва тамоми унсурҳои давлатдорӣ аз хусусиятҳои дурусти ҳуқуқии он вобаста аст. Айни замон тамоми заминаҳо ба камол расидаанд, ки институти президентӣ ба як воситаи муассири ташкили идораи солим, таъмини ваҳдати миллӣ ва ваҳдати иҷтимоӣ дар Тоҷикистон табдил дода шавад.

Падидаи Президент ҳамчун сардори давлат дар тамоми мамлакатҳои муосир қисми ҷудонашаванда ва довари асосии механизми амалигардонии ҳокимияти давлатӣ ба ҳисоб меравад. Сардори давлат гуфта, шахси расмӣ (ё мақомот) дар назардошта мешавад, ки дар иерархияи ҳокимияти давлатӣ ҷойи олиро ишғол менамояд. Сардори давлат дар ҳаёти

сиёсии дохилӣ ва муносибат бо дигар давлатҳо намояндагии мамлакатро дар сатҳи олӣ амалӣ мегардонад ва аз номи давлати мустақил баромад мекунад.

Дар навбати худ, мавқеи президент дар ташкили ҳокимияти давлатӣ ва доираи ваколатҳои ӯ аз модели ҷумҳурӣ вобаста аст: президентӣ, нимпрезидентӣ (омехта) ё парлумонӣ. Илова ба тақсимот ба навъҳои анъанавии зикршуда, моделҳои ташкили дохилии ҳокимияти иҷроия ва ҳамкорӣ бо президент фарқ мекунанд: амрикоиҳо, аврупоӣ (франсавӣ), осиёӣ, африқоӣ, инчунин навъҳои сирф миллӣ, масалан, эронӣ.

Вазъи ҳуқуқии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун сардори хокимияти иҷроия бо маҷмуи меъёрҳои ҳуқуқӣ муайян карда мешавад, ки ваколатҳои ӯро дар соҳаи идоракунии давлатӣ муттаҳид намуда, бевосита аз боби IV Конститутсияи кишвар бармеояд. Зимнан, ҳангоми баҳодиҳии ҳуқуқӣ ба мавқеи Президент бояд ба як нуктаи муҳим таваҷҷуҳ кард. Конститутсияи Тоҷикистон Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба яке аз шохаҳои ҳокимияти давлатӣ – ҳокимияти иҷроия вогузор кардааст. Дар баробари ин, таҳлили меъёрҳои конститутсионӣ нишон медиҳад, ки хусусияти ҳуқуқии ин мавқеъ ҳеҷ ваҷҳ бо доираи ҳокимияти иҷроия маҳдуд намегардад ва дар асл сифатҳои умумибашарӣ пайдо мекунад.

Президенти ҷумҳурӣ дар соҳаи ҳокимияти судӣ салоҳиятҳои муайян дорад, масалан, ҳуқуқи афв, таъин ва озод кардани судяҳои маҳаллӣ, пешниҳоди номзадҳо ба интихоби судяҳои Суди конститутсионӣ, Суди Олӣ ва Суди Олии иқтисодӣ.

Умумӣ будани салоҳиятҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон баъзан олимони кишварро ба хулосаҳои хеле баҳснок водор мекунад. Ҳамин тариқ, дар адабиёти ҳуқуқии ватанӣ дуруст қайд карда мешавад, ки институти президент ҳамчун «намоишдиҳандаи ягонагии давлат» амал мекунад ва ҳамзамон чунин мавқеъ пешбарӣ шудааст, ки дар низоми ҳокимияти давлатӣ «арбитри миллӣ». Бо ин вазъият розӣ шудан душвор аст, зеро дар Тоҷикистон тибқи Конститутсия, тавре зикр гардид, тақсимоти классикии қудрат ҷорӣ шудааст, ки дар он Президент бевосита ба яке аз шохаҳои он – ҳокимияти иҷроия сарварӣ ва намояндагӣ мекунад. Илова бар ин, набояд фаромӯш кард, ки Президенти Тоҷикистон салоҳияти пароканда кардани парлумонро надорад, ки хоси вазифаи ҳакамӣ мебошад.

Между тем, анализируя п. 2 ст. 192 ГК, необходимо помнить, что правовая норма часто не совпадает с синтаксической единицей текста статьи или пункта нормативного акта. Предписание п. 2 ст. 192 ГК предусматривает, по существу, две юридические ситуации: 1) по недействительной сделке передана вещь, и она находится во владении другой стороны, и 2) переданная по недействительной сделке вещь не сохранилась в натуре либо предоставление по сделке выразилось в пользовании имуществом, выполнении работы или оказании услуги. Описание этих ситуаций (явно выраженное или подразумеваемое) образует соответственно гипотезы двух различных правовых норм, на основании которых при наступлении предусмотренных данными гипотезами юридических фактов возникают самостоятельные притязания. Первое из них направлено на восстановление утраченного владения вещью, второе служит охране интереса стороны недействительной сделки в восстановлении ее имущественного состояния. Осуществление и того и другого принято называть одним термином – «реституция», хотя между ними имеется существенная разница, подобная той, что отличает виндикационное притязание от заменяющего его в случае гибели вещи требования о возмещении убытков. Совершенно очевидно, что при утрате имущества его истребование (по крайней мере, из владения ответчика) становится невозможным, а, следовательно, и притязание, направленное на возврат этого имущества, как бы оно ни называлось, прекращает свое существование, а не «преобразуется» в какое-либо другое требование. Не составляет в этом плане исключения и вещный иск. Хотя он, как принято выражаться, и «следует» за вещью, осуществляемое с его помощью притязание (право требования) всегда относительно: направленное против

конкретного лица, оно прекращается и вновь возникает всякий раз, как только вещь оказывается у нового незаконного владельца.

Таким образом, природа реституционных правоотношений различна в зависимости от того, на какой объект направлено притязание стороны недействительной сделки. Следовательно, реституция не может конструироваться как единое по содержанию правовое средство. Являясь собирательной категорией, данный термин обозначает различные средства защиты, предоставляемые сторонам недействительной сделки для истребования, переданного ими друг другу имущества или компенсации его стоимости в деньгах. Исходя из этого, реституционные обязательства можно подразделить на две группы: 1) обязательства, направленные на возврат переданной по сделке и сохранившейся в натуре индивидуально-определенной вещи (реституция владения), и 2) обязательства, направленные на возмещение стоимости полученного по сделке в деньгах (компенсационная реституция).

**ЛИТЕРАТУРА**


1. Гражданский Кодекс Республики Таджикистан. // Централизованная информационно-правовая база данных Республики Таджикистан «Юстиция». Форма 7.0. [Электронный ресурс]. Источник доступа: URL: http://www.adlia.tj (дата обращения: 10.12.2023).
2. Витринский В.В. Недействительность сделок в арбитражно-судебной практике. // Гражданский Кодекс Р.Ф: Проблемы. Теория. Практика. М. 1998-138с.
3. Райхер В.К. Абсолютные и относительные права / В.К. Райхер. - 1928.
4. Иоффе О. С. Обязательственное права //М-Юрид.лит. 1975-880с.
5. Тузов Д.О. Теория недействительности сделок: опыт российского права в контексте европейской правовой традиции- М.// Статут 2007- 602 с.
6. Тузов Д.О. Реституция и виндикация: проблемы соотношения//Вестник ВАС Р.Ф. Т-2002. №3.
7. Тузов Д.О. Реституция и реституционное правоотношения в гражданском праве России // Цивилистическое исследование. Вып. 1 М-2004.
8. Скловский К. И. Сделка и ее действие. //Комментарий главы 9 ГК РФ. М-2 М- Статут 2015.
9. Гражданское право: в 4 т. Т.1: Общая часть \\ Отв. ред. Е.А. Суханов. (автор главы В.С.Ем.). М- Статут 2019-576с.
10. Коментарии к первой части Гражданского Кодекса Р.Т. М.А. Махмудов, Ш.Т. Тагойназаров, И.Х. Бобочонов, Ш.К. Бадалов. Душанбе-2010.


## МАФҲУМ ВА ТАБИАТИ ҲУҚУҚИИ РЕСТИТУТСИЯ


Яке аз воситаҳои ҳуқуқии таъмини талаботи қонуният ва тартиботи ҳуқуқие, ки аз ҷониби мақомоти давлатӣ бо мақсади ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии шахсони воқеӣ, шахсони ҳуқуқӣ ва манфиатҳои ҷамъият дар соҳаи танзими инфиродии муносибатҳои ҳуқуқи граждані мукарар шудааст, институти аҳдҳои беэътибор мебошад, ки асоси он беэътибор донистани аҳдҳое, ки ба принсип ва меъёрҳои ҳуқуқи гражданӣ мухолифанд.



**КАЛИДВОЖАҲО:** реститутсия, ҳуқуқи уҳдадорӣ, ҳуқуқи ашёӣ, аҳди беэътибор, “реститутсияи дутарафа”, даъвои кондиксионӣ.


## ПОНЯТИЕ И ПРАВОВАЯ ПРИРОДА РЕСТИТУЦИИ


Одним из правовых средств обеспечения требований правопорядка установленных публичной властью в целях охраны прав и законных интересов частных лиц интересов общества в сферах индивидуального регулирования гражданских правоотношений выступает институт недействительности сделок в основе которого лежит непризнание юридической силы за такими актами, вступающими в противоречие с принципами и нормами гражданского права, обеспечивающими необходимый правопорядок в обществе и государстве.



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** реституция, обязательственные право, вещное право, недействительная сделка, «двусторонняя реституция», кондикционный иск.


## THE CONCEPT AND LEGAL NATURE OF RESTITUTION


One of the legal means of ensuring the requirements of the legal order established by the public authorities in order to protect the rights and legitimate interests of individuals, the interests of society in the spheres of individual regulation of civil legal relations is the institution of invalidity of transactions, which is based on the non-recognition of the legal force of such acts that contradict the principles and norms of civil law that ensure the necessary legal order in society and the state.



**KEYWORDS**: restitution, law of obligations, property law, invalid transaction, "bilateral restitution", conducting claim.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Ёрмаҳмадзода Меҳрубон Назаралӣ*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти факултети ҳуқуқшиносӣ. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **919227076.**

**Сведения об авторе:** ***Ёрмахмадзода Мехрубон Назарали*** – Таджикский национальный университет, магистрант юридического факультета. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **919227076.**

**Information about the author:** ***Yormahmadzoda Mehrubon Nazarali*** – Tajik National University, master`s student of the Faculty of Law. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phone: **919227076.**

## ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИ РАҚОБАТ ВА ИНҲИСОРӢ ДАР ФАЪОЛИЯТИ СОҲИБКОРӢ

***Калонова М.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Моҳияти иқтисоди бозориро рақобати субъекҳои фаъолияти соҳибкорӣ ташкил медиҳад. Рақобат дар бозор танҳо дар ҳамон ҳолате ҷой дошта метавонад, ки моли ба талабот ҷавобгӯй мавҷуд бошад ва молистеҳсолкунанда онро дар рақобат бо дигар молистеҳсолкунанда истеҳсол карда бошад. Танзими хуқуқии муносибатҳои рақобатӣ дар бозори мол бо низоми санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ амалӣ карда мешавад. Асоси онро нишондоди м. 12 Конститутсия дар бораи кафолати фаъолияти озоди иқтисодӣ, сохибкорӣ ташкил медиҳад. Рақобат аз тарафи қонунгузории зиддиинҳисорӣ ба танзим дароварда мешавад. Асосҳои ташкил ва хуқуқии рақобат дар бозори мол тибқи Қонуни ҶТ аз 30 майи соли 2017 «Дар бораи ҳимояи рақобат» ба танзим дароварда мешавад. Яке аз мақсадҳои асосии қонуни мазкур таъмини шароит барои барпо намудан ва самарабахш фаъолият кардани бозори мол мебошад. Калимаи «рақобат» аз калимаи лотинии «concurrentia» (аз concurrere) гирифта шуда, маънои «бархӯрдан»-ро дорад. Рақобат зуҳуроти бисёрмаъне мебошад. Дар фаҳмиши умумӣ рақобат маънои «рақиб», мусобиқаи одамон, гурӯҳҳо ва ташкилотҳо оид ба ноил шудан ба натиҷаи беҳтар дар ягон соҳаи муайян мебошад.

Рақобат ҳамчун низоми муносибатҳои иқтисодӣ бо воситаи ҳуқуқ ба танзим даровардa мешавад. Баъзе вақт дар адабиёти хуқуқӣ ин маҷмуи меъёрҳои ҳуқуқиро ҳуқуқи рақобат низ ном мебаранд. Чунин ҳисоб менамоем, ки рақобат дар мувофиқоии манфиати хусусии субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ ва манфиати давлатӣ (оммавӣ) зоҳир мегардад. Дар м. 2 қонун дар бораи ҳимояи рақобат омадааст, ки рақобат мусобиқаи озоди субъектҳои хоҷагӣ буда, дар он амали мустақилонаи ҳар яки онҳо, имконияти таъсиррасонии яктарафаи ҳар кадоми онҳоро ба шароитҳои умумии муомилоти мол дар бозори мол (кор, хизматрасонӣ)-и дахлдор самаранок маҳдуд менамояд.

Нақши муҳимро дар танзими давлатии фаъолияти соҳибкорӣ танзими зиддиинҳисорӣ иҷро менамояд. Дар асоси гузаронидани сиёсати зиддиинҳисорӣ ба воситаи амалӣ намудани назорати давлатӣ аз болои мутамарказикунонии сармоя сохторҳои инҳисорӣ вайрон карда шуда, муҷозотҳои (ҷаримаҳои) молиявӣ татбиқ ва сохторҳои инҳисорӣ (монополистӣ) тақсим карда мешаванд. Мақсади сиёсати зиддиинҳисории давлат аз байн бурдани сохторҳои инҳисории ба механизми бозорӣ таъсири харобиовар расонанда ва онро ба манфиати худ истифодабаранда мебошад. Ҳамин тавр, қонунгузории зиддиинҳисорӣ ҷараёни инҳисорикунонӣ ва ҷамъкунии сармояро маҳдуд намекунад, балки танҳо ба баъзе шаклҳои ба ҳамин ҷараён вобастабуда таъсир мерасонад.

Субъектони ҳуқуқи рақобат ин иштирокчиёни мусобиқаи озод дар бозори мол мебошанд. Вобаста аз намуди бозор, хусусияти фаъолияти соҳибкорӣ ва шаклҳои ташкилию ҳуқуқии корхона қонунгузорӣ субъектони хоҷагидор ва ташкилотҳои қарзиро аз ҳам ҷудо мекунад. Субъектҳои хоҷагидор- шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие, ки фаъолияти хоҷагидориро ба амал мебароранд. Ба ҳайати субъектони хоҷагидор 3 гурӯҳи соҳибкорон новобаста аз ҷойи бақайдгирияшон дохил карда мешаванд:

1) ташкилотҳои тиҷоратӣ;

2) ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ, ки фаъолияти соҳибкориро ба амал мебароранд;

3) соҳибкории инфиродии бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ.

Аз ин рӯ, худтанзимнамоиро бояд дуруст намуд ва бо чораҳои таъсиррасонии мақсадноки низоми иқтисодӣ пурра сохт, ки мақсади он кам кардани омилҳои манфии дар бозор бамиёноянда мебошад. Чунин таъсиррасонӣ бо ёрии танзими давлатии иқтисодиёт амалӣ мегардад ва яке аз намудҳои он танзими рақобат мебошад. Таъиноти ин танзимнамоӣ дар мувозинат қарор додани рақобат, пешгирӣ ва бартарафсозии амали зиддиҳуқуқии субъектони раванди иқтисодӣ мебошад, ки ба механизми мубориза рақобатнок халал мерасонанд. Танзими меъёрӣ дар муқаррар намудани қоидаҳои рафтори субъектони хоҷагидор ва назорат аз болои фаъолияти онҳо дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ифода меёбад. Дар баробари ин танзимнамоии мақсаднок дар он инъикос мегардад, ки аз ҷониби давлат мақомоти махсус таъсис дода мешавад ва он ваколатдор мегардад, ки таъсиррасонии мусбӣ ва манфиро дар бозор назорат намояд, дар мавриди ҳуқуқвайронкунӣ нисбати субъекти хоҷагидор чораҳои дахлдор андешад.

Истилоҳи "инҳисор" дар адабиёти ҳуқуқӣ барои тавсифи мавқеи ҳукмронии субъектихоҷагӣ дар бозор ё ваколати махсус (имтиёз, ҳуқуқ)-и субъекти соҳибкорӣ барои анҷом додани ягон намуди фаъолияти соҳибкорӣ дар бозор истифода бурда мешавад.

Рақобати бевиҷдонона-ҳама гуна амали субъектҳои хоҷагидор, ки барои ба даст овардани афзалият дар фаъолияти соҳибкорӣ равона шудааст ва хилофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад ва метавонанд ба дигар субъектҳои хоҷагидорӣ-рақибон зарар расонад ё расонидааст ё обрӯи кории онҳоро паст мегардонад. Нишонаҳои рақобати бевиҷдонона чунин мебошанд:

- он барои ба даст овардани бартарият дар фаъолияти соҳибкорӣ равона гардидааст;
- мухолиф ба талаботи қонунгузории зиддиинҳисорӣ мебошад;
- ба субъектҳои хоҷагидор зарар расонидааст ё метавонад зарар расонад ё обрӯи кории онҳоро паст мегардонад.

Тибқи қ. 1 моддаи 14 Қонун дар бораи ҳимояи рақобат ба мақомоти давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот қабул намудани санад ё ба анҷом расонидани амалҳое, ки мустақилияти субъектҳои хоҷагиро маҳдуд месозанд, шароити табъизӣ ё баръакс, имконияти мусоидро барои фаъолияти субъектҳои хоҷагии алоҳида фароҳам меоранд, манъ аст, агар натиҷаи ин санад ва амалиёт боиси роҳ надодан, бартараф намудан ва маҳдудшавии рақобат, халалдор намудани манфиатҳои субъектҳои хоҷагидор ё шаҳрвандон гардидааст ё метавонад гардад. Танзим ва назорати субъектҳои инҳисороти табиӣ аз ҷониби мақомоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода мешавд.

Тибқи банди 1 моддаи 4 Қонун инҳисори табиӣ – ҳолати бозори мол (кор, хизматрасонӣ), ки ҳангоми он ташкил кардани шароити рақобатнок барои қонеъ гардонидани талабот ба намудҳои муайяни молҳо (корҳо, хизматрасониҳо) ғайриимкон аст ё ин амал бо назардошти хусусиятҳои хоси технологии истеҳсолот (бинобар хеле кам шудани хароҷот ба воҳиди мол вобаста ба афзоиши ҳаҷми истеҳсолот) аз нигоҳи иқтисодӣ матлуб намебошад.

Доира ва шумораи инҳисори давлатӣ зудивазшаванда мебошад. Ҳамчун қоида дар муҳлати вақти муайян амал менамоянд. Субъектҳои хоҷагӣ, субъекти инҳисорӣ давлатӣ шуда наметавонанд.

Ҳамин тавр инҳисороти табиӣ ҳолати бозори моле (кор, хизмат) мебошад, ки дорои нишонаҳои зерин аст:

1) ҳангоми мавҷуд будани он ташкил кардани шароити рақобатнок барои қонеъ гардонидани талабот ба намудҳои муайяни молҳо (корҳо, хизматрасониҳо) ғайриимкон мебошад.

2) ё ин амал бо назардошти хусусиятҳои хоси технологии истеҳсолот (бинобар хеле кам шудани хароҷот ба воҳиди мол вобаста ба афзоиши ҳаҷми истеҳсолот) аз нигоҳи иқтисодӣ матлуб намебошад.

Таснифи фаъолияти инҳисорӣ ба намудҳо одатан вобаста ба шумораи иштирокчиёни ин фаъолият ва хусусиятҳои сифатии он амалӣ карда мешавад. Вобаста ба ин дар амалия фаъолияти зиддирақобатии фардӣ ва созишномавӣ (коллективи)-ро аз ҳам ҷудо мекунанд. Фаъолияти инфиродии инҳисорӣ дар истифодабарии ҳолати ҳукумфармоии худ аз ҷониби субъекти хоҷагидор дар бозор ифода мегардад. Одатан барои ин амал шартнома истифода бурда мешавад. Фаъолияти колективии инҳисорӣ – фаъолияти ташкилию хоҷагидорӣ аст, ки мақсадаш таъсис додани сохторҳои гуногуни инҳисории ҳукумфармо дар бозор мебошад. Яке аз шаклҳои он созишномаҳои дорои хислати маҳдудсозӣ мебошад. Дар ин маврид маслиҳати пешакии субъектон барои муқаррар намудани нарх, таъсири бевосита ба рушди нарх, муомилоти иттилоот ва ғайра аст.

Бояд қайд намоем, ки ба ҳайси субъекти инҳисори табиӣ – субъекти хоҷагидоре (шахси ҳуқуқӣ), ки ба истеҳсоли (фурӯши) молҳо, иҷрои кор ва (ё) хизматрасонӣ ба истеъмолкунандагон дар шароити инҳисори табиӣ машғул аст, баромад менамояд. Қонуни мазкур фаъолияти субъектҳои инҳисори табииро дар соҳаҳои хизматрасонӣ дар мавриди истеҳсол, ҳамлу нақли нафт ва маҳсулоти нафтӣ тавассути қубурҳои магистралӣ; истеҳсол, харид ва интиқоли гази табиӣ тавассути қубурҳои магистралӣ ва (ё) тақсимкунанда, истифодаи дастгоҳҳои газтақсимкунанда ва қубурҳои газгузаронии ба онҳо вобаста; истеҳсол, интиқол ва (ё) тақсими неруи барқ ва (ё) гармӣ; ҳамлу нақл тавассути роҳи оҳан; терминалҳои нақлиёт, фурудгоҳҳои ҳавоӣ ва аэронавигатсия; алоқаи барқӣ, почта ва телекоммуникатсия бо истифодаи хатҳои шабакаҳои маҳаллӣ; хоҷагии об ва (ё) системаи канализатсия ва ҳамлу нақл тавассути роҳҳои ҳавоӣ дар самтҳои маҳаллӣ ( м. 5) ба танзим медарорад.

Назорат ва танзими давлатии рақобат ба ду гурӯҳ - бевосита ва бавоситаҷудо мешавад. Назорати бавосита низоми имтиёзҳо ва андоз, сиёсати махсуси нарх, танзими шуғли аҳолӣ, тайёрии касбӣ ва азнавтайёркунӣ, таъмини иттилоот ва таъсис додани инфрасохтори инкишофёфтаро дар бар мегирад. Ба назорат ва танзими бевоситаи давлатӣ инҳо дохил мешаванд: назорати молиявӣ, экологӣ, санитарӣ ва сӯхторӣ, инчунин назорат ба сифат ва сертификатонии маҳсулот.

Танзимнамоии меъёрӣ ба воситаи маҷмуи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ амали мегардад, ки онҳро ба ду гурӯҳ ҷудо намудан мункин аст:

1) қонунгузории зиддиинҳисорӣ;

2) дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва санадҳои тавсиявӣ дар бораи рақобат.

Қонунгузории зиддиинҳисорӣ танзимкунандаи муносибатҳои байни субъектони фаъолияти соҳибкорӣ ва байни ин субъектону давлат дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Қонунгузории зиддинҳисорӣ чунин санадҳоро дарбар мегирад:

- Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ қабул шудаанд;
- санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон;
- қонунҳои конститутсионӣ;
- кодексҳо, қонунҳо;
- қарорҳои якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- қарорҳои Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- фармоишҳои вазоратҳо ва дигар мақомоти давлатӣ, инчунин қарорҳои кумитаҳои давлатӣ;
- қарорҳои Маҷлисҳои вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо ва шаҳри Душанбе;
- қарорҳои раисони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо ва шаҳри Душанбе;
- қарорҳои Маҷлисҳои вакилони халқи шаҳрҳо ва ноҳияҳо;

- қарорҳои раисони шаҳрҳо ва ноҳияҳо;

- қарорҳои мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот;

- танзими нархе, ки ба воситаи муайян ва тасдиқ намудани тарифҳо ва ё сатҳи ниҳоии онҳо амалӣ мегардад;

- муайян намудани истеъмолкунандагоне, ки хизматрасонӣ ба онҳо ҳатмист ва таъмини ҳадди ақали хизматрасонӣ ба онҳо дар сурати мавҷуд набудани имконияти қонеъ гардонидани тамоми талабот ба моли (кори, хизматрасонии) аз ҷониби субъектҳои монополияи табиӣ истеҳсолшаванда (фурӯхташаванда) бо назардошти зарурати ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандон.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи рақобат ва маҳдудкунии фаъолияти инҳисорӣ дар бозорҳои мол" 28 июли соли 2006, № 198 қабул гардида, асосҳои ташкиливу ҳуқуқии маҳдудкунӣ ва қатъ кардани фаъолияти инҳисорӣ ва рақобати бевиҷдононаро муайян намуда, барои барпо намудан ва самарабахш амал кардани бозорҳои мол шароит муҳайё менамояд. Қонуни мазкур аз 7 боб ва 28 модда иборат аст. Қонуни мазкур муносибатҳоеро фаро мегирад, ки ба рақобат дар бозорҳои молии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсир мерасонанд.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи савдо ва хизматрасонии маишӣ" 19 марти соли 2013, № 943 қабул гардидааст, ки муносибатҳои ҷамъиятиро оид ба ташкил, танзим ва назорати савдо ва хизматрасонии маишӣ, инчунин фароҳам овардани шароити зарурӣ барои савдо ва хизматрасонии маишӣ бо мақсади қонеъ гардонидани талаботи истеъмолкунандагон ба мол, иҷрои корҳо ва хизматрасонии маишӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд.

Низомнома оид ба тартиби ба мақомоти ваколатдори амаликунандаи сиёсати зиддиинҳисорӣ пешниҳод намудани дархост ва огоҳинома тибқи талаботҳои моддаҳои 15 ва 16-и қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи рақобат ва маҳдудкунии фаъолияти инҳисорӣ дар бозорҳои мол" аз 26 июли соли 2011, №85. Низомномаи мазкур дар асоси талаботҳои моддаҳои 13, 15 ва 16-и қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи рақобат ва маҳдудкунии фаъолияти инҳисорӣ дар бозорҳои мол", бо мақсади такмили назорати муттаҳидшавии иқтисодӣ, амиқ муайян намудани параметрҳои сиёсати иқтисодӣ барои гузаронидани фарқият байни рақобати мусоидкунанда ва муттаҳидшавии иқтисодии зиддирақобат, аз он ҷумла ҳангоми таъсисдиҳӣ, азнавташкилкунӣ ва барҳамдиҳии субъектҳои хоҷагидор, хариди саҳмияҳои (ҳиссаҳои) дорои ҳуқуқи овоз дар сармояи оинномавии субъектҳои хоҷагидор таҳия шудааст.

Мақомоти ваколатдор қарорро оид ба истифодаи усулҳои дар Қонун пешбинишудаи танзим нисбати субъекти мушаххаси монополияи табиӣ дар асоси таҳлили фаъолияти он, бо назардошти таъсири усули интихобшаванда ҳамчун омил барои баланд бардоштани сифати молҳои (корҳои, хизматрасониҳои) истеҳсолшаванда (фурӯхташаванда) ва ҳамчунин барои қонеъ гардонидани эҳтиёҷот нисбат ба онҳо қабул мекунад ва ҳамзамон, ба асоснокии хароҷот баҳо дода, ҳолатҳои зеринро ба инобат мегирад:

- хароҷоти истеҳсоли (фурӯши) молҳо (корҳо, хизматрасониҳо), аз ҷумла музди меҳнат, арзиши ашёи хом ва маҳсулот, хароҷоти иловагӣ;

- андозҳо ва пардохтҳои дигар;

- арзиши воситаҳои асосии истеҳсолӣ, талабот ба сармоягузорӣ барои азнавистеҳсолкунии онҳо зарурбуда ва ҳисобҳои истеҳлокӣ (амортизатсионӣ);

- фоидаи пешбинишаванда дар мавриди фурӯши молҳо (корҳо, хизматрасониҳо) аз рӯйи тарифҳои гуногун;

- дурии гурӯҳҳои гуногуни истеъмолкунандагон аз маҳалли истеҳсоли молҳо;

- мутобиқати сифати молҳои (корҳои, хизматрасониҳои) истеҳсолшаванда (фурӯхташаванда) ба талаботи истеъмолкунандагон.

Дар мавриди Қабули қарор дар бораи истифодаи усулҳои танзими фаъолияти субъекти мушаххаси монополияи табиӣ мақомоти ваколатдор уҳдадор аст, ки иттилооти аз ҷониби шахсони манфиатдор дар бораи фаъолияти субъекти монополияи табиӣ пешниҳод гардидаро баррасӣ намояд.

Ба вазифаҳои мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ дохил мешаванд:

-пешгирӣ, маҳдудкунӣ ва қатъ намудани фаъолияти инҳисорӣ ва рақобати бевиҷдонона;

-мусоидат ба ташаккули муносибатҳои бозоргонӣ дар асоси рушди рақобат ва соҳибкорӣ;

-назорати давлатӣ ба риояи қонунгузории зиддиинҳисорӣ.

Мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ функсияҳои асосии зеринро иҷро менамояд:

-оид ба ғайриинҳисорӣ кардани истеҳсол ва муомилоти мол чораҳо меандешад;

-иҷрои қонунгузории зиддиинҳисориро ҳангоми таъсис, азнавташкилкунӣ ва барҳамдиҳии субъектҳоихоҷагидор назорат менамояд;

-хариди саҳмияҳои (ҳиссаҳои) дорои ҳуқуқи овозро дар сармояи оинномавии субъектҳои хоҷагидор, ки метавонад боиси ҳукмфармоии субъектҳои хоҷагидор дар бозорҳои мол гардад ё ба маҳдудияти рақобат оварда расонад, назорат менамояд;

-ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои такмили оид ба қонунгузории зиддиинҳисорӣ ва истифодаи амалии он таклифҳо пешниҳод менамояд ва лоиҳаи қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии вобаста ба кори бозор ва инкишофи рақобат хулоса мебарорад;

-ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ оид ба гузаронидани тадбирҳои барои инкишофи бозорҳои мол ва рақобат мусоидаткунанда тавсияҳо медиҳад.

Хамин тавр, танзими ҳуқуқи ракобат ва инхисорӣ дар фаъолияти сохибкорӣ бо конунгузории милли ва байналмилалӣ ба танзим дароварда шуда, дар фаъолияти соҳибкорӣ накши махсусро мебозад.

**АДАБИЁТ**


1. Монополизм и антимонопольная политика. / Отв. ред. А. В. Барышева М., 1994.
2. Раҳимов М.З. ҳуқуқи соҳибкорӣ: Қисми 1 / М.З. Раҳимов. Душанбе: Деваштич, 2002. - 253 с.
3. Рахимов М.З. Правовые проблемы достижения конечного результата предпринимательской деятельности / М.З. Рахимов. – Душанбе: «Сино», 1998. – 176 с.
4. Раҳимов М.З., Каримов А. Қ. Тафсири Қонуни ҶумҳурииТоҷикистон «Дар бораи рақобат ва маҳдудкунии фаъолияти инҳисорӣ дар бозорҳои мол» / М.З. Раҳимов, А.қ. Каримов. - Душанбе, «Шуҷоиён», 2011, 184 саҳ.
5. Сангинов Д.Ш. ҳуқуқи соҳибкории Ҷумҳурии Тоҷикистон (матни лексия): Воситаи таълимӣ// Душанбе: «ЭР-граф», 2014. - 500 саҳ.
6. Танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. / д.и.ҳ.. проф. Исмоилов Ш.М. – Душанбе: «Деваштич», 2007
7. Тафсири Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣдар Ҷумҳурии Тоҷикистон »/ Зери таҳрири номзади илмӣои ҳуқуқ, дотсент Сангинов Д.Ш. Душанбе: “Эр-граф”, 2012. – 152 с.
8. Сангинов Д.Ш. Предпринимательское право Республики Таджикистан. Учебное пособие / Д.Ш. Сангинов. - Душанбе: «ЭР-граф», 2013. - 500с.
9. Сангинов Д.Ш. Предпринимательское право Республики Таджикистан. Учебное пособие. Второе издание с изменениями и дополнениями / Д.Ш. Сангинов. - Душанбе: «ЭР-граф», 2013. - 600с.
10. Сангинов Д.Ш. Фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқи соҳибкорӣ(бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ) / Воситаи таълимӣ. Душанбе. 2013. 256 саҳ.
11. Қонун ҶТ "Дар бораи инҳисороти табиӣ" аз 18 07.2017.


**ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИ РАҚОБАТ ВА ИНҲИСОРӢ ДАР ФАЪОЛИЯТИ СОҲИБКОРӢ**


Дар мақола паҳлуҳои гуногуни фаҳмиши танзими ҳуқуқи рақобат ва инҳисорӣ таҳлил карда мешавад. Дар замони имрӯза фаъолияти соҳибкорӣ дар муносибатҳои танзими ҳуқуқи рақобат ва инҳисор масъалаҳои мубрами илми ҳуқуқшиносӣ ва амалияи ҳуқуқӣ мебошад, ки дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, аз ҷумла қонунҳои ҷорӣ бевосита зикр мегардад ва ба танзим дароварда мешавад.

**КАЛИДВОЖАҲО**: фаъолияти сохибкори, ракобат, химояи ракобат, махдудкуни, хизматрасонии бонки, инхосор, инхисори табии, монополия.


**РЕГУЛИРОВАНИЕ ПРАВА КОНКУРЕНЦИИ И МОНОПОЛИИ В ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСКОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ**


В статье анализируются различные аспекты понимания регулирования конкурентного и монополистического права. В настоящее время предпринимательская деятельность в отношениях по регулированию права и конкуренции является актуальным вопросом правовой науки и правовой практики который прямо упоминается и регулируется в нормативных правовых документах, в том числе в действующих законах.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА**: предпринимательская деятельность, конкуренция, защита конкуренции, ограничения**,** банковские услуги, монополия, естественная монополия, монополия.

**REGULATION OF THE LAW OF COMPETITION AND MONOPOLY IN BUSINESS ACTIVITY**

The article analyzes various aspects of understanding the regulation of competition and monopoly law. Currently, entrepreneurial activity in relations to regulate law and competition is a pressing issue of legal science and legal practice, which is directly mentioned and regulated in regulatory legal documents, including in current laws.

**KEYWORDS:** entrepreneurial activity, competition, protection of competition, restrictions, banking services, monopoly, natural monopoly, monopoly.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Калонова Маъмурахон*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти факултети ҳуқуқшиносӣ. **Суроғa**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **106707017.**

**Сведения об авторе:** ***Калонова Маъмурахон*** – Таджикский национальный университет, магистрант юридического факультета. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **106707017.**

**Information about the author:** ***Kalonova Ma`murakhon*** – Tajik National University, master`s student of the Faculty of Law. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phone: **106707017.**

# КАФОЛАТИ СИФАТИ МОЛ, КОР ВА ХИЗМАТ

***Шодиева Т.Н.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Мутобиқи қ.1 м. 506 КГ ҶТ моле, ки фурӯшанда уҳдадор аст ба харидор диҳад, дар мавриди супоридани он, агар дар шартномаи хариду фурӯш тартиби дигари муайян кардани мутобиқати молҳо ба ин талабот пешбинӣ нагардида бошад, бояд ба талаботи пешбининамудаи м.505 КГ ҶТ мутобиқ бошад.

Мафҳуми уҳдадории кафолат ва муҳлати кафолат ҳамчун яке аз шартҳои мавҷудияти он муддати зиёд диққати муҳаққиқонро ҷалб кардааст. Диққати махсусро табиати ҳуқуқии уҳдадориҳои кафолат ҷалб менамояд, ки як қисми муаллифон онро ба тарзҳои таъмини уҳдадорӣ ворид мекунанд, қисми дигарашон бошанд ҳамчун тарзҳои ҳимояи ҳуқуқҳои граждании ва манфиатҳои қонунӣ маънидод мекунанд.

Е.А. Суханов ва А.Е. Шерстобитов дар робита ба ин масъала қайд менамоянд, ки нақши функсионалии уҳдадории кафолат дар қобилияти танзими иҷрои дахлдори хариду фурӯш ифода мегардад. Дар робита бо ин, ин хусусияти иловагӣ дорад ва таъминкунанда мебошад.

Дар адабиёти соҳа нуқтаи дигаре низ мавҷуд аст, ки тибқи он кафолати сифат яке аз намудҳои таъмини иҷрои уҳдадории маҳсулотсупор (фурӯшанда) ҷиҳати расонидани моли дахлдор аз рӯйи сифати объекти шартномаи маҳсулотсупорӣ ё хариду фурӯш мебошад.

С.Д. Покревская қайд менамояд, ки "шарт оид ба муҳлати кафолатӣ дар шартномаи хариду фурӯши чакана ин шарт оид ба сифати объекти шартнома оид ба масъулияти фурӯшанда барои сифати мавзуи шартнома, оид ба муҳлате, ки дар давоми он фурӯшанда барои дарёфти нуқсонҳои пинҳонии ашё, ки бо муҳлати кафолат фурӯхта шудааст, масъулият дорад.

Шарти шартнома ё талаботи қонун оид ба муҳлат, ки дар давоми он бояд сифати дахлдори мол таъмин карда шавад, бевосита ба объекти шартнома моле, ки бояд дода шавад, ё аллакай ба харидор дода шудааст, ворид мешавад.

Дар ҳолати вайрон кардани хусусиятҳои сифатӣ дар давоми муҳлати муайянгардида, харидор ҳуқуқи вайроншударо метавонад ҳимоя намояд. Дар ин ҳолат зарурати таҳия намудани уҳдадориҳои махсус, иловатан ба уҳдадориҳои асосӣ ба назар намерасад. Ин гуна уҳдадорӣ ҳамчун тарзи ҳимоя наметавонад таҷдид шавад, зеро дар вақти додани кафолат ҳуқуқ ба ҷуброни зарар вуҷуд надорад.

Новобаста ба гуногунандешии олимони соҳа вобаста ба масъалаи мазкур кафолати сифатро ҳамчун тарзи таъмини иҷрои уҳдадорӣ эътироф намудан баҳсталаб боқӣ мемонад.

А.В. Гридин чунин мешуморад, ки кафолати сифат ба муҳлат (аз ҷониби истеҳсолкунанда, фурӯшанда, пудратчӣ ё иҷрокунанда) ин масъулияти иловагӣ аз рӯйи сифат бо муҷозоти мустақил барои иҷро накардани он мебошад.

Иҷрои уҳдадории таъмини сифатро таҳқиқ намуда, қайд намудан лозим аст,ки уҳдадории кафолат ба қоидаи ҳуқуқи уҳдадорӣ тобеъ аст ва бояд аз рӯйи асосҳои ба вуҷуд омадан, қатъ гаштан ва аз рӯйи мазмуни он маънидод карда шавад. Албатта, уҳдадории кафолат аз уҳдадории хариду фурӯш (пурат, хизматрасонӣ), бармеояд ва он фарқияти асосии онҳоро, ки дар вақти муқоисаи ҳама унсурҳои муносибатҳои ҳуқуқӣ ифода мегардад, истисно намекунад. Ба туфайли уҳдадории хариду фурӯш, фурӯшанда уҳдадор аст, ки молро ба моликияти тарафи дигар (харидор) супорад, харидор бошад, уҳдадор мешавад, ки ин молро қабул намуда, ба он маблағи муайяни пулӣ пардохт намояд. Уҳдадории кафолат дар як вақт бо он ба вуҷуд намеояд, балки он дар давраи иҷрои чунин уҳдадории якум одатан дар вақти додани мол, натиҷаи кор ва хизматрасонӣ ба вуҷуд меояд. Уҳдадории кафолат дар баробари уҳдадориҳои шартномавии хариду фурӯш дар як вақт вуҷуд надорад, балки дар ҷараёни амалигардонии ҳуқуқӣ доштан ва истифода бурдани моли муайян (харидашуда) аз ҷониби харидор ба вуҷуд меояд. Таъиноти кафолати сифат, инчунин дигар мазмуни уҳдадории кафолатӣ ба монанди хусусияти ройгон, мақсаднокӣ ва ғайраро ифода менамояд. Ҳамчунин, бояд қайд намоем, ки айни замон ҳолати маъмулӣ доман густурда истодааст, фурӯшанда ба харидор дар асоси музднокӣ кафолати иловагӣ доданро пешниҳод мекунад. Аммо шартномаи хариду фурӯш (пудрат, хизматрасонӣ) танҳо як далели мураккаби таркиби воқеӣ мебошад, ки уҳдадории кафолатиро ба вуҷуд меорад. Далели дигар ин додани ашёи фурӯхташуда ба харидор мебошад, ки аз лаҳзаи амалигардонии он амалкунии уҳдадориҳои кафолат оғоз мегардад. Танҳо дар ҷараёни истифодаи (ё нигоҳдории) харидор метавон дурустии кафолати сифатро муайян созем ва ҳуқуқро оид ба ин уҳдадорӣ амалӣ созем. Агар бастани шартномаи хариду фурӯш бо вақти додани моли фурӯхташуда мувофиқат накунад, пас мутаносибан оғози амали уҳдадории кафолат низ ба қафо партофта мешавад. Он аҳаммияти ҳуқуқии додани ашёи фурӯхташуда, аз ҷумла боздоштани ҷараёни муҳлати кафолат дар давраи таъмини кафолати маҳсулотро, ки дар давоми он истифода намудани ашё аз ҷониби харидор истисно карда шудааст, нишҳон медиҳад.

Уҳдадории кафолат воситае мебошад, ки бо ёрии он меъёрҳои ҳуқуқӣ ва техникии он оид ба кафолат ба амал бароварда мешавад. Он ба муносибатҳои фаврии танзимшаванда ворид мешавад. Таъиноти он аз муайян кардани субъектон, ки нисбати онҳо амали меъёрҳо оид ба кафолат паҳн мегардад, инчунин рафтори мушаххас, ки субъектон бояд дар давраи кафолат риоя намоянд, сеюм додани имконият барои истифодаи воситаи таъмини иҷрои уҳдадориҳои субъективӣ ва истифодаи воситаи муҷозотии давлат, иборат мебошад.

### АДАБИЁТ


1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6.11.1994, бо тағйиру иловаҳо аз 26 уми сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 16 майи соли 2016.
2. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23.12.2021.
3. Кодекси мадании Ҷумҳурии тоҷикистон аз 1 июли соли 2023.
4. Қонуни Ҷумҳурии тоҷикистон "Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон" аз 9 уми декабри соли 2004.
5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон " Дар бораи амнияти озуқаворӣ" аз 29.12.2010.


### КАФОЛАТИ СИФАТИ МОЛ, КОР ВА ХИЗМАТ


Мақолаи мазкур ба яке аз мавзуъҳои мубрами ҳуқуқи соҳибкорӣ аз қабили кафолати сифати мол, кор ва хизмат бахшида шудааст. Дар асоси омӯзиши адабиётҳои илмии соҳа ва қонунгузории амалкунанда масоили кафолати сифати мол, кор ва хизмат ва ҳифзи ҳуқуқии истеъмолкунадагон мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифт.



**КАЛИДВОЖАҲО:** соҳибкорӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кафолат, сифат, мол, кор, хизмат амнияти озуқаворӣ, Кодекси андоз.

**ГАРАНТИЯ КАЧЕСТВА ТОВАРОВ, РАБОТ И УСЛУГ**

Данная статья посвящена одной из актуальных тем предпринимательского права, такой как обеспечение качества товара, работа сервиса. На основе изучения научной литературы отрасли и действующего законодательства были проанализированы и рассмотрены вопросы обеспечения качества товаров, работ и услуг, и правовой защиты потребителей.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** предпринимательство, Республика Таджикистан, гарантия, качество, товар, работа, услуга, безопасность пищевых продуктов, Налоговый кодекс.

**GUARANTEE OF QUALITY OF GOODS, WORKS AND SERVICES**

This article is devoted to one of the current topics of business law, such as ensuring the quality of goods and the operation of services. Based on a study of the scientific literature of the industry and current legislation, issues of ensuring the quality of goods, works and services, and legal protection of consumers were analyzed and considered.

**KEYWORDS:** entrepreneurship, Republic of Tajikistan, guarantee, quality, product, work, service, food safety, Tax Code.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Шодиева Турсуной Насимовна*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти факултети ҳуқуқшиносӣ. **Суроға:** 734025, шаҳри Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон,хиёбони Рӯдакӣ 17. Телефон**: 980885234.**

**Сведения об авторе:** ***Шодиева Турсуной Насимовна*** – Таджикский национальный университет, магистрант юридического факультета. **Адрес**: 734025, города Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки 17. Телефон**: 980885234.**

**Information about the author:** ***Shodieva Tursunoy Nasimovna*** - Tajik National University, master`s student of the Faculty of Law. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phone**: 980885234.**

# ОБЪЕКТИ ҶУСТУҶӮИ КРИМИНАЛИСТИКӢ

***Алимшоева Н.М.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Инсон ҳамчун мавҷудоти иҷтимоӣ шахсиятест, ки маҷмуи муайяни хосиятҳо ва хусусиятҳоро ифода мекунад, ки дар ӯ дар шароити мушаххаси ҷамъиятию таърихӣ, дар соҳаи муносибатҳои ҷамъиятӣ ташаккул меёбанд. Одам ҳамчун намуди биологӣ дорои хосиятҳо ва хусусиятҳое мебошад, ки табиат ба ӯ додааст ва дар раванди фаъолияти ҳаёташ инкишоф меёбад (тағйир меёбад). Аз ҷумла, чунин хосиятҳо тавсиф мешаванд: хусусиятҳои анатомӣ, системаи асаби инсон, фарқиятҳои гендерӣ, равандҳои мубодилаи моддаҳо ва ғайра.

Дар психология равандҳои руҳиро ҳамчун фаъолияте баррасӣ мекунанд, ки бо эҳсосот ва дарк, бо тафаккур ва тасаввурот, бо хотира ва такрористеҳсолкунӣ ва сифатҳои ихтиёрии шахс алоқаманданд.

Дар баробари ин, равоншиносон хосиятҳои инсонро дар ҷанбаи ташкили системавии онҳо ба назар гирифта, ҳашт сатҳро ҷудо мекунанд: генетикӣ ва биохимиявӣ; ташкили мубодилаи моддаҳо дар ҳуҷайраҳо, бофтаҳо, узвҳо, системаҳо ва дар маҷмуъ бадан; морфологӣ; ҳиссиётӣ-дарки, психомоторӣ, зеҳнӣ; шахсӣ; иҷтимоӣ.

Криминологҳо на ба раванди зуҳури ин хосиятҳо, балки ба маҳсули ниҳоии аз ҷиҳати моддӣ ифодаёфтаи онҳо таваҷҷуҳ доранд. Масалан, хосиятҳои биологии одам дар бӯй, арақ, пешоб ва ҷузъҳои бадан (хун, мӯй, устухон ва ғ.) зоҳир мешавад. Хусусиятҳои морфологии (сохти бадани) одам дар осори даст, пой, лаб ва ғайра зоҳир мешаванд.

Дар криминология ба таснифи хосият ва хислатҳои инсон диққати калон дода мешавад. Инак, Г.А. Самойлов онҳоро ба соматикӣ ва иҷтимоӣ ҷудо мекунад; В.П. Колмаков — ба ҷисмонӣ ва ҷамъиятӣ. Аммо номукаммалии чунин таснифҳо диққатро ба худ ҷалб мекунад. Махсусан, дар онҳо самти мақсаднок ва ягонагии асосҳои низомнокӣ мавҷуд нест.

Генотип асосан хосиятҳои хун, мӯй ва дигар ҷузъҳои системаи субстрати инсонро муайян мекунад. Имкониятҳои он, аниқтараш, устуворӣ, фардият ва ҳатто ирсияти

системаи генҳоро илми криминалистӣ ҳангоми ҳалли масъалаҳои муайян намудани шахсият ва барқарор намудани робитаҳои оилавии ӯ ба назар мегирад.

Ба ибораи дигар, фардияти одам, хислату хосиятҳои вай аз ҷиҳати ирсӣ муайян карда мешавад. Он на танҳо ба субстрат, балки ба зерсохтори морфологии бадани ӯ низ хос аст. Таҳқиқоти аломатҳои намуди зоҳирии шахсро олимон, аз ҷумла, И.Ф. Виниченко, А. Зинин, В. Снетков ва дар соҳаи изи ангуштҳо гузаронидаанд.

Ҳангоми ҷустуҷӯи шаҳрвандони гумшуда ва муайян кардани ҷасадҳои номаълум аломатҳои патология (муваққатӣ ва ирсӣ) васеъ истифода мешаванд, ки маълумот дар бораи онҳо дар зерсохторҳои гуногуни инсон - субстрат, морфологӣ ва иҷтимоӣ мавҷуд аст.

Гузашта аз ин, дар ҳар яки онҳо баъзе бемориҳои ирсӣ инъикос меёбанд. Масалан, дар одамони гирифтори шизофрения миқдори магний дар пешоб ва баъзе аминокислотаҳои зиёд, мавҷудияти аломатҳои хос дар нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ ва ҳатто дар сохтори хатҳои папиллярӣ дар кафи дастҳо мушоҳида мешавад. Бо истифода аз ҳамон шаклҳо, лейкоз, нуқсонҳои модарзодии системаи марказии асаб, дил, захми меъда ва ғайра ташхис карда мешаванд. Аз рӯйи ин масъалаҳо маълумоти умумӣ ва мукаммалтарин, аз ҷумла, дар асари В. МакКусик оварда шудааст.

Хусусиятҳои генетикӣ, махсусан, дар вақтҳои охир дар ҳалли масъалаҳои ҷустуҷӯи шаҳрвандони гумшуда ва муайян кардани ҷасадҳои шахсони номаълум аҳаммияти амалии махсус пайдо кардаанд. Дар онҳо дар бораи нажод, бемориҳои ирсӣ ва ғайра маълумотҳо мавҷуданд, аз ҷумла, фарқи нажодии антигенҳо дар хун, зуд-зуд пайдо шудани фенотипҳо, талосемия муқаррар карда шудаанд.

Табиист, ки маълумоти муҳимтарин дар бораи хусусиятҳои нажодӣ дар зерсохтори морфологии шахс мавҷуд аст. Он дар асарҳои антропологҳо, аз ҷумла, дар асар хои Я.Я. Рогинский ва М. Левина оварда шудааст. Дар муддати тулонӣ, криминологҳо ҳангоми тавсифи намуди зоҳирии шахс аломатҳои маъмултарини нажодро истифода мебурдандТ.Д. Гладкова қайд мекунад, ки паҳншавии нақшаҳои хатҳои папиллярӣ дар кафи дасту ангуштон дар байни халқҳои гуногун равшан ифода ёфта, аз рӯйи минтақаи истиқомати онҳо муайян карда мешавад.

Дар ҳалли масъалаҳои ҷустуҷӯ ва муайян кардани шахсияти шахс аломатҳои хоси ҳолати ӯ (мавҷудияти беморӣ, мастӣ, таъсири маводи мухаддир, доруворӣ ва ғайра) ва равандҳои ихтиёрӣ аҳаммият доранд. Чунин нишонаҳо бештар дар шакли хаттӣ зоҳир мешаванд.

Вобаста ба ҳолати шахс тағйиротҳо, аз ҷумла, дар шакл ва самти ҳаракатҳо, ҷойгиршавии нуктаҳои оғозу анҷоми онҳо, сохти ҳарфҳо ва ғайра мушоҳида мешавад. Дар ин ҳолат шакли ҳарфҳо ба таври назаррас вайрон мешавад, ноустувории майл ва шитоб пайдо шуда, суръати навиштан паст мешавад ва ғайра.

Донистани хосиятҳо ва аломатҳои ба зерсохторҳои гуногуни инсонӣ хос имкон медиҳад, ки муносибатҳо ва вобастагии байниҳамдигарии онҳоро муайян кунем, ки ин барои назария ва амалияи криминалистӣ, аз ҷумла дар ҳалли масъалаҳои ҷустуҷӯ ва муайян кардани шахсият ниҳоят муҳим аст.

Дар баробари ин, омӯзиши аломатҳои як моликияти шахс имкон медиҳад, ки бавосита дар бораи мавҷудият ва хусусиятҳои аломату хосиятҳои дигар қазоват кунем (фарз кунем, пешгӯӣ кунем). Бояд қайд кард, ки омӯзиши ин робитаҳо шарти зарурии омӯзиши ҳамаҷонибаи осори ҷиноятҳо ҳангоми баррасии ҳодисаҳои ҷиноят мебошад, ки бисёре аз криминалистҳо ба он умед мебанданд.

Акиншикова Г.И. мавҷудияти муносибати муайяни байни аломатҳои антропометрӣ ва шакли камонҳои хатҳои папиллярро дар дастҳо нишон медиҳад (ба ҳисоби фоиз аз шумораи умумии намудҳои намуна), масалан, диаметри зигоматикии поён (0,7), диаметри зигоматикии (0,6) ). Гузашта аз ин, аломатҳои дерматоглифика, қайд мекунад ӯ, бо тамоми сатҳҳои ташкили инсон алоқаманд аст. Ба андешаи Нил Ҷ. ва Шел У. инкишофи ҷисмонии инсон бо сохтори субстрати ӯ алоқаманд аст. Масалан, одамони вазни зиёдатӣ дар пешобашон дар муқоиса бо одамони вазнашон кам миқдори зиёди калсий ва фосфор доранд.

Ҳангоми ҷустуҷӯи шахсони гумшуда ва муайян кардани шаҳрвандони фавтида аз ҷасадҳо таносуби байни узвҳои бадан муҳим аст. Вобастагии байниҳамдигарии онҳо, ки дар антропология мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст, ҳатто дар давраи пайдоиши илми онҳо таваҷҷуҳи криминологҳоро ба худ ҷалб мекард.

Минбаъд як қатор тадқиқотҳои мақсаднок, аз ҷумла тартиб додани ҷадвалҳои коррелятсионӣ оид ба муносибати байни қад ва узвҳои бадани инсон (дарозии даст, дарозӣ ва бари ангуштҳо, кафҳо, пойҳо ва ғайра) гузаронида шуданд.

Дар ҷустуҷӯи шаҳрвандони гумшуда хусусиятҳои функсионалии шахс низ аҳаммияти н доранд: хусусиятҳои хат, имову ишора, гуфтор ва ғайра. Онҳо шахсро фардӣ мекунанд ва метавонанд ҳам барои ҷустуҷӯ ва ҳам барои муайян кардани шахсияти ӯ истифода шаванд.

Ҳамин тариқ, шахс як системаи мураккаби бисёркомпонентӣ буда, дорои аломатҳо ва хосиятҳои аз ҷиҳати генетикӣ муайяншуда мебошад, ки аз ҷиҳати табиат ва аҳаммияти мушаххас гуногунанд. Ҳамаи онҳо ба ин ё он тарз ба ҳам алоқаманд ва ба ҳамдигар вобастаанд, ки ин имкон медиҳад, ки бо роҳи пайгирии таносуби онҳо маълумоти ҷамъбастшуда (аз ҷумла пешгӯӣ) дар бораи хусусиятҳо инсон ба даст оварда шавад. Ин маълумот барои:

а) ҷустуҷӯи шаҳрвандони гумшуда;

б) муайян кардани шахсияти ҷасади номаълум;

в) ошкор ва ҷустуҷӯи ҷинояткорони куштор (ҷиноят) кумак мекунад.

## АДАБИЁТ


1 Курылев И.И. Расследование уголовных дел о содержании притонов для потребления наркотических средств / И.И. Курылев. - М.: НИИ МВД РФ, 1992. - 56 с.
2 Кустов А.М. Криминалистика и механизм преступления. Цикл лекций / А.М. Кустов. - М.: Изд-во МПСИ; Воронеж: Изд-во НПО «МОДЕК», 2002. - 304 с.
3 Лавров В.П. Особенности расследования нераскрытых преступлений прошлых лет / В.П. Лавров. - М.: ВШМВД СССР, 1972. - 88 с.
4 Ларин А.М. От следственной версии к истине / А.М. Ларин. - М.: Юридическая литература, 1976. - 200 с.
5 Медведев С.И. Негативные обстоятельства и их использование в раскрытии преступлений / С.И. Медведев. - Волгоград: ВСШМВД СССР, 1973. - 120 с.
6 Москалькова Т.Н. Этика уголовно-процессуального доказывания (стадия предварительного расследования) / Т.Н. Москалькова. - М.: Спарк, 1996. - 125 с.
7 Никулин Е.С. Возмещение ущерба, причиненного правонарушением / Е.С. Никулин. - М.: Юридическая литература, 1983. - 160 с.
8 Овчинский В.С. XXI Век против мафии. Криминальная глобализация и Конвенция ООН против транснациональной организованной преступности / В.С. Овчинский. - М.: ИНФРА-М, 2001. - 148 с.


## ОБЪЕКТИ ҶУСТУҶӮИ КРИМИНАЛИСТИКӢ


Дар мақолаи мазкур мавзуи объекти ҷустуҷӯи криминалистикӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Муаллиф қайд кардааст, ки дар криминалистика предмети омузиш дар системаи «Инсон» пеш аз хама чунин хосиятҳо ва аломатҳое ба назар гирифта мешаванд, ки дар муҳити атроф дар шакли осори моддию идеалӣ инъикос меёбанд. Аломатҳо ва хосиятҳои ин гуна намоишҳо бо он муайян карда мешаванд, ки шахс дар як вақт ҳамчун мавҷудоти биологӣ ва иҷтимоӣ амал мекунад.



**КАЛИДВОЖАҲО:** объект, шахс, моддӣ, муҳити атроф, криминалистика.


## ОБЪЕКТ УГОЛОВНОГО РАССЛЕДОВАНИЯ


В данной статье рассматривается тема объекта судебно-медицинской экспертизы. Автор отметил, что в криминалистике предметом исследования в системе «Человек» являются прежде всего такие свойства и признаки, которые отражаются в окружающей среде в виде материальных и идеальных артефактов. Признаки и свойства таких выступлений определяются тем, что человек выступает одновременно как биологическое и социальное существо.



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** предмет, человек, материал, окружающая среда, криминалистика.


## OBJECT OF CRIMINAL INVESTIGATION


This article discusses the topic of the object of forensic medical examination. The author noted that in criminology, the subject of research in the “Man” system is, first of all, such properties and signs that are reflected in the environment in the form of material and ideal artifacts. The signs and properties of such performances are determined by the fact that a person acts simultaneously as a biological and social being.



**KEYWORDS:** object, person, material, environment, forensics.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Алимшоева Нурафзун Меҳроваршоевна*** **–** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти факултети ҳуқуқшиносӣ. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **501082225.**

**Сведения об авторе:** ***Алимшоева Нурафзун Мехроваршоевна*** – Таджикский национальный университет, магистр юридического факультета. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **501082225.**

**Information about the author:** ***Alimshoeva Nurafzun Mehrovarshoevna*** **–** Tajik National University, master`s student of Faculty of Law. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phone: **501082225.**

# НАҚШИ МАҚОМОТИ ЗИДДИИНҲИСОРӢ ҶИҲАТИ ҲИМОЯИ РАҚОБАТ ТИБҚИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

***Бобобеков И.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Мақомоти зидиинҳисории Ҷумҳурии Тоҷикистон Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Низомномаи Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 3 майи соли 2010, № 227 қабул гардидааст. Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - Хадамот) мақомоти ваколатдори ҳокимияти иҷроия буда, сиёсати ягонаи давлатиро дар соҳаи ҳимоя ва рушди рақобат, пешгирӣ, маҳдудкунӣ, қать намудани фаъолияти инҳисорӣ, танзими давлатӣ ва назорат дар соҳаи фаъолияти субъектҳои монополияҳои табиӣ, ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон ва назорати фаъолияти рекламавӣ амалӣ менамояд.

Хадамот дар фаъолияти худ Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи рақобат ва маҳдудкунии фаъолияти инҳисорӣ дар бозорҳои мол", Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи монополияҳои табиӣ", Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон", Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи реклама" ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалии аз тарафи Ҷумҳурии Тоҷикистон эътирофшуда ва Низомномаро дастури амал қарор медиҳад. Хадамот вазифаҳои ба зиммааш гузошташударо бевосита ва тариқи мақомоти маҳаллии худ амалӣ менамояд. Хадамот фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидораи шаҳрак ва деҳотро оид ба масъалаҳои сиёсати зиддиинҳисорӣ, ҳимоя ва рушди рақобат, ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон ва назорати фаъолияти рекламавӣ ҳамоҳанг месозад.

Мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ мақомоти идоракунӣ буда, барои татбиқи сиёсати зиддиинҳисорӣ дар соҳаи инкишофи бозорҳо ва рақобати соҳибкорӣ масъул мебошад.

Ба вазифаҳои мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ дохил мешаванд:

-пешгирӣ, маҳдудкунӣ ва қатъ намудани фаъолияти инҳисорӣ ва рақобати бевиҷдонона;

-мусоидат ба ташаккули муносибатҳои бозоргонӣ дар асоси рушди рақобат ва соҳибкорӣ;

-назорати давлатӣ ба риояи қонунгузории зиддиинҳисорӣ.

Мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ функсияҳои асосии зеринро иҷро менамояд:

-оид ба ғайриинҳисорӣ кардани истеҳсол ва муомилоти мол чораҳо меандешад;

-иҷрои қонунгузории зиддиинҳисориро ҳангоми таъсис, азнавташкилкунӣ ва барҳамдиҳии субъектҳои хоҷагидор назорат менамояд;

-хариди саҳмияҳои (ҳиссаҳои) дорои ҳуқуқи овозро дар сармояи оинномавии субъектҳои хоҷагидор, ки метавонад боиси ҳукмфармоии субъектҳои хоҷагидор дар бозорҳои мол гардад ё ба маҳдудияти рақобат оварда расонад, назорат менамояд;

-ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои такмилӣ оид ба қонунгузории зиддиинҳисорӣ ва истифодаи амалии он таклифҳо пешниҳод менамояд ва лоиҳаи қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии вобаста ба кори бозор ва инкишофи рақобат хулоса мебарорад;

-ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ оид ба гузаронидани тадбирҳои барои инкишофи бозорҳои мол ва рақобат мусоидаткунанда тавсияҳо медиҳад.

Фаъолияти мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ ва сохтори он бо Низомномаи мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ, ки аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ мегардад ва бо дигар қонунҳо муайян карда мешавад.

Мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ ҳуқуқ дорад:

-мавқеи ҳукмфармоии субъектҳои хоҷагидорро муқаррар намояд. Тартиби ташкил ва пешбурди Феҳристи субъектҳои хоҷагидоре, ки дар бозори мол мавқеи ҳукмфармоиро доранд мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ муайян ва тасдиқ мекунад;

-дар сурати мавҷуд будани аломатҳои вайронкунии қонунгузории зиддиинҳисорӣ дар бораи он парванда оғоз намуда, онро баррасӣ намояд ва аз рӯйи натиҷаи баррасии он қарор барорад ва субъектҳои хоҷагидор барои иҷрои ҳатмӣ амрияҳои зайлро қабул намояд:

- дар бораи қатъ намудани амали мувофиқашуда ва (ё) қатъ намудани иштирок дар созишномаи маҳдудкунандаи рақобат ва қатъ кардани сӯиистифодаи субъекти хоҷагидор аз мавқеи ҳукмфармоӣ дар бозор, инчунин иҷрои амале, ки ба таъмин намудани рақобат нигаронида шудааст;

- дар бораи қатъ намудани вайронкунии қоидаҳои дастрасии ғайритабъизӣ ба молҳо (корҳо, хизматрасонӣ);

- дар бораи анҷом додани амал оид ба таъмини рақобат ҳангоми назорати давлатӣ, ки дар Қонуни мазкур пешбинӣ шудааст;

- дар бораи қатъ кардани рақобати бевиҷдонона;

- дар бораи роҳ надодан ба амале, ки ба вайронкунии рақобат ва қонунгузории зиддиинҳисорӣ таҳдид менамояд;

- дар бораи барқарор кардани вазъе, ки то вайронкунии қонунгузории зиддиинҳисорӣ мавҷуд буд;

- дар бораи иҷрои амалиёте, ки ба таъмини рақобат ҳангоми анҷом додани назорате, ки ба расонидани ёрии давлатӣ нигаронида шудааст;

- дар бораи бастани шартномаҳо дар хусуси дигар кардани шартҳои шартномаҳо ё бекор кардани шартномаҳо;

- дар бораи ба буҷети давлатӣ гузаронидани даромаде, ки дар натиҷаи вайронкунии қонунгузории зиддиинҳисорӣ ба даст омадааст;

- дар бораи дигар кардан ё маҳдуд намудани истифодаи номи фирмавӣ;

- дар бораи иҷрои талаботи иқтисодӣ, техникӣ, иттилоотӣ ва дигар талаботе, ки ба рафъ ва огоҳонии минбаъд ба миён наомадани шароитҳои табъизӣ нигаронида шудааст;

- дар бораи иҷрои амалиёте, ки ба таъмин намудани рақобат нигаронида шудааст;

- дар бораи қатъ намудани вайронкунии қонунгузории зиддиинҳисорӣ ва рафъи оқибатҳои он;

- ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, инчунин шахсони мансабдори онҳо амрияҳои зайл содир намояд, ки иҷрои онҳо ҳатмӣ мебошад:

- дар бораи бекор кардан ё тағйир додани санадҳои қабулнамудаашон, ки қонунгузории зиддиинҳисориро вайрон менамояд;

- дар бораи бекор кардан ё тағйир додани шартномаҳое, ки қонунгузории зиддиинҳисориро вайрон мекунанд;

- дар бораи қатъ намудани дигар вайронкунии қонунгузории зиддиинҳисорӣ;

- дар бораи иҷрои амале, ки ба таъмин намудани рақобат нигаронида шудааст;

- дар ҳолате, ки агар мақомоти ҳокимияти давлатӣ функсияи назоратӣ ва санҷишро дар бозорҳои мол иҷро кунад, мақомоти зиддиинҳисорӣ дар хусуси ба қонунгузории зиддиинҳисорӣ мутобиқ гардонидани санадҳо ва амали чунин мақомот пешниҳод ирсол созад;

- нисбат ба субъектҳои хоҷагидор, роҳбарони онҳо, шахсони воқеӣ, аз ҷумла соҳибкорони инфиродӣ, инчунин шахсони мансабдори мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот барои вайрон намудани қонунгузории зиддиинҳисорӣ тибқи ҳолатҳо ва тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ чораҳо андешад;

- дар бораи вайронкунии қонунгузории зиддиинҳисорӣ бо даъво, ариза ба суд муроҷиат кунад, аз ҷумла:

- дар бораи пурра ё дар қисми мухолифат ба қонунгузории зиддиинҳисорӣ беэътибор донистани санадҳои меъёрии мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот;

- дар бораи пурра ё дар қисми мухолифат ба қонунгузории зиддиинҳисорӣ беэътибор донистани шартномаҳо;

- дар бораи ҳатман бастани шартнома;

- дар бораи тағйир додан ё бекор намудани шартнома;

- дар бораи барҳамдиҳӣ ё азнавташкилдиҳии шахсони ҳуқуқӣ дар ҳолатҳои муайяннамудаи қонунгузории зиддиинҳисорӣ;

- дар бораи ба буҷети давлатӣ гузаронидани даромаде, ки дар натиҷаи вайронкунии қонунгузории зиддиинҳисорӣ ба даст омадааст;

- дар бораи истифодаи чораҳои зарурӣ барои вайронкунии қонунгузории зиддиинҳисорӣ нисбат ба шахсе, ки ба вайрон кардани қонунгузории зиддиинҳисорӣ роҳ додааст;

- дар бораи беэътибор донистани савдоҳо (озмунҳо);

- дар бораи азнавташкилдиҳии маҷбурии шахсони ҳуқуқӣ (дар шакли тақсимкунӣ, ҷудокунӣ), ки қонунгузории зиддиинҳисориро вайрон мекунанд;

- ҳангоми баррасии парвандаҳои марбут ба истифода ва (ё) вайронкунии қонунгузории зиддиинҳисорӣ дар суд иштирок кунад;

- феҳристи субъектҳои хоҷагидорро, ки дар бозорҳои моли Ҷумҳурии Тоҷикистон мавқеи ҳукмфармо доранд, пеш барад;

- дар воситаҳои ахбори омма қарор ва дастури мақомоти зиддиинҳисориро, ки манфиатҳои доираи номуайяни шахсонро дар бар мегирад, нашр намояд;

- ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот оид ба гузаронидани чорабиниҳое, ки ба рушди рақобат дар бозорҳои мол равона гардидаанд, тавсияҳо диҳад;

- бо мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ва тибқи тартиби муқарраргардида бо ташкилотҳои байналмилалӣ, мақомоти давлатҳои хориҷӣ дар доираи салоҳияти худ мубодилаи иттилоотро анҷом диҳад;

- ҳолати рақобатро дар бозорҳои мол таҳлил кунад;

- барои субъекти хоҷагидор дар бозори молҳои дахлдор мавқеи ҳукмфармо муқаррар созад;

- риояи қонунгузории зиддиинҳисориро аз ҷониби субъектҳои хоҷагидор, мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, инчунин шахсони воқеӣ тафтиш намуда, аз онҳо тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон асноди зарурӣ, иттилоот ва дар шакли хаттӣ ва шифоҳӣ тавзеҳот мегирад, ба мақомоти оперативию ҷустуҷӯӣ дар бораи иҷрои корҳои оперативию ҷустуҷӯӣ муроҷиат кунад;

- бо мақсади иҷрои масъалаҳои ба зиммааш гузошташуда тавсияҳои методӣ оид ба муайян кардани навъи шартномаҳо, тартиби танзими муайян намудани нархҳои (тарифҳои) субъектҳои хоҷагидор ё сатҳи ниҳоии онҳо, ки дар бозори молии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавқеи ҳукмфармо доранд, низомнома оид ба танзими нарх ба маҳсулот ва моли тайёркарда, хизматрасонии анҷомдодаи субъектҳои хоҷагидор – доминантҳо ва инҳисорон, қоида оид ба тартиби гузаронидани тафтиши риояи қонунгузории зиддиинҳисорӣ аз ҷониби мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ,

мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ва ташкилотҳои ваколатдори мақомотҳои зикршударо анҷом диҳанд, низомнома оид ба тартиби ба мақомоти зиддиинҳисорӣ пешниҳод намудани дархост ва огоҳинома тибқи талаботи моддаҳои 15 ва 16 Қонуни, қоидаҳоро оид ба муайян намудани мавқеи ҳукмфармоии субъекти хоҷагидор дар бозорҳои молӣ, тартиби баррасии парвандаҳоро дар хусуси вайронкунии қонунгузории зиддиинҳисории Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва тасдиқ намояд;

- тарифҳои хизматрасонии пулакиро ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ва субъектҳои хоҷагидории ба доираи идоракунии онҳо дохилбударо ба мувофиқа расонад;

- бо мақсади пешгирии маҳдудсозӣ ва бартараф намудани рақобат ҳангоми хусусигардонии корхонаҳо ва ташкилотҳои давлатӣ иштирок намояд;

- тарифҳои хизматрасонии субъектҳои хоҷагидорро, ки дар бозорҳои моли муайяни Ҷумҳурии Тоҷикистон мавқеи ҳукмфармо ва инҳисориро ишғол мекунанд, ба мувофиқа расонад;

- ба мақомоти дахлдори ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ оид ба ҷорӣ ё бекор намудани иҷозатномаҳо, квотаҳо, тағйир додани тарифҳои гумрукӣ ва дигар намуди дастгирии давлатӣ таклифҳо пешниҳод менамояд;

- оид ба бастани ҷарима ба субъектҳои хоҷагидор, додани ҷазои маъмурӣ ба роҳбарони онҳо, шаҳрвандон, аз ҷумла соҳибкорони инфиродӣ, шахсони мансабдори мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот барои вайронкуниҳои қонунгузории зиддиинҳисорӣ, ғайр аз ҳолатҳои вайронкунии тартиботи муқарраргардидаи нархгузорӣ мутобиқи қонунгузории монополияҳои табиӣ, қарор қабул кунад;

- тибқи тартиби муқарраргардида дар хусуси вуҷуд доштан ё надоштани маҳдудияти рақобат дар бозори мол ҳангоми татбиқ, тағйир додан ва қатъ гардидани амали тарифи гумрукӣ ва дар бораи ҷорӣ кардани чораҳои ғайритарифӣ хулоса диҳад;

- масъалаҳои татбиқи қонунгузории зиддиинҳисориро шарҳ диҳад;

- дигар ваколатҳои пешбининамудаи қонун ва санадҳои меъёрию ҳуқуқиро анҷом диҳад.

Мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ бо мақсади мусоидат намудан ба инкишофи бозорҳои мол ва рақобат, дастгирии соҳибкорӣ ва ғайриинҳисорӣ намудан ба мақомоти дахлдори ҳокимияти давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот оид ба масъалаҳои зайл тавсияҳо медиҳад:

-додани қарзи имтиёзнок, инчунин оид ба кам кардани андозҳо ё аз онҳо озод намудани субъектҳои хоҷагидоре, ки маротибаи аввал ба бозори моли муайян дохил мешаванд;

-ташкил ва инкишофи сохторҳои ба ҳамдигар монанд дар соҳаҳои истеҳсолот ва муомилот, аз ҷумла аз ҳисоби қарз;

-маблағгузории чорабиниҳо оид ба зиёд кардани истеҳсоли мол бо мақсади бартараф намудани мавқеи ҳукмфармоии субъектҳои хоҷагидори алоҳида;

-иштироки сармояи хориҷӣ дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ташкили корхонаҳо бо маблағгузории хориҷӣ.

Мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ дар амалӣ гардондани барномаҳои ғайриинҳисорӣ, инкишофи рақобат ва дастгирии соҳибкорӣ иштирок менамояд.

Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро Сардор роҳбарӣ мекунад, ки аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вазифа таъин ва аз вазифа озод карда мешавад. Сардор барои иҷрои вазифаҳои ба зиммаи Хадамот гузошташуда ва татбиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи муқарраргардидаи фаъолият масъулияти шахсӣ дорад. Сардор дорои муовинон, аз ҷумла як муовини аввал мебошад, ки онҳо аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вазифа таъин ва аз вазифа озод карда мешаванд. Шумораи ниҳоии кормандон ва теъдоди муовинони Сардори Хадамотро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар менамояд. Воҳидҳои сохтории Хадамот, раёсатҳо ва шуъбаҳои оид ба самтҳои асосии фаъолияти Хадамот мебошад.

Сардор: дар асос ва барои иҷрои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳо, санадҳои меъёрии ҳуқуқии Президент ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон санадҳои меъёрии ҳуқуқиро дар шакли фармоиш қабул намуда, онҳоро тибқи тартиби муқарраргардида бекор мекунад, тағйир медиҳад ва тамдид менамояд; манфиатҳои Хадамотро дар мақомоти давлатӣ ҳимоя мекунад ва роҳбарии умумии фаъолияти Хадамотро амалӣ месозад; дар доираи салоҳияти худ фармоиш ва супориш медиҳад, ки иҷрои онҳо барои кормандони Дастгоҳи марказӣ ва мақомоти маҳаллии Хадамот ҳатмӣ мебошанд; вазифаҳоро байни муовинони худ ва роҳбарони воҳидҳои сохтории Дастгоҳи марказӣ тақсим мекунад; низомномаҳои воҳидҳои сохтории Дастгоҳи марказӣ ва мақомоти маҳаллии Хадамотро тасдиқ мекунад; кормандони Хадамотро тибқи тартиби муқарраргардида ба вазифа таъин ва аз вазифа озод менамояд; барои ба вазифа таъин ва аз вазифа озод намудани роҳбарони сохтори маҳаллии худ ба мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ розигии хаттӣ медиҳад; ҳайати мушовараро роҳбарӣ мекунад; тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи хизмати давлатӣ масъалаҳои вобаста ба адои хизмати давлатиро дар Хадамот ҳал менамояд; дар доираи фонди музди меҳнат ва шумораи кормандони муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷадвали штатии Хадамот ва сметаи хароҷотии нигаҳдошти Хадамотро дар доираи давраи дахлдори маблағгузорӣ, ки дар буҷети ҷумҳуриявӣ пешбинӣ гардидааст, тасдиқ мекунад; ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ташаккули буҷети ҷумҳуриявӣ ва маблағгузории Хадамот пешниҳодҳо ирсол менамояд; дигар ваколатҳоро барои Хадамот тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ мегардонад. Маблағгузории хароҷоти нигоҳдории Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби маблағҳои буҷети ҷумҳуриявӣ ва дигар маблағҳо дар мувофиқа бо Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода мешавад. Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон шахси ҳуқуқӣ буда, дорои мӯҳр бо сабти Нишони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва номи худ бо забонҳои давлатӣ ва русӣ, мӯҳрҳои дахлдор, штампу бланкҳо мебошад ва аз суратҳисоби ягонаи Сарраёсати хазинадории марказии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон маблачгузорӣ мегардад.

Пеш аз гузаронидани санҷиш мақомоти ваколатдор омӯзиши пешакӣ гузаронида, санадҳои меъёрие, ки фаъолияти субъекти хоҷагидори санҷишшавандаро танзим менамояд, таҳлил мекунад.

Субъекти хоҷагидори санҷишшаванда ҳуқуқ дорад:

- аз кормандони ваколатдор асоснокии гузаронидани санҷишро талаб намояд, бо ҳуҷҷатҳое, ки шахсияти санҷишкунандаро тасдиқ мекунад, шинос шавад;
- ба санҷиш шахсонеро рухсат намедиҳанд, ки асос (қарор, фармон) дар бораи гузаронидани санҷиш надоранд, ё агар муҳлатҳое, ки дар асоси (фармон, қарор) нишон дода шудааст, оғоз нагардидааст ё гузаштааст;
- аз мақомоти ваколатдор нусхаи санади санҷишро дар муддати 5 рӯзи корӣ пас аз анҷоми санҷиш талаб ва дастрас намояд;
- ба кормандони ваколатдор оид ба масъалаҳои вобаста ба санҷиш ва натиҷаҳои он баёнот пешниҳод намояд.
- аз натиҷаҳои санҷиш бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон шикоят намояд.

Субъектҳои хоҷагидори санҷишшаванда вазифадоранд:

- кормандони ваколатдорро ба субъектҳои хоҷагидори санҷишшаванда, ҳангоми дар онҳо будани асос (фармоиш) дар бораи гузаронидани санҷиш пешбинӣ шудааст, бо пешниҳоди шаҳодатномаи хизматӣ ва қайди дахлдор дар Дафтари бақайдгирии санҷишҳо, иҷозат диҳанд;
- ҷиҳати фаъолияти муътадили кормандони ваколатдор шароитҳои заруриро муҳайё намоянд;
- мавод ва санадҳои барои гузаронидани санҷиши заруриро ба кормандони ваколатдор пешниҳод намоянд;

- қарорҳои мақомоти ваколатдорро ҷиҳати бартараф намудани қонунвайронкуниҳо дар мухлатҳои муқарраршуда иҷро кунанд;

- ба кормандони ваколатдор ҷиҳати иҷрои вазифаҳои хизматиашон мусоидат намоянд;

- аз рӯйи ҳамаи масъалаҳои вобаста ба санҷиш, хусусан далелҳои ошкоршудаи вайрон намудани қонунгузории зиддимонополии Ҷумҳурии Тоҷикистон баёноти хаттӣ диҳанд;

- ба оғози санҷиш дар рӯз ва соати муқарраршуда монеъ нашаванд.

Кормандони ваколатдор дар доираи салоҳияти худ ҳуқуқ доранд:

- ба ҳудуди субъекти хоҷагидори санҷишшаванда бо ҳамроҳии намояндаи он ворид шаванд;

- аз субъекти хоҷагидори санҷишшаванда санадҳои заруриро, ки ба мавзӯъ ва мақсади гузаронидани санҷиш бевосита марбутанд, талаб намуда, аз онҳо иқтибос ва нусха гиранд;

- аз роҳбари субъекти хоҷагидори санҷишшаванда оид ба масъалаҳои вобаста ба санҷиши фаъолияти он баёноти хаттӣ талаб намоянд.

### АДАБИЁТ


1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994. Душанбе: «Шарқи озод». 2016. 123с.
2. Бонки марказии иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон. ADLIA. 03.04.2017.
3. Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон с. 2006, №7, мод. 346; с. 2008, №10, мод.811, с. 2012, № 12, қ. 1, мод. 1007; Қонуни ҶТ аз 18.03.15с. № 1195.
4. Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с.2007, №3, мод.168; с.2008, №10, мод.814; с.2013, №12, мод.899; Қонуни ҶТ аз 23.11.2015 с., № 1256.
5. Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон с. 2004, №12, қ.1, мод. 699; с. 2008, №10, мод. 805; мод. 817; с. 2013, №12, мод. 896; Қонуни ҶТ аз 18.03.2015 с., №1193.
6. Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с.2003, №8, мод.457; с.2007, №6, мод. 432; с.2008, №10, мод. 824; с.2011, №12, мод.843; с.2012, №4, мод.262; с. 2014, №11, мод. 672; Қонуни ҶТ аз 18.03.2015 с., № 1202.
7. Сангинов Д.Ш., Шарифов И.М. Ҳуқуқи рақобати Ҷумҳурии Тоҷикистон: Васоити таълимӣ. Душанбе.: «ЭР-граф», 2014. С.56.
8. Тафсири Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон »/ Зери таҳрири номзади илмӣои ҳуқуқ, дотсент Сангинов Д.Ш. Душанбе: “Эр-граф”, 2012. С.52.Низомномаи Комиссия оид ба масъалаҳои реструктуризатсияи субъектҳои монополияи табиӣ ва корхонаҳои махсусан калон аз аз 2 апрели соли 2005, №125// Бонки марказии иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон. ADLIA. 03.04.2017.
9. Низомномаи Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 3 майи соли 2010, № 227//
10. Низомнома оид ба танзими нарх ба маҳсулот ва моли тайёркарда, хизматрасонии анҷомдодаи субъектҳои хоҷагидор - доминантҳо ва инҳисорон аз 26 июли соли 2011, №850// Бонки марказии иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон. ADLIA. 03.04.2017.
11. Низомнома оид ба танзими нарх ба маҳсулот ва моли тайёркарда, хизматрасонии анҷомдодаи субъектҳои хоҷагидор - доминантҳо ва инҳисорон аз 26 июли соли 2011, №850// Бонки марказии иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон. ADLIA. 03.04.2017.


### НАҚШИ МАҚОМОТИ ЗИДДИИНҲИСОРӢ ҶИҲАТИ ҲИМОЯИ РАҚОБАТ ТИБҚИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН


Дар мақолаи мазкур баъзе аз масъалаҳои танзими ҳуқуқии фаъолияти инҳисорӣ мавриди таҳлил қарор дода шуда, аҳаммити назариявию амалии он баррасӣ гардидааст. Фаъолияти инҳисорӣ – сӯиистифода аз мавқеи бартарии субъекти хоҷагидор (гурӯҳи шахсон) дар бозорҳои мол, бастани шартнома ё анҷом додани амалҳои мувофиқашуда, ки қонунгузории зиддиинҳисорӣ манъ кардааст. Ба субъектҳои фаъолияти инҳисорӣ дохил мешаванд: субъектҳои хоҷагидор, гурӯҳи шахсон, мақомоти давлатӣ, мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ. Муаалиф бар он андеша ҳаст, ки таснифи фаъолияти инҳисорӣ одатан амалӣ карда намешавад ва аз шумораи иштирокчиёни ин фаъолият ва хусусиятҳои сифатии он вобаста аст.



**КАЛИДВОЖАҲО:** фаъолияти инҳисорӣ, рақобат, Мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ, субъектҳои хоҷагидор, тағйир надодани нархҳо, маҳдуд сохтани дастрасии бозор.


### РОЛЬ АНТИМОНОПОЛЬНОГО ОРГАНА В СФЕРЕ ЗАЩИТЫ КОНКУРЕНЦИИ СОГЛАСНО ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВУ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН


В данной статье анализируются некоторые вопросы правового регулирования монополистической деятельности и обсуждается ее теоретическое и практическое значение. Монополистическая деятельность - злоупотребление доминирующим положением экономического субъекта (группы лиц) на товарных рынках, заключение договора или осуществление согласованных действий, запрещенных антимонопольным законодательством. К субъектам монопольной деятельности относятся хозяйствующие субъекты, группы лиц,

государственные органы, органы местного самоуправления. Автор придерживается мнения, что классификация монополистической деятельности обычно не осуществляется и зависит от количества участников этой деятельности и ее качественных характеристик.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** монополистическая деятельность, конкуренция, государственные антимонопольные органы, хозяйствующие субъекты, неизменность цен, ограничение доступа на рынок.

**THE ROLE OF THE ANTIMONOPOLY AUTHORITY IN THE FIELD OF COMPETITION PROTECTION ACCORDING TO THE LEGISLATION OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN**

This article analyzes some issues of legal regulation of monopolistic activity and discusses its theoretical and practical significance. Monopolistic activity is the abuse of the dominant position of an economic entity (group of persons) in commodity markets, the conclusion of an agreement or the implementation of concerted actions prohibited by antimonopoly legislation. Subjects of monopoly activities include business entities, groups of persons, government bodies, and local government bodies. The author is of the opinion that the classification of monopolistic activities is usually not carried out and depends on the number of participants in this activity and its qualitative characteristics.

**KEYWORDS:** monopolistic activity, competition, state antimonopoly authorities, business entities, price constancy, limited access to the market.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Бобобеков Искандарҷон*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти факултети ҳуқуқшиносӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **881000021.**

**Сведения об авторе:** ***Бобобеков Искандарджон*** – Таджикский национальный университет, магистрант юридического факультета. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **881000021.**

**Information about the author:** ***Bobobekov Iskandarjon*** – Tajik National University, master`s student of Faculty of Law. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phone: **881000021.**

## СИЁСАТИ ҚОНУНГУЗОРӢ: ҶАНБАИ УМУМӢ-НАЗАРИЯВӢ

***Бобоназарзода М.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Қонунгузорӣ - шакли асосии пайдоиши қонун дар мамлакати мо буда, ба ташкили системаи принсипан нави миллии қонунгузорӣ нигаронида шудааст. Ба маънои маҳдуд, қонунгузорӣ ҳамчун маҷмуи қонунҳо ва ба маънои васеъ тамоми системаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ (аз ҷумла, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ) фаҳмида мешавад. Мафҳуми «қонунисозӣ», ки ҳамчун фаъолияти эҷод ва ворид кардани қонунгузорӣ ба маънои васеъ фаҳмида мешавад, бо истилоҳи «қонунисозӣ» мувофиқат мекунад. Умуман, ин мафҳумҳои гуногун мебошанд. Истилоҳи охирин хеле васеътар аст, зеро чунин фаъолиятҳои қонунбарорӣ, аз қабили эҷоди претседентҳо ё таҳрими урфу одатҳоро наметавон қонунбарорӣ номид, чунки тартиби онхоро қонунгузории махсус муайян мекунад. Танҳо қонун қодир аст татбиқи самарабахши сиёсати давлатро таъмин намуда, ба он хусусияти стратегӣ ва дарозмуддат диҳад. Маҳз қонунҳое, ки меъёрҳои хусусияти умумиро дар бар мегиранд, барои ташаккули заминаи волоияти қонун дар ҷомеаи ҷаҳонӣ ва танзими муносибатҳои муҳимтарини иҷтимоии давлат истифода мешаванд. Дар баробари ин, бо таҳлили нуктаҳои назари гуногун бояд қайд намуд, ки як қатор муаллифон сиёсати қонунгузориро умуман ҳамчун падидаи алоҳидаи мустақили воқеияти сиёсию ҳуқуқӣ фарқ намекунанд. Масалан, В.В. Трофимов мафҳуми сиёсати қонунгузориро шарҳ намедиҳад, балки дар бораи фаъолияти қонунгузорӣ ҳамчун шакли татбиқи сиёсати қонунгузорӣ сухан меронад. Бо вуҷуди ин, ба андешаи мо, сиёсат дар соҳаи қонунсозӣ бояд муҳимтарин навъи сиёсати қонунгузории давлат дониста шавад.

Чунин нуктаи назарро Д.В. Березовский, ки сиёсати қонунгузориро маҷмуи мақсадҳо, воситаҳо ва усулҳои фаъолияти субъектҳои ҳокимияти қонунгузорӣ, ки ба татбиқи вазифаи қонунгузории давлат нигаронида шудааст, мефаҳмад ва дар шакли таъмини ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон ва таҳкими волоият мефаҳмонад. Ба фикри ӯ, чунин сиёсати давлатӣ

сиёсати федералии қонунгузорӣ ва сиёсати қонунгузории субъектҳои федератсияро дар бар мегирад. Аммо сиёсати имрӯзаи қонунгузорӣ ба ин талабот ҷавоб дода наметавонад. Номукаммалии технологияи ҳуқуқӣ, паст будани тахассуси касбии таҳиягарони лоиҳаҳои қонунгузорӣ, афзалияти манфиатҳои маҳдуди идоравӣ ва хусусӣ, аксар вақт ба он оварда мерасонад, ки лоиҳаҳои зиёди қонун бо «тартиби бесарусомонӣ» ва фавран пас аз ворид шудани онҳо таҳия, баррасӣ ва қабул карда мешаванд. Барои рафъи ин гуна зуҳурот сиёсати ҳуқуқӣ вазифадор аст, ки ҷиҳати такмили тартиби таҳия, баррасӣ ва қабули лоиҳаҳои қонун тадбирҳо таҳия намояд. Муваффақияти ин фаъолият, дар навбати худ, аз самаранокии истифодаи воситаҳои сиёсати қонунгузорӣ ҳамчун намуди муҳимтарини сиёсати қонунгузорӣ дар соҳаи ташаккули ҳуқуқи позитивӣ вобаста аст. Ин андешаи М.Ю. Спирин мебошад ва ӯ чунин мешуморад, ки сиёсати қонунгузорӣ бояд принсипҳои асосӣ, самтҳо ва вазифаҳоеро, ки қонун бояд ба онҳо риоя кунад, пайдо мекунад ва дар шакли мушаххаси қоидаҳои рафтор ифода меёбад.

Аҳаммияти сиёсати қонунгузорӣ аз инкишофи худи системаи қонунгузорӣ хеле фаротар аст. Бо муайян намудани стратегияи умумии такмили қонунгузорӣ, мақсадҳои асосии он, принсипҳо, меъёрҳо, сиёсати қонунгузорӣ ба равандҳои тарбияи ҳуқуқӣ дар кишвар, фаъолияти қонунгузорӣ ва дигар амалҳо таъсири назаррас расонида, замина ва шароитҳои зарурии меъёриро фароҳам меорад. Сиёсати қонунгузорӣ ба фикри Н. Матузов, бешубҳа, ба сиёсати давлатӣ-ҳуқуқии Русия дохил карда шудааст, ки вазифаи асосии он бунёди давлати ҳуқуқбунёд мебошад. Чунин сиёсат, бешубҳа, бояд ба сиёсати иқтисодию иҷтимоӣ мувофиқ бошад, зеро вай талаботи ҳаёти ҷамъиятиро ба забони қонунӣ мегардонад. Ба гуфтаи В. Рудковский, аз ҷумлаи асосӣ, талаботи сиёсати қонунгузориро аз нуктаи назари таъмини самарабахшии иҷтимоию сиёсӣ ва ҳуқуқии он қайд бояд кард:

а) мувофиқат ба шароитҳои иҷтимоию иқтисодӣ, сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва дигар шароит ва тамоюлҳои инкишофи ҷамъиятӣ (реализм);

б) ба назар гирифтани манфиатҳои ҳамаҷонибаи аксарияти шаҳрвандон (қонунӣ);

в) тамоюл ба арзишҳои асосии ҷомеа, дурустии ахлоқии қарорҳои қабулшуда;

г) характери мураккаб бо назардошти қонуниятҳои дохилии амали ҳуқуқ ва алоқаҳои бисёртарафаи он бо дигар ҷамъиятҳо.

Дар баробари ин, бинобар дар ҷамъият ба вуҷуд омадани гурӯҳҳои аҳолӣ, ки хар яки онҳо ба воқеият аз нуқтаи назари худ баҳо медиҳанд, муайян кардан лозим аст, ки мақсадҳои иҷтимоӣ ва воситаҳои расидан ба онҳо чи гуна бошад.

9 сентябри соли 1991 халқи тоҷик соҳиби давлати комилан мустақил гардид. Бори нахуст дар таърихи давлатдории тоҷикон 6 ноябри соли 1994 Конститутсияи Ҷумҳурии сохибистиқлоли Тоҷикистон ба сифати қонуни асосии кишвар бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ қабул гардид. Ҳамчунин, бо дар назар доштани дастовардҳои нави ҷомеаислоҳоти конститутсионӣ гузаронида шуда, марҳилаи нави такмили сохтори конститутсионӣ оғоз гардид ва он имкон дод, ки 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйиру иловаҳо ворид шуда, мазмуну муҳтавои низоми ҳуқуқии кишвар такмил ва асосҳои демократӣ, ҳуқуқбунёдӣ ва дунявии он таҳким ёбад. Дар таърихи сиёсии кишвар бори нахуст парламенти думаҷлиса ба фаъолият шуруъ намуд. Мақомоти иҷроия ва судӣ, инчунин сохтори иқтисодии кишвар такмил дода шуда, эътирофи инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ ба сифати арзиши олӣ ва дигар андешаҳои демократӣ ба Конститутсия ворид гардиданд, ки айни замон ба шароиту талаботи дохилӣ ва байналмилалӣ ҷавобгӯ мебошанд.

Тоҷикистон бо мақсади гузаронидани ислоҳоти ҳуқуқии мусоидаткунанда ба рушди низоми нави ҳуқуқӣ, фаъолияти ҳуқуқэҷодкуниро ба марҳилаи сифатан нав, ба монанди банақшагирии таҳияи лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, самтҳои афзалиятноки тадқиқоти илмию ҳуқуқӣ дар соҳаи ҳуқуқэҷодкунӣ, гузаронидани тадқиқоти илмию таҳлилӣ оид ба ҳолат, раванди инкишоф ва амалияи истифодаи қонунгузорӣ, гузаронидани экспертизаҳои ҳуқуқӣ ва зиддикоррупсионии лоиҳаҳои қонунҳоро ворид намуд. Дар баробари қабул гардидани шумораи зиёди санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар кишвар ва эътироф гардидани санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, инчунин дар ин давра як қатор консепсияҳо,

стратегияҳо ва барномаҳои давлатӣ дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа ва давлат, аз ҷумла Стратегияи миллии рушди Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 таҳя ва қабул карда шуданд, ки ба ташаккул ва рушди минбаъдаи муносибатҳои нави иқтисодӣ ва иҷтимоии Тоҷикистон мусоидат мекунанд. Дар натиҷа корхо оид ба таҳия ва қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаҳои муайян, аз ҷумла қонунгузории конститутсионӣ, гражданӣ, соҳибкорӣ, молиявӣ, бонкӣ, гумрук, андоз, ҷиноятӣ, маъмурӣ, мурофиавии гражданӣ, мурофиавии ҷиноятӣ, мурофиаи судии иқтисодӣ, истеҳсолоти иҷро ва ғайра густариш пайдо намуданд.

Дар давоми зиёда аз бисту шаш соли гузашта рукнҳои давлатдории муосири Тоҷикистон хеле таҳкиму такмил ёфтанд ва барои торафт мустаҳкам гардидани истиқлолияти воқеии кишвар мунтазам мусоидат менамоянд. Бинобар ин,ислоҳоти гузаронидашуда ба такмили минбаъдаи демократикунонии институтҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ мусоидат намуд.

Аз ин рӯ, барои ба пуррагӣ иҷро гардидани барномаҳои зикршуда, дар чунин шароит стратегияи ба мақсад мувофиқи ҳуқуқэҷодкунӣ ва татбиқи он бо дар назар доштани ҳалли вазифаҳои дарозмуҳлат дар соҳаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва дигари қонунгузорӣ бояд амалӣ карда шаванд. Вобаста ба ин, инкишофи минбаъдаи қонунгузории кишвар бояд тибқи консепсияи ягонаи сиёсати ҳуқуқӣ, ки дурнамои инкишофи онро Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд, сурат гирад.

Татбиқи Консепсия ба зиммаи мақомоти ҳокимияти давлатӣ, аз ҷумла ба мақомоти судии ҷумҳурӣ, вазоратҳои адлия, кишоварзӣ, корҳои дохилӣ, корҳои хориҷӣ, маориф ва илм, меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, молия, рушди иқтисод ва савдо, саноат ва технологияҳои нав, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти андоз ва гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон, Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар мақомоти давлатӣ вогузор карда мешавад.

## АДАБИЁТ


1 Бобылев А.И. Проблемаҳои назариявии қонунгузорӣ дар Федератсияи Русия // Ҳуқуқ ва сиёсат. - 2001. - No 9.
2 Трофимов В.В. Сиёсати қонунгузорӣ дар заминаи бисёрсоҳавӣ Муносибати 3 омил // Сиёсати қонунгузорӣ дар Русияи муосир: Маҷмуаи корҳои илмӣ. асарҳо дар асоси материалҳои мизи мудаввари умумироссиягӣ / Ред. ред. А.В. Малько, Н.В. Исакова, А.П. Мазуренко. -Ца-ратов: Мин. Обҳо, 2009. - С.324.
3 Назарияи умумии давлат ва ҳуқуқ: Курси академи. Т. 2 / Ад. М.Н. Марченко. – М., 1998. – С.156.
4 Минюк Н.В. Қонунгузорӣ ҳамчун шакли ифодаи сиёсати ҳуқуқӣ // Давлат ва ҳуқуқ. 2007. - No 6.


## СИЁСАТИ ҚОНУНГУЗОРӢ: ҶАНБАИ УМУМӢ-НАЗАРИЯВӢ


Дар мақолаи мазкур мавзуи сиёсати қонунгузорӣ ва ҷанбаи умумӣ ва назариявии он мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Муаллиф қайд кардааст, ки қонунгузорӣ - шакли асосии пайдоиши қонун дар мамлакати мо буда, ба ташкили системаи принсипан нави миллии қонунгузорӣ нигаронида шудааст.



**КАЛИДВОЖАҲО:** шакл, пайдоиш, сиёсат, ҷанба, қонун, қонунгузорӣ.


## ЗАКОНОДАТЕЛЬНАЯ ПОЛИТИКА: ОБЩЕТЕОРЕТИЧЕСКИЙ АСПЕКТ


В данной статье рассматривается тема законодательной политики и ее общий и теоретический аспект. Автор отметил, что законодательство является основной формой права в нашей стране и направлено на создание принципиально новой системы национального законодательства.



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА**: форма, происхождение, политика, аспект, право, законодательство.


## LEGISLATIVE POLICY: GENERAL THEORETICAL ASPECT


This article examines the topic of legislative policy and its general and theoretical aspect. The author noted that legislation is the main form of law in our country and is aimed at creating a fundamentally new system of national legislation.



**KEYWORDS:** form, origin, policy, aspect, law, legislation.



**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Бобоназарзода Маҳинбону*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти факултети ҳуқуқшиносӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.

**Сведения об авторе:** ***Бобоназарзода Махинбону*** – Таджикский национальный университет, магистрант юридического факультета. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17.

**Information about the author:** ***Bobonazarzoda Mahinbonu*** – Tajik National University, master`s student of Faculty of Law. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17.

# АЛОМАТҲОИ ОБЪЕКТИВИИ ҶИНОЯТИ ФАЪОЛИЯТИ ҒАЙРИҚОНУНИИ БОНКӢ

***Раҳимзода Р.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Бо мақсади фарқи як намуди ҷиноят аз дигараш мафҳуми махсуси таркиби ҷиноят ҷой дорад. Таркиби ҷиноят яке аз институтҳои маркази ҳуқуқи ҷиноятӣ ба ҳисоб рафта, аҳаммияти ҷиддӣ доштанаш аз он бар меояд, ки мутобиқи моддаи 11-и Кодекси Ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Асоси ҷавобгарии ҷиноятӣ содир намудани кирдоре мебошад, ки дорои тамоми аломатҳои таркиби ҷиноятӣ дар ҳамин Кодекс пешбинигардида аст». Лекин дар ягон моддаи Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон мушаххас аломатҳои таркиби ҷиноят муқаррар карда нашудааст, аммо дар талаботи якчанд моддаҳо онҳоро мушоҳида кардан мумкин аст. Мисол: дар моддаи 2 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон объекти ҷиноят, дар моддаҳои 22 то 24 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аломатҳои субъекти ҷиноят ва дар дигар моддаҳо бо тариқи умумӣ нишон дода шудааст.

Аз ин лиҳоз дар асоси ақидаи умуми эътирофшудаи олимони ҳуқуқи ҷиноятӣ таркиби ҳар як ҷиноят аз элементҳои объективӣ ва субъективӣ иборат мебошад, ки ҳангоми ҷой надоштани яке аз онҳо кирдор ҳамчун ҷиноят эътироф карда намешавад. Инчунин, элементҳои объективӣ дар навбати худ ба ду қисм ҷудо карда мешаванд, ки он:

- объекти ҷиноят;
- тарафи объективии ҷиноят.

Объекти ҷиноят – умуман объекти ҷиноят он аст, ки ба он кирдор (ҳаракат ё беҳаракати) равона шудааст ё ҷинояткор дахолат мекунад. Б.А. Куринов дар яке аз асарҳои охирини худ навишта буд: «Ҳамин тавр, объекти ҷиноят фақат муносибатҳои ҷамъиятии сотсиалистие мебошад, ки аз ҷониби қонуни ҷиноятӣ ҳифз шуда метавонад».

Сабаби асосии ҷой доштани чунин ақида дар он мебошад, ки дар он замон сохти давлати шуравӣ ҳукмрон буд ва дар он давлат манфиати давлати сотсиалистӣ дар мадди аввал гузошта мешуд. Баъди аз байн рафтани он вобаста ба мафҳуми объект ва чи объект шуда метавонад дар байни олимони ҳуқуқи ҷиноятӣ гуногунақидагӣ ба вуҷуд омад. Чунки гурӯҳи олимон дар он ақида мебошанд, ки танҳо муносибатҳои ҷамъиятӣ объект шуда наметавонанд. Сабабашро дар он мебинанд, ки аз нигоҳи онҳо дар баъзе аз моддаҳои Кодекси ҷиноятӣ ба сифати объекти он муносибати ҷамъиятӣ баромад карда наметавонад. Масалан: ҷинояти одамкушӣ (моддаи 104 Кодекси Ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон) ва монанди ин, ки дар он ба сифати объект ҳаёти шахси дигар баромад мекунад, ки онро муносибати ҷамъиятӣ гуфтан на он қадар дуруст мебошад. Аз ин хотир, дар натиҷаи таҳлили ақидаҳои олимон се мафҳуми объекти ҷиноятӣ дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ ба вуҷуд меояд, ки аз дигар соҳаҳои ҳуқуқ фарқ мекунад.

- Объекти ҷиноят – ин он манфиату неъматҳое, ки аз ҷониби қонуни ҷиноятӣ ба ҳифз гирифта шуда, ба онҳо кирдор таҷовуз мекунад.
- Объекти ҷиноят –ин он муносибатҳои ҷамъиятие, ки аз ҷониби қонуни ҷиноятӣ ба ҳифз гирифта шуда, ба онҳо кирдор таҷовуз мекунад.
- Объекти ҷиноят – ин он арзишҳои иҷтимоӣ, манфиатҳо, неъматҳо ва инчунин муносибатҳои ҷамъиятие мебошад, ки аз ҷониби қонуни ҷиноятӣ ба ҳифз гирифта шуда, ба онҳо кирдор таҷовуз мекунад.

Дар ин ҷода яке аз муаллифони китоби дарсии «Ҳуқуқи ҷиноятӣ (қисми умумӣ)» Г.М. Юлдошева дар боби 7-ум чунин қайд мекунад, ки ба фикри мо объекти ҷиноят манфиату неъматҳое, ки бо воситаи қонуни ҷиноятӣ давлат ба ҳифз гирифтааст, ин ақида дуруст мебошад. Лекин як гурӯҳи дигари муаллифон бар он ақидаанд, ки объекти ҷиноят ин муносибатҳои ҷамъиятӣ мебошад, яъне мафҳуми дуюмро ҷонибдорӣ мекунанд. Масалан, яке аз муаллифони китоби дарсии «Ҷиноятҳо дар соҳаи фаъолияти иқтисодӣ» А.И. Сафаров мафҳуми объекти ҷиноятро таҳлил карда, ба хулосае омадааст, ки ба сифати объекти ҷиноят ин муносибати ҷамъиятӣ баромад мекунад.

Дар баробари ин гурӯҳи сеюми олимони назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ масъалаи объекти ҷиноятро таҳлил карда, мафҳуми сеюмро ҷонибдорӣ мекунанд. Мисол: дар китоби дарсии ҳуқуқи ҷиноятӣ зери таҳрири В.С. Комиссарова, Н.Е. Крыловой ва И.М. Тяжковой дар боби 9-ум, ки онро А.В. Пашковская таҳлил кардааст, чунин овардааст: «ҳамин тариқ, объекти ҷиноят ин он арзишҳои иҷтимоӣ, манфиатҳо, неъматҳо ва инчунин муносибатҳои ҷамъиятие мебошад, ки аз ҷониби қонуни ҷиноятӣ ба ҳифз гирифта шуда, ҳангоми содир шудани ҷиноят ба онҳо кирдор таҷовуз мекунад».

Бояд чунин қайд кард, ки оид ба худи мафҳуми муносибати ҷамъиятӣ чи мебошад аз ҷониби олимони ҳуқуқи ҷиноятӣ ягон нуктаи назар пешбинӣ карда нашудааст, яъне ин масъала ба таври мушаххас таҳлил карда нашудааст. Дар энсиклопедияи советии тоҷик мафҳуми муносибатҳои ҷамъиятӣ чунин шарҳ дода шудааст: «Муносибатҳои ҷамъиятӣ ин робитаҳои мухталифи байни гурӯҳхои иҷтимоӣ, синфҳо, миллатҳо, ки дар рафти ҳаёт ва фаъолияти иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ ва маънавии онҳо ба миён меоянд». Аз ин ҷо хулоса кардан мумкин аст, ки манфиатҳо, неъмату арзишҳои иҷтимоӣ дар як маврид ба сифати муносибатҳои ҷамъиятӣ баромад карда метавонанд, яъне тамоми самти фаъолияти одамон дар натиҷаи муносибати байниҳамдигарӣ инкишоф ёфта, таъмин карда мешаванд. Аз ин рӯ, объекти ҷиноят он муносибатҳои ҷамъиятие мебошанд, ки дар қонуни ҷиноятӣ ҳифз карда шуда, ҳангоми содир шудани ҷиноят онҳо зарар мебинанд ва ё таҳти хатари расонидани зарар қарор мегиранд, яъне кирдори ҷиноятконона ба онҳо таҷовуз меоварад. Аз ин хотир мо низ тарафдори мафҳуми дуюм мебошем, чунки тамоми таҳлилҳои кодекси ҷиноятӣ ба он асоснок мебошад. Ҳамин тариқ, объекти ҷиноят дорои хусусиятҳои зерин мебошад:

- Объекти ҷиноят – элементи ҳар як кирдори ҷиноятконона мебошад;
- Объекти ҷиноят – элементи асосии таркиби ҷиноят мебошад;
- Объекти ҷиноят – барои мураттабсозии кодекси ҷиноятӣ хусусияи принсипалӣ дорад;
- Дуруст муайян кардани объекти ҷиноят имконият медиҳад, ки кирдори ҷиноятӣ аз дигар ҳуқуқвайронкуниҳо ва ё рафторҳои бадахлоқона фарқ карда шавад;
- Объекти ҷиноят инконият медиҳад, ки кирдорҳои ба ҷамъият хавфнок аз як дигар фарқ карда шаванд;
- Объекти ҷиноят дар баъзе ҳолатҳо барои дуруст банду баст кардани кирдор ва фарқи як намуди ҷиноят аз дигараш нақши асосӣ мебошад.

Назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва амалияи истеҳсолоти судӣ ҳаминро тақозо мекунад, ки объекти ҷинояти мушаххасро муайян накарда, қонуниятро таъмин кардан имконнопазир мебошад. Аз ин лиҳоз, барои дуруст муайян кардани объекти ҷинояти мушаххас таълимот дар бораи хелҳои объектро донистан лозим меояд. Дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ объекти ҷиноятро вобаста ба ду тарз таснифбандӣ мекунанд, ки ҳар яктои он дар навбати худ боз ба гурӯҳо ҷудо карда мешавад:

- Вобаста бо тарзи амудӣ, ки чунин мешавад:

а) объекти умумӣ – ин объекти ҳама намуди ҷиноятҳои алоҳида ба шумор меравад, ки дар моддаи 2 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон дарҷ гардидааст. Мутобиқи он: ҳуқуқу озодихои инсон ва шаҳрванд, амнияти ҷамъиятӣ ва саломатии аҳолӣ, муҳити зист, тартиботи ҷиноятӣ ва ахлоқ, моликият, ҳимояи сохти конститутсиони ва амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз таҷовузи ҷинояти, таъмини сулҳ ва амнияти башарият;

б) объекти хелӣ – ин як қисми объекти умумӣ буда, гурӯҳи ҷиноятҳои объекташон якхеларо тобеъ месозад. Ин объект аслан дар фаслҳои Кодекси ҷиноятӣ дида мешаванд ба монанди: шахсият, амнияти ҷамъиятӣ ва саломатии аҳолӣ, амнияти экологӣ ва муҳити зист ва ғайра;

в) объекти намудӣ – ин як қисми объекти хелӣ буда, гурӯҳи ҷиноятҳои объекташон як намударо бо ҳам муттаҳид месозад, ки он дар номи бобҳои Кодекси ҷиноятӣ гузошта шудааст. Масалан: ҳаёт, саломатӣ, озодӣ, обрӯ ва эътибори шахсият ва монанди инҳо;

г) объекти бевосита – ин як қисми объекти намудӣ буда, объекти ҷинояти мушаххасро дарбар мегирад, ки дар моддаҳои қисми махсуси Кодекси ҷиноятӣ ҷойгир мебошанд. Масалан: объекти моддаи 104 то 405.

Дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ баъзе аз гурӯҳи олимон объекти намудиро эътироф намекунанд ва онҳоро танҳо ба се гурӯҳ ҷудо мекунанд. Масалан, дар китоби дарсии ҳуқуқи ҷиноятӣ зери таҳрири В.С. Комиссарова, Н.Е. Криловой ва И.М. Тяжковой дар боби 9-ум, ки онро А.В. Пашковская таҳлил кардааст, чунин ҷудо кардааст:

1) объекти умумӣ;
2) хели ва
3) бевосита.

Ин тарзи гурӯҳбандиро дигар олимони ҳуқуқи ҷиноятӣ низ тарафдорӣ мекунанд. Аммо аз нигоҳи мо таҳлили аввал дурусттар мебошад, чунки сохти қисми махсуси кодекси ҷиноятӣ дар аксари давлатҳо ба ҳамон тарзи гурӯҳбандӣ сохта шудааст ва онро олимони зиёд тарафдорӣ мекунанд.

Фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ яке аз намудҳои соҳибкории ғайриқонунӣ мебошад. Вале вобаста ба хусусият ва дараҷаи ба ҷамъият хавфноки фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ қонунгузор онро ба таври алоҳида чун ҷиноят мукарар намудааст. Аз ин лиҳоз, барои дуруст муайян кардани моддаи мушаххаси қисми махсуси кодекси ҷиноятӣ донистани объекти хелӣ, намудӣ ва бевоситаи он зарур мебошад. Ба сифати объекти хелии ҷинояти мазкур, ки аз номи фасли он гирифта шудааст, муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи иқтисодиёт ба ҳисоб меравад. Ба сифати объекти намудиаш бошад аз номи боби он гирифта шудааст, ки он муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи фаъолияти иқтисодӣ баромад мекунад.


### АДАБИЁТ

1. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. (дастрас: www.mmk.tj)
2. Шарипов Т., Сатторов Г., Юлдашева ва дигарон. Китоби дарсии Ҳуқуқи ҷиноятӣ (қисми умумӣ). Д., 2011.
3. Комиссарова В.С., Крыловой Н.Е., Тяжковой И.М. Уголовное право (общая часть) / В.С. Комиссарова, Н.Е. Крыловой, И.М. Тяжков. - М. Статут 2012. С 77.


### АЛОМАТҲОИ ОБЪЕКТИВИИ ҶИНОЯТИ ФАЪОЛИЯТИ ҒАЙРИҚОНУНИИ БОНКӢ


Дар мақолаи мазкур мавзуи аломатҳои объективии ҷинояти фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Муаллиф қайд кардааст, ки фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ яке аз намудҳои соҳибкории ғайриқонунӣ мебошад. Вале вобаста ба хусусият ва дараҷаи ба ҷамъият хавфноки фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ қонунгузор онро ба таври алоҳида чун ҷиноят мукарар намудааст.



**КАЛИДВОЖАҲО:** фаъолият, бонк, ҷиноят, қонунгузор, аломат.


### ОБЪЕКТИВНЫЕ ПРИЗНАКИ ПРЕСТУПЛЕНИЯ НЕЗАКОННОЙ БАНКОВСКОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ


В данной статье рассматривается тема объективных признаков преступления незаконной банковской деятельности. Автор отметил, что незаконная банковская деятельность является одним из видов незаконного бизнеса. Однако в зависимости от характера и степени опасности для общества незаконной банковской деятельности законодатель выделил ее в качестве преступления.



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** деятельность, банк, преступление, законодатель, символ.


### OBJECTIVE SIGNS OF THE CRIME OF ILLEGAL BANKING ACTIVITIES


This article discusses the topic of objective signs of the crime of illegal banking activities. The author noted that illegal banking activities are one of the types of illegal business. However, depending on the nature and degree of danger to society of illegal banking activities, the legislator identified it as a crime.



**KEYWORDS:** activity, bank, crime, legislator, symbol.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Раҳимзода Рухшона*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти факултети ҳуқуқшиносӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **982599090.**

**Сведения об авторе:** ***Рахимзода Рухшона*** – Таджикский национальный университет, магистрант юридического факультета. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **982599090.**

**Information about the author:** ***Rahimzoda Rukhshona*** – Tajik National University, master`s student of Faculty of Law. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phone: **982599090.**

# СИЁСАТ – ПОЛИТИКА

## ОСОБЕННОСТИ ПРОЯВЛЕНИЯ САНКЦИОННЫХ ВОЙН В СОВРЕМЕННОМ МИРЕ

*Сатторова Н.Х.*
**Таджикский национальный университет**

Санкции имеют очень долгую историю в мировой капиталистической системе. Если изначально они предназначались для вмешательства в продолжающиеся вооруженные конфликты, то в современном мире они стали чем-то другим, полностью находящимся под эгидой сверхдержав. Они не являются альтернативой или дополнением к войне, а являются войной другими средствами и, более того, средством подготовки целевых стран к прямой вооруженной войне. Они направлены в первую очередь от ядра к полупериферии и периферии [1].

Санкции создаются для того, чтобы нанести серьезный ущерб производственным силам внутри национальных государств. В самом широком смысле санкция – это элемент правовой нормы, предусматривающий неблагоприятные последствия для лица, нарушившего содержащееся в такой норме правило. В данном контексте «лицо» – это «актор» в системе международных отношений, будь это государство, корпорация, некоммерческая организация, отдельная личность, частная военная компания или наднациональное объединение.

Наиболее популярная классификация санкций описана в разделе VII Устава ООН, а именно: коммерческие или торговые, финансовые, санкции в отношении передвижения, дипломатические, спортивные, культурные и процессуальные санкции (лишение права голоса или исключение из организации) [2].

Не стоит разделять экономические и политические санкции, поскольку, как утверждает экономист и бывший директор по исследованиям в Совете по международным отношениям США Гэри Клайд Хафбауэр, экономические санкции – это «преднамеренные, вызванные действиями правительства меры по прекращению (или угрозы прекращения) традиционных торговых или финансовых отношений с политическими целями» [3, с.21-23].

Если разбирать причины и цели экономических санкций, они обязательно коррелируют с политическими интересами. Санкции применяются в основном согласно следующим целям (могут применяться для достижения несколько целей сразу):

1. Внутриполитические причины. Могут иметь показной характер. Правительство вводит санкции против какого-либо актора с целью поддержания собственного благоприятного имиджа и повышения уровня доверия со стороны граждан.

2. Демонстрация силы. Частая причина введения санкций связана с запугиванием другого субъекта согласно риск-менеджменту: цена введения санкций оказывается меньше, чем цена бездействия.

3. Ослабление конкурентов на международной арене. Предотвращение проблем, связанных с усилением перепроизводства в регионе, либо с возможностью утратить ведущие позиции на региональном или глобальном уровне.

4. Давление. Зачастую связано с желанием скорректировать в свою пользу внешнеполитический курс объекта санкций.

5. Защита и безопасность. Отстаивание собственных национальных интересов, гарантия национальной безопасности. Например, государство может защищать отечественных производителей, накладывая налог на импортируемые товары [4, с.29].

В настоящее время ограничительные меры являются составной частью «гибридной войны», то есть такого типа противостояния, при котором военные инструменты сочетаются с невоенными, «мягкая сила» дополняет «жесткую», а легальные способы борьбы соседствуют с противозаконными.

Усомниться в эффективности санкций сложно хотя бы потому, что такие ограничительные и запретительные меры практикуются с начала деятельности Лиги Наций и по сей день, однако результаты исследований, которые описаны в статье «Оценка эффективности введения санкций: Мировой опыт» В.М. Заеюрнюка и С. Алавифара, говорят о том, что лишь треть из всех случаев применения политико-экономических санкций была успешной [5]. В настоящее время существует понятие «санкционная война». Её модель и эффективность стоит рассматривать отдельно.

В системе современных международных отношений достаточно сложно начать классическую войну без коллективного одобрения со стороны ООН или группы влиятельных государств, оно носит крайне редкий характер. Войны достаточно дорогие в денежном эквиваленте и противоречат принципам общепринятого международного права. Также вооружённые конфликты означают дестабилизацию ситуации в регионе или в мире. И часто причины конфликта недостаточны для того, чтобы начать войну. В таком случае, например, государства применяют опцию введения международных политико-экономических санкций в соответствии с вышеописанными целями. А государство-объект санкций вводит ответные меры, после чего санкционные списки расширяются, а риторика официальных лиц, СМИ и иных инструментов агитации приобретает враждебный характер. Это и есть «санкционная война». Чтобы получить более четкое представление, рассмотрим модель отношений США и Российской Федерации, начиная с 2014 года по настоящее время. Данный случай представляется исключительно подходящим для исследования природы санкционных войн [4, с.29].

Главным методологическим обоснованием эффективности санкций является достижение целей при их введении, поэтому стоит обозначить цели США в контексте данных событий. Со слов официальных представителей и президента США, целями являлись признание нового правительства Украины другими странами и Россией, а также дальнейшая международная изоляция РФ [4, с.29]. Однако эксперты и руководство Российской Федерации считают изоляцию невозможной, поскольку «Россия расширяет связи с большинством зарубежных стран в Евразии, Латинской Америке, Африке, в том числе с государствами ОДКБ, СНГ, Евразийского экономического союза, Шанхайской организации сотрудничества (ШОС), БРИКС» [5], ссылаясь на теорию экономической взаимозависимости и огромное количество международных политических, экономических и культурных связей между государствами, а «изоляция является лишь инструментом давления» [4, с.29].

Согласно вышеописанной классификации оба субъекта взаимно придерживались следующих целей:

- ослабление конкурентов (предотвращение проблем);
- давление;
- защита и безопасность.

***Бобиев Маҳмадрасул* – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,** магистранти курси дуюми факултети механика ва математика. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992) 919-11-33-37.**
***Розиқов Муҳиддин Тоҷиддинович*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Ph.D. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992) 930-01-03-83.** E-mail:**m@rmuhiddin.ru**

**Сведения об авторах:** ***Зарифзода Сарвар Карамон*** – Таджикский национальный университет, кандидат физико – математических наук, дотцент кафедры вычислительной математики и механики. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 985- 61- 91- 83.** E- mail: **sarvar8383@ list.ru**
***Бобиев Махмадрасул*** – Таджикский национальный университет, магистр второго курса факультета механики и математики. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, просспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 919-11-33-37.**
***Розиков Мухиддин Тоджиддинович*** – Таджикский национальный университет, Ph.D. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, просспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 930-01-03-83**. E-**mail:m@rmuhiddin.ru**

**Information about the authors:** ***Zarifzoda Sarvar Qahramon*** - Tajik National University, Candidate of Physical and Mathematical sciences, Associate Professor of the Department of Computational Mathematics and Mechanics. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: (+992) 985-61-91-83. E-mail: **sarvar8383@ list.ru**
***Bobiev Mahmadrasul*** – Tajik National University, master`s student of the Faculty of Mechanics and Mathematics. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: **(+992) 919-11-33-37.**
***Rozikov Muhiddin Todjiddinovich*** - Tajik National University, Ph.D. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: **(+992) 930-01-03-83.** E-mail:**m@rmuhiddin.ru**

# ҲАЛЛИ МАСЪАЛАҲО БО ИСТИФОДА АЗ АФЗОРИ “ПОДБОР ПАРАМЕТРЫ” ДАР БАРНОМАИ MS EXCEL 2016

***Раҷабова М.Э.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Афзори “Подбор параметры” дар барномаи оффисии MS Excel ба мо имконият медиҳад, ки аргументи функсияро, ки қимати он маълум аст, муайян намоем.

“Подбор параметры”- оддитарин тадбирест, ки бо тағйир додани як параметр ҳалли дилхоҳро дарёфт менамояд.

Барои истифодаи “Подбор параметры” талаб карда мешавад, ки дар якейкае, ки мо бояд натиҷаи дилхоҳро ба даст орем, формула ҷойгир шавад, ки ба дигар ячейкаҳои вараќи корӣ истинод шуда тавонад. Чунин ячейкаеро, ки дар он формула ҷойгир карда шудааст, ячейкаи мақсаднок меноманд ва ячейкае, ки ба он формулаҳо истинод мешаванд, ячейкаи тағйирёбанда ба шумор меравад.

Ҳангоми истифодаи “Подбор параметры” қимати параметри ячейка тағйир меёбад, то ки қимати ячейкаи мақсаднок ба арзиши муайяншуда баробар шавад.

**“Подбор параметры” ва ҳалли муодилаҳо дар Excel.**

Афзори зеринро барои ҳалли муодилаҳои якномаълума мисол меорем. Масалан:

3x+2=8

y=8 функсияи x аст,

арзиши y ба мо маълум аст, мо бояд қимати x-ро муайян намоем

Акнун ин масъаларо бо истифода аз “Подбор параметры” ҳал менамоем:

1. Ячейкаро тавре, ки дар расм мисол овардем, пур менамоем:
2. Ба ячейкаи B2 гузашта, аз лавҳаи асбобҳо асбоберо интихоб менамоем, ки дар он ҷо “Подбор параметры” ҷойгир шудааст: “Данные”-“Работа с данными”-“Анализ что если”- “Подбор параметры”
3. Дар равзанаи пайдошуда майдончаҳоро тавре, ки дар расм мисол овардем, пур намуда, тугмачаи ОК-ро пахш менамоем:

Дар натича мо чавоби дурусти 2-ро гирифтем:






Мо ҷавоби дурусти максималиро натиҷа гирифтем: 3*2+2=8

**Мисоли дуюми ҳалли муодилаҳо бо истифода аз функсияи “Подбор параметры” дар барномаи MS Excel**

Масъаларо каме мураккаб менамоем. Дар навбати зерин чунин формуларо дохил менамоем:

$x^2=4$

Ҳал:

1. Ячейкаро тавре, ки дар расм мисол овардем пур менамоем:




2. Ба лавҳаи асбобҳо гузашта дар он “Данные”-“Работа с данными”-“Анализ что если”- “Подбор параметры”-ро интихоб намуда, майдончаҳоро боз пур менамоем, ки дар расм мисол оварда шудааст:

3. Натиҷаи ҳар ду масъаларо муқоиса кунед:






**Диққат кунед!** Дар мисоли якум мо ҷавоби пурра дуруст, дар мисоли дуюм бошад мо ҷавоби тақрибан дурустро ҳосил намудем.

Ин масъалаҳои одӣ, мисоли дарёфти ҳалли зуди муодилаҳо дар барномаи оффисии Excel мебошад. Имрӯз ҳар як хонандаи муассисаҳои таълимӣ ёфтани қимати х-ро медонад.

Масалан:

x= (7-1)/2

Excel дар алгоритмҳои худ барои абзорҳои таҳлили додаҳо усули соддатар, яъне ивазкуниро истифода мебарад.

**АДАБИЁТ**


1. Дорогов Б.В., Дорогова Е.Г. Основы программирования на языке С: учебное пособие. . - М.: ИД. "Форум" : ИНФРА - М. 2012.
2. Дубянская Г.Ю. Экономика развития, основанная на знаниях: идейно-концептуальные основы / Г.Ю. Дубянская. - М.: МАКС Пресс, 2010.
3. Епашников А.М., Епашников В.А. Программирование в среде С шарп 2010 / А.М. Епашников, В.А. Епашников. - М.: МИФИ, 2011.
4. Заварыкин В.М., Житомирский В.Г., Лапчик М.П. Основы информатики и программирование / В.М. Заварыкин, В.Г. Житомирский, М.П. Лапчик. - М.: Просвещение, 2008.
5. Интернет технологии в экономике знаний: Учебник под ред. Абдиксева Н.М. : - М.: ИД. "Форум" : ИНФРА - М. 2012.
6. Информатика для : Учебник/ Под редакцией В.М. Мартю , : 2009г.
7. Исаев Г.Н. Моделирование информационных ресурсов: теория и решение задач: Учебное пособие / Г.Н. Исаев. - М.: Альфа-М : ИНФРА - М. 2012.
8. Карпова Т.С. Базы данных: модели, разработка / Т.С. Карпова. - СПб.: Питер, 2008.
9. Комилов Ф.С., Тоиров Ш.М. Информатика / Ф.С, Комилов, Ш.М. Тоиров. - Душанбе 2002.
10. Қосимов И.Л. Асосҳои информатика ва технологияи компютерӣ. / И.Л. Қосимов. - Душанбе 2006.
11. Кренке Д. Теория и практика построения баз данных: [пер.с англ] / Д. Кренке. - 9 - е изд. - СПб.: Питер, 2008.


## ҲАЛЛИ МАСЪАЛАҲО БО ИСТИФОДА АЗ АФЗОРИ “ПОДБОР ПАРАМЕТРЫ” ДАР БАРНОМАИ MS EXCEL 2016


Вазифаи асосии афзори “Подбор параметры” осон гардонидани мақсади истифодабарандаи ҷадвали электронӣ, ки натиҷаи дилхоҳи масъалаҳоро ба даст овард, ба шумор меравад. Мувофиқи принсипи кор асбоби зерин бо асбоби «Поиском решения» монандӣ дорад, ҳатто “Подбор параметры”-ро соддакардашуда ҳисобидан мумкин аст, ки ҳатто навомӯз метавонад бо осонӣ ин масъалаҳоро аз худ намояд.



**КАЛИДВОЖАҲО:** афзор, ҷадвали электронӣ, масъалаҳо, натиҷа, принсип, асбоб, соддакардашуда, навомӯз.


## РЕШЕНИЕ УРАВНЕНИЙ С ИСПОЛЬЗОВАНИЕМ ФУНКЦИИ “ПОДБОР ПАРАМЕТРЫ” В ПРОГРАММЕ MS EXCEL 2016


Основная задача функции «Подбор параметра» — помочь пользователю электронной книги отобразить исходные данные, которые привели к появлению конечного результата. По принципу работы инструмент схож с «Поиском решения», причём «Подбор параметра» принято считать упрощённым, так как с его использованием справится даже новичок.



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** функция, электронная книга, результат, принцип, инструмент, упрощённое, новичок.


## SOLVING EQUATIONS USING THE “SELECTION OF PARAMETERS” FUNCTION IN MS EXCEL 2016


The main task of the “Parameter Selection” function is to help the e-book user display the initial data that led to the final result. According to the principle of operation, the tool is similar to “Search for a solution”, and “Selection of parameter” is considered to be simplified, since even a beginner can handle its use.



**KEYWORDS:** function, e-book, result, principle, tool, simplified, beginner.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Раҷабова Мадина Эркиновна*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти кафедраи информатика. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992) 008081897.** E-mail: **rajabovamadina015@gmail.com.**

**Сведения об авторе***:* ***Раджабова Мадина Эркиновна*** – Таджикский национальный университет, магистрант кафедры информатики. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 008081897.** E-mail: **rajabovamadina015@gmail.com.**

**Information about the author:** ***Rajabova Madina Erkinovna***- Tajik National University, Magister of the Department of Informatics. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: **(+992) 008081897**. E-mail: **rajabovamadina015@gmail.com.**

**УДК 511.324**

# НУЛҲОИ ҲОСИЛАҲОИ ТАРТИБИ ЯКУМ, ДУЮМ ВА J-УМИ ФУНКСИЯИ ХАРДИ

***Олимзода М., Фозилов У.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дар баробари масъалаи нулҳои ҳамсояи функсияи Харди $Z(t)$, ки дар хати рости критикӣ мехобанд, метавон масъалаи умумитар – нулҳои ҳамсояи ҳосилаҳои тартиби $j$-уми функсияи Хардиро $Z^{(j)}(t)$, $j \geq 1$ мавриди омӯзиш қарор дод. Бо афзудани тартиби ҳосила дарозии порчаи хати рости критикӣ, ки дорои нули функсияи $Z^{(j)}(t)$ мебошад, кӯтоҳ мегардад.

Соли 1981 А.А. Карасуба [1, саҳ. 52] таъсири "наздикшавӣ" бо афзудани $j$ –нулҳои функсияи $Z^{(j)}(t)$ –ро муайян намуд ва теоремаи зеринро исбот намуд: *Бигузор j– адади натуралӣ буда,*

$$T \geq T_0(j) > 0, H \geq cT^{\frac{1}{6j+6}}\ln^{\frac{2}{j+1}}T, c = c(j) > 0.$$

*Он гоҳ порчаи* $(T, T+H)$ *дорои нули тартиби тоқи функсияи* $Z^{(j)}(t)$ *мебошад.*

Ҳангоми исботи теорема мо ҳамон усулҳоеро истифода мебарем, ки А.А. Каратсуба истифода бурдааст [2, саҳ. 225], бо татбиқи усули нави баҳодиҳии суммаҳои махсуси тригонометрӣ [3, саҳ. 333], ки ин имкон медиҳад, ки ҳалли масъала бомуваффақият ба анҷом расонида шавад.

Теоремаи зерин ҷой дорад:

**Теоремаи 1.** *Бигузор* $(\kappa, \lambda)$ *— ҷуфти экспоненсиалии ихтиёрӣ бошад ва* $j$ *— адади натуралӣ буда,* $T \geq T_0(j) > 0$, $c = c_0(j) > 0$. *Он гоҳ функсияи* $Z^{(j)}(t)$ *дорои нули тартиби тоқ дар порчаи* $(T, T+H)$ *мебошад, агар*

$$H \geq cT^{\omega_j(\kappa,\lambda)}(\ln T)^{\frac{2}{j+1}}, \omega_j(\kappa, \lambda) = \frac{\kappa + \lambda - 0.5}{2\kappa + 4\lambda + 2j - 1}.$$

**Исботи теоремаи 1.** Фарз мекунем, ки $T \leq t \leq T+H$, $H \leq T^{\frac{1}{6}}$ бошад. Дар аввал ҳолати ҷуфт будани $j$-ро дида мебароем. Муодилаи функсионалии тақрибии ҳосилаҳои тартиби $j$–уми функсияи Харди намуди зеринро дорад:

$$Z^{(j)}(t) = (-1)^{\frac{j}{2}} \cdot 2 \sum_{n \leq \sqrt{\frac{t}{2\pi}}} \frac{(\theta'(t) - \ln n)^j}{\sqrt{n}} \cos(\theta(t) - t\ln n) +$$

$= O(t^{-\frac{1}{4}}\ln^{j+1}t).$ (1)

Барои озод шудан аз вобастагии сарҳад аз тағйирёбии t дар формулаи (1) бузургии $\sqrt{\frac{t}{2\pi}}$ –ро ба $\sqrt{\frac{T}{2\pi}} = P$ иваз намуда, ҳосил мекунем:

$$Z^{(j)}(t) = (-1)^{\frac{j}{2}} \cdot 2\sum_{n\le P} \frac{(\theta'(t) - \ln n)^j}{\sqrt{n}} \cos(\theta(t) - t\ln n) +$$
$$+O(T^{-\frac{1}{4}}\ln^{j+1}T). \quad (2)$$

Функсияи $\theta(t)$ бо баробарии зерин муайян карда мешавад:

$$\theta(t) = \theta_0(t) + \Delta(t),$$

ки дар ин ҷо

$$\theta_0(t) = t\ln\sqrt{\frac{t}{2\pi}} - \frac{t}{2} - \frac{\pi}{8},$$
$$\Delta(t) = \frac{t}{4}\ln\left(1 + \frac{1}{4t^2}\right) + \frac{1}{4}\mathrm{arctg}\frac{1}{2t} - \frac{t}{2}\int_0^\infty \frac{\rho(u)du}{\left(u+\frac{1}{4}\right)^2 + \frac{t^2}{4}}.$$

Ҳосилаи ин функсияро меёбем

$$\theta'(t) = \ln\sqrt{\frac{t}{2\pi}} + \frac{t}{2}\cdot\frac{1}{\frac{t}{2\pi}}\cdot\frac{1}{2\pi} - \frac{1}{2} + \Delta'(t) = \ln\sqrt{\frac{t}{2\pi}} + \Delta'(t)$$

ва

$$\Delta'(t) = \frac{1}{4}\ln\left(1+\frac{1}{4t^2}\right) - \frac{1}{(4t^2+1)} - \frac{8}{t^2} + \frac{1}{4t^2} = O\left(\frac{1}{T}\right).$$

Инчунин, метавон нишон дод, ки

$$\Delta(t) = O\left(\frac{1}{T}\right).$$

Бинобар ин, баъди ҳамаи иҷрои гузоришҳо формулаи (2) намуди зеринро мегирад

$$Z^j(t) = (-1)^{\frac{j}{2}} 2\sum_{n\le P} \frac{1}{\sqrt{n}}\ln^j\frac{P}{n}\cos\left(t\ln P - \frac{T}{2} - \frac{\pi}{8} - t\ln n\right) + O(T^{-\frac{1}{4}}\ln^{j+1}T).$$

Шарти

$$\frac{T}{2} + \frac{\pi}{8} = 2\pi K$$

-ро ба назар гирифта, формулаи зеринро ҳосил мекунем:

$$Z^j(t) = (-1)^{\frac{j}{2}} 2 \sum_{n \le P} \frac{1}{\sqrt{n}} \ln^j \frac{P}{n} \cos\left(t \ln \frac{P}{n}\right) + O(T^{-\frac{1}{4}} \ln^{j+1} T),$$

Ҳангоми тоқ будани $j$ айнан чунин муҳокимарониро иҷро намуда, фарз мекунем, ки

$$\frac{T}{2} + \frac{\pi}{8} = 2\pi K + \frac{\pi}{2},$$

формулаи зеринро ҳосил мекунем:

$$Z^j(t) = (-1)^{\frac{j+1}{2}} 2 \sum_{n \le P} \frac{1}{\sqrt{n}} \ln^j \frac{P}{n} \cos\left(t \ln \frac{P}{n}\right) + O(T^{-\frac{1}{4}} \ln^{j+1} T).$$

Ҳамин тариқ, ҳангоми ҷуфт ва ё тоқ будани $j$ функсияи зеринро дида мебароем:

$$\Phi(t) = \Phi_j(t) = \sum_{n \le P} \frac{1}{\sqrt{n}} \ln^j \frac{P}{n} \cos\left(t \ln \frac{P}{n}\right) + O(T^{-\frac{1}{4}} \ln^{j+1} T)$$

ва барои функсияи $\Phi(t)$ мавҷудияти нули тартиби тоқро дар порчаи $(T, T + H)$ исбот менамоем. Аз муодилаи $t_\nu \ln P = \pi\nu$ муайян мекунем $t_\nu$ –ро ва $\nu$ чунон интихоб менамоем, ки нобаробарии зеринро қаноат кунонад:

$$T \le \frac{\pi\nu}{\ln P} < T + H.$$

Барои ин интихоби

$$\nu_0 = \left[\frac{T \ln P}{\pi}\right] + 1, r = [\ln T], H_1 = \left[\frac{H \ln P}{\pi r}\right],$$

гирифта, адади $\nu$ -ро чунин муайян менамоем:

$$\nu = \nu_0 + \nu_1 + \ldots + \nu_r, 0 \le \nu_1, \ldots, \nu_r \le H_1 - 1,$$

ки дар ин ҷо $\nu_0$ – адади доимӣ буда, ададҳои $\nu_1, \nu_2, \ldots, \nu_r$ қиматҳои ихтиёриро аз ниминтервали $[0, H_1)$ қабул менамоянд.

Суммаҳои зеринро дида мебароем $S_1$ ва $S_2$:

$$S_1 = \sum_{\nu_1=0}^{H_1-1} \ldots \sum_{\nu_r=0}^{H_1-1} \Phi(t_\nu), S_2 = \sum_{\nu_1=0}^{H_1-1} \ldots \sum_{\nu_r=0}^{H_1-1} (-1)^\nu \Phi(t_\nu),$$

ва барои ин суммаҳо нобаробарии $|S_2| > |S_1|$ -ро исбот менамоем.

Мувофиқи таърифи $t_\nu$, ҳосил мекунем

$$S_1 = \sum_{\nu_1=0}^{H_1-1} \ldots \sum_{\nu_r=0}^{H_1-1} \sum_{n \le P} \frac{1}{\sqrt{n}} \ln^j \frac{P}{n} \cos\left(\frac{\pi\nu}{\ln P} \ln \frac{P}{n}\right) + O(H_1^r T^{-\frac{1}{4}} \ln^{j+1} T),$$

$$S_2=\sum_{\nu_1=0}^{H_1-1}\dots\sum_{\nu_r=0}^{H_1-1}\sum_{n\le P}\frac{1}{\sqrt{n}}\ln^j\frac{P}{n}\cos\left(\frac{\pi\nu}{\ln P}\ln n\right)+O(H_1^rT^{-\frac{1}{4}}\ln^{j+1}T).$$

Суммаи $|S_2|$ -ро аз боло баҳо медиҳем. Дар ин сумма $|S_2|$ ҷамъшавандаи ҳангоми $n=1$ ҳосилшавандаро ҷудо менамоем, ки он ба $H_1^r(\ln P)^j$ баробар аст ва боқимонда аъзоҳои ин суммаро аз боло баҳо дода, ҳосил мекунем:

$$S_2=H_1^r\ln^jP\left[1+O(T^{\frac{1}{4}}(4H_1^{-1}\ln P)^r)+O(T^{-\frac{1}{4}}\ln T)\right].$$

Акнун суммаи $|S_1|$ -ро аз боло баҳо медиҳем. Барои ин сарҳади суммирониро ба ду интервалҳои

$$1\le n\le(1-\Delta)P \text{ ва } (1-\Delta)P<n\le P$$

тақсим менамоем, ки дар он $\Delta=8H_1^{-1}\ln P$ мебошад. Пас суммаи $S_1$ ба суммаи ду ҷамъшавандаҳои

$$S_1=S_3+S_4,$$

ҷудо мегардад, ки дар он

$$S_3=\sum_{\nu_1=0}^{H_1-1}\dots\sum_{\nu_r=0}^{H_1-1}\sum_{1\le n\le(1-\Delta)P}\frac{1}{\sqrt{n}}\ln^j\frac{P}{n}\cos\left(\frac{\pi\nu}{\ln P}\ln\frac{P}{n}\right)+O(H_1^rT^{-\frac{1}{4}}\ln T),$$

$$S_4=\sum_{\nu_1=0}^{H_1-1}\dots\sum_{\nu_r=0}^{H_1-1}\sum_{(1-\Delta)P<n\le P}\frac{1}{\sqrt{n}}\ln^j\frac{P}{n}\cos\left(\frac{\pi\nu}{\ln P}\ln\frac{P}{n}\right)+O(H_1^rT^{-\frac{1}{4}}\ln T).$$

Барои ҳосил намудани баҳои суммаи $S_3$ аз формулаи Эйлер истифода бурда, ҳосил мекунем:

$$S_3\ll\sum_{n\le(1-\Delta)P}\frac{1}{\sqrt{n}}\ln^j\frac{P}{n}\left|\sum_{\nu=0}^{H_1-1}e\left(\frac{\ln\frac{P}{n}}{2\ln P}\right)\right|^r+H_1^rT^{-\frac{1}{4}}\ln^{j+1}T\ll$$
$$\ll T^{\frac{1}{4}}\ln^jPH_1^r4^{-r}+H_1^rT^{-\frac{1}{4}}\ln^{j+1}T.$$

Ҳамин тариқ, барои суммаи $S_3$ чунин баҳоро ҳосил мекунем:

$$|S_3|\ll4^{-r}H_1^rT^{\frac{1}{4}}\ln^jT+H_1^rT^{-\frac{1}{4}}\ln^{j+1}T\ll H_1^rT^{-\frac{1}{4}}\ln^{j+1}T.$$

Акнун ба баҳо додани суммаи $S_4$ шуруъ менамоем. Формулаи Эйлерро истифода бурда, баъди табдилдиҳиҳо меёбем

$$|S_4|\ll H_1^r\left|\sum_{(1-\Delta)P_1<n\le P_1}\frac{1}{\sqrt{n}}\ln^j\frac{P}{n}e\left(\frac{t}{2\pi}\cdot\ln n\right)\right|+H_1^rT^{-\frac{1}{4}}\ln^{j+1}T,$$

ки дар ин ҷо

$$P_1 = \left[\sqrt{\frac{t}{2\pi}}\right], \Delta = 8H_1^{-1}\ln P.$$

Суммаи аз $n$ вобастаро бо воситаи $S_5$ ишора намуда, аз гузориши $n = P_1 - m$ истифода бурда, ҳосил мекунем:

$$S_5 = \sum_{0\le m<\Delta P_1} \frac{\ln^j \frac{P}{P_1 - m}}{\sqrt{P_1 - m}} e\left(\frac{t\ln(P_1 - m)}{2\pi}\right).$$

Порчаи суммирониро дар суммаи $S_5$ ба порчаҳое, ки аз $\ll \ln T$ зиёднабудаи намуди $M < m \le M_1 \le 2M < \Delta P_1$ тақсим карда, меёбем

$$|S_5| \ll \left|-\int_M^{M_1} C(u)d(f(u)) + f(M_1)C(M_1)\right| \ln T,$$

ки дар ин ҷо

$$C(u) = \sum_{M<m\le u} e\left(\frac{t\ln(P_1 - m)}{2\pi}\right), u \le M_1, f(u) = (P_1 - u)^{-\frac{1}{2}}\left(\ln\frac{P}{P_1 - u}\right)^j,$$

$$|S_5| \ll \left|-\int_M^{M_1} C(u)d(f(u)) + (P_1 - M_1)^{-\frac{1}{2}}\ln^j\frac{P}{P_1 - M_1}C(M_1)\right| \ln T.$$

Азбаски

$$(P_1 - M_1)^{-\frac{1}{2}}\ln^j\frac{P}{P_1 - M_1} \le (P_1(1 - \Delta))^{-j-\frac{1}{2}} \cdot (2M)^j \ll P^{-j-\frac{1}{2}}M^j,$$

мебошад, пас барои $S_5$ ҳосил мекунем

$$|S_5| \ll \left|-\int_M^{M_1} C(u)d(f(u)) + M^j P^{-j-\frac{1}{2}}C(M_1)\right| \ln T \ll$$

$$\ll M^j P^{-j-\frac{1}{2}}\left|\sum_{M<m\le u} e\left(\frac{t\ln(P_1 - m)}{2\pi}\right)\right| \ln T, u \le M_1.$$

Суммаи охирон ҳосилшударо бо воситаи $C(u, M)$ ишора намуда, ҳангоми $M \le \sqrt[3]{P}$ онро тривиалӣ баҳо медиҳем

$$|S_5| \ll M^{j+1}P^{-j-\frac{1}{2}} \cdot \ln T \ll P^{\frac{j+1}{3}} \cdot P^{-j-\frac{1}{2}}\ln T \ll P^{-\frac{1}{6}}\ln T \ll T^{-\frac{1}{12}}\ln T.$$

Ҳангоми $\sqrt[3]{P} < M \le \Delta P_1$ будан, барои баҳо додани суммаи тригонометрии $C(u, M)$ усули ҷуфтҳои экспоненсиалиро истифода мебарем [4, саҳ. 146], яъне

$$|S_5| \ll M^{j+\kappa+2\lambda-\frac{1}{2}}P^{-j-l}\ln T \ll T^{\frac{\kappa+\lambda}{2}-\frac{1}{4}}H^{\frac{1}{2}-j-\kappa-2\lambda}(\ln T)^{j+3}.$$

Ҳамин тариқ, барои суммаи $S_1$ чунин баҳоро ҳосил мекунем:

$$S_1 \ll H_1^r \ln^j P\left(T^{-\frac{1}{4}}\ln T + T^{\frac{\kappa+\lambda}{2}-\frac{1}{4}}H^{\frac{1}{2}-j-\kappa-2\lambda}\ln^2 T\right).$$

Акнун, баҳои ҳосилшудаи $S_1$–ро бо формулаи асимптотикии ёфташудаи $S_2$ муқоиса намуда, мебинем барои иҷрои нобаробарии $|S_2| > |S_1|$ кифоя аст, ки нобаробариҳои зерин иҷро гарданд:

$$T^{-\frac{1}{12}} \ll 1, T^{\frac{\kappa+\lambda}{2}-\frac{1}{4}}H^{\frac{1}{2}-j-\kappa-2\lambda}\ln^2 T \ll 1, T^{\frac{1}{4}}(4H_1^{-1}\ln P)^r \ll 1.$$

Ҳангоми $T \gg 1$ нобаробарии якум иҷро мегардад ва ду нобаробариҳои дигар иҷро мегарданд, агар

$$H \gg T^{\omega_j(\kappa,\lambda)}(\ln T)^{\frac{2}{j+1}}, \omega_j(\kappa,\lambda) = \frac{\kappa+\lambda-0.5}{2\kappa+4\lambda+2j-1},$$

$$H \geq 4T^{\frac{1}{4r}}\ln P \gg \ln P$$

бошанд. Теорема исбот шуд.

**АДАБИЁТ**


1. Карацуба А.А. О расстоянии между соседними нулями дзета–функции Римана, лежащими на критической прямой / А.А. Карацуба // Труды МИАН. – Т.157, – 1981. – С. 49-63.
2. Воронин С.М., Карацуба А.А. Дзета-функция Римана / С.М. Воронин, А.А. Карацуба. – М.: Физматлит, 1994. –376 с.
3. Рахмонов З.Х. Соседние нули дзета-функции Римана, лежащие на критической прямой / З.Х. Рахмонов, Ш.А. Хайруллоев // Доклады НАН Таджикистана. – Т.52, – №5. – 2009. – С. 331-337.
4. Хайруллоев Ш.А. О соседных нулях производной $n$-го порядка функции Харди // Доклады НАН Таджикистана. – Т.62, – № 3-4. – 2019. – С. 145-149.


**НУЛҲОИ ҲОСИЛАҲОИ ТАРТИБИ ЯКУМ, ДУЮМ ВА J-УМИ ФУНКСИЯИ ХАРДИ**


Дар мақола масъалаи бузургии дарозии порчаи хати рости критикӣ, ки дорои нули тартиби тоқи ҳосилаҳои функсияи Харди мебошад, ба масъалаи ҷустуҷӯи ҷуфтҳои экспоненсиалӣ барои баҳои суммаи махсуси тригонометрӣ оварда шудааст.



**КАЛИДВОЖАҲО:** функсияи Харди, нули тартиби тоқ, зета-функсияи Риман, ҷуфти экспоненсиалӣ, суммаи тригонометрӣ.


**НУЛИ ПРОИЗВОДНЫХ ПЕРВОГО, ВТОРОГО И J-ОГО ПОРЯДКА ФУНКЦИИ ХАРДИ**


В работе приведена проблема величины промежутка критической прямой в котором содержится нули производной функции Харди сведена к задаче отискания экспоненциальных пар для оценки специальных тригонометрических сумм.



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** функция Харди, нуль нечетного порядка, дзета-функция Римана, экспонециальная пара, тригонометрическая сумма.


**ZEROS OF THE FIRST, SECOND AND J-TH ORDER DERIVATIVES OF THE HARDY FUNCTION**


The article presents the problem of the size of the interval of the critical line which contains the zeros of the derivative of the Hardy function is reduced to the problem of finding exponential pairs for estimating special trigonometric sums.



**KEYWORDS:** Hardy function, odd order zero, Riemann zeta function, exponential pair, trigonometric sum.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Фозилов Умеджон*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти курси 2-уми факултети механикаю математика. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **008998997**.
***Олимзода Муниса*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти курси 2-уми факултети механикаю математика. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **939440117**.

**Сведения об авторах***:* ***Фозилов Умеджон*** – Таджикский национальный университет, магистрант 2-ого курса механико-математического факультета. **Адрес:** 734025, Респуликa Таджикистан, город Душанбе, проспект Рӯдакї, 17. Телефон: 008998997.
***Олимзода Муниса*** – Таджикский национальный университет, магистрант 2-ого курса механико-математического факультета. **Адрес:**734025, Респуликa Таджикистан, город Душанбе, проспект Рӯдакї, 17. Телефон: **939440117**.

**Information about authors:** ***Fozilov Umedzhon*** – Tajik National University, 2nd year master’s student of the Faculty of Mechanics and Mathematics. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki Avenue, 17. Phone: **008998997.**
***Olimzoda Munisa*** **–** Tajik National University, 2nd year master’s student of the Faculty of Mechanics and Mathematics. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki Avenue, 17. Phone: **939440117.**

## АСОСҲОИ АМНИЯТИ ИТТИЛООТӢ

***Сангов Ш.М.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дар шароити ҷомеаи шаҳрвандӣ, тантанаи озодиҳои сиёсӣ, вусъат ёфтани унсурҳои низоми идораи демократӣ, ки дар ҳамбастагӣ бо рушди илму техника ва афзоиши тараққии технологияи иттилоотӣ сурат мегирад, таъмини ҳифзи амнияти иттилоотӣ мураккаб мегардад. Ин мураккабӣ дар пайваст бо ҷойгиршавии ҷуғрофӣ ва зуҳури манфиатҳои сиёсӣ ва вазъи иқтисодии кишварҳои олам ба минтақа, дар раванди ҳифзи истиқлолияти давлатӣ ва тинҷию оромии кишвар муҳиммияти бештарро касб менамояд [7].

Зери мафҳуми амнияти иттилоотӣ, технологияи иттилоотӣ ва амнияти копютерӣ-ҳифз намудан ва нигоҳдорандаи инфрасохтори иттилоот аз ҳама гуна амалиёти зараррасони ногаҳонӣ ва сӯйиқасд ба таҷҳизоти копютерӣ фаҳмида мешавад, ки натиҷаи он метавонад расонандаи зарар худи иттилоот, дорандаи он ё нигоҳдорандаи инфрасохтор бошад. Амнияти иттилоотии таҷҳизоти копютерӣ - ҳолати ҳимояи муҳити иттилооти копютерӣ, ташаккулёбӣ, истифодабарӣ ва рушди онро таъмин менамояд [11].

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 декабри соли 2002, № 71 "Дар бораи ҳифзи иттилоот" қабул карда шуда буд ва санаи 26.12.2005 №132 дар он тағйирот ворид карда шуд. Қонуни мазкур принсипҳои асосии таъмини ҳифзи иттилоот ва танзими муносибатҳои ҳуқуқии дар ин соҳа ба вуҷуд омадаро муқаррар менамояд.

**Ба мақсадҳои ҳифзи иттилоот мансубанд:**

- пешгирӣ намудани ихроҷӣ, дуздӣ, гумшавӣ, ғалат маънидодкунӣ, сохтакории иттилоот;
- пешгирӣ намудани амалиётҳои беиҷозат оид ба нобудсозӣ, тағйирдиҳӣ, ғалат маънидодкунӣ, нусхабардорӣ ва бастани роҳи паҳншавии иттилоот;
- пешгирӣ намудани амалиётҳои боиҷозат ва беиҷозат, ки боиси қасдан ё бидуни қасд нобудсозӣ, бастани роҳи паҳншавӣ, ғалат маънидодкунӣ (сохтакорӣ), дуздӣ, нусхабардорӣ, ихроҷӣ, дигаргуншавӣ ва тағйирёбии иттилоот гардиданаш мумкин аст.

**Дар қонуни мазкур мафҳумҳои зайл истифода бурда мешаванд** [6]**:**

→ таъмини техникии системаҳои иттилоотӣ - маҷмуи воситаҳои техникие, ки барои кори системаи иттилоотӣ пешбинӣ шудаанд, инчунин ҳуҷҷатнокгардонии дахлдори ин воситаҳо ва равандҳои технологӣ;

→ таъмини барномавии системаҳои иттилоотӣ - маҷмуи барномаҳо барои татбиқи мақсадҳо ва вазифаҳои системаи иттилоотӣ, инчунин барои муътадил кор кардани маҷмуи воситаҳои техникӣ;

→ ҳифзи иттилоот - маҷмуи чорабиниҳо, ки бо мақсади пешгирӣ намудани ихроҷӣ, дуздӣ, гумкунӣ, нобудсозии беиҷозат, ғалат маънидодкунӣ, тағйирдиҳӣ (сохтакорӣ), нусхабардории беиҷозат ва бастани роҳи паҳншавии иттилоот гузаронида мешаванд;

→ самаранокии ҳифзи иттилоот - дараҷаи мутобиқати натиҷаҳои ба даст омадаи амалҳо оид ба ҳифзи иттилоот ба мақсадҳои ҳифз;

→ назорати самаранокии ҳифзи иттилоот - санҷиши мутобиқати самаранокии чорабиниҳои ҳифзи иттилоот ба талаботҳои муқарраршуда ё меъёрҳои самаранокии ҳифз;

→ бехатарии иттилоот - ҳолати ҳимояшавии иттилоотӣ дар системаҳои иттилоотӣ кор карда баромада шуда аз таҳдиди дохилӣ ё берунӣ;

→ хориҷшавии иттилоот - паҳнкунии назоратнашавандаи иттилооти ҳифзшаванда дар натиҷаи дастрасшавии беиҷозат;

→ дастрасшавии беиҷозат - ба даст овардани иттилооти ҳифзшаванда аз тарафи субъекти манфиатдор бо вайронкунии ҳуқуқ ё қоидаҳои дастрасшавии иттилооти ҳифзшаванда, ки ҳуҷҷатҳои ҳуқуқӣ ё молики (соҳиби) иттилоот муқаррар кардаанд;

→ фошкунии иттилооти ҳифзшаванда - беиҷозат расонидани иттилооти ҳифзшаванда ба истеъмолкунандагоне, ки ҳуқуқи дастрас кардани ин иттилоотро надоранд;

→ тағйирдиҳии иттилоот - дигаргун сохтани иттилоот, ки иҷозати муаллиф ё молики иттилоотро талаб менамояд;

"Амнияти иттилоотӣ" - раванди таъмини дастрасӣ, пуррагӣ ва махфият будани иттилоот мебошад.

Мафҳуми "дастрасӣ" мутаносибан таъмини дастрасӣ ба иттилоот дар назар аст. "Пуррагӣ" дар бораи таъмини дақиқ ва пуррагии иттилоот аст. «Махфият» маънои таъмини дастрасии танҳо истифодабарандагони ваколатдор ба иттилоотро дорад.

Дар асоси ҳадафҳо ва вазифаҳои Шумо, ки дар сервер иҷро карда мешаванд, чораҳо ва дараҷаҳои гуногуни муҳофизат, ки ба ҳар яке аз ин се нуқта татбиқ мешаванд, заруранд.

Масалан, агар истифодабаранда сервери виртуалиро (маҷозиро) танҳо ҳамчун воситаи Серфинг (Сайругашт) дар Интернет истифода барад, пас аз воситаҳои зарурӣ барои таъмини амният, пеш аз ҳама, истифодаи барномаи муҳофизатии антивирус, инчунин риояи қоидаҳои элементарии бехатарӣ ва қоидаҳо ҳангоми кор дар Интернет.

Дар ҳолати дигар, агар Шумо сайти тиҷоратӣ ё сервери бозӣ дошта бошед, ки дар сервер ҷойгир бошанд, чораҳои зарурии ҳифзи иттилоот комилан дигар хоҳанд буд.

"*Таҳдид*" маънои имконияти эҳтимолии вайрон кардани амнияти иттилоотиро бо ин ё он роҳ дорад. Кӯшиши амалисозии таҳдидро "*Ҳамла*" ва касеро, ки ин кӯшишро амалӣ мекунад, "*Таҳдидкунанда*" меноманд. Аксар вақт, таҳдид натиҷаи мавҷудияти осебпазирӣ дар ҳифзи системаҳои иттилоотӣ мебошад. Таҳдидҳои маъмултаринеро, ки системаҳои иттилоотии муосир ба онҳо дучор мешаванд, баррасӣ менамоем[8].

***Таҳдидҳои амнияти иттилоотӣ, ки бештар зарар мерасонанд***

Дар зер таснифоти намудҳои таҳдидҳоро аз рӯйи меъёрҳои гуногун баррасӣ менамоем:

1. Таҳдиди бевосита ба амнияти иттилоотӣ:

- дастрасӣ;
- пуррагӣ;
- махфият.

2. Унсурҳое, ки таҳдид мекунанд:

- маълумот;

• нармафзорҳо (Барномаҳо);

• таҷҳизот;

• дастгирии инфрасохтор.

3. Бо роҳи татбиқ:

• тасодуфӣ ё қасдан;

• табиӣ ё сунъӣ.

4. Мувофиқи маҳалли ҷойгиршавии манбаи таҳдид инҳоянд:

• дохилӣ;

• беруна.

Тавре ки дар ибтидо зикр гардид, мафҳуми «*Таҳдид*» дар ҳолатҳои гуногун аксар вақт ба тарзҳои гуногун шарҳ дода мешавад ва чораҳои зарурии амниятӣ гуногун хоҳанд буд. Масалан, барои як ташкилоти ба таври ошкоро ва кушода, таҳдидҳо ба дахолатнопазирӣ метавонанд вуҷуд надошта бошанд - ҳама маълумот оммавӣ ҳисобида мешавад, аммо дар аксари ҳолатҳо дастрасии ғайриқонунӣ хатари ҷиддӣ аст [9].

Ба серверҳои виртуалӣ татбиқ карда мешавад, таҳдидҳое, ки Шумо ҳамчун мудири сервер бояд ба назар гиред, ин таҳдид ба дастрасии маълумот, махфият ва тамомияти додаҳо мебошад. Барои имконпазирии таҳдидҳое, ки ба махфият ва пурагии маълумот нигаронида шудаанд, ки ба ҷузъҳои сахтафзор ё инфрасохтор алоқаманд нестанд, Шумо бевосита ва танҳо масъул ҳастед. Аз ҷумла татбиқи чораҳои зарурии муҳофизатӣ, ин вазифаи бевоситаи шумост (Мудири сервер).

Таҳдидҳое, ки ба осебпазирии нармафзорҳое, ки Шумо истифода мебаред, нигаронида шудаанд, аксар вақт ба Шумо (Мудири сервер) ҳамчун истифодабаранда наметавонед таъсир расонад, ба истисноии истифодаи ин нармафзорҳо. Истифодаи ин барномаҳо танҳо дар сурате иҷозат дода мешавад, ки татбиқи таҳдидҳо бо истифода аз осебпазирии ин нармафзорҳо ё аз нуқтаи назари ҳамлакунанда мувофиқ набошад ва ё барои Шумо ҳамчун корбар талафоти назаррас надошта бошад.

Таъмини чораҳои зарурии амниятӣ бар зидди таҳдидҳое, ки ба таҷҳизот, инфрасохтор ё таҳдидҳои табиати сунъӣ ва табиӣ нигаронида шудаанд, бевосита аз ҷониби ширкати хостингӣ ва ё серверҳои худро ба иҷора гирифтаи Шумо. Дар ин ҳолат, ба интихоб бодиққат наздик шудан лозим аст, интихоби дурусти ширкати хостинг ба Шумо эътимоднокии ҷузъи сахтафзор ва инфрасохториро дар сатҳи зарурӣ таъмин менамояд.

Шумо, ҳамчун мудири сервер, бояд ин намуди таҳдидҳоро танҳо дар ҳолатҳое ба назар гиред, ки ҳатто аз даст додани дастрасӣ ба муддати кӯтоҳ ё қисман ё пурра қатъ шудани сервер бо айби ширкати хостинг метавонад ба мушкилоти номутаносиб ё талафот оварда расонад. Ин хеле кам рух медиҳад, аммо бо сабабҳои объективӣ, ҳеҷ як ширкати хостингӣ наметавонад 100% Uptime (Uptime (аз забони англисӣ uptime) - вақти кори доимии системаи ҳисоббарорӣ ё як қисми он) - ро таъмин кунад.

***Таҳдиди бевосита ба амнияти иттилоотӣ***

Таҳдидҳои асосӣ ба дастрасӣ иборатанд:

→ нокомии дохилии системаи иттилоотӣ;

→ нокомии инфрасохтори ёрирасон.

Сарчашмаҳои асосии нокомии дохилӣ инҳоянд:

• вайрон кардани (тасодуфӣ ё дидаю дониста) қоидаҳои муқарраршудаи истифодабарии низомҳои иттилоотӣ;

• баромади системаи иттилоотӣ аз реҷаи кори муқаррарӣ дар натиҷаи амалҳои тасодуфӣ ё дидаю донистаи истифодабарандагон (шумораи зиёди дархостҳо, миқдори зиёди иттилооти коркардшаванда ва ғ.);

• хатогиҳо ҳангоми (аз нав) конфигуратсияи системаи иттилоотӣ;

• нармафзорҳои зарарасон;

• нокомии нармафзор ва сахтафзор;

- нестшавии иттилоот ё кодҳои нармафзор;
- нобудшавӣ ё осеб дидани таҷҳизотҳо.

Дар робита ба инфрасохтори ёрирасон тавсия дода мешавад, ки таҳдидҳои зеринро баррасӣ намоед [4]:

- вайрон шудани кори (тасодуфӣ ё қасдан) низомҳои алоқа, таъминоти барқ, об ва/ё гармӣ, кондитсионер;
- вайрон шудан ё нокомии системаҳои бино;
- Қобилият надоштан ё майл надоштани кормандони хизматрасонӣ ва/ё истифодабарандагон барои иҷрои вазифаҳои худ.

**Таҳдидҳои асосӣ ба пуррагии амнияти иттилоотӣ**

Таҳдидҳои пуррагиро ба статикӣ ва динамикӣ ҷудо намудан мумкин аст. Инчунин, таҳдидҳои пурагии иттилоот ба хидматӣ ва пурмазмун ҷудо мешаванд. Аксар вақт ва қариб дар ҳама ҳолатҳо, ҳамлакунандагон, огоҳона ё на, корманди ташкилоте мегардад, ки бо реҷаи кори низомҳои иттилоотӣ ва чораҳои муҳофизатии он шинос мебошанд.

Ҳамлакунанда дар ҳолати статикӣ метавонад [3]:

- иттилооти нодурустро ворид намояд;
- иттилооти ҷойдоштаро тағйир диҳад.

Таҳдидҳо ба пуррагии динамикӣ аз нав тартиб додан, дуздӣ, такрории иттилоот ё ворид кардани паёмҳои иловагӣ мебошанд.

**Таҳдидҳои асосӣ ба махфияти амнияти иттилоотӣ**

Масъалаи иттилооти махфиро метавон ба фаннӣ ва хизматӣ тақсим кард. Маълумоти хизматӣ (масалан, рамзҳои корбарӣ) ба як мавзуи мушаххас тааллуқ надорад, он дар системаи иттилоотӣ нақши техникӣ дорад, аммо ифшо (ошкор намудан)-и он хатарнок аст, зеро он барои дастрасии беҷозат ба ҳама иттилоот, аз ҷумла иттилооти мавзуӣ вобаста аст.

Ҳатто агар маълумот дар компютер нигоҳ дошта шавад ё барои истифодаи компютер пешбинӣ шуда бошад ҳам, таҳдидҳо ба махфияти он метавонанд ғайрикомпютерӣ ва умуман ғайритехникӣ бошанд.

Сӯиистифода аз қудрат яке аз таҳдидҳои бадтаринест, ки аз он дифоъ кардан душвор аст. Дар бисёр намудҳои системаҳо истифодабарандаи имтиёзнок (масалан, мудири система) метавонад ҳар як парванда (шифрнашуда)-ро бихонад, ба почтаҳои ҳар як корбар дастрасӣ пайдо намояд ва ғайра. Мисоли дигар, расонидани зарар дар тартиби хидматрасонии система мебошад. Одатан, муҳандиси хидматрасон дастрасии бемаҳдуд ба таҷҳизоти ҳимоявӣ дорад ва қодир аст аз механизмҳои муҳофизатии нармафзор канорагирӣ кунад.

Барои равшанӣ, дар расми 1 намуди таҳдидҳо ба таври схематикӣ оварда шудаанд.

Барои татбиқи чораҳои оптималии муҳофизат на танҳо таҳдидҳо ба амнияти иттилоотӣ, балки зарари эҳтимолиро низ арзёбӣ кардан лозим аст, ки барои ин хусусияти қобили қабул истифода мешавад, бинобар ин, зарари эҳтимолӣ қобили қабул ё ғайри он муайян карда мешавад. Барои ин, тасдиқи меъёрҳои худ оид ба қобили қабул будани зарар дар шакли пулӣ ё шакли дигар муфид аст.




**Расми 1.** Таснифи навъњои тањдидњо ба амнияти иттилоотї [2; 5]

Ҳар касе, ки ба ташкили амнияти иттилоотӣ шуруъ мекунад, бояд ба се саволи асосӣ чавоб диҳад [1]:

→ Чиро муҳофизат кардан лозим аст?

→ Аз кӣ муҳофизат кардан лозим аст, кадом намуди таҳдидҳо бартарӣ доранд: берунӣ ё дохилӣ?

→ Чӣ тавр муҳофизат кардан, бо кадом усул ва воситаҳо?

Бо дарназардошти ҳамаи гуфтаҳои дар боло зикршуда, Шумо метавонед мувофиқат, имкон ва интиқодии (танқидии) таҳдидҳоро пурра баҳо диҳед. Пас аз баҳодиҳии ҳама иттилоотии зарурӣ ва муқоисакунии чиҳатҳои мусбӣ ва манфии он Шумо метавонед усулҳо ва воситаҳои муҳофизати аз ҳама самаранок ва оптималиро интихоб намоед.

Хулоса, истифодабаранда, корфармо ё мудири системаҳои иттилоотӣ аз намудҳои зерини амнияти иттилоотӣ ҳимоя намояд [10]:

- системаҳои ошкор ва пешгирии иттилоот аз ҳамла;
- муҳофизати шабакаи корпоративӣ;
- муҳофизати почтаҳои электронии корпоративӣ;
- муҳофизат аз нармафзорҳои зараровар ба воситаи антивирус;
- муҳофиза аз DDoS ҳамлаҳо;
- муҳофизат аз ихрочи иттилоот;
- муҳофизати маълумоти шахсӣ ё муассиса.

## АДАБИЁТ

1. Виды информационной безопасности [Захираҳои электронӣ]. –Реҷаи вуруд: https://itelon.ru/blog/vidy-informatsionnoy-bezopasnosti/ (санаи мурочиат: 01.02.23)
2. Емельянова, Н.З. Защита информации в персональном компьютере: Уч.пос / Н.З. Емельянова, Т.Л. Партыка, И.И. Попов. - М.: Форум, 2017. - 352 с.
3. Камский, В. Защита личной информации в интернете, смартфоне и компьютере / В. Камский. - СПб.: Наука и техника, 2017. - 272 с.
4. Крамаров, С.О. Криптографическая защита информации: Учебное пособие / С.О. Крамаров, Е.Н. Тищенко, С.В. Соколов и др. - М.: Риор, 2019. - 112с.
5. Курбонов М.А. Современные тенденции развития ИТ-аутсорсинга в Республике Таджикистан/ М.А.Курбонов// Вестник Таджикского государственного университета коммерции. 2018. № 1 (22). С. 17-23.
6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳифзи иттилоот [Захираҳои электронӣ]. – Реҷаи воридшавӣ: http://www.adlia.tj/show_doc.fwx?rgn=22997 (санаи мурочиат: 06.01.23)
7. Қурбонов М.А., Исматуллои Ш. Таъсирбахшии истифодаи технологияи иттилоотӣ дар ширкатҳои сайёҳӣ (дар мисоли мавзеъҳои таърихӣ ва сайёҳии минтақаи Суғд)/ М.А.Қурбонов, Ш.Исматуллои // Идоракунии давлатӣ. 2020. № 2 (46). С. 175-181.
8. Қурбонов М.А., Раҳмонова З.Ф., Акрамов Ф.М. Усулҳои анъанавии ҳифзи иттилоот ва автоматикунонии он дар забони барномасозии C#/ М.А.Қурбонов, З.Ф.Раҳмонова, Ф.М.Акрамов // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. 2020. № 4-2 (34). С. 285-292
9. Қурбонов М.А., Раҳмонова З.Ф., Акрамов Ф.М. Ҳифзи парванда ва ҷузвдонҳо дар системаи омилии MS WINDOWS: BITLOCKER ВА EFS/ М.А.Қурбонов, З.Ф.Раҳмонова, Ф.М.Акрамов// Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. 2021. № 1 (35). С. 286-292.
10. Основы информационной безопасности. Часть 1: Виды угроз [Захираи электронӣ]. – Реҷаи вуруд: https://habr.com/ru/company/vps_house/blog/ 343110/ (санаи мурочиат: 25.12.22)
11. Таъмини амнияти иттилоотӣ [Захираҳои электронӣ]. – Реҷаи воридшавӣ: http://old.kmt.tj/kitobi-nav-tamini-amniyati-ittilooti (санаи мурочиат: 23.12.22)



## АСОСҲОИ АМНИЯТИ ИТТИЛООТӢ

Дар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ҷорӣ намудани технологияҳои компютерӣ бо истифодаи усулҳои иттилоотию таҳлилӣ мусоидат менамояд. Ин раванд ба ташкили тафтишоти ҷиноятҳо, таъминоти методии фаъолияти тафтишотӣ, оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, экспертӣ, судӣ ва ташкили илмии кори онҳо таъсири назаррас мерасонад. Технологияҳои компютерӣ ҷамъоварӣ, нигоҳдорӣ, ба низом даровардан ва таҳлили иттилооти масъалаҳои ҳуқуқиро таъмин мекунад.



**КАЛИДВОЖАҲО:** амсила, компютер, фарзия, иттилоот, системаҳои иттилоотӣ, тафтишот, ҷиноят, худкор, таҷҳизот.



## ОСНОВЫ ИНФОРМАЦИОННОЙ БЕЗОПАСНОСТИ

Внедрение компьютерных технологий с использованием информационно-аналитических методов помогает правоохранительным органам. Этот процесс оказывает существенное влияние на организацию расследования преступлений, методическое обеспечение следственной, оперативно-розыскной, экспертной, судебной и научной организации их работы. Компьютерные технологии обеспечивают сбор, хранение, систематизацию и анализ информации по правовым вопросам.



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** модель, компьютер, гипотеза, информация, информационные системы, расследование, преступление, авто, техника.



## INFORMATION SECURITY FUNDAMENTALS

The introduction of computer technologies using information and analytical methods helps law enforcement agencies. This process has a significant impact on the organization of crime investigations, methodological support for investigative, operational search, expert, judicial and scientific organization of their work. Computer technologies provide collection, storage, systematization and analysis of information on legal issues.



**KEYWORDS:** model, computer, hypothesis, information, information systems, investigation, crime, auto, technology.



**Маълумот дар бораи муаллиф*: Сангов Шухрат Миралиевич* -** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти курси дуюм кафедраи информатика. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: (+992) **907449696**. E-mail: **Recovery_2020@mail.ru.**

**Сведение об автору: *Сангов Шухрат Миралиевич* –** Таджикский национальный университет, магистрант второго курса кафедры информатики. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 907-44-96-96.** E-mail: **Recovery_2020@mail.ru.**

**Information about the author:** ***Sangov Shuhrat Miralievich* -** Tajik National University, second-year master`s student of the Department of Informatics. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: **(+992) 907-44-96-96.** E-mail: **Recovery_2020@mail.ru.**

# ФИЗИКА – ФИЗИКА

**УДК. 520.0+808.144**

## НОЗУКИҲОИ ИСТИЛОҲШИНОСӢ ДАР АСТРОНОМИЯ

*Сафаров А.Ғ., Эргашева Н.Л.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Забони адабии тоҷик дар солҳои охир бо шарофати Истиқлол ва сиёсати пайгиронаи Президенти кишвар, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, муҳтарам Эмомали Раҳмон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба марҳилаи нави рушду густариши худ ворид мешавад. Ин марҳила бо афзоиши нақши сиёсӣ ва иҷтимоии забони мо ва ба ҳайси забони давлатӣ ҷорӣ шудани он, дар коргузории тамоми муассисаҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ сахт вобастагӣ дорад. Дар ин марҳила нақши вожагони забон ва махсусан истилоҳоту истилоҳсозӣ ва ифодаи яксони онҳо дар коргузории расмӣ бағоят меафзояд.

Маҷмуаи вожаву истилоҳоте, ки миллатҳои гуногуни ҷаҳон дар тули таърихи мавҷудияти худ сохта ва ба кор бурдаанд, ойинаест, ки дар он шеваи зиндагии суннатӣ ва фарҳангу тамаддуни онҳо инъикос гардидааст. Баррасии таърихи ташаккули истилоҳот бисёр лаҳзаҳои печидаи сиёсӣ ва иҷтимоӣ ва ҳатто дараҷаи тараққиёти ин ва ё он соҳаро дар марҳилаҳои мухталифи шаклгирии миллатҳо равшан месозад. Ин луғату истилоҳот дар ҳеҷ забон муддати дароз собит намемонанд. Ҳар андешаи нави маънавӣ ва ҳар падидаи тозаи моддӣ, ки дар ҷомеа пайдо мешавад, тағйирот ва дигаргуние дар низоми вожагон ва истилоҳоти ҷории забони он ҷомеа падид меоварад.

Аз солҳои 80-уми асри гузашта сар карда фарҳангиёни тоҷик ва равшанфикрон ба таври ҷиддӣ ба масъалаи забон рӯй оварда, онро мавзуи рӯз қарор доданд. Дар натиҷа соли 1989 «Қонуни забон» қабул ва забони давлатии Республикаи Советии Сотсиалистии Тоҷикистон, забони тоҷикӣ, эълон гардид.

Истилоҳот қабате аз захираҳои луғати забон ва нишоне аз рӯзгору фарҳанги аҳли ҷомеаанд, ки нигаҳбониву нигаҳдорӣ ва истифодаву баҳрабардорӣ аз онҳо ба уҳдаи он касонест, ки ба тамаддуни тоҷикон эҳтиром ва дилбастагии зиёд доранд. Зеро як омили муттако дар такомули сатҳи савод, маънавиёт, камолоти зеҳн, рушди хирад, заковати воло ва ташаккулу таҳаввули нутқи солим, коргирӣ аз вожа ва истилоҳоти умдаву суханзеб аст.

Қабули Қонуни забон дар соли 1989 аз тарафи Шурои Олӣ як давраи мукаммали бедории миллии мардуми тоҷикро, ки аз ибтидои солҳои 80-ум оғоз шуда буд, ҷамъбаст намуд. Ин марҳилаи такомули забони тоҷикӣ аввал худ ба худ ва ба таври номуташаккил шуруъ гардид.

Робитаҳои байналмилалии ҳамкорӣ ва мубодилаи ахбори илмӣ дар соҳаи илмҳои табиатшиносӣ имкон додааст, ки аз истилоҳоти зиёди аврупоиасос истифода барем. Масалан, истилоҳоти суфташудаи «**комета**», «**атмосфера**», «**телескоп**» ва ғайра барои ҳамаи забонҳо як маъно доранд [1].

Даҳсолаҳои охир олимони соҳаҳои гуногуни илм кӯшиш менамоянд, ки дар бораи тозагии забони тоҷикӣ фикру мулоҳизаҳои худро ба табъ расонанд. Фарҳанги истилоҳоти астрономия низ нашр нашудааст. Мураттаб сохтани он барои такмили дониши астрономия, омӯхтани забони илмии ин соҳа ёрӣ мерасонад. Чорабиниҳо оид ба омӯзиши забони ин соҳа бе луғат ва фарҳангҳои тафсирӣ имконнопазир аст.

Яке аз роҳҳои амалӣ гардонидани татбиқи Қонуни забони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вуҷуд овардани луғату фарҳангҳои тафсирии соҳавист. Ин имкон медиҳад, ки бо ин роҳ санъати забондонии мутахассисони соҳаҳои гуногуни илму техникаро баланд бардорем.

Бояд гуфт, ки истилоҳот ва истилоҳшиносӣ дар таърихи забони тоҷикӣ, форсӣ – дарӣ решаҳои хеле амиқ дошта, аввалин нишонаҳои он дар забонҳои форсии қадим, портӣ, форсии миёна (паҳлавӣ) ва дигар забонҳои эронӣ зиёд дида мешавад ва аксари онҳо тағйири шакл намуда, суфта шуда, ба меъёрҳои забони имрӯз мувофиқ гардида, то замони мо расидаанд. Ба ҳамин хотир, омӯзиши истилоҳоти забони тоҷикиро дар муқоиса бо вожашиносии таърихӣ ба роҳ мондан беҳтар аст.

Истилоҳсозӣ фаъолияти огоҳонаи инсон аст, яъне инсон метавонад бевоста ба он мудохила кунад. Ҳадафи он ҳарчӣ расотар, дақиқтар ва равшантар барои аҳли соҳа ва агар мафҳум марбут ба ҳаёти иҷтимоӣ – сиёсӣ бошад, барои доираи васеътари аҳли ҷомеа, баён кардани маъноии мафҳумҳои нав аст.

Истилоҳ ҳамчун калима ё ибораe дар ҳавзаи амалкарди илми муайян маънои хосе дорад ва мафҳуми мушаххасеро ба шакли дақиқ истифода мекунад. Истилоҳи як соҳа метавонад дар соҳаи дигар маънои истилоҳии худро аз даст бидиҳад ва ба сифати калимаи оддӣ ва маъмул истифода шавад.

Ҳамин тариқ, метавон чанд хусусияти хоси истилоҳро фарқ кард:

1. Истилоҳ пеш аз ҳама вожаест, ки дар сохтори истилоҳии як соҳаи муайян ба таври дақиқ ва қатъиву мушаххас як мафҳумро ифода мекунад.

2. Истилоҳ дар доираи соҳаи муайян бо ифодаи маънои мушаххаси худ ба ҳамин соҳаи муайян ва соҳаҳои вобастаи он бо якмаъноӣ вобастагии зич дорад.

3. Истилоҳ дар баробари вожагии хос доштан дар таркиби сохтори забонӣ мутобиқ бо қоидаҳои дастурӣ амал намуда, дар калимасозӣ ҳамчун воҳиди истилоҳӣ иштирок менамояд.

4. Истилоҳ ё воҳиди истилоҳӣ берун аз соҳаи муайян маънои истилоҳии худро аз даст дода, ба сифати калимаи маъмул ва оддии забон истифода мешавад.

Дар бештари мавридҳо истилоҳот тарҷума намешаванд. Мафҳум ва маънои онҳо бо калимаву ибораҳо шарҳ дода шуда, дар доираи соҳаи худ маънои муайянро ифода менамояд.

Истифодаи истилоҳҳои илмӣ дар соҳаи фанҳои дақиқ ба забони тоҷикӣ масъалаи баҳсталабе мебошад, ки боиси бетартибиҳои вожавӣ дар навишти мақолаҳо ва дастуру китобҳои илмӣ ва илмӣ-оммавии фанҳои дақиқ гаштааст. Хусусан тарҷумаи истилоҳи астрономӣ ба забони тоҷикӣ, ки имрӯзҳо ба роҳ монда шуда истодааст, тарафдор ва норозиёни худро дорад [2].

Тарафдорони тарҷумакунии истилоҳҳо аз гиромидошти забони тоҷикӣ ва ғуруру ҳувияти миллӣ сухан ронда, андеша доранд, ки фаҳмиши истилоҳҳо ба забони тоҷикӣ барои хонандагон осонӣ ва сабукӣ оварда, фаҳмонидани мавзуъ қуллай мешавад.

Онҳое, ки зидди тарҷумакунӣ мебошанд, фикр менамоянд, ки бояд истилоҳоти байналмилалӣ тарҷума нашаванд, зеро ин истилоҳотро дар тамоми ҷаҳон ба шакли ягона истифода мебаранд. Инчунин адабиётҳои илмӣ ба забонҳои гуногун аст ва агар ҳангоми истифода аз онҳо мо ин истилоҳоти байналмилалиро донем, он қадар азоб нахоҳем кашид.

Барои ин ақидаҳоро таҳлил кардан мо бояд ба худи ҳодиса ва номҳои объектҳои тарҷумашаванда аҳаммияти ҷиддӣ диҳем ва омӯзем, ки то чи андоза онҳоро тарҷума кардан мумкин аст. Инчунин, ба решаи калимаҳои тарҷумашаванда ва калимаҳои тарҷумакунанда ва мавқеи истифодабарии онҳо дар забон диққат кардан зарурият дорад. Яке аз шартҳои муҳиими тарҷума бояд осонгардонии омӯзиш бошад.

Дар вақти тарҷумаи истилоҳ бояд омилҳои зерин ба назар гирифта шаванд:

• ***Мавҷудияти номи объекти тарҷумашаванда дар забони тоҷикӣ:***

Масалан, номгӯйи бешумори ҷирмҳо ва дигар истилоҳоти астрономӣ, ки аз давраҳои қадим барои инсоният маълум буд, аз қабили **кутр, кура, меҳвар, фалак, само, ситора, арз, майл, бурҷ, андоза, кунҷ, баландӣ** ва ғ. Мо метавонем ин истилоҳотро васеъ дар забони тоҷикӣ ном барем, чунки ҳар яки мо аз хурдӣ бо ин номҳо шинос буда, аз онҳо истифода мебарем [2, 3].

• ***Иқтибос аз осори гузаштагон:***

Решаи истилоҳоти асосӣ ба забоне бисёртар тааллуқ дорад, ки ҳамчун забони илмӣ эътироф шуда бошад. Азбаски дар ҳар давра ва минтақа забони илмӣ ягона набуд, решаи истилоҳот низ ба забонҳои гуногун дахл дорад. Масалан **юнонӣ, римӣ, лотинӣ, арабӣ** ва ғ. Забони илмии гузаштагони мо дар давраи инкишофи илми асримиёнагии Шарқ арабӣ буд. Бинобар ин, истилоҳоте, ки олимони бузурги асримиёнагии Шарқ истифода бурдаанд, ба забони арабӣ аст. Аммо пас аз ташкилёбии Иттиҳоди Шуравӣ мо ба сифати забони илмӣ забони русиро қабул кардем, вобаста ба он ба истилоҳоти русӣ рӯй овардем. Дар даврони Шуравӣ ин истилоҳот ба қавле «дар забони мо нишаста монд». Баъд аз соҳиби истиқлолияти сиёсӣ шудан, қисме аз олимон ва муҳаққиқон мехоҳанд, ки ба ҳамон истилоҳоте, ки гузаштагони мо истифода кардаанд, рӯй биёранд [3].

• ***Мавҷудияти калимаи ҳамвазн:***

Дар замони ҳозира бо рафти тараққиёти илму техника ва истифодаи қабулкунакҳои нави оптикӣ, ки дар астрономия васеъ истифода мешавад, баъзе ҳодисаҳо, қонуниятҳо, асбобу олотҳо ва элементҳое кашф мешаванд, ки аз ин пеш набуданд ва табиист, ки дар ягон забон номи онҳо мавҷуд нест. Ба ин ҳодисаву объектҳо ё номҳои шартӣ мегузоранд ё аз якчанд реша калимаи мувофиқ сохта, номгузорӣ мекунанд. Бисёр ҳолатҳое шудааст, ки худи кашшоф номгузорӣ мекунад. Тарҷумаи чунин истилоҳот хеле душвор ва баҳсангез мебошад. Масалан, калимаҳои **«фотон», «молекула», «электрон», «аннигилятсия», «газ»** ва ғайра, ки чун истилоҳоти байналмилалӣ эътироф гаштаанд. Бисёр мутарҷимон кӯшиш менамоянд, ки тарҷумаи таҳтуллафзии ин калимаҳоро амалӣ созанд, аммо ин калимаҳо ҳамчун истилоҳ маъниҳоеро дар бар мегиранд, ки худи калима чунин маъно надорад. Масалан, истилоҳи **«Галактика»**-ро ҳамчун **«ширмонанд»** тарҷума намоем, мо наметавонем зери ин мафҳум худи объектро фаҳмем [3].

Дар замони ҷаҳонишавӣ мо бояд ба як нуқта аҳаммияти ҷиддӣ диҳем ва мавқеи худро аниқ муайян кунем: мо тозагии забони модарӣ ва ҳувияти миллиро мехоҳем, ё ба раванди инкишофи илм ворид шуда, истилоҳоти байналмилалиро истифода мекунем?

Чунин хусусияти хоси истилоҳҳои астрономиро фарқ кардан мумкин аст:

*1. Истилоҳ пеш аз ҳама вожаест, ки дар сохтори истилоҳии як соҳаи муайян ба таври дақиқ ва қатъиву мушаххас як мафҳумро ифода мекунад. Он ба таври аслӣ дар забони тоҷикӣ қабул карда шуда метавонад. Дар зер чанде аз истилоҳот бо назардошти тарзи навишт мувофиқи қонуни забон оварда мешавад:*

Аберратсия, аблятсия, азимут, аккретсия, албедо, астрограф, астрофизика, галактика, гелиометр, ионосфера, надир, параллакс, протуберансҳо, радиант, рефлектор, сарос, экзосфера, эклиптика ва эфемерида ва ғ.

*2. Истилоҳ дар доираи соҳаи муайян бо ифодаи маънои мушаххаси худ ба ҳамин соҳаи муайян ва соҳаҳои вобастаи он бо якмаъноӣ вобастагии зич дорад. Онро ниёгонамон истифода мебурданд ва мо онро метавонем дар намуди асл қабул намоем.*

Азимут, алмуқантар, алмуқантарот, Асад (Шер), бадр (моҳи пурра), бурҷ, деферент, зенит, Зуҳал, инқилоби офтобӣ, қиём (авҷ), қирон, қутб, мадор майл, Муштарӣ, надир, сайёра, тарокум, тули ҷуғрофӣ, Устурлоб, эътидол ва ғ.

*3. Истилоҳ дар баробари вижагии хос доштан дар таркиби сохтори забонӣ мутобиқ бо қоидаҳои дастурӣ амал намуда, дар калимасозӣ ҳамчун воҳиди истилоҳӣ иштирок менамояд. Истилоҳоти аз забони байналмилал гирифташуда ва истилоҳоти ба намуди асл қабулшуда дар астрономия:*

Ангестрем, антисиклон, апекс, апогей, апсид, астроблема, геодезия, геоид, комета, коронограф, космогония, магнитосфера, мантия, маскон, метеорит, парсек, перигей, перигелий, флоккула, фотосфера ва хромосфера ва ғ.

Имрӯзҳо матбуот, ҳамчун яке аз воситаҳои тарғибу ташвиқ метавонад ба тараққиёти илмию фарҳангии ҷомеа таъсир расонад. Дар маҷаллаҳои илмӣ ва адабиётҳои таълимӣ истилоҳоти соҳаи астрономия хеле зиёд истифода шудаанд.

Яке аз масъалаҳои луғавии дигари илмҳои дақиқу табиатшиносӣ дар он аст, ки он баъзан дар натиҷаи табаддулотҳо пурра аз маданияти мардумони дигар қабул карда

мешавад. Масалан, илми араб дониши то замони худро аз тамаддуни Юнону Ҳинди қадим гирифтааст, ки нишонаҳои онро дар забони илмӣ мушоҳида менамоем. Қисми муайяни истиллоҳҳои астрономӣ то ҳол номҳои арабии худро нигоҳ доштаанд. Ҳоло ҳам ҷирмҳои зиёди осмониро олимони ҷаҳон бо арабӣ ном мебаранд.

Вобаста ба инкишофи илми табиатшиносӣ дар мамолики Шарқ аз қарнҳои VIII – IX сар карда, истиллоҳҳои астрономӣ мақоми илмии худро гирифт, ки далели он асарҳои олимон ва мактабҳои илмии онҳо мебошад. Ҳарчанд забони илм арабӣ буду асарҳо низ бо ин забон навишта мешуд, олимони ахтаршиноси мо кӯшиш намуданд, ки истиллоҳҳои илмии астрономиро бароямон бо забони форсӣ-тоҷикии худ боқӣ гузоранд.

Истилоҳоти астрономӣ аз даврахои ҳукмронии халифа Маъмун, махсусан дар рисолаҳои астрономии Абумаҳмуди Хуҷандӣ, Абдураҳмони Суфӣ, Абурайҳони Берунӣ, Ибни Сино, Қутбиддини Шерозӣ, Насириддуни Тусӣ, Алишоҳи Бухороӣ, Ҷамшеди Кошонӣ, Қозизодаи Румӣ, Алоуддини Қушчӣ ва ғ. ва ниҳоят дар рисолаҳои маорифпарваронаи Аҳмади Дониш ва Юсуф Мирфаёзов хело васеъ истифода шудааст [4, 5]. Гарчанде асарҳои илмии олимони гузаштаи мо бо забони арабӣ таҳия ва чоп шуда бошанд ҳам, дар бархе аз асарҳояшон, аз ҷумла “Китоб-ут-тафҳим”-и Абурайҳони Берунӣ, “Донишнома”-и Ибни Сино теъдоди зиёди истилоҳоти астрономӣ ба чашм мерасад.

Истилоҳои илмӣ нафақат дар байни олимони ахтаршинос паҳн шуда буд, инчунин онро шоиру нависандагон дар асарҳояшон хуб истифода мебурданд. Омӯзиши асарҳои классикони форсу тоҷик гувоҳӣ медиҳад, ки онҳо аз илми ситорашиносӣ огоҳӣ доштанд ва онро ба таври кофӣ аз худ намудаанд [4, 6]:

Манам дониста дар паргори олам,
Ба тасрифу нуҷум асрори олам.
Ҳама зиҷи фалак ҷадвал ба ҷадвал
Ба устурлоби ҳикмат кардаам ҳал.

*Низомии Ганҷавӣ.*

Моҳталъат, меҳрдавлат, зӯҳразинат, тирфаҳм,
Муштариахлоқу баҳромофату кайвондимор.

*Унсурии Балхӣ.*

Имрӯз бархе аз истилоҳшиносон ба ҷойи истилоҳоти байналмилалӣ, истилоҳоти арабиро ворид намуда истодаанд. Дар рӯзномаву маҷаллаҳо, шабакаҳои телевизионӣ ва иҷтимоӣ, дар радиоҳо, махсусан ҳангоми дубляжи филмҳои ҳуҷҷатӣ аз шабакаҳои телевизионӣ дида мешавад, ки истилоҳот худсарона тарҷума шуда, пешниҳод мегарданд. Агар ин раванд давом ёфтанд, гирад забони тоҷикӣ коста шудан мегирад, истилоҳоти номукаммалу хом ба истифода мебароянд.

Забон ин падидаест, ки бо мурури замон тағйир меёбад ва захираи луғавии он дигаргун мешавад. Ин аст, ки калимаву истилоҳоти нав ба вуҷуд меоянд, бозсозӣ мегарданд, ё аз забонҳои дигар иқтибос мешаванд, маънии нав пайдо мекунанд. Забони тоҷикӣ низ аз ин гуна тағйиру таҳаввул дар канор нест. Барои инкишофи истилоҳоти забони тоҷикӣ аҳаммияти забони русию арабӣ ва аврупоӣ калон буду ҳаст. Ба туфайли фаъолияти илмии олимон, фаъолияти тарҷумонҳо, хизмати муаллимон ва ходимони илму техника, захираи истилоҳоти русию байналмилалӣ ва калимаҳои нав мукаммал шуда истодааст.

Бояд қайд намуд, ки бештари истилоҳоти соҳаи астрономия аз забонҳои дигар ба забони мо иқтибос шудаанд. Ба монанди номи ситораҳои дурахшон, қисми муайяни бурҷҳо, асбобҳои астрономӣ аз забони арабӣ гирифта шуда, то ҳол маънои худро гум накардааст.

Аз забони дигар иқтибос шудани истилоҳот, ҳам ҷиҳати мусбат ва ҳам ҷиҳати манфӣ дорад. Аз як тараф қабул кардани истилоҳот боиси бою ғанӣ гардидани таркиби луғавӣ шавад, аз тарафи дигар боиси зиёд шудани калимаҳои бегона мегардад. Бинобар ин имконоти офариниши истилоҳот ё вожаи нав бошад, ҳоҷат ба қабул, тарҷумаи таҳтуллафзии истилоҳ нест.

Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба забони тоҷикӣ имконияти хубе дод, то таркиби луғавии худро аз ҳар гуна калимаву истилоҳоте, ки дар тули солҳои зиёд аз забонҳои бегона ворид шуда буданд, то дараҷае тоза намояд. Ин гувоҳи он аст, ки забони тоҷикӣ яке аз забонҳои қадима ва пурсарват мебошад.

Ҳамин тариқ, аз баррасии маводи мавҷуда метавон чунин натиҷагирӣ намуд:

1. Мушкилоти асосӣ набудани мутахассисони хуби тарҷума дар соҳаи астрономия, таълифи кам ва ё тамоман набудани китобҳои илмӣ, илмӣ-оммавӣ ва китобҳои дарсӣ. Махсусан, набудани истилоҳшиносон дар самти астрономия;
2. Мавҷуд набудани робитаи зич байни муаллифон ва мутахассисони самти астрономия. Аз ин рӯ, китобҳои таълифшуда аз нуқсонҳо холӣ нест;
3. Пурра омӯхта нашудани таърихи истилоҳшиносии олимони гузаштаи мо дар самти астрономия имрӯзҳо боиси каҷравӣ ва каҷфаҳмиҳо дар тарҷумаву таҳрир ва таҳияи онҳо гаштааст.

## АДАБИЁТ


1. Раҳимов Б.Қ. Истифодаи дурусти истилоҳоти астрономӣ дар илму маориф / Раҳимов Б.Қ., Сафаров А.Ғ. // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ, бахши табиӣ. – 2022. – № 3 (15).
2. Сафаров А.Ғ. Истилоҳҳои астрономӣ: бартарият ва норасоӣ / А.Ғ. Сафаров // Материалы Республиканской научно-практической конференции, посвященной «Двадцатилетию изучения и развития естественных, точных и математических наук в сфере науки и образования» на тему «Современные проблемы физики конденсированное состояние и ядерная физика» Душанбе, 19 февраля 2020 года. – Душанбе. – 2020.
3. Сафаров А.Ғ. Истилоҳоти астрономӣ дар илму маориф: бартарият ва норасоӣ / А.Ғ. Сафаров // Маорифи Тоҷикистон. – 2022. – № 1.
4. Абдуллозода Ҳ.Ф. Абумаҳмуди Хуҷандӣ ва таърихи астрономияи халқи тоҷик / Ҳ.Ф. Абдуллозода. – Хуҷанд. – 2005.
5. Берунӣ А. Китоб-ут-тафҳим / А. Берунӣ. Муҳаррири масъул М. Диноршоев. –Душанбе. – 1973.
6. Нуров П. Истилоҳ ва истилоҳсозӣ дар забони илмии тоҷикӣ / П. Нуров. – Душанбе. – 2006.


## НОЗУКИҲОИ ИСТИЛОҲШИНОСӢ ДАР АСТРОНОМИЯ


Дар мақола муаллифон кӯшиш кардаанд, ки доир ба таҳияи истилоҳоти астрономӣ маълумоти муфассал пешниҳод намоянд. Истилоҳсозӣ дар ҳолати имрӯза басо мушкил аст, чунки раванда ҷаҳонишавӣ, пешрафти илму техника, кашфиётҳои нав ба нав моро водор мекунанд, ҳангоми тарҷума ва баргардони баъзе истилоҳот худдорӣ намуда, мазмуну муҳтавои онро пурра шарҳ диҳем. Гузаштагони мо дар самти кайҳоншиносӣ то ба дараҷаи аъло расида буданд ва истифодаи бархе аз истилоҳоти даври онҳо то ҳол рӯзмарра аст.



**КАЛИДВОЖАҲО:** астрономия, истилоҳот, кайҳон, илм, маориф.


## ТОНКОСТЬ ТЕРМИНОЛОГИЯ В АСТРОНОМИИ


В статье авторы постарались предоставить подробную информацию о развитии астрономических терминов. Терминология в сегодняшней ситуации очень сложна, поскольку процесс глобализации, развития науки и техники, новые открытия заставляют нас воздерживаться от перевода некоторых терминов и полностью объяснять их содержание. Наши предки достигли уровня мастерства в изучение Космоса, и использование некоторых терминов их времени до сих пор является актуальным.



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** астрономия, термины, космос, наука, образование.


## SUBTLE TERMINOLOGY IN ASTRONOMY


In the article, the authors tried to provide detailed information about the development of astronomical terms. Terminology in today's situation is very complex, since the process of globalization, the development of science and technology, and new discoveries force us to refrain from translating some terms and fully explain their content. Our ancestors reached a level of mastery in the study of Space, and the use of some terms of their time is still relevant.



**KEYWORDS:** astronomy, terms, space, science, education.



**Маълумот дар бораи муаллифон*: Сафаров Абдулҷалол Ғафурович* –** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои физикаю математика, дотсент, мудири кафедраи астрономияи факултети физика. **Суроға:** 7340425, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992) 931-46-51-73.** Email: **aj_safarov@mail.ru.**

***Эргашева Наргиза Лутфулоевна*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти курси дуюми факултети физика. **Суроға:** 734042, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992) 883-93-53-53.**

**Сведения об авторах*: Сафаров Абдулджалол Гафурович* –** Таджикский национальный университет, кандидат физико-математических наук, доцент, заведующий кафедры астрономии физического факультета. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 931-46-51-73.** Email: **aj_safarov@mail.ru.**
***Эргашева Наргиза Лутфулоевна*** – Таджикский национальный университет, магистрант второго курса физического факультета. **Адрес:** 734042, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17**.** Телефон: **(+992) 883-93-53-53.**

**Information about the authors*: Safarov Abduljalol Gafurovich*** - Tajik National University, Candidate of Physical and Mathematical Sciences, Associate Professor, Head of the Department of Astronomy, Faculty of Physics. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: **(+992) 931-46-51-73.** Email: **aj_safarov@mail.ru.**
***Ergasheva Nargiza Lutfuloevna*** – Tajik National University, second-year master`s student of the Faculty of Physics. **Address:** 734042, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: **(+992) 883-93-53-53.**

## БИОЛОГИЯ – БИОЛОГИЯ

### ХУСУСИЯТҲОИ БИОЛОГӢ ВА ҲОЛАТИ ЭКОЛОГИИ *RIBES MEYERI* MAXIM ДАР ШАРОИТИ ИҚЛИМИ ДАРАИ ҚАРАТОҒ

***Назаров Ш.Ш., Раҷабова П.Н.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Истифодабарии оқилонаи боигариҳои табиати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамеша мавзуи мубрами давлат ва ҳукумат ба ҳисоб меравад. Бо ташаббуси Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон солҳои охир масъалаи ҳифзи табиат, кабудизоркунии муҳити атроф, аз он ҷумла истифодабарии оқилонаи рустаниҳои нафъовар, ки ба тараққиёти рӯзафзуни қувваҳои истеҳсолкунандаи ҷамъият ва таъсири фаъолияти инсон ба муҳити зист маънидод карда мешавад, мубрам ҳисобида шудааст. Ҳанӯз аз давраҳои қадим мардуми тоҷик истифодаи сарватҳои табииро, аз ҷумла рустаниҳои мевадиҳандаи ёбоӣ ва шифобахшро ба таври саҳеҳ асоси зиндагонӣ ва муолиҷаи касалиҳои гуногун меҳисобиданд. Аз ин гуфтаҳои боло бар меояд, ки истифодабарии оқилона, нигоҳдорӣ ва аз нав барқароркунии сарватҳои табиӣ, хусусан, наботот муносибати эҳтиёткорона ва истифодаи онҳоро аз рӯйи талаботҳои меъёрию ҳуқуқӣ аз мо талаб менамояд [8, 9, 10].

Дар Тоҷикистон яке аз минтақаҳое, ки аз ҷиҳати флористики гуногунранг мебошад, дараи Қаратоғ ба ҳисоб меравад. Минтақаи таҷрибаве, ки мо таҳқиқот гузаронидем, дар нишебиҳои ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор дар ду пахлуи соҳили дарёи Қаратоғи шаҳри Турсунзода воқеъ аст. Дара дар баландии аз 600 то ба зиёда аз 2800 м аз сатҳи баҳр ҷойгир буда, иқлимаш муътадил мебошад, миқдори боришоти солона ба ҳисоби миёна 1800-1900 мм-ро ташкил дода, яке аз нуктаҳои сербориштарини ҷумҳурӣ ба ҳисоб меравад. Ҳарорати миёнаи солона дар моҳи январ ба -6°С дар моҳҳои июн ва июл бошад ба +34°С мерасад. Қаратоғ минтақаи кӯҳӣ буда, аз ҷиҳати ҷуғрофӣ ва таърихӣ равшан муайян карда шудааст ва дорои набототи бой аст, ки аз дигар минтақаҳои кишвар то андозае фарқ мекунад.

Омӯзиши олами наботот ва рустаниҳои дараи Қаратоғ аз аввалҳои асри XX сар шудааст. Тадқиқотҳои аввалинро олимони варзидаи соҳаи ботаника ва геоботаникаи Иттиҳоди Шуравӣ ба монанди А.Э. Регел (1882), М. Попов (1924), Масленникова Л.А., Михелсон А.И., Введенский А.И., Толмачев А.И., Гончаров Н.Ф., В. Никитин ва Борисова (1932) бурда буданд. Солҳои 1937 то 1989 олимон П.Н. Овчинников, О.Н. Запрягаева, Г.Т. Слободов И. Г., М.И. Исмоилов, Юнусов ва Астанова, Н.С. Сафаров, Юнусов С.Ю., Раҳимов С., Каомелин. Аз соли 1990 то солҳои 2023 ба омӯзиши олами набототи ҷумҳурӣ олимони институти ботаника, физиология ва генетикаи растаниҳо Ҳисориев Х., Қудратов И., Раҳимов С., Мадаминов А., Бобораҷабов Б., Бобокалонов М. ва дигарон ба омӯзиши наботот машғул мебошанд. Солҳои 2016 то 2022 мувофиқи барномаи илмии устодони кафедраи ботаникаи ДМТ низ набототи дараи Қаратоғро таҳқиқ намуда буданд. Нобобаста ба ин татқиқотҳо ҳолати экологии набототи дара ба пуррагӣ омӯхта нашудааст. Аз ҳамин лиҳоз омӯзиши ҳолати қоти сиёҳро дар дохили дарахту буттаҳои дараи Қаратоғ пеша намудем.

Қарақот, қоти мейерӣ ё қоти сиёҳ (*Ribes meyeri* Maxim) як растании авлоди *Ribes* буда, қаблан ба оилаи *Saxifragaceae* мансуб буд. Мувофиқи таснифоти муосир ин авлод ба оилаи *Grossulariaceae* дохил мешавад. Авлоди Қот (*Ribes)* аз замонҳои қадим ба аҳолӣ маълум буда, дар саросари ҷаҳон паҳн гаштааст.

Маъмул аст, ки дар дунё тақрибан 150 намуди растании оилаи *Ribes*, ки як қисмаш ҳамешасабз қисми дигараш хазонрез мебошад, вуҷуд дорад ва аз ин миқдор зиёда аз 100

намудаш дар минтақаҳои сарду муътадили кӯҳҳои нимкураи шимолӣ паҳн шудаанд. Дар қисмати ҷануб бошад дар кӯҳҳои Африқо, Америкои Ҷанубӣ дар қаторкӯҳи Анд то ба Патагония вомехӯрад. Ареали қарақот асосан қаторкӯҳҳои Помиру Олой, Тиёншон, Тарбағатой, Сибирро фаро мегирад, инчунин дар ғарб ва шимили Хитой дар ҷангалзорҳои хазонрезу омехта, соҳили дарёҳо, доманакӯҳҳо, ҷойҳои санглох баъзан дар минтақаҳои субалпӣ низ мерӯяд [9]. Аз рӯйи сарчашмаҳо тақрибан 45 намудаш дар шимолу ғарби Хитой дида мешавад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо аз рӯйи маълумотҳо дар Тоҷикистон 5 намуди ин авлод- *Ribes Janczevskii, R.malvifolium, R. Meyeri, R.vulgare, R.villosum, R.heterotrichum*, дар шакли табиӣ дар қаторкӯҳҳои Помиру-Олой (Туркамнистон, Зарафшон, Ҳисор-Дарвоз, Тоҷикистони Ҷанубӣ, Тоҷикистони Шарқӣ, Помири Ғарбӣ ва Шарқӣ) вомехӯранд, ки онро бо номҳои каракот, қот, зорѓ, ширизн, **карагант, хасит, шариз, шигит, карагати чинӣ**, ва ғайра ном мебаранд [3, 5, 9,10].

Қот дар табиат растании духонагӣ, буттаи на он қадар калони хазонрез буда, аз 1,2 то ба 2,5 метр қад мекашад. Шоху навдаҳои бисёрсолааш хокистаранг, ҳамвор ё ин ки пӯстлохаш шакли каме кафидаро дорад [4, 8,10]. Баргҳояш қариб мудаввар буда, дарозиаш 3-7 см, паҳноии баргҳо тақрибан ба дарозияш баробар аст. Шакли баргҳояш бошад дилшакл ё тухмшакл аст, ду тарафи сатҳи канории баргҳо аррамонанд, ҳатто дар дохили як бутта шакл ва андозаи баргҳо хело фарқ мекунад. Асосан миқдори баргҳо дар бандҳо аз се то панҷ ададро ташкил медиҳад. Ҷойгиршавии баргҳо алтернативӣ мебошад. Гулҳои қот дуҷинса, актинаморфӣ, диаметраш 3,5-5(6) мм дарозӣ доранд. Гулҳояш дар хӯша ҷойгир буда, дар як хӯша аз 4 то 18 гул мавҷуд аст, гулҳо ба ҳам зич ҷойгир шудаанд, рангашон сурх ё сурхи бунафш мебошад. Одатан миқдори гулбаргҳо 5-то мебошад. Меваи қот сероби ширадор буда, дар мадди аввал ранги зарди тирра, баъдан ҳангоми пӯхта расидан бунафши сиёҳи мудаввар ё доирашакли донакдор (диаметраш 5-8 мм) маззааш турш мебошад. Вазнаш ба 1- 1,5 г мерасад. Давраи гулкунӣ вобаста ба минтақа ва тағироти сол гуногун мебошад, аксар вақт аз моҳҳои май то июн давом меёбад ва аз моҳи июл то сентябр мева медиҳад [10].



**Расми 1. Сохти муғча ва гули Қарақот**

Аз рӯйи хусусиятҳои фитосенологӣ қот - *Ribes meyeri* хоси экосистемаи арчазорҳо мебошад ва дар баландии аз 1400 то 4300 м аз сатҳи баҳр вомехӯрад. Аммо, шароити оптималии нашъу нумӯ ва сабзиши он баландии аз 2000 то 3000 м аз сатҳи баҳр мебошад. Дар дараи мазкур асосан қот - *Ribes meyeri* дар дар соҳили дарёҳо, нишебиҳои сояафкан ва канори роҳҳо месабзанд ва базе ҳолатҳо фитосеноз ба амал меоранд [5,9,10].

Хусусиятҳои морфологии қарақот дар шароити дараи Қаратоғ низ то ҳол пурра омӯхта нашуддааст. Мушоҳидаҳои мофологии мо низ ба омӯзиши қот нишон доданд, ки баландии миёнаи буттаҳо дар дара ба 180,0 ± 10,0 см, диаметраш 6,5 ± 0,66 см мебошад. Аз рӯйи адабиётҳо ва мушоҳидаҳо муайян шуд, ки дар шароити табиӣ фардҳои он хело суст инкишоф ёфта, дар 3-5 соли аввал тахминан аз 5 то 10 см қад мекашанд. Дар синни 10 солагӣ бошад буттаҳо то ним метр баланд мешаванд ва дар ин айём ба мевабандӣ шуруъ мекунад.



**Расми 2. Нашъунамои буттаҳои қот дар дараи Қаратоғ**

Гулҳои хушбӯй дорад, дар охири моҳи май ва аввали июн ба гулкӯни шуруъ мекунад. Миқдори гулҳо дар хӯшачаҳо 5-10 то мебошад. Ҳосилнокии меваҳо дар минтақаи омӯзиш на он қадар фаровон буда, ҳосили як бех аз 0,5 то ба 1,5 кг (2 кг) мерасад.

Таҳқиқоти геоботаникӣ нишон дод, ки дар нишебиҳои дараи Қаратоғ қарақоти Мейер дар баландии аз 1850 м. Дида мешавад, ки дар бешазорҳои арча нашъунамоаш аз моҳи апрел сар шуда, то моҳи июл идома меёбад.

Афзоиши солонаи навдаҳои он то ба 30 см мерасад. Омӯзишҳо нишон дод, ки синну соли аксари буттаҳо дар дараи Қаратоғ ба 12-16 сол мерасанд, дар ҳоле ки як бутта метавонад то 40-50 сол умр бинад. Муқовимати ба хушкӣ тобовар будани қоти сиёҳ, баъзан дар рӯзҳои хеле гарм ва хушки моҳи июл, сӯхтани буттамева ва паҳншавии шадиди фулуси тортанак мушоҳида карда мешавад. Баландии растанӣ нисбатан майдаҷинс, тақрибан буттаҳои понздаҳсола, ки баландиашон то ба 1,3 - 1,5 метр мерасад. Аслан дар ин минтақа ниҳолҳо дар соли сеюм ва чорум ба гулкунӣ шуруъ карда, ба ҳосил медароянд. Гулҳояш фаровон ва мевааш низ фаровон аст. Қарақот дар дараи Қаратоғ дар моҳи май ба гулкуни шуруъ карда, аввали моҳи август буттамеваҳои хеле болаззат ва хушбуй мепазанд. Мувофиқи маълумоти мо, қоти сиёҳ растании махсусан ороишӣ нест, лекин онро барои ороиш дар боғҳои хона истифода бурдан мумкин мебошад.



**Расми 3. Меваи қот**

Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки ин растанӣ дар заминҳои ҳосилнокиаш паст заминҳои шағалдори кушоди офтобии санглох мерӯяд ва дар минтақаҳои миёнакӯҳ, даштҳои алафзор, арчазорҳо, бодомзор, явшонзор ва даштҳои баландкӯҳ вомехӯрад. Ба шабнам тобовар буда, барои кишт дар ҳама минтақаҳо мувофиқ аст ва яке аз буттаҳои хуб дар кӯчаҳо ва хиёбонҳо мебошад. Бояд гуфт, ки қарақот ба зимистони шадид тобовар набуда, дар ҳавои сард низ метавонад хушк шавад [3, 8].

Қарақот растании шифобахш мебошад, меваи он аз витаминҳои – С, $B_2$ , $B_6$ , $B_9$ , Д, Е, РР, К, бой буда, онро барои тайёр кардани мураббо, нӯшокиҳо ва шароб истифода бурдан мумкин аст. Меваи қарақотро метавон ҳамчун дору истифода кард, зеро дар таркиби он каротиноидҳо, флавоноидҳо, қандҳо, кислотаҳои органикӣ, микроэлементҳо ва ғайра мавҷуд мебошад [1]. Он вазифаи рафъи намуди омосҳоро дорад, онро дар об ҷӯшонда, барои табобати шамолхӯрӣ истифода бурдан мумкин аст. Навдаҳо, гулҳо ва баргҳои ҷавони қарақотро бо оби ҷӯш дам карда, онро ба ҷойи чой истифода бурдан мумкин аст, он вазифаҳои тоза кардани варам, беҳтар кардани биноҳои чашм, маҳин кардани ҷигар, пешоб, мустаҳкам кардани кори дил ва хосияти зидди бактериявӣ дорад. Компонентҳои фаъоли флавоноид, ки дар решаҳо, баргҳо ва меваҳои қарақот мавҷуданд, вазифаҳои маҳин кардани рагҳои хун, паст кардани равғани хун ва танзими фишори хунро дорад [3].

Ҳамин тавр, натиҷаҳои таҳлили биологӣ ва ҳолати экологии қарақот (*Ribes meyeri* Maxim), ки дар шароити дараи Қаратоғ нишон медиҳанд, ки қарақот (*Ribes meyeri* Maxim) аз рӯйи хусусиятҳои морфологии худ ба шароити номусоиди иқлим тобоварӣ доранд. Дар охир ҳаминро бояд қайд кард, ки дар шароити дараи Қаратоғ минтақаҳои паҳншавии он ҳолоташ муташанниҷ буда, ҳолатҳои ҷамъоварии нооқилонаи меваҳои қарақот, ғайриқонунӣ буридани буттаҳои қарақот, инчунин чаронидани чорвои хурду калони шахсӣ мушоҳида карда мешавад. Ин ҳама метавонад дар оянда популятсияи қарақотро ба нобудшавӣ ва ё ин ки вайроншавии сохти экосистемаҳо оварда расонад.

**АДАБИЁТ**


1. Базилевская Н.А. Теория и методы интродукции растений. // Н.А. Базилевская– М.: Изд. Моск. гос. ун-та, - 130 с.
2. Соболевская К.А. Интродукция растений как один из путей рационального использования и сохранения природных и растительных ресурсов //К.А.Соболевская Рациональное использование и охрана живой природы Сибири.- Томск, 1971.
3. Флора Таджикской ССР. М-Л. АН СССР, том VI, 1981.
4. Савина Н.В. Интродукция некоторых видов рода смородины //Н.В. Савина. Вестн. с.-х. лит. — 1977. — № 7.

5. Станюкович К.В. «Древесная и кустарниковая растительность». /К.В. Станюкович. – Таджикистан (природа и природные ресурсы). АН Тадж. ССР, Дониш, Душанбе, 1982.
6. Сорокопудов В.Н., Мелькумова Е.А. Биологические особенности смородины и крыжовника при интродукции. // В.Н.Сорокопудов, Е.А.Мелькумова.- Новосибирск: РАСХН. Сиб. отд., 2003.
7. Ниу Чжанэн. Технология посева и рассады мейери смородины в бассейне реки Датун, провинция Цинхай. Цинхайское сельское и лесное хозяйство, наука и технология, 2016.
8. Се Юрэнь, Ма Минченг Изменения питательных веществ в процессе обрезки и укоренения чайной смородины коричной [J] Наука и технология Shelter Forest, 2015, (№ 10).
9. Запрагаева В.И. Дикорастущие плодовые Таджикистана. /В.И.Запрагаева. - АН Тадж. ССР, Наука, Москва-Ленинград, 1964.
10. Запрагаева В.И. Лесние ресурси Памир-Алая /В.И. Запрягаева- Л.: Наука,1976.

### ХУСУСИЯТҲОИ БИОЛОГӢ ВА ҲОЛАТИ ЭКОЛОГИИ *RIBES MEYERI* MAXIM ДАР ШАРОИТИ ИҚЛИМИ ДАРАИ ҚАРАТОҒ

Дар мақолаи мазкур маълумотҳои ҷамънамудаи муаллиф оид ба хусусиятҳои биологӣ ва ҳолати экологии *Ribes meyeri* Maxim дар шароити иқлими дараи Қаратоғ дар давоми солҳои 2021-203 пешниҳод гардидааст. Мушоҳидаҳои фенологӣ нишон доданд, ки баландии миёнаи буттаҳои қароқот ба 180,0 ± 10,0 см, диаметраш бошад 6,5 ± 0,66 см баробар мебошад.

**КАЛИДВОЖАҲО:** сенопулятсия, Қаратоғ, арчазор, қарақот, дарахт, бутта, ҷамоа.

### БИОЛОГИЧЕСКИЕ ХАРАКТЕРИСТИКИ И ЭКОЛОГИЧЕСКИЙ СТАТУС *RIBES MEYERI MAXIM* В УСЛОВИЯХ КАРАТОГСКОГО УЩЕЛЬЯ

В данной статье представлены собранные автором данные о биологических особенностях и экологическом статусе Ribes meyeri Maxim в климатических условиях Каратогского ущелья в течение 2021-2020 гг. Фенологические наблюдения показали, что средняя высота кустов крыжовника составляет 180,0±10,0 см, диаметр 6,5±0,66 см.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА**: сенопопуляция, Каратог, можжевеловая роща, каракот, дерево, куст, сообщество.

### BIOLOGICAL CHARACTERISTICS AND ECOLOGICAL STATUS OF RIBES MEYERI MAXIM IN THE CONDITIONS OF THE KARATOG GORGE

This article presents data collected by the author on the biological characteristics and ecological status of Ribes meyeri Maxim in the climatic conditions of the Karatog Gorge during 2021-2020. Phenological observations showed that the average height of gooseberry bushes is 180.0±10.0 cm, diameter 6.5±0.66 cm.

**KEYWORDS:** hay population, Karatog, juniper grove, Karakot, tree, bush, community.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Назаров Шуҳрат Шералиевич*** **-**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктoранти PhD, кафедраи ботаника ва дендрология. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.Телефон: **981014464**. E-mail: **shuhrat01 @email. Com**
***Раҷабова Парвина Нурмуҳамадовна*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистри курси дуюм. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **988-99-93-80.**

**Сведения об авторах**: ***Назаров Шухрат Шералиевич*** – Таджикиский национальный университет, докторант PhD, кафедра ботаники и дендрологии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17/ Телефон: **981014464**. E-mail: **shuhrat01 @email. com**
***Раджабова Парвина*** - Таджикский национальный университет, магистрант 2-го курса. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **988-99-93-80.**

**Information about the authors*: Nazarov Shukhrat Sheralievich*** - Tajik National University, postgraduate student, PhD students, Department of Botany and Dendrology. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phone: **981014464**. E-mail: **shuhrat01 @email. com**
***Rajabova Parvina*** **-** Tajik National University, second-year master's student. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phone: **988-99-93-80**.

## БЕМОРИҲОИ СӮХТАГӢ - МУҲИМТАРИН МУШКИЛОТИ ТИББИЮ ИҶТИМОИИ ҶОМЕАИ МУОСИР

***Амонова Х., Иброгимова С.И.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Қариб ҳамасола дар саросари ҷаҳон 180 000 фавт бар асари бемориҳои сӯхта рух медиҳад.

Сӯхтаҳо ҷароҳатҳое мебошанд, ки дар натиҷаи таъсири ҳарорати баланд, химиявӣ, барқӣ ё радиатсионӣ ба пӯст ва бофтаҳои зери он осеб мерасонанд. Ҷароҳати ингалятсионӣ осеби луобпардаи роҳи нафас ё бофтаи шуш аз таъсири омилҳои ҳароратӣ ё токсикохимиявӣ мебошад. Сабабҳои маъмултарин сӯхтаҳои термикӣ мебошанд, ки бо таъсири ҳарорати баланд алоқаманданд. Одатан ин сӯхтаҳо аз моеъҳои гарм ва буғ, аҳён аз алангаи кушод мебошанд. Сӯхтаҳои гармии тамосӣ ҳангоми расидан бо ашё ё моддаҳои гарм, масалан, металли гарм, қатронҳои гарм, битум, асфалт ва ғайра ба вуҷуд меоянд [2].

Сӯхтаҳои химиявӣ аз таъсири шадиди моддаҳои химиявӣ ба пӯст ё пардаи луобӣ ба вуҷуд меоянд. Илова ба сӯхтан, ин моддаҳо, инчунин, боиси осебҳои дигари пӯст - дерматитҳои расиш ва экзема мешаванд.

Зарбаҳои барқӣ (зарба дар натиҷаи таъсири ҷараёни барқ ба бадан) низ метавонад боиси сӯхтани пӯст гардад ва бо реаксияи ҷойӣ ва умумӣ мегузарад. Дар шахсони калонсол ҷароҳатҳои барқӣ одатан бо фаъолияти касбӣ, дар кӯдакон - бо истифодаи асбобҳои барқии маишӣ алоқаманданд [3].

Барқзанӣ ё оташак дар байни одамони тамоми синну сол бо басомади баробар ба амал меояд, ин ҳодиса аксар вақт берун аз шаҳр дар байни сокинони деҳот рух медиҳад.

Сӯхтаҳои радиатсионӣ аз таъсири нурҳои ултрабунафш, инфрасурх ва афканишоти ионизатсионӣ ба амал меояд. Сӯхтани пӯст аз таъсири офтоб ба аксар одамон шинос аст, онҳо дар натиҷаи таъсири аз ҳад зиёди нурҳои офтоб ба вуҷуд меоянд.

Радиатсияи ионизатсиякунанда ба тағйироти ҷойӣ ва умумии бадан оварда мерасонад, ки онро «бемории радиатсионӣ» меноманд.

Ҷароҳатҳои ингалятсионӣ ҳангоми нафасгирии ҳавои гарм, буғ ё таъсири пайвастагиҳои химиявии заҳролуд (маҳсулоти сӯзишворӣ), ки дар баробари дуд ба роҳи нафас ворид мешаванд, ба амал меоянд.

Аз рӯйи этиологияи (сабабҳои) пайдошавӣ:

• Сӯхтаҳои термикӣ (шуъла, оби ҷӯшон, расиш ба ягон ашёи сӯзон).
• Сӯхтаҳои барқӣ.
• Сӯхтаҳои химиявӣ.
• Сӯхтаҳои радиатсионӣ.
• Сӯхтаҳои омехта.
• Ҷароҳатҳои ингалятсионӣ:
• термикӣ (зарари термоингалятсионӣ ба роҳҳои нафаскашӣ);
• токсикохимиявӣ (заҳролудшавии шадиди роҳҳои нафаскашӣ аз маҳсулоти сӯзишворӣ);
• термохимиявӣ (омехта).

Аз рӯйи умқи осеби сӯхтаи пӯст, сӯхтаҳоро ба дараҷаҳои гуногун ҷудо мекунанд:

• Дараҷаи I – сӯхтани сатҳи қабатҳои болоии эпидермис.
• Дараҷаи II – осеб дидани тамоми умқи эпидермис.
• Дараҷаи III – некроз (марг)-и қабатҳои сатҳӣ ва ё амиқи пӯст, аз ҷумла дерма.
• Дараҷаи IV – некрозшавии ҳамаи қабатҳои бофтаҳо (сӯхта сиёҳшавӣ).

Дараҷаҳои I ва II сӯхтагии рӯякӣ, III ва IV чуқурӣ ҳисобида мешаванд.

Вобаста аз майдони зарар сӯхтаҳо ба маҳдуд (маҳаллӣ) ва васеъ тақсим мешаванд.

Тасвири клиникии ҳолати сӯхтагӣ аз умқ ва майдони осеб вобаста буда, зуҳуроти ҷойӣ ва умумиро дар бар мегирад. Барои сӯхтаҳои рӯякӣ, ки масоҳати он камтар аз 10% сатҳи баданро ташкил медиҳад, танҳо зуҳуроти ҷойӣ хос аст. Сӯхтагии дараҷаи якум бо варам, гиперемияи (сурхшавии) пӯст ва дарди шадид зоҳир мешавад. Дар марҳилаи II, обилаҳо бо шакли моеъи шаффоф пур мешаванд. Сӯхтагии дараҷаи III ва IV бо пайдоиши обилаҳои дорои таркиби геморрагитӣ (хундор), сӯхта шудани пӯст, бофтаҳои равғанини зери пӯст ва бофтаҳои зери пӯст то устухонҳо хос аст; дард ва ҳассосияти дардӣ вуҷуд надорад [1].

Дар сурати осеб дидани узвҳои биноиш, бемор аз дарди шадиди чашм, фотофобия, варам ва сурхшавии пилкон ва конъюнктив шикоят менамояд.

Ҳангоми сӯхтани роҳҳои нафаскашӣ, хирагии овоз ва сулфаи часпакдор, эҳтимол балғами сиёҳ мушоҳида карда мешавад. Аксар вақт ин намуди сӯхта бо сӯхтани рӯй, гардан ва қафаси пеши сина мегузарад.

Паҳншавии сӯхтаҳои рӯякии васеъ (зиёда аз 30% сатҳи бадан дар калонсолон) ва сӯхтагии амиқ (зиёда аз 10% сатҳи бадан дар калонсолон), инчунин сӯхтаҳои масоҳат ва чуқурии хурдтар дар кӯдакон ва пиронсолон ё дар одамони гирифтори бемориҳои музмин бо рушди бемории сӯхтагӣ мегузарад [3].

Бемории сӯхтагӣ як вокуниши мураккаби бадан ба осеби сӯхтагӣ мебошад. Якчанд марҳилаҳои ин ҳолат вуҷуд доранд. Зарбаи сӯхтагӣ аз 12 то 72 соат давом мекунад ва бо вайрон шудани гардиши хун ва мувозинати обу намакҳо алоқаманд мебошад. Дарҳол пас аз ҷароҳат ҷабрдида ба ҳаяҷон меояд, фишори хунаш баланд мешавад, набз ва нафаскашӣ зиёд мешавад, пас аз 1-2 соат ҳаяҷон бо сустӣ иваз мешавад, хунукхӯрӣ, ларзиши мушакҳо, қайкунии такрорӣ мушоҳида мешавад, ҳарорати бадан метавонад ё зиёд ё кам шавад. Микдори пешоб кам шуда, ранги пешоб тира мешавад. Марҳилаи дигар ин токсикемияи шадид мебошад, ки аз сабаби ба хун ҷаббида шудани маҳсулоти пӯсидаи бофтаҳои вайроншуда инкишоф ёфта, то 10-15 рӯз давом мекунад [4].

Ин марҳила бо вайроншавии гуногуни руҳӣ (ҳаяҷон, ошуфтагӣ, галлютсинатсия, вайроншавии хоб), инчунин осеби узвҳои дохилӣ (дил, шушҳо, узвҳои роҳҳои меъдаву рӯдаҳо) зоҳир мешавад, бинобар ин дар бемор кори дил халалдор мегардад, сулфа, нафастангӣ, дарди шикам пайдо мешавад.

Давраи сеюм септикотоксемия буда, аз 2—3 ҳафта то 2—3 моҳ давом мекунад. Зуҳурот бо мушкилиҳои ҷароҳати фасоддор алоқаманд аст (ихроҷи зиёди фасод аз захм, захми сустмуолиҷашаванда), дар бемор сустӣ, набудани иштиҳо ва камшавии вазн мушоҳида мешавад.

Пешгӯиҳо дар ҳар як ҳолати мушаххас аз рӯйи дараҷаи осеббинӣ, ҳолати аввалаи саломатии ҷабрдида ва табобат мувофиқ муайян карда мешавад. Барои муайян кардани роҳҳои табобат, табиб шиддатнокии дард, ҷой ва умқи сӯхтаҳо, мавҷудияти аломатҳои дигар осеб, зарарёбии роҳҳои нафаскашӣ ва зарбаи сӯхтаро арзёбӣ мекунад.

Азбаски сӯхтаҳои васеъ ва амиқ ба тамоми узвҳо ва системаҳои бадан ба ин ё он дараҷа таъсир мерасонанд, бинобар он ташхиси васеи озмоишгоҳӣ ва инструменталӣ гузаронида мешавад [3].

Ташхиси озмоишгоҳӣ метавонад намудҳои гуногуни таҳлилҳоро дар бар гирад:

• *Таҳлили клиникии хун.*

Санҷиши клиникии хун: таҳлили умумии хун, лейкоформула, СТЭ (суръати таҳшиншавии эритроситҳо) (бо таҳлили микроскопии хун ҳангоми мавҷудияти тағйироти патологӣ).

• *Таҳлили умумии пешоб.*

Таҳлили умумии пешоб (таҳлили микроскопии таҳшини пешоб).

• *Санҷиши биохимиявии хун*: глюкоза, билирубини умумӣ, АЛТ, АСТ, мочевина, креатинин, миоглобин, сафедаи умумӣ, албумин, С-сафедаи реактивӣ, калий, натрий, хлор.

• Дар сурати гумонбар шудан ба сироят, омӯзиши микробиологӣ (парвариши ихроҷи захм) барои ошкор намудани барангезанда ва интихоби табобати мувофиқ гузаронида мешавад.

Ташхиси инструменталӣ, вобаста ба ҷойгиршавии осеб метавонад рентгени қафаси сина ва ултрасадои узвҳои шикам ва гурдаҳоро дар бар гирад.

*Рентгени шушҳо.*

Муоинаи рентгении сохтори шуш бо мақсади ташхиси патологияҳои гуногун.

*Тибқи нишондодҳо ташхиси эндоскопиро анҷом додан мумкин аст:* бронхоскопия - агар шубҳа ба осеби узвҳои нафаскашӣ бошад, эндоскопия (гастроскопия) - барои сӯхтагии васеъ ва дар сурати мавҷуд будани шубҳа ба осебҳои эрозиявӣ ва захми меъда.

*Гастроскопия (ҳангоми хоб).*

Муоинаи ташхисии пардаи луобпардаи меъдаву рӯдаҳо.

Ёрии аввалин ба осебдидагони сӯхтор бояд фавран дар ҷойи ҳодиса расонида шавад. Сатҳи сӯхтаро аз ҳама маводи дар тамос бо он (либос, пойафзол, ҷавоҳирот ва ғ.) озод кардан лозим аст.

Обилаҳои пайдошударо сӯрох кардан ё либоси часпидаро канда партофтан мумкин нест. Хунук кардани сатҳи сӯхта, варамро паст намуда, дардро таскин медиҳад. Сӯхтаҳои ҷойиро бо об хунук кардан мумкин аст, бо роҳи равона кардани об ба сатҳи сӯхташуда - ҳарорати об бояд тавре бошад, ки ҷабрдида сабукии ҷойиро ҳис намояд. Барои сӯхтаҳои васеъ, хунуккунӣ аз сабаби хатари гипотермия анҷом дода намешавад.

Ёрии таъҷилӣ ба ҷабрдидае, ки осеби барқро гирифтааст, зуд қатъ кардани ҷараёни барқро дар бар мегирад. Ҳама сӯхтаҳои химиявӣ бояд на камтар аз 10-15 дақиқа бо оби хунук шуста шаванд ва агар кумак дер оғоз шавад - на камтар аз 1 соат [2].

Истисно он сӯхтаҳоест, ки аз кислотаи консентратсияи сулфат ва оҳаки ношукуфта ба вуҷуд меоянд. Пеш аз шустан, кислотаи сулфатро бо матои хушк хушк кардан ва дар сурати бо оҳак сӯхтани бокимондаи онро аввал бо воситаҳои хушк тоза кардан, баъд пӯстро бо оби равон шустан ё бо ягон равғани растанӣ табобат кардан ба мақсад мувофиқ мебошад.

Ба ҷабрдида доруҳои дардпасткунанда ва антигистаминҳо (антиаллергӣ) додан мумкин аст.

Ҳангоми сӯхтагии васеъ ва қайкунӣ ба бемор об додан лозим аст - беҳтараш оби минералии бе газ ё оби сода ва намаки дар он ҳалшуда (барои 1 литр об - 1 қошуқча намак ва 0,5 қошуқча сода) - дар ҳаҷми 1- 1,5 л дар як соат.

• Ҳангоми интиқоли осебдидагон ба муассисаи тиббӣ, ба захм бинт, рӯймол, матои пахтагин, рӯйпӯшҳои тоза, бе ягон моддаи доруворӣ гузошта мешавад.

*Бистарӣ кардани ҷабрдида дар ҳолатҳои зерин зарур аст:*

• ҷойи сӯхтагӣ зиёда аз 5% сатҳи баданро ташкил медиҳад (1% сатҳи бадан тақрибан ба майдони кафи ҷабрдида баробар аст);
• гумон ба сӯхтагии амиқи дараҷаи III вуҷуд дошта бошад;
• сӯхтани чашмҳо, рӯй, гӯшҳо, дастҳо, пойҳо, буғумҳои калон, ё узвҳои таносул;
• зарбаи барқ, аз ҷумла оташак;
• гумон ба сӯхтани роҳҳои нафас ё заҳролудшавӣ аз маҳсулоти сӯзиш вуҷуд дошта бошад;
• сӯхтани кӯдак ё пиронсол;
• ҷабрдида дорои патологияҳои шадиди ҳамроҳ бошад.

Барои осеби маҳдуди рӯякӣ, ёрии тиббӣ дар клиника ё маркази травматологӣ расонида мешавад. Оқибатҳои сӯхтаҳои дараҷаи I ва II одатан хатари ҷиддӣ надоранд ва зуд ва пурра шифо меёбанд. Танҳо дар баъзан ҳолатҳо, ҷароҳатҳо дар ҷойи худ боқӣ мемонанд.

Сӯхтаҳои дараҷаи сеюм ва чорум, ки қисматҳои зиёди пӯстро дар бар мегиранд, шадиданд ва метавонанд таъсири марговар дошта бошанд [5].

Мушкилоти эҳтимолии сӯхтани пӯст инҳоянд: дерматит, экзема, илтиҳоби фасоддор, ки дар натиҷаи сирояти стрептококкҳо захмҳои трофикӣ ба вуҷуд меояд. Пас аз муолиҷаи захм, деформатсияҳои доғҳо ва контрактураҳо ва алопесия боқӣ мемонанд. Вақте ки сирояти бактериявӣ илова мешавад, мушкилоти чирку фасоддор - абсцессҳо, флегмона, гангрена имконпазир мегардад. Зараёбии рагҳо метавонад ҳамчун тромбоз, эмболия ва хунравии эрозиявӣ зоҳир мешавад. Пас аз муолиҷаи захм, деформатсияи доғҳо ва контрактураҳо, алопетсия боқӣ мемонад.

Сӯхтаҳои амиқ бо осеби узвҳои дохилӣ, аз ҷумла трахеобронхит, пневмония, миокардит, гепатит, пиелонефрит, осеби шадиди гурдаҳо, захми меъдаю рӯда, отити миёна, делирия (бемории руҳӣ, ки бо ғазабнокшавӣ, сустии нутқ, галлютсинатсия зоҳир мешаванд) алоқаманд аст.

Хатарноктарин мушкилиҳои сӯхтагӣ *сепсис* (шакли вазнини умумии раванди сироятӣ, ки бо ворид шудани агенти сироятӣ ба хун мегузарад), нокомии узвҳои сершумор, хастагӣ, саратони пӯст мебошанд.

Чораҳои пешгирикунанда ин муносибати эҳтиёткорона доштан бо оташ, моеъҳои гарм, асбобҳои барқӣ ва моддаҳои химиявӣ мебошад. Барои пешгирӣ кардани сӯхтани

кӯдакон дар канори оташдон ё миз зарфҳои оби ҷӯшонро нагузоранд, гӯгирд, маводи шӯяндаи химиявиро ба ҷойи ба кӯдакон дастнорас гузоштан, розеткаҳоро бо резинаҳо маҳкам кардан лозим аст ва аз ҳама муҳим кӯдакон бояд ҳеҷ гоҳ бе назорати калонсолон набошанд [5].

Барои пешгирӣ намудан аз сӯхтани офтоб таъсири офтоби кушодро маҳдуд мекунанд (вақти бехавф барои офтобхӯрӣ то соати 11 ва баъд аз 16 аст), аз воситаҳои аз офтоб муҳофизаткунанда истифода бурда, дар фасли гармои тобистон либосҳои сабуки маҳкам ва кулоҳ пӯшидан тавсия дода мешавад.

## АДАБИЁТ


1. Клинические рекомендации Ожоги термические и химические. Ожоги солнечные. Ожоги дыхательных путей. Общероссийская общественная организация «Объединение комбустиологов «Мир без ожогов» 2020.
2. Фаязов А.Д., Туляганов Д.Б., Камилов У.Р., Рузимуратов Д.А. Современные методы местного лечения ожоговых ран // Вестник экстренной медицины. Т. 12, № 1, 2019.
3. Манаков В.Ю. Ожоги. Классификация и лечение ожогов // Современные научные исследования и инновации. 2020. № 11 [Электронный ресурс].
4. Шаповалов С.Г. Комбустиология чрезвычайных ситуаций. Под редакцией С.С. Алексанина и А.А. Алексеева. Санкт-Петербург, 2014.
5. Абдуллоев Дж.А., Умаров А.М., Зубайдов Т.У. Ожоговый шок у детей. (Методические рекомендации). Министерство здравоохранения Республики Таджикистан. Душанбе- 2009г.


## БЕМОРИҲОИ СӮХТАГӢ - МУҲИМТАРИН МУШКИЛОТИ ТИББИЮ ИҶТИМОИИ ҶОМЕАИ МУОСИР


Дар мақолаи мазкур оид ба ҷароҳатҳои сӯхта, роҳҳои пайдоиши он, намудҳо, дараҷаҳо, оқибатҳои онҳо, намудҳои гуногуни таҳлилҳои клиникӣ ҳангоми сар задани ҷароҳатҳо ва чораҳои пешгирикунанда маълумотҳо пешниҳод гардидаанд. Қайд карда мешавад, ки сабабҳои маъмултарин сӯхтаҳои термикӣ мебошанд, ки бо таъсири ҳарорати баланд ба вуҷуд меоянд. Одатан ин сӯхтаҳо аз моеъҳои гарм ва буғ, ахён аз алангаи кушод пайдо мешаванд. Сӯхтаҳои гармии тамосӣ ҳангоми расидан бо ашё ё моддаҳои гарм, масалан, металли гарм, қатронҳои гарм, битум, асфалт ва ғайра ба вуҷуд меоянд. Ҳамчунин, дар мақола қайд гардидааст, ки дар шахсони калонсол ҷароҳатҳои барқӣ одатан бо фаъолияти касбӣ, дар кӯдакон - бо истифодаи асбобҳои барқии маишӣ алоқаманданд. Оқибатҳои сӯхтаҳои дараҷаи I ва II одатан хатари ҷиддӣ надоранд ва зуд ва пурра шифо меёбанд. Танҳо дар баъзан ҳолатҳо, пайи ҷароҳатҳо дар ҷойи худ боқӣ мемонанд. Сӯхтаҳои дараҷаи сеюм ва чорум, ки қисматҳои зиёди пӯстро дар бар мегиранд, шадиданд ва метавонанд таъсири марговар дошта бошанд.



**КАЛИДВОЖАҲО:** сӯхтаҳо, мушкилот, тиб, иҷтимоӣ, беморӣ, дараҷа, намуд, ҷароҳат.


## ОЖОГОВЫЕ БОЛЕЗНИ – САМЫЕ ВАЖНЫЕ МЕДИКО-СОЦИАЛЬНЫЕ ПРОБЛЕМЫ СОВРЕМЕННОГО ОБЩЕСТВА


В статье приведены сведения об ожоговых травмах, их причинах, видах, степенях, последствиях, различных видах клинических анализов при возникновении травм и мерах профилактики. Отмечается, что наиболее частыми причинами являются термические ожоги, вызванные воздействием высоких температур. Эти ожоги обычно вызываются горячими жидкостями и паром, реже – открытым пламенем. Контактные термические ожоги возникают при контакте с горячими предметами или веществами, например, раскаленным металлом, горячей смолой, битумом, асфальтом и т. д. Также в статье отмечается, что у взрослых электротравмы обычно связаны с профессиональной деятельностью, у детей - с использованием бытовых электроприборов. Последствия ожогов I и II степени обычно нетяжелые и заживают быстро и полностью. Лишь в некоторых случаях на месте ожогов остаются рубцы. Ожоги третьей и четвертой степени, захватывающие большие участки кожи, являются тяжелыми и могут привести к летальному исходу.



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** ожоги, проблема, медицина, социальная, болезнь, степень, вид, травма.


## BURN DISEASES - THE MOST IMPORTANT MEDICAL AND SOCIAL PROBLEMS OF MODERN SOCIETY


The article provides information about burn injuries, their causes, types, degrees, consequences, various types of clinical tests when injuries occur and preventive measures. It is noted that the most common causes are thermal burns caused by exposure to high temperatures. These burns are usually caused by hot liquids and steam, and less commonly by open flames. Contact thermal burns occur when coming into contact with hot objects or substances, such as hot metal, hot tar, bitumen, asphalt, etc. The article also notes that in adults, electrical injuries are usually associated with professional activities, in children - with the use of household electrical appliances. The consequences of first and second-degree burns are usually not severe and heal quickly and completely. Only in some cases, the scars remain in place. Third- and fourth-degree burns involving large areas of skin are severe and can be fatal.



**KEYWORDS:** burns, problem, medical, social, disease, degree, type, injury.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Амонова Хатича*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти курси дуюми факултети биология. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **934-17-17-09**.
***Иброгимова Сайрамбӣ Искандаровна*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, дотсенти кафедраи биохимия. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **934-17-17-09.** E-mail: **sayram75@mail.ru**

**Сведения об авторах:** ***Амонова Хатича*** - Таджикский национальный университет, магистр 2-го курса факультета биологии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 17. Телефон: **934-17-17-09.**
***Иброгимова Сайрамби Искандаровна*** – Таджикский национальный университет, доцент кафедры биохимии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 17. Телефон: **934-17-17-09.** E-mail: **sayram75@mail.ru**

**Information about the authors:** ***Amonova Khaticha*** - Tajik National University, 2- nd year master's student of the Faculty of Biology. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave. 17. Phone: **934-17-17-09.**
***Ibrogimova Sairambi Iskandarovna*** - Tajik National University, Associate Professor of the Department of Biochemistry. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 17 Rudaki Ave. Phone**: (+992)-934-17-17-09.** E-mail: **sayram75@mail.ru**

# ФАРМАТСИЯ ВА ТИБ – ФАРМАЦИЯ И МЕДИЦИНА

## УКСУСНАЯ КИСЛОТА СРЕДИ СРЕДСТВ, СПОСОБСТВУЮЩИХ СУИЦИДАЛЬНОМУ ПОВЕДЕНИЮ

***Валиева М.З., Хабибуллоева Н.Ш.***
**Таджикский национальный университет**

Профилактика суицидального поведения и снижение смертности от самоубийств является одной из приоритетных медико-социальных задач, определяемых Всемирной организации здравоохранения (ВОЗ), для многих стран мира [1]. Повышение эффективности мер превенции возможно при дифференцированной работе с группами риска, с учётом текущих социально-экономических условий, национальных традиций, этнических и других факторов. К одному из важнейших вопросов можно отнести предпочтения индивида того или иного способа / средства для добровольного ухода из жизни.

Выбор в каждом отдельном случае, как правило, является отражением общих представлений, распространённых в популяции, о степени его повреждающего эффекта, доступности, приемлемости по этическим, культуральным и другим аспектам [2].

В Таджикистане ведущим способом самоубийства является самоповешение. Частота механической асфиксии в нашей стране составляет от 80,1 до 82,5%, достигая в отдельных регионах уровня – 90,1%. На втором месте – умышленные отравления – от 2 до 9,2% (у погибших женщин – до 20,8%) [4]. Среди совершивших суицидальные попытки частота самоотравлений – до 50,1% [4], при общем преобладании в этой группе женщин – «гендерный парадокс» [5, 6, 7].

Самоотравление, являясь одним из ведущих способов суицидальных действий, включает необычайно широкий перечень используемых средств, список которых регулярно меняется, пополняясь новыми категориями, схемами применения и т.д. Часть традиционно используемых средств с течением времени, нередко, теряет актуальность и воспроизводимость в популяции.

Учитывая высокую социальную значимость проблемы Правительством Республики Таджикистан в 2004 году было принято соответствующее Постановление №304 «О мерах по предотвращению самоубийств и покушения на собственную жизнь» [10], а в ноябре 2007 года Президентом Таджикистана Э. Рахмоном на встрече с представителями правоохранительных органов было обращено внимание на необходимость углублённого изучения причин роста самоубийств и разработки мер по их предупреждению.

Целью настоящей работы является обзор данных литературы с привлечением собственного клинического опыта о месте уксусной кислоты (эссенции) среди средств суицидальных действий.

